Чалол Икромӣ

ҳаёти ман



ИД 82 15

Чапол
Икромӣ

ХАТЛОН

РОМАН



ДУШАНБЕ
НАШРИЁТИ «ИРФОН»
1985

КИТОБХОНАИ ИЛМИИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТҲОИ ГУМАНИТАРӢ

Тоҷик²
П 25

Икромӣ, Ҷалол

П 25 Хатлон. Роман.— Душанбе: Ирфон, 1985.

272 с.

Нависандаи маъруфи мо Ҷалол Икромӣ дар романи нави худ «Хатлон» ҳаёт ва фаъолияти яке аз раисони номдору қаҳрамони республика Миралӣ Маҳмадалиевро дар симои қаҳрамони асосии роман, раиси пурдону меҳнатдӯст Мирҳайдар таҷассум кардааст.

Мирҳайдар касест, ки манфиати ҷамъиятро аз манфиати шахсии худ боло мегузорад. Таърихи зиндагию фаъолияти ӯ бо колхо вай ташкил карда, тараққӣ дода ба яке аз колхозҳои пурк тавонои серсоҳаи республика табдил додааст, зич алоқаманд он ба таври бадей хеле хуб инъикос гаштааст.

Икрами, Джалол

Путь председателя.

И $\frac{70303-370}{М\ 501(13)-85}$ — 126 — 85

Тоҷик²

© Нашриёти «Ирфон», 1985.



Ин асари худамро ба раиси колхози ба номи Ленини райони Восеъ, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ, депутати Совети Олии РСС Тоҷикистон — **Миралӣ Маҳмадалиев** мебахшам.

Муаллиф.

1

Аз Хатлон омадия,
Ба рӯ табоҳ омадия,
Обор боз омадия,
Хушку низор омадия.[1]

Пешгӯии ҳавосанҷон рост баромад. Он рӯз бегоҳӣ аз тарафи ғарб шамоли сахт ва нохуше вазиду абрҳои бороноро ҳай карда овард ва дере нагузашта борон гирифт. Рӯзи равшан зуд торик гашт, ҳанӯз офтоб фурӯ нарафта, шаб шуду монд. Борон ки аввал сим-сим сар шуда буд, пас аз фурӯ рафтани офтоб ба сел мубаддал гашт. Сел дар кӯҳистон, дар адир ва теппаҳо дахшатогашт. Сел дар кӯҳистон, дар адир ва теппаҳо дахшатобар мешавад. Агар роҳатон аз байни теппаҳо ва баландиҳо бошад, беҳтар ки наравед, ба ягон ҷои баланд ва эмин баромада, гузашта рафтани селро мунтазир шавед. Зеро ки аз ҳар дара ва дарача дарьёчаҳо ҷорӣ шуда, ба роҳ мефароянд ва роҳ дар андак муддат ба дарьёи пурғалаёне мубаддал шуда мемонад... Ин дарьё мекодир аст, ки сангҳоро ғелонда барад, буттаҳо ва монеаҳои сари роҳашро аз бех барканад...

[1] Вақти аз ҷанги Хатлон шармандавор шикаст хӯрда ба Балх баргаштани Асад ибни Абдуллоҳ (араб) аҳли Балх дар ҳаққи ӯ суруди тамасхуромез меофаранд, ки аз аввалин асари маҳфуз монда тоҷикист. «Тоҷикон» — *асари Б. Ғ. Ғафуров.*

Баландиҳои Нозимтой аз ҳамин қабил чоҳост. Ин баландиҳо ҳама иборат аз талу теппаҳои хокӣ буда, дар байни ду водии васеъи Тоҷикистон — водии Хатлон ва водии Ғаллаарал ҳоил афтода аст. Дарозии ин теппаҳоро ҳисоб кардан мушкил, фақат ҳаминро мегӯем, ки як сари онҳо то ба сарҳадди мамлакат, то ба дарьёи Панҷ рафта мерасад ва сари дигарашон ба тарафи шимол дароз шуда, ниҳоят ба силсилаи кӯҳҳои баланди Ҳисор рафта мепайванданд. Вусъати онҳо низ хеле маҳсофаро ташкил медиҳанд. Агар бо роҳе, ки синаи ин кӯҳҳои хокиро бурида гузашта ба Ғаллаарал меравад, бо мошина сафар кунед, қариб як соат зиёдтар роҳ гаштан лозим меояд, ки шумо ба водии дигар фуроед. Колхоз ва совхозҳои ин ду водӣ теппаҳои Нозимтойро дар байни худ тақсим карда гирифтаанд ва ҳарчанде ки дар ин теппаҳо оби чорӣ нест, лалмикорӣ ва чорвопарварӣ равнақу ривоҷ дорад.

Он рӯз, дурусттараш он бегоҳ сел меборид ва ба ғайр аз роҳи калон, дар дигар роҳ ва пайроҳаҳои Нозимтой роҳ паймудан аз имкон хориҷ шуда монд. Роҳи калон ки мумпӯш (асфальт) буду аз ду тарафаш обдав дошт, ба ҳар ҳол дар он роҳ гаштан мумкин буд ва бинобар он якто-дуто мошина ва аробаҳо гоҳ-гоҳ гузашта мерафтанд. Бале, гузашта мерафтанду лекин оҳиста, бо диққат ва ҳушьёрӣ меронданд. Зеро ки дар чунин ҳаво, дар чунин сел дар кӯҳистон роҳ паймудан, ҳар чӣ бошад ҳам, бехатар нест. Шофёрҳое, ки инро медонистанд, сари вақт мошинаи худро ба чои бехатар гузошта дам мегирифтанд. Онҳое, ки ба селу борон аҳамият надода мерафтанд, ё аз ҳад зиёд далер буда, ба зӯрии мошинаи худ бовар доштанд, ё бетаҷрибаю сарсема буданд, ки кӯр-кӯрона, ҳарчӣ зудтар ба манзил расидан мехостанд. Як автомобили ГАЗ-67, ки аз тарафи райони В... омада ба баландиҳои Нозимтой мебаромад, багумон аз қабили ҳамин охиринҳо буд.

Дар даруни мошина ду нафар — як зану як мард буданд. Мард дар сари руль, зан дар қафои ӯ ва ҳар ду хомӯш буданд. Марди ҷавон тақрибан сисола, тануманд, зебочеҳра, бо чашмони бодомӣ ва сиёҳ, бо ришу мӯйлаби тарошида, кулчарӯ, гарданфароз, дар тан гимнастёркаи хушдӯхте аз матои пашминаи пистоқиранг, дар сар телпаки баррагии гирда ва сабук дар по мӯзаи хиром... Ҳар ду дасташ ба рули мошина часпидагӣ, тамоми диққаташ ба роҳ, ба пеш буд. Нури фарҳо — чароғҳои пурзӯри мошина пардаи боронро шикофта, роҳро андак намоён мекард. Азбаски аз муқобил мошинаҳо хеле кам буданд, ҳоҷат ба нимнур кардан ва ё куштани чароғҳои мошина набуд ва ронанда то метавонист, аз рӯшноии фарҳои калон истифода мебурд.

Мошина ғурросзанон, обҳои дар сари роҳ ҷамъшудаи боронро пош дода-пош дода боло мебаромад ва чунин менамуд, ки ронанда ба қувва ва тавоноии мошинаш бовари том дорад.

Зане, ки дар курсии қафои ронанда менишаст, низ хеле ҷавон ва хушсурат буд. Чашмони калон-калони сиёҳ, абрувони баҳам пайваст дошт, мӯи абрешмини ӯ дуто бофта шуда ва ба гирди сараш аз болои тоқии ироқидӯзии маҳаллӣ печонида, баста шуда буд, дар танаш куртаи чакани нимдошт, сарбанди абрешмини гулбасташро дакани баста ба кифташ партофта буд.

Пас аз хеле боло баромадан, занак нафаси чуқуре кашиду гуфт:

— Имрӯз беҳуда ба ин сӯ омадем!...

— Аз борон тарсидӣ? — пурсид мард.

— Чӣ метарсам?! Ҳолӣ ба лой банд шуда монӣ, тамошо мекунем.

— Банд намешавем, — гуфт мард. — Банд шавем ҳам, барои ту дарс, барои ман таҷриба.

— Дарси чӣ?

— Бобо-раис гуфта буданд-ку, ба муовини ман — — Зулфия дарси кор ва зиндагӣ омӯз! Зиндагӣ ва корро дар сахтӣ ва ҳал кардани мушкилиҳо омӯхта мешавад. Ин як! Баъд имрӯз ки ҳаво бад шуд, ҳама чорводоронро дар ҷояшон ёфта, бо говдӯшҳо масъаларо ҳал карда мегирӣ, ин ду! Ман ҳам коғазу санадҳои бригадаи ғаллакориро дида мебароям, ин се!

— Чаҳорумаш ҳамин, ки — гуфт духтар, аз борон тар шуда, ба лой чӯлида ягон корро буд карда натавониста ба хона бармегардем.

— Нияти бад накун, Зулфӣ! — гуфт мард ба таври ҷиддӣ. — Насиб бошад ҳаман корҳо бачо мешавад! Гуфтагӣ барин, ман пас аз ҷанҷоли Остонов якумин-бор ба ин тараф омада истодаам.

— Қариб панҷ моҳ?

— Ҳа, қариб панҷ моҳ ин тараф наомадаам.

Номи мард Азиз Маҳкамов аст. Вазифааш муовини раис ва котиби ташкилоти партияи колхози ба номи Хатлон, колхозе, ки на танҳо дар райони В..., балки

дар республика ном бароварда, дар ҳаман ҷабҳаҳои хоҷагӣ пешқадам аст. Раиси номдори ин колхоз Азизро санҷида, кордонӣ, чаққонӣ ва ташаббускории ӯро писандида, аз муаллимӣ озод карда ба ҳуд муовин сохт ва пас ӯро ба котибии ташкилоти партия ҳам интихоб карданд. Дар моҳи июни ҳамин сол, дар вақти алафдаравӣ дар байни колхози онҳо ва совхози гӯсфанди қароқӯлпарварии Ғаллаарал, ки директораш Остонов ном марде буд, ҷанҷоле шуда буд, ки ҳоло Азиз ёди ҳамонро кард. Тафсили ин ҷанҷолро дар ин ҷо баён кардан бад намешуд — хонанда бо характери баъзе персонажҳои асар зуд шинос мешавад:

Дар адирҳои Нозимтой заминҳои колхози Хатлон ва заминҳои совхози «Ғаллаарал» марз ба марз ҳамсоянд. Дар қарибии марзи совхоз охури обхӯраи молҳои бригадаи ғаллакории колхоз гузошта шудааст. Аз чашмае, ки дар он қарибӣ мебарояд, ин обхӯра ҳамеша пур аз об аст.

Моҳи июнь ба ним расида буд, ҳаво гарм, алафҳои адир рӯ ба зардӣ оварда буданд. Рӯзи бозор — рӯзи якшанбе нохост як мошина одам бо сардории худи Остонов ба қарибии ин обхӯра омада фуромаданд. Бачаҳои колхоз, ки молҳояшонро ба об хӯрондан оварда буданд, аз нохост омадани ин «меҳмонҳои нохонда» ҳайрон, нигарон монданд. Аз паси «меҳмонҳо» як трактори заминкан расида омад ва як метр ҷоро ба ҳисоби колхоз ва охури обхӯра гузошта, аз сарҳад ин тараф чуқур кофтан гирифтанд. Вақто ки ин хабарро бригадир Ғулом Бадалов аз бачаҳо шунида ба сари кор омад, аллакай худи Остонов ба мошина савор шуда рафта буд. Одамонаш чуқурии калоне канда, ба он алафҳои силос мешудагиро оварда мепартофтанд.

— Монда нашавед, ҷӯраҳо! — гуфт Ғулом.

— Саломат бошед, бригад! — гуфтанд онҳо.

— Бахайр, худаш чӣ гап?

— Дида истодаед! — гуфт бригадири совхоз. — Бо фармони директорамон дар ин ҷо чоҳи силос сохтем. Ҷояш нағз, зимистон гирифта бурдани силос осон мешавад.

— Охир, ин ҷо замини колхоз-ку! — гуфт Ғулом. — Қариб охури обхӯраи молҳои моро ҳам харобкардаед.

— Ман намедонам, аз Остонов пурсед!

— Остонов чӣ ҳақ дорад, ки дар замини колхоз чоҳ канад?! — Ғулом оташин шуд. — Магар замини худаш камӣ кард?! Агар осон шавад гӯед, лоақал панҷ-даҳ метр болотар, аз сарҳадди худатон мекандед!

— Хайр, акнун кандем, ана алаф ҳам зер карда истодаем, гап фоида надорад.

Ғулом ба мотоцикли худ савор шуду рост ба идораи колхоз рафт. Хайрият, ки раис дар идора будааст. Бе навбат даромаду воқеаро гуфта дод.

— Чаро аз аввал мондӣ, ки онҳо ба кор сар кунанд? — пурсид бо ҷазаба раис.

— Ман дар он ҷо набудам, андак кор доштам, ба бозор рафта будам, баъд бачаҳо дертар хабар расонданд. Ба обхӯра омадам, ки аллакай чоҳро канда шуда, алаф зер карда истодаанд.

Раис ба рӯи бригадир теғ кашида нигоҳ карда истоду гуфт:

— Ҳеҷ одам нашудӣ ту Ғулом. Андак фурсат ки ёфтӣ, ба бозор медавӣ, намегӯӣ, ки ҳозир айни долу зарби кори бригада, айни серкорист!

— Гап ба бозор рафтани ман нест, бачаҳо дер...

— Ман намедонам бачаҳои туро! — раис сухани ӯро буриду суол дод: — Алаф даравида шудӣ?

— Қариб... пага-фардо ба охир мерасонем.

— Ба ту се рӯз мӯҳлат, агар аз ӯҳда набароӣ, наметавонам гуфта ариза навис, ба ҷоят одам ҳаст.

Ғулом ларзида рафт, вай ин «одам»-ро тахминан медонад, ин «одам», — одами худи раис, кай боз бригадир шуданӣ... Лекин ҷои Ғуломро гирифтан осон не! Агар хоҳад, вай дар як шабу рӯз алафи ҳаман адирҳоро даравида мепартояд. Хуб агар алаф баҳона мешуда бошад, медаравад!

— Ман кайҳо... каю-ҳай даравро ба охир мерасонидам, лекин борон шуд. Ана акнун корро аз ман бинед!

— Хуб, тамошо мекунам! Аммо чоҳро ба охури обхӯра ҷафс карда канданд, мегӯӣ? Барои чӣ?

— Надонам, ҷояш ба Остонов маъқул шудааст, ҳамвор будааст.

— Акнун охури молҳои мо чӣ мешавад? Агар об сӯрох карда, зада равад, чӣ мешавад? Ҳам дар чоҳ алафи онҳо мепӯсад, ҳам молҳои мо беоб мемонанд...

— Барои ҳамин ман омадам? — гуфт бахуд фахре карда Ғулом.

— Омадию дер омадӣ! — гуфт раис ва ба андеша фурӯ рафт.

— Ман гуфтам, аз марз баромаданашонро фаҳмондам...

— Гап дар марз ҳам не! — гуфт раис. — Чаро дар ҷафси охури обхӯраи мо чоҳ мекандаанд?!

— Остонов, ба гумон, чашми корро намедонад. Барои гирифта бурдан осон шавад гуфта· аз ҳамин ҷо фармудааст.

— Нағз нашудааст! — гуфт раис ва боз каме фикр карда истоду фармон дод. — Ба идораи Азиз даро, аз номи ман гӯй, зуд бо ту рафта, масъаларо ба хушӣ ҳал карда, чоҳро гӯр кунонад. Остонов аз ҳад гузаронида истодааст. Тавба! Обхӯраи молҳои моро вайрон кардан чӣ лозим?!

Ғулом хурсанд шуд. Ба ин ҷанҷол кашида шудани Азизро вай фоли нек шуморид, зеро ки аз кай боз ба Азиз кина меварзид. Гӯё Азиз ба пеши роҳи бахти вай банд кашида, халал медиҳад ва намегузорад, ки Ғулом зани нозояшро ҳай карда, механизатор ва муовинраиси колхоз — Зулфияҷонро ба занӣ гирад. Бале, Ғулом ҳамин тавр буд: ҳамеша ягон ноомади кори худро ба касе ва ба халал расонидани дигаре ҳамл мекард. Фикр намекард, ки ба иҷро нашудани мақсадаш пеш аз ҳама худаш боис мешавад, худаш гунаҳгор аст.

Чандин касонро медонам, ки мисли Ғулом ба ношудии корашон ҳамеша дигаронро гунаҳгор ва айбдор мешуморанд ва ба он касон бедарак кина меварзанд. Шубҳа нест, ки дигарон ҳам бо ҳамин тавр шубҳаҳо ба он кас кина пайдо карда, қастдор мешаванд. Бо ҳамин дар байни мардум душманӣ, адоват ва кина паҳн мешавад ва зиндагиро халалдор менамояд. Қошки ин қабил одамҳо аввал ношудӣ ва бемуваффақиятии кори худашонро медонистанд, пеш аз он ки дигаронро айбдор кунанд: аввал гиребони худро бӯ мекашиданд, ки шояд ба ин ноомади корашон ӯҳданобароии худашон боис шуда бошад...

Ғулом ба кабинети муовинраис ва котиби ташкилоти партияи колхоз — Азиз Маҳкамов рафта даромад. Азиз бо режиссёр ва навозандаю машшоқи машҳури район Қобилҷон сӯҳбат дошт.

— Набошад, — мегуфт Азиз ба режиссёр, — аз ҳамин рӯз шумо корро сар кунед: ҳаваскорҳоро аз назар гузаронед, клубамон хурд ҳам бошад, парво накунед, ба зудӣ зали калон ва саҳнаи сад кас мебурдагӣ месозем. Боз тараддуд кунед, хаваскор ёбед ва барои колхоз як ансамбли хуби рақсу суруд сохта диҳед. Аз харочот парво накунед, ҳар чӣ қадаре ки пул лозим аст, колхоз медиҳад, оне, ки ансамбли этнографӣ, халқӣ ва шӯҳратманд шавад.

— Хӯш, — мегуфт режиссёр. — Бо ҷону дил! Ин кор аз ман расад. Албатта як дастаи санъаткорони миллии бисьёр хуб месозем. Ансамбли мо этнографӣ мешавад. Худи ман дар ҳамин хаёл будам.

— Ба коратон муваффақият мехоҳам. Ёрии ман лозим шуда монад, бемулоҳиза омадан гиред. Фармону дигар коғазҳо дар дасти бухгалтери калон.

— Саломат бошед!

Баъд аз баромадани режиссёр Азиз ба Ғулом хитоб кард:

— Қай тартибу қондаро ёд мегиред?! Дидӣ, ки ман бо касе сӯҳбат дорам, камтар дар беруни дар истӣ, чӣ мешавад!

— Бобо-раис фармуданд! — гуфт Ғулом. — Қори зарур.

— Чӣ кори зарур? — сахт карда пурсид Азиз.

Бале, аз рӯи кина кинаю аз рӯи меҳр меҳр! — мегӯянд, рост аст. Ҳарчанд, ки Азиз аз кина доштани Ғулом хабаре надошт, нисбат ба вай чӣ як бадбинне дошт. Чӣ кор, чӣ ҳаракати Ғулом, ё ки сухан гуфтани ӯ, ё ки танбалии ӯ ба Азиз маъқул набуд. Ҳамеша аз вай шубҳа мекард...

Ғулом воқеаи чоҳи силосро мухтасар гуфта доду илова намуд. — Зуд бо ман рафта бо, ҳар навъе ки донед, яъне ҳар чӣ кор карда, чоҳро хок зер карда, гӯр карда меомадаед!

— Ба чоҳ аллакай алаф андохт, мегӯӣ?

— Ҳа, қариб пур кардагист...

— Набошад, чӣ тавр мешавад? Алафҳоро мебарорем?

— Ман намедонам, раис фармон дод, ки алафҳояшро ба хок аралаш карда зер кунед! Намонед, ки касе ба замини колхоз даромада зӯроварӣ кунад.

— Боз дурӯғ мегӯй, ту шайтони лаънатӣ! — гуфт нобоварона Азиз. — Ман аввал аз худи раис мепурсам. Он кас хеҷ вақт ин тавр намегӯянд.

— Бисмилло ки рост мегӯям, — гуфт Ғулом, вале дар дилаш воҳима ҷо шуд, ки агар аз раис пурсад,

раис дигар гап гӯяд, ҳоли вай чӣ мешавад. Бинобар он қасам хӯрда, ба таъкид сар кард. — Наход, ки ман аз номи бобо-раис дурӯғ гӯям?! Остоновро худатон медонед, ба шумо, ба ман ва ҳатто ба худи бобо-раис кина дорад. Ба сари мо чӣ ҷанҷолҳоро овард. Беҳтар, ки ба ҳамин баҳона ӯро ҷазо дода монед.

— Ин гапат рост, — гуфт Азиз ки дар ҳақиқат якдубор бо Остонов гапаш гурехта буд... — Остоновро огоҳ карда мондан бад намешуд, лекин ман худам бо раис маслиҳат карда бинам.

Инро гуфту Азиз аз ҷо бархост. Ғулом шах шуду монд. Худо зад, гуфт худ ба худ. Охир бобо-раис ҳеҷ гоҳ чунин фармони бераҳмона намедиҳад ва надодааст. Агар ин чуғулии Ғуломро фаҳмад, ӯро беҷазо намемонад, дар байни мардум расво мекунад.

— Ҳа, чӣ шах шуда мондӣ?! — хитоб кард Азиз.

— Давида омада, монда шудам... Биёед, вақтро нагузаронида ба сари кор равем, онҳоро дошта гирем!

— Меравем, меравем, — гуфт Азиз аз кабинеташ баромада истода. — Ман ба онҳо зӯровариро нишон дода мемонам! Лекин аввал бо худи бобо-раис маслиҳат кунам.

— Ба гап бовар накунед, ихтиёратон!

Ғулом аз як ҷиҳат шод буд, ки ҳисси қасос ва оташи ғазаби Азизи оташмизоҷро бедор кард; лекин аз он метарсид, ки дурӯғгӯияш дар назди раис ва дигарон фош шуда, шармандаю шармсор мегардад...

Лекин барои ӯ хайрият шуд.

Онҳо ба қабулгоҳи раис рафта даромада буданд, ки котиб гуфт:

— Бобо-раис нестанд, ба район рафтанд. Лекин ба мудири гараж фармон доданд, ки шумо ҳар чӣ хоҳед, аз мошинаю булдозеру техника ба ихтиёратон диҳад. Раис хеле оташин, ягон илоҷашро ёбед, беҳтар аст.

— Илоҷаш гӯр кардани чоҳ бошад, гӯр мекунем-дия! — гуфт ба ғайрат омада Азиз ва ҳамроҳи Ғулом, ки аз шодӣ ба куртааш намеғунҷид, берун баромад.

Дод аз дасти бадтинатон, ки дуньёро барои некон тангу тор мекунанд! Аҷобати кор дар ин ки ба ин бадтинатон гоҳо тасодуфҳои ғайриоддӣ, тасодуфҳои ногаҳонӣ ёрӣ медиҳанд ва онҳо кори бади худро ба некӣ тавҷеҳ дода ифтихор ҳам мекунанд. Хайрият, ки ин тасодуфҳо такрор намешаванд ва на ҳамеша ба онҳо

мадад мерасонанд. Охир, ба ҳар навъе ки бошад, ҳақиқат ба майдон мебарояд.

Бадтинат! Аз куҷо пайдо мешавад, ин тинати бад?! Магар модарзодист?! Қадимиҳо тинати бадро ба шайтон ҳамл мекарданд ва ҳаман бадкориҳоро бадкории шайтон мегуфтанд. Вале дар байни одамон чунон бадтинатоне ҳастанд, ки агар бошад, шайтон аз онҳо меомӯзад, шайтон ба кори онҳо ҳайрон мешавад, шайтон аз онҳо алҳазар мегӯяд. Пас, аз куҷо меояд ин тинати бад? Оё ин аз худи одам, аз табнати бади ӯ, аз тарбия ва муҳити пурфасод пайдо намешавад? Бадтинатӣ гоҳо хонаҳоро хароб мекунад, онлаҳоро вайрон мекунад, ба як гӯшаи ҷамъият фасод пайдо мекунад: гоҳо шаҳрҳоро, мамлакатҳоро, ҷамъиятҳоро хароб мекунад, ҷангҳо, хунрезиҳо ба амал меорад. Бадтинатии хурд ва калон фарқе надорад. Бадтинатӣ аз андак сар карда, то ба миқьёси олам мерасад. Нест бод бадтинатию фасод!

Рӯз қариб ба охир мерасид, ки Азиз ба сари чоҳ як булдозер ва трактторро ҳай карда овард. Одамҳои совхоз ба чоҳи кандагиашон алаф мерехтанд. Азиз фармон дод, ки ҳаман алафҳояшонро аз чоҳ бароранд. Қоргарони совхоз, албатта, ин фармонро ичро накарданд. Дар он ҳол Азиз ба одамони худаш фармон дод, ки алафҳоро бароварда ба замини совхоз резанд. Трактороҳо ва кранҳо ба кор даромаданд, алафҳоро ниму нисфӣ бароварда партофтанду чоҳро бо хок пур карданд ва ба рӯяш сангу шағал рехта шибба карданд...

Вақто ки Остонов ин хабарро шунида ба сари кор омад, дигар аз Азизу одамонаш дарак набуд.

Азиз ба раис ҳисоботи корашро гуфту илова намуд:

— Акнун чӣ кор кунам? Остонов албатта маро ба суд мекашад.

— Суд ҳам барои нобуд кардани чоҳи силосӣ давлатӣ туро ҳабс мекунад.

— Бисьёр нағз! — гуфт Азиз. — Фармони шуморо ба ҷо оварда, охир ҳабс ҳам мешудаем!..

— Ман ба ту зӯрӣ кун, нагуфтам-ку! — гуфт бо табассум раис. — Ту меҳнати якрӯзаи мардумро нобуд кардӣ!

— Қори ғайриқонунӣ ва зӯроварона — меҳнат не! Меҳнати ҳаром аст.

— Хайр, кори намешудагӣ шудааст, зарар надорад. Ин тарафи корро ман худам дуруст мекунам. Ту са-

ҳар-катӣ ба кӯҳистон рав, аз чорводорҳо хабардорӣ карда гард. Ҷанҷол ки тамом шуд, худам туро фарьёд мекунам.

Рӯзи дигар Азиз аспсувор ба тарафи кӯҳистон рафт. Дар он ҷо аз даҳмардагон хабар гирифта, мушкили онҳоро осон карда гашт. Бобо-раис бошад, ҳамроҳи котиби райком ва дигар мутахассисҳо ба сари чоҳи ҷанҷолӣ рафта, ҳаққонияти худро исбот кард ва ҳамаи зарареро, ки аз ин дахмасаи бемаънӣ ба майдон омада буд, ба сари Остонов бор карданд...

Ин буд ҷанҷоли Остонов бо Азиз.

Азиз рульро маҳкам дошта мошинаро бенст пеш меронд ва торафт ба баландиҳои Нозимтой боло мебаромаданд. Борон зӯртар шуда буд, аз ҳар дара ва дарача дарьё-дарьё об ҷорӣ шуда ба поён мерафт.

— Ана, ба хамгашти роҳ ҳам расидем, — гуфт Азиз. —Он тарафаш андак роҳ...

— Андак роҳ буд, — гуфт Зулфия. — Ҳозир дарьё шудагӣ!

— Ҳеҷ боке не, мошинаи мо зӯр, дарьёро ҳам шино карда мегузарад.

Лекин «мошини зӯр» дарьёро шино карда, гузашта натавонист. Азиз рули мошинаро ба тарафи рост тофта, аз роҳи калон бероҳа шуду ба байни теппаҳо, ба сӯи деҳаи чорвопарварон, ки аз роҳ як се километр дуртар буд, равон гашт. «Роҳ», ки пур обу лой буд, чархҳои мошинаро то ба қарибии губчакаш фурӯ бурда, маҳкам дошта монд. Чорабиниҳои Азиз фоида набахшид, мошина торафт ба лой фурӯ мерафту охир хомӯш гашт. Акнун ба гӯши Зулфия ғарғари шамол ва шав-шуви борон мерасиду бас.

— Хӯш, — гуфт вай ба Азиз, ки суст шуда ба ҷояш хомӯш нишаста монда буд, — акнун чӣ кардем?

— Хап! — гуфт нохост Азиз. — Мешунавӣ?

— Чиро?

— Овози мотор... ғар-ғари трактор?

Зулфия бо диққат гӯш карда истода гуфт:

— Рост, овози гаштани трактор.

— Ин, одамҳои Ғулом-ҷиннӣ будагист, — гуфт рӯҳгирифта Азиз. — Ту бишин, ман рафта тракторро кашида ба ин ҷо меорам, мошинро аз лой бароварда мегирем.

— Қошкӣ... — гуфта монд Зулфия.

Азиз аз паҳлуяш нимкамзӯли пахтанокро (ки ба ҳар

эҳтимол бо худ гирифта буд) ба даст гирифту аз мошина фуромад. Бороні сахт дар як дам сар то пои ӯро тар кард. Вай зуд камзӯлчаро пӯшиду ба сӯи овози трактор қадам гузошт. Мӯза ба лой меғӯтид, аммо вай аҳамият надода ба пеш қадам мениҳод. Аз паси пардаи борон ва торикии ҳаво чаҳор қадам дуртарро дидан мумкин набуд. Шамол ҳар замон овози тракторро равшантар мерасонид, ҳар замон хеле паст карда, ба дигар тараф гирифта мебурд. Азиз бовар дошт, ки трактор аз паси ҳамин теппаи дар пеш истода рафта истодааст. Бояд зудтар ба болои теппа баромада, тракторро боздорад. Албатта дар ин бороні сел тракторчӣ замин намеронад, корашро монда, ба сӯи қишлоқаш рафта истодагист. Боз андак ҳаракат кунад, боз андак зудтар қадам монад, Азиз ба болои теппа мерасад. Он тарафаш осон. Вале нишебии ин теппаҳо бад аст, пои кас мелағжаду роҳ гаштан мушкил мешавад. Борон нимтанаи пахтанокро ҳам шалтақ карда монд, ин ҳам бори вазнин шуд... Қошки ин шамоли сахт абрҳоро ҳай карда барад, борон монад... Бале, ҳамин тавр шуда истодааст. Шиддати борон хеле суст шуд. Бедарак нагуфтаанд, ки бороні сахт тез мемонад. Ана, ана, борон мондагӣ барин... Ин захри ҳаво будагист... Уфф!.. Ба болои теппа расидан ин қадар мушкил шуд! Овози трактор хеле дур шуда монд... Ё ки шамол овозро гирифта мебарад...

Азиз ба болои теппа расида, ба поён нигарист. Базӯр суроби тракторро дид, ки пеши роҳашро аз фонуси камнураш андак равшан карда рафта истодааст. Агар се дақиқаи дигар Азиз ба вай нарасад, трактор ба хамгашти роҳ гашта пинҳон мешавад. Азиз фарьёд карда «Оҳо ҳой! Тракторист!» гуфт, лекин бефоида. Шамол ва ғар-ғари мошина магар имкон медиҳад, ки тракторчӣ аз даруни кабина овози ӯро шунавад! Азиз ба сӯи трактор давид. Дар нишебӣ лағчида афтод ду-се муаллақ зада, ба лою об ҷӯлида ба зӯр ба по бархост ва боз давид, давид... Ҷавонӣ бӯзбалагӣ ва танумандӣ дар ҳамин ҷо ба кор омад. Вай ниҳоят ба трактор аз қафояш расида гирифту боз фарьёд кард:

— Ҳой мардак! Исто! Исто!

Ин дафъа тракторчӣ овози ӯро шунид магар, мошинаро боздошт.

Азиз ба назди дари кабинаи трактор рафта ба даруни нигоҳ кард, ки ду кас нишастаанд, тракторчӣ ва худи

Ғуломи бригадир. Ҳоли зори Азизро дида Ғулом дари кабинаро кушоду бо нимтабассум пурсид:

— Ҳа раис, худаш чӣ гап? Ин чӣ ҳол?

Азиз нафаскашон воқеаро гуфта доду илова намуд:

— Аробаатро гардон, мошинаро аз лой баровардан лозим.

Ғулом хандид.

— Чӣ механдӣ, мошинаро зуд ба роҳ андохтан лозим.

— Шофёр чӣ кор мекунад, ки худатон давидед?

— Шофёр нест, худам дар сари руль будам. Зулфия ҳам дар мошин, мо ба қишлоқи шумо, ба назди чорводорҳо омада истодаем, кор ҳаст.

— Хуш омадед, лекин худам дар ба дарам, туро ба дари кӣ барам!

— Яъне, чӣ гуфтагиат?

— Яъне ки трактори мо худаш ба зӯр гашта истодааст, сцепление[1] кор намекунад. Намебинед, дасташ катӣ дошта истодааст.

— Ҳеҷ боке не трактор—ба ҳар ҳол трактор! Як зӯр занад, мошина аз лой мебарояд.

— Намешавад. Мо ҳатто аз роҳ ба қафо гашта наметавонем. Беҳтар, ки Зулфияҷонро биёред, ба ҷои ман шинанд, мо ҳар ду пиёда меравем. Пагоҳ рӯзона мошинаро халос карда мегирем.

Азиз аз ғазаб даргирифту гуфт:

— Медонистам, ки одамгарӣ надорӣ, лекин вазъият маҷбур кард, ки ба ту... ноодам муроҷиат кардам. Ҳай кун аробета, чӣ кор карданамонро худамон медонем.

Ғулом заҳрханде намуду ба тракторчӣ имо кард. Трактор баланд ғуррос зада ба роҳаш хазида рафт. Азиз дақиқае дандон хоида истоду ба қафо баргашт ва зуд-зуд қадам партофта ба роҳи омадааш рафтан гирифт.

Борон тамоман бас карда буд. Шамол ҳам суст шуда, ҳатто дар осмон якто-нимто ситораҳо низ намудор гашта буданд. Азиз дандон мехоиду муштонашро гиреҳ карда буд. Дар дунъё чӣ одамони ҳайвонтабиат ҳастанд!? Балки аз ҳайвон ҳам бадтар! Охир, ҳазор дилсахт бошӣ ҳам, ҳазор бераҳм бошӣ ҳам, дар дилат

---

[1] Сцепление — русӣ, пайвандак, таҷҳизоти пайвандкунии чархҳо бо мотор.

ҳазор кина дошта бошӣ ҳам, дар ин вазъият бояд фаромӯш кунӣ? Охир, ҳар чӣ ҳам бошад, ман муовинраис, ман котиби ташкилоти партия, боз корат ба ман меафтад, боз рӯ ба рӯ мешавем. Не, рӯяшро гирифта базери пояш гузошту аз ёрӣ додан даст кашид. Лаънатӣ! Ин корашро ба бобо-раис гуфта дода аз бригадирӣ бекор накунам, ман Азиз набошам!

Зулфия, ки дар тан либоси ғафс надошт, дар даруни мошина аз хунукӣ меларзид. Сарбанди абрешимини гулдорро ба сару гарданаш ва китфонаш сахт печонида менишаст. Аз хомӯш шудани ғар-ғари трактор донист, ки Азиз ба вай рафта расид, вале пас аз чанд дақиқа боз ғар-ғар карда дур шудани трактorро фаҳмида ҳайрон шуд. Наход, ки тракторчӣ ба фармони Азиз итоат накард?! Наход, ки Азиз бе трактор баргардад?

Ҳамин тавр ҳам шуд. Азиз бе трактор баргашту аввал гапе назада нимтанан пахтаноки тарро аз тан бароварда, ба дарун мошина партофт, баъд гуфт:

— Ғуломи ноодам нахост, вайрон будани трактorро баҳона карда рафт.

— Трактораш роҳ мегашт-ку? Чияш вайрон будааст?

— Баҳона бисьёр! Хайр, акнун дари мошинаро маҳкам баста хоб кун, ман ба қишлоқ рафта, ягон улав ёфта мебиёрам,.

— Даркор не, пиёда меравем, роҳ он қадар дур не.

— Роҳ дур не, лекин лой, лағжонак. Ман дубор афтодам. Хайрият, ки камзӯлча доштам, аммо ту ҳеҷ чиз нагирифтӣ. Бо ин куртаат шамол мезанад.

— Ҳеҷ чиз намешавад, ман омӯхта! — гуфт духтар якраҳагӣ карда — ҳамроҳ меравем.

— Пиёда рафтани ту мумкин не!

— Мумкин!

— Ман фармон медиҳам, ки хап нишаста, маро мунтазир шав!

— Ман танҳо метарсам.

— Гург намехӯрад!

— Гург мехӯрад!

— Астағфирулло, ман чӣ мегӯям, ин чӣ мегӯяд!?

Дар айни баҳсу мунозираи он ду аз дур садои роҳгашта омадани аспҳо ва гуфтугӯи одамҳо ба гӯш расид.

— Лаънатӣ асп фиристод магар? — гуфт худ ба худ Азиз.

— Эҳтимол. Трактораш вайрон бошад, рафта расида асп фиристодагист.

Дар ҳақиқат, дер нагузашту ду аспро ҳай карда ду чавони бӯзбала расида омаданд.

— Салом, раис, — гуфтанд онҳо. — Бригадир моро фиристод, савор шаветон, ба қишлоқ барем.

Азиз, ки ҳанӯз аз аспи ғазаб нафуромада буд, хост аз аспҳои бригадир Ғулом фиристодагӣ даст кашида, рад кунад, лекин боз худдорӣ карду ҳолати Зулфия, ҳунук хӯрдани ӯро ба назар гирифта:

— Майлаш, — гуфт — меравем.

Бачаҳо ҳарду аз аспҳо фуромаданд ва хостанд, ки меҳмонҳоро сувор карда, худашон пиёда раванд. Лекин Азиз наҳост. Худаш бо Зулфия ба як асп сувор шуду аспи дигарро ба бачаҳо дод ва гуфт:

— Пеш ронед!

Се-чаҳор теппаро гузашта ба қишлоқ расиданду Азиз аспашро дар назди хонаи мудири ферма нигоҳ дошт. Дуди оташдон аз дудкаши байни девор боло баромада мерафт. Дар деги калон кабоб мечӯшид. Дар тарафи чапи раҳрав, ки ҷои хоби бачаҳо ва хонавода буд, сандуқ, шкаф, боғҷоми кӯрпаю кӯрпачаҳо менамуд. Дар тарафи рости роҳрав, ки аз сақфи он лампаи ёздаҳум овезон буд ва хонаро равшан мекард, як диванчаи нимдошт, як хонтахта, радио меистод. Замини ин қисм бо намади гулдор пӯшида буда, дар атрофи хонтахта кӯрпаю болиштҳо партофта шуда буданд.

Қосим-мерган меҳмонҳоро ба тарафи рости хона гузаронида, ба рӯи кӯрпаҳои гирди хонтахта шинонид ва дамин гуфта аз ҷо бархосту чойники чою дастурхонро гирифта овард.

— Ҳоло мошина ба лой ғӯтида монд, гӯед? — пурсид вай аз Азиз.

— Ҳамин тавр... Ғулом наҳост, ки бо трактор кашида барорад...

— Трактораш дар ҳақиқат вайрон будагист, набошад, ба ин зудӣ корро партофта намеомад. Хайр, зарар надорад, имшаб дам гиретон, пагоҳ арзи говдӯшҳоро мешунавед.

— Не, — гуфт Зулфия, — мо вақт надорем, баъд пагоҳ говдӯшҳо кор мекунанд, ё арз!?

— Хайр, чӣ кор кунам? Ҳозир ҷеғ зада бинёрам?

— Аввал кабобатро биёр? — гуфт Азиз хандида. — — Машаққати роҳ фақат бо хӯрдани кабоби чӯпонӣ мебарояд, мегӯянд. Баъд одамҳои даркориро ҷеғ зан, ана бо раиса сӯҳбат кунетон!

— Шумо чӣ — пурсид Зулфия.

— Ман ба пеши Ғулом рафта маҷлис гузаронам, мегӯям.

— Беҳтар ки маҷлисеи Ғуломро пагоҳ гузаронед, — — гуфт Қосим-мерган.— Ба гумон худаш ва трактормчиҳо бо ремонти мошинаҳо овора.

— Ҳа, — гуфт Зулфия, — дар ин ҷо ба шумо ҳам суолҳо афтоданаш мумкин.

— Хайр, ин маслиҳат ҳам дуруст, — гуфт Азиз.

* * *

Ғулом дар сари ремонти трактораҳо набуд. Ин корро худи трактормчиҳо мекарданд. Ғулом дар хонааш, аз бачаҳое, ки асп бурда буданд, гап мепурсид.

— Чӣ гуфт Азиз? — мепурсид вай дар хонааш ба болои кӯрпа якпаҳлу ёзида хоб карда. Бачаҳо ба пойгаҳи хона истода буданд ва ба суолҳои бригадир ҷавоб медоданд:

— Ҳеҷ, — гуфт яке аз бачаҳо, — ҳеҷ гап назад.

— Духтаракро қанҷирға карда овард гӯй?

— Ҳа қанҷирға карда овард.

— Духтарак аз миёни Азиз даст гузаронида, сахт дошта буд?

— Надонам...

— Ба ин ҷо таклиф накардед?

— Нахостанд.

— Аҷиб! — гуфт Ғулом ва каме фикр карда истода, — хайр, равед, — гуфт — аспҳоро ба охурашон баста монед.

Бачаҳо рафтанд. Ғулом дар хона танҳо монд. Занаш магар дар ошхона ва ё хонаи дигар буд, ки наменамуд. Ин хуб аст, Ғулом танҳо андешаҳояшро карда гирад. Бале, дар он дам андешаҳои Ғулом бисьёр буданд.

Чаро Азиз ҳамеша Зулфияро бо худаш гирифта мегардад? Боз шаббош ба қишлоққо мераванд! Наход, ки дар байни онҳо ягон гап бошад? Азиз зану бача дорад, худаш аъзои партия, котиб. Наметарсад магар? Агар овоза шуда равад, ки Азиз бо Зулфия «қатӣ» шу-

КИТОБХОНАИ ШӮРОИ
ВАЗИРОНИ ЧУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТХОИ ГУМАНИТАРӢ

дагӣ, Азиз бадахлоқ, Азиз аз мансабаш истифода мебарад... Он гоҳ на котибӣ мемонад, на муовинӣ! Бояд инро донад, ҳеҷ набошад, имшаб ҳамроҳи Зулфия наистода ба ин ҷо меомад! Модоме ки наомад, ҳамаи шубҳаҳои ман рост мебароянд... Пас чӣ бояд кард? Пас чӣ бояд кард? Қасос бояд гирифт! Ба ман ки нашуд, ба ту ҳам нашавад. Боз камтар сабр мекунам. Агар Зулфияро монда набиёяд, овоза паҳн мекунам. Овозаи дурӯғ не, рост! Занамро ҳам ба кор меандозам. Ин занаки содда аз худаш метарсад. Нозой ки ҳаст, маро партофта дигар зан нагирад, гуфта метарсад...

Ғулом аз ҷо бархост, як пиёла чой нӯшиду берун баромада, ба таки айвони сарой рафт, ки аз трактрчиҳо хабар гирад.

Он шаб, бар акси кор аз Азиз дарак нашуд.

Шаби меҳнаткашони қишлоқ зуд сар мешаваду зуд ба анҷом мерасад. Дар қишлоқ, хусусан дар ин қишлоқи чорводорон, ки дар байни теппаҳои Нозимтой афтода мондааст, «ҳаёти шаб» нест гӯем ҳам, мешавад. Молҳо ки аз чаро баргаштанд, говҳо ки дӯшида шуданд ва ба охурҳо ки хасу беда андохта шуданд, дигар кор наметонад, рӯзи меҳнатӣ ба охир мерасад. Пас, чорводор хӯроки шомро хӯрда, озод нафас мекашаду ба даруни ҷогаҳ медарояд, то ки саҳари барвақт, ҳатто пештар аз молҳо бархезад, дасту рӯяшро шуста ба молҳо хошок диҳад, модаговҳоро дӯшад ва ба корубори рӯз машғул шавад....

Лекин он шаб чорводорон ин қоидаро вайрон карданд. Хусусан говдӯшҳо тақрибан ҳама ба хонаи мудири ферма — Қосимҷон ҷамъ шуда омада буданд. Онҳо қисми тарафи рости хонаро пур карда менишастанд. Дар пешгоҳ Қосим-мерган, Зулфия ва Азиз нишаста сӯҳбатро давом медоданд.

— Ана, — мегуфт Қосим, — бо хоҳиши шумо бобораис ин ду муовинашро ба тарафи мо роҳӣ кардааст, акнун ҳамаи гапҳоятонро гуфта гиретон, шарм накунед, мулоҳиза накарда камбудиҳои маро ҳам бигӯед.

— Бобо-раис ба шумо салом гуфтанд, — гуфт Зулфия. — Мудиратон, ака Қосим талаби шуморо ба он кас расониданд, афсӯс, ки имрӯз худашон омада наметавонистанд, моро фиристоданд, ки омада аз ҳоли шумо хабар гирем, чӣ камбудӣ ва норасоӣ дошта бошед,

то аз дастамон омадан чора бинем... Баъд гуфтанд, ки ферман шумо вақтҳои охир қафо монда истодааст. Говҳои хуби зотӣ дуруст шир намедиҳанд, сабаби ин чӣ бошад?

Зулфия бо назари суол ба рӯи занҳои говдӯш нигариста, хомӯш монд. Дигарон ҳам хомӯш буданд ва чӣ гуфтанашонро намедонистанд. Ниҳоят Азиз овоз бароварда:

— Дар ферман участкаи дуюм аз план ду баробар зиёд шир дода истодаанд; сабаб чӣ, ки шумо ин қадар қафо мондед? Ҳатто нормаро дода наметавонед?

Мудири ферма ҷавоб дод:

— Дар мо ҳам Шаҳодат-хола, Гулчеҳрахон ва Нодираҳо аз норма зиёд, қариб ду баробари план шир дода истодаанд: лекин дигарон, мисол гирем, Ашӯра, Сангинмоҳ, Турсуной баринҳо ҳеҷ ба норма намерасанд.

— Говҳояшон як хел? — пурсид Зулфия.

— Говҳояшон ҳама зотӣ! — ҷавоб дод Қосим-мерган.

— Гови зотӣ будан катӣ, — гуфт Турсуной ба забони тоҷикии шикаста, — хӯрокаш нағз набошад, шир аз куҷо?! Нодира аз хонаашон юндуқ оварда мехӯронад, Гулчеҳрахон ба говҳояшон лаблабу медиҳанд, Шаҳодат-хола бошанд аз кунҷора бой, мудир аз он кас метарсад, ҳар чӣ гӯянд, не намегӯяд.

— Говҳои ман, — гуфт як зани миёнсол, ки наздик ба хонтахта нишаста буд, — агар як рӯз сӣ литр шир диҳанд, рӯзи дигар понздаҳ-бистлитрӣ базӯр шир медиҳанд. Сабабашро нафаҳмида гашта будам, дар қарибӣ донистам.

— Хӯш, сабабаш дар чӣ будааст? — пурсид Зулфия.

— Сабабаш дар хӯроки равғанӣ, дар хӯроки зӯр будааст, — гуфт говдӯш занак. — Ҳамон рӯзе, ки говҳо кунҷора хӯранд, бегоҳӣ ширашон ҳам ғафс, ҳам бисьёр. Ҳамон рӯзе, ки лаблабую юндуқ хӯранд, ширашон нағз. Лекин ҳамон рӯзе, ки бо хошоки хушк гузаронанд, шир намедиҳанд.

— Ин маълум, — гуфт Азиз. — Бояд ҳар рӯз хӯроки зӯр, хӯроки равғанӣ хӯронед?

— Агар бригадир кунҷора диҳад, мо намехӯронем? — гуфт Турсуной. Азиз ба Қосим-мерган нигоҳ кард.

— Чанд вақт мошинаамон кор накард, — гуфт Қосим. — Ман бехабар, ки захиран кунҷораамон тамом шуда истодааст. Бинобар он ҳамин камбудӣ шуд.

— Мо гуфтем, мо гуфтем, — гуфтанд чанд нафар якбора. — Чӣ тавр бехабар будай?! Аслан худат танбалӣ кардӣ, мудир, лаблабу ҳам наовардӣ!

— Ҳа, — гуфт Зулфия. — Кори нағз нашудааст. Ин ба шумо намезебад. Дар сари вақт хӯроки говҳоро захира карда мондан лозим буд. Ҳеҷ набошад, рафта ба ман мегуфтӣ!

Бригадир, ё ки мудири ферма сар хам карду гапе назад.

— Мудири мо одами нағз! — гуфт Турсуной. — Лекин кораш бисьёр. Шабҳо мехонад, дарс тайёр мекунад, аз кашарҳо хабар мегирад, хошок тайёр мекунад, боз мағалу ғавғои бисьёре... Баъзе молҳо касал мешаванд, то аз маркази колхоз омадани духтур худаш даво мекунад. Бачаҳо касал мешаванд, занҳо касал мешаванд, ҳама ба мудир, ба Қосимҷон мечаспанд. Хайрият, ки вай одами хондагӣ, медонад ва боз ҳам хонда истодааст. Ба болои ҳамаи ин агар андак чаққон ва серғайрат мешуд, хуб мебуд.

— Наход, ки ман танбал бошам? — гуфт бо алам Қосим-мерган. — Агар танбалӣ мекардам, дар шароити хушксолии имсола ферма бехасу беда мемонд. Шабу рӯз хоб накарда алаф даравидем... Шукр аз алаф кам будӣ надорем.. Хайр, гоҳо ноомади кор ҳам шуда мемонад. Одамизод — шири хом хӯрда!

— Ҳоло захираи йему кунҷора надорем, гӯед? — пурсид Зулфия.

— Не, имрӯз оварданд. Пагоҳ боз меоранд.

— Ин тавр бошад, ҳамаи молҳо серу сершир бояд шаванд?

— Албатта! — гуфт Қосим-мерган.

— Аз шумо баракат — аз мо ҳаракат, — гуфт Турсуной зарбулмасалро чаппа гардонда. Ҳама хандиданд.

— Ман ба раис арз доштам, ки — гуфт як зани чавон аз байн, — ай хонаи мо мечакад. Ман мардина надорум, ки бомра ловад. Ба мудир мегам, ки боми моро коғазпӯш[1]кун, мега надорум.

— Номатон чӣ? — пурсид Зулфия.

— Номам Гулшан, — гуфт занак. — Гулшан Ҳаётува.

Зулфия ба дафтараш қайд карда монду гуфт:

---

[1] Мақсадаш — толпӯш аст.

— Ман ба колхоз рафта тол — ҳамон коғази снёхи шумо гуфтагиро мефиристонам, мудир мефармояд, боматонро мепӯшонанд. Боз кӣ чӣ арз дорад?

— Шӯм (шавҳарам) маст шуда омада ба ман рӯз нишон намедиҳад, — гуфт як келинча аз қафотар истода. — Ман дуруст кор карда наметавонум. Худаш ҳам кор намекунад.

— Номи шавҳарат чист? — пурсид Азиз.

— Салом, номи шӯм Салом! — гуфт келинча. — Ҳар рӯз ба пеши Ғулом бригадир рафта, маст бармегардад. Гап пурсам, мезанад. Инро ҳама медонанд. Акои Қосим чанд бор ба миён даромаданд, фоида накард. Ғуломро худо аз ин ҷо набардорад, шӯм одам намешавад.

Азиз ва Зулфия ба рӯи Қосим-мерган ба назари суол нигоҳ карданд.

— Ман ҳеҷ илоҷашро наёфтам, — гуфт Қосим-мерган. — Салом дар бригадаи Ғулом кор мекунад, гӯё механизатор. Лекин дуруст кор намекунад. Ба худи Ғулом як-ду бор гап задам, сирф мункир шуд. Ман Саломатро намедонам, бо вай арақ намехӯрам, мегӯяд.

— Илоҷи ин осон аст, — гуфт Зулфия. — Саломро аз механизатурӣ гирифта ба бригадаи Қосим-амак додан лозим. Дар ин ҷо молпой кунад, ҳамон гавҳоеро, ки занаш медӯшад, вай парво кунад, нигоҳубин намояд. Он вақт зану шӯ дар як ҷо аз ҳамдигар хабардор шуда истода кор мекунанд, корашон хуб мешавад.

Рост гуфтӣ, духтарам, — гуфт як зани кӯҳансол, ки дар сафи пеш менишаст. — Ҳарду дар як ҷо бошанд, ҳеҷ моҷаро намешавад.

— Маслиҳати дуруст, — гуфт Азиз ҳам. — Ин корро худи пагоҳ ҳал мекунем. Саломро гирифта ба фермаи шумо медиҳем, на Ғуломро бинад, на арақ хӯрад.

— Кошки ҳамин тавр кунед, — гуфта монд мудири ферма.

Қампире дар бораи писараш, ягона писараш, ки ба Душанбе ба хондан рафтаасту аз ҳоли вай ҳеҷ хабар намегирад, шикоят кард. Як зани дигар дур будани бозор ва магазинҳоро гуфта, шикоят кард, ки авто-магазин бедарак шуда монд ва ғайра ва ҳоказо...

Пас аз рафтани говдӯшҳо Азиз, Зулфия ва Қосим-мерган нишаста сӯҳбатро ҷамъбаст карданд.

— Гапҳои дар ин ҷо шудагӣ ҳама ҳақанду рост! — гуфт Қосим. — Гуноҳи ман ҳам ҳаст, гуноҳи шумоён

ҳам ҳаст, ки аз ҳоли мо хабар намегирен! Норасоӣ ва камбудиҳои дигар ҳам ҳаст. Ба ферман мо як духтури доимии байтор ва як дастьёри вай зарур. Як муаллим, як устои ҳаркора, ки ҳам дуредгар бошад, ҳам оҳангариро донад, низ зарур. Бе ин касон, як худи ман ба ҳамаи кор расидагӣ карда наметавонам. Идораи правления наздик не ки ман ҳар бор рафта истам... Баъд, агар мумкин бошад, дар байни ҳамин ду қишлоқ, як дӯкон кушоянд, ки ҳам молҳои саноат ва ҳам молҳои маданӣ, аз қабили қалам, дафтар, китоб ва ғайра дошта бошад.

— Мо ҳамаи ин талаботро навишта гирифтем, — гуфт Зулфия. — Ба правления рафта, ба бобо-раис мефаҳмонем. Бовар дорам, ки бобо-раис ба зудӣ ба ёрии шумо мерасад, талабҳоятон иҷро мешавад.

Пас Зулфия ба тарафи чапи хона, ба назди зану фарзандони Қосим-мерган рафт, мудири ферма барои Азиз ва худаш чоғаҳ партофт.

2

Бобо-раис — Мирҳайдар Вализода аз рӯи одат саҳари барвақт бедор мешавад. Ҳанӯз соати деворӣ занги панҷро назада берун мебарояд, аз ҳавои кушод нафас мекашад, камтар ҳаракат мекунад дасту пояшро ёзонида, тақлиди физкультураро мекунад ва баъд бо оби хунук дасту рӯ шуста ба хона медарояд. Занаш — Гулсумой ҳам, ки зани меҳнатӣ, зани чаққон ва сергаракат аст, баробари шавҳараш бедор мешавад ва аз чоғаҳ чаҳида хеста, пеш аз ҳама дар тараддуди наҳории раис мегардад.

Гулсумой аз қабилаи ӯзбекони маҳаллӣ буд. Дар вақташ, дар колхоз боғайратона ва бо шуҷоат кор мекард, пахтакор буд ва яке аз пешқадамон ба ҳисоб мерафт... Ҳанӯз ҳам, ки синнаш ба як ҷо рафта мондааст ва соҳиби нӯҳ фарзанду набераҳо шудааст, боз ба пахтакорӣ ва пахтағундорӣ иштирок мекунад, ба дигарон намуна мешавад.

Хонадор шудани Мирҳайдар ва Гулсумой ҳам ҳикояте дорад:

Пас аз се соли муҳоҷир шуда омаданаш, Мирҳайдарро ба як колхози майда раис интихоб карданд. Вай

ҷавон буд, тануманд ва барно буд, дилаш пур аз шавқу ҳаваси кор, пур аз орзу ва ҳаваси зиндагӣ буд. Сахтиҳои аввали кори колхоз ва зиндагӣ ӯро маъюс намекард. Бо як рафиқаш дар кулбаи навсохте истиқомат дошт, зан надошт. Бинобар он кулба сард, беоройш ва тақрибан бечиҳоз буд. Ду марди муҷаррад шаб меомаданд, гоҳо шӯрбое мепухтанд бо нони духтари ҳамсоя овардагӣ хӯрда мехуфтанд ва саҳари барвақт ба кор мерафтанд. Дар ҳар ҷо ки рост ояд наҳорӣ мекарданд ва ё наҳорӣ накарда, бегоҳӣ аз таоми посбони идора пухтагӣ тановул карда, то бевақтии шаб боз ба кор меғӯтиданд. Лекин табиат ба кору бор ва саргардонии вай аҳамияте намедод. Дили ҷавони вай орзӯи дигаре ҳам дошт...

Ҳар бор ки духтари ҳамсоя — Гулсумой нони гарм меовард, ё бо гуфтан модараш либосҳои чиркинии мардони муҷаррадро ғундошта бурда, шуста меовард, ӯро дида дили Мирҳайдар гум мезад, чашмонаш барқ мепошиданд. Аммо чизе изҳор карда наметавонист. Духтар бошад, ба Мирҳайдар меҳрубониҳо мекард, аҳволашро мепурсид, аз муваффақияти кораш огоҳ шуда, табрик мекард ва гоҳо аз кору бори худ нақл менамуд. Дар бригадаи мо, мегуфт, як-ду нафар танбалҳо ҳастанд, мо онҳоро танқид мекунем, лекин бригадир аҳамият намедиҳад. Чӣ кор кунем, ки бригадирамон ҳам камғайрат аст! Агар ҳамин тавр набошад бригадаи мо аз ҳама пешқадам мешуд...

Ин суханҳои оқилонаро шунида Мирҳайдар ба Гулсумой боз ҳам шефтатар мегашт. Чанде нагузашту аъзосумой боз ҳам шефтатар мегашт. Чанде нагузашту аъзосумой арз карданд ки дигар бо ин бригадири Гулсумой ёни бригадаи Гулсумой арз карданд ки дигар бо ин бригадирашон кор карда наметавонанд мехоҳанд, ки Гулсумой сардори бригада бошад. Правленияи колхоз таслаби аҳли бригадаро ба инобат гирифта Гулсумойро ба бригадирӣ таъин намуд.

Падару модари Гулсумой аз ӯзбекони вилоят буданд ва онҳо ҳам муҳоҷир шуда ба ин колхоз омада буданд. Онҳо аз бригадир шудани духтари худ ҳам хурсанд шуданду ҳам ғамгин. Зеро ки онҳо нияти ӯро ба шавҳар додан доштанд. Шавҳаршаванда ҳам ҳамон бригадири камғайрат буд.

Бригадири камғайратро бо киноя Очил-чаққон мегуфтанд. Пас аз бекор шуданаш, дар аввалҳои моҳи март худаш ба хонаи Гулсумой «меҳмон» шуду ба падари духтар як мӯзаи хиром, ба модараш як либос сатини гулдор оварда дод. Мӯйсафедон хурсанд шуданд.

— Шумо, — гуфт падари Гулсум, — аз бригадирӣ рафта бошед ҳам барои мо бригадир ҳастед. Мо ба ҳар ҳол худро тасалло медиҳем, ки ба ҷоятон одами бегона нашуд, боз гӯё худатон бригадир!

— Ба гапи шумо бовар мекунам, — гуфт Очил. — Лекин Гулсумоӣ ба маслиҳати мову шумо розӣ мешуда бошад?

— Розӣ нашуда чӣ кор мекунад! — гуфт мӯсафед. — Ихтиёри духтар дар дасти падару модараст!

— Духтарҳои ин солу замона дигар хеланд. Метарсам, ки Мирҳайдар ба байни ману Гулсумоӣ надарояд.

— Не, не! — гуфт мӯсафед ба таври қатъӣ. — Мирҳайдар бачаи бад не, боақлу фаҳмаст, медонад ки Гулсумоӣ фотиҳа шудагӣ, имрӯз не пагоҳ тӯяш мешавад, бинобар он ҳеҷ вақт ба миёни намедарояд. Баъд, охир ба раис зан каҳат?! Дар колхоз ба ҳар кӣ толиб шавад додан мегиранд.

— Шумо ҳам дар ҳамон қатор будагиед?

— Кӣ? мо... Не! — гуфт мӯсафед. — Мо дар он қатор не, мо одамони оддӣ, колхозчӣ, раис духтари моро гирифта чӣ кор мекунад?

— Қошкӣ ҳамин тавр бошад! Ба ҳар ҳол ман дар тараддуди тӯй мешавам. Дар охири ҳамин моҳ тӯй кардан лозим, чунки баъд кори пахта сар шуда меравад, даст намерасад.

— Майлаш, мо розӣ! — гуфт мӯсафед.

Лекин Гулсумоӣ розӣ набуд. Вай фаҳмид, ки падару модараш дар тараддуди тӯй ҳастанд, як пагоҳ, аввали рӯзи баҳор, дар сари ношто рӯйрост ба падару модараш гуфт, ки бедарак тараддуд накунанд, ҳеҷ тӯй намешавад, вай ба Очил-чаққон намерасад!

— Мерасӣ!

— Намерасам!

— Мерасӣ гуфтам, мерасӣ! — гуфт мӯсафед. — Очил саркор наздики худамон, ҳамқишлоқ, бадавлат, баобрӯ, имрӯз аз бригадирӣ гирифта бошандаш, пагоҳ раис шуданаш мумкин!

— Илоҳӣ аз раис ҳам калонтар шавад, лекин ман ба вай намерасам!

— Ман туро оқ мекунам!

— Оқ кунед, кардан гиред! Ман ба дилхоҳи худам мерасам!

— Дилхоҳи ту Мирҳайдар-ку не? — дар ғазаб пурсид падар.

— Мирҳайдар бошад чӣ?!

— Ман туро ба Мирҳайдар намедиҳам! Ман туро ба одами наздики худамон дода хушбахт кардан мехоҳам.

—Очил-чаққон маро хушбахт намекунад.

Падар тоқат накарду ба рӯи духтараш бо торсакӣ фуровард. Гулсум рӯяшро дошта гирьякунон аз хона баромада рафт...

Он рӯз ҳаво ниҳоят хуш, ниҳоят масткунанда, ниҳоят пурлатофат буд. Баҳори нозанин айёми дӯшизагии худро мегузаронид. Мисли Гулсумоӣ ҷавон буд, мисли Гулсумоӣ зебо ва дилкаш буд, мисли Гулсумоӣ дар дилаш оташи муҳаббат шӯъла афканда буд. Дарахтҳо муғча баста, ҳатто қисме бо гули хушранг оро ёфта буданд. Сабзаи навхези тару тозаи канори ҷӯйборҳо, рошҳои заминҳои пахта майдони байни чакалакзорҳоро оро дода буд. Дар шохи дарахтон мурғони бисьёре нишаста нағмасароӣ мекарданд. Булбул, ин ҷониварақи ҳазор достон дар ишқи гул чаҳ-чаҳ мезад ва боғу бӯстонро бо садои ҷарангосии худ пур карда, ба оламиён мегуфт, ки ҳон, баҳор омад, баҳори лолазор омад, баҳори ошиқон омад! Аз нашъаи баҳорон маст шавед, ба ёратон асрори ниҳони дили худро гӯед! Ишқи пурҷӯшу хурӯши худро баён кунед! Роз гӯед!

Мирҳайдар, гӯё забони булбулро медонист, суханони ӯро мефаҳмид ва дилаш мехост, ки ба гуфтаи булбул амал кунад, ба ёраш ишқ изҳор намояд, асрори ниҳони дили худро гӯяд. Вай саҳари барвақт аз хона баромада дар саҳро мегашт, ба садои булбулон, қумриён, тӯтиён ва фохтагон гӯш медод ва яккаю танҳо дар марғзорон қадам мезад.

— Боми ҳама бому боми мо дар соя,
Ёри ҳама дур, ёри мо ҳамсоя.
Мардум гуфтан: дур хубай, ҳамсоя?
Дураш хубай, роҳати ҷон ҳамсоя.

Эй ҷӯра биё ҳардуямон ҷӯра шавем,
Дар тори ҳаво ситораи қӯша шавем.
Дар тори ҳаво ситораҳо бисьёранд,
Шояд, ки ба як либос пӯшида шавем.

Эй духтарак чӣ ном дорӣ, Гулсун,
Ишқи ту ба дил гирифт ҷо ҳарсун.
Ту гуфта будӣ ки ман туро мегирам,
Мегирӣ, намегирӣ, меравум як сун.

Мирҳайдар ин байтҳоро зери лаб тараннумкунон аз байни чакалакзори канори дарьёча мегузашт, ки садои гирьяи духтаре ба гӯшаш расид. Вай ҳайрон шуд. Дар ин пагоҳии пурлатофати рӯзи баҳор кӣ бошад, ки ба ҷои хандаю хурсандӣ мегирьяд? Аҷабо ин духтари аз ёр ҷудогашта бошад, ё зани фарзанд бойдода? Ба ҳар ҳол ӯро ёфта, дардашро пурсидан лозим!

Мирҳайдар чанд қадами дигар ба сӯи овоз монда буд, ки аз дур Гулсумойро дид ва дарҳол шинохт. Вай ба рӯи кундаи дарахте нишаста як нуки сарбандашро ба чашмаш гузошта мегирист. Мирҳайдар зуд ба назди ӯ рафт. Овози пойро шунида худи Гулсумой хӯсидагӣ барин ҷаҳида аз ҷо бархост ва бо Мирҳайдар рӯ ба рӯ гашт.

— Ҳа, чӣ воқеа рӯй дод Гулсумой? — пурсид Мирҳайдар. — Магар бригадир ҳам дар хилват нишаста гирья мекунад?

Гулсумой зӯран табассуме карду боз ба чашмонаш ашк чарх зад.

— Ман, — гуфт вай, — ҳамин тавр... андак тобам гурехт.

— Не, барои гурехтани тобаш бригадири машҳур гирья намекунад!

— Қошки бригадир намешудам! — гуфт Гулсумой ва боз нуки сарбандашро ба чашм гирифт.

— Барои чӣ? Чӣ воқеа рӯй дод?

Гулсумой қадаре хомӯш истоду баъд ба замин ниғоҳ карда гуфт:

— Дар охири ҳамин моҳ маро ба Очил чаққон тӯй карда додан мехоҳанд.

— Ҳамин тавр гӯед? — гуфт Мирҳайдар ва қадаре хомӯш истода илова намуд: — Шумо нахоҳед, ҳеҷ кас ба зӯрӣ гирифта наметавонад. Гирья накунед!

— Ман намехоҳам, ман дил дорам... дилам орзу дорад!..

Дар ин ҷо чӣ шуд, ки Мирҳайдар шармро зер карда, ниҳоят дилашро кафонд:

— Ман ҳам дил дорам, ман ҳам орзу дорам! Қошкӣ дили мо хамоҳанг бошанд!

— Падару модарам хоҳанд, нахоҳанд ман шуморо мегирам! — гуфт якбора Гулсумой ва давида ба сӯи қишлоқ равон шуд.

— Гулсумой, азизи ман! — гуфта монд аз қафои вай Мирҳайдар.

* * *

Мирҳайдар ба идораи колхоз ҳамон дам расида омад, ки мошинаи «Газики» райком дар дами идора омада қарор гирифт ва аз он котиби райком — Сангинов фуромада бо вай рӯ ба рӯ шуд.

— Салом ранс! — гуфт Сангинов, ки Мирҳайдарро хеле дӯст медошт. — Аҳвол чӣ тавр? Саломатӣ?

— Шукр, шукр! — гуфта монд ранс ва дигар гапе назаду аз паси Сангинов ба идора даромад. Котиби колхоз, ки дар қабулгоҳи ранс менишаст, омадагонро дида аз ҷо бархосту гуфт:

— Рафиқ Сангинов, аз райком занг заданд, шуморо пурсиданд. Гуфтанд, ки агар биёед ба он ҷо телефон кунед!

— Хуб, раҳмат! — гуфт Сангинов ва ба кабинети ранс даромада бо телефони вай ба райком занг зад. Пас аз гӯш карда истодан табассум карду ба трубкаи телефон гуфт:

— Охир ба мақсадаш расидааст-дия? Ҳамин рӯз тӯй? Рӯзона? Сангинов дастаки телефонро ба ҷояш гузошту ба Мирҳайдар, ки ба рӯ ба рӯяш нишаста буд, муроҷиат кард:

— Фаҳмидӣ, Набӣ-полвон имрӯз туй доштааст, зан мегирифтааст.

Мирҳайдар парешонхотирона суол дод:

— Набӣ-полвон? Ин, ранси колхози «Комсомоли Тоҷикистон» не?

— Ҳа, худи худаш, — гуфт Сангинов. — Мардак сию ду сола шуда, акнун хонадор мешавад. Бисьёр нагз! Хайр, ту кай зан мегирӣ?

Мирҳайдар хомӯшона сар ба зер андохт.

— Ҳа, ба ту чӣ шуд? Дуруст гап намезанӣ?!

— Чӣ гӯям ба шумо, — гуфт Мирҳайдар. — Агар пештар мешуд падару модарам бо хоҳиши худашон ягон духтарро ёфта никоҳ карда медоданд. Ҳозир на падару модар ҳастанд, на расми кӯҳна боқӣ монд. Худам ба ҳар кӣ хонадор шудан намехоҳам.

— Наход, аз байни духтарони зебои колхоз ягонтаташ ба ту нафорид?

— Форид, лекин дастнорас барин...

— Яъне чӣ?

— Духтари Улуғ-бой, Гулсумой ба ман маъқул, гӯё

ман ҳам ба вай маъқул, лекин ӯро ба каси дигар додан мехоҳанд.

— Ту хостгор шудӣ?

— Не, ба Улуғ-бой дар ин хусус гап назадаам.

— Барои чӣ?

— Чунки бо худи духтар гап нозада, розигии ӯро надониста хостгорӣ кардан нахостам.

— Кай бо худи духтар гап мезанӣ?

— Имрӯз гап задам, имрӯз дари шодӣ ба рӯям кушода шуду лекин падару модари Гулсумой...

— Бо Улуғ-бой худам гап мезанам,—гуфт Сангинов. — Ман мӯсафедро нағз мешиносам. Дар вақти муҳоҷиркунӣ хеле фаъолият нишон дода буд. Агар ман барои ту духтарашро хостгорӣ кунам, не намегӯяд.

Инро шунида Мирҳайдар якбора ҷон гирифт. Ба симояш осори хурсандӣ давид.

— Шумо ба ҷои падари ман ҳастед, рафиқ Сангинов, — гуфт. — Намедонам, ки ба шумо чӣ тавр миннатдорӣ кунам.

— Қиштукори баҳориро нағз карда гузаронӣ, барои ман миннатдории ту мешавад! — гуфт Сангинов. — Дар бораи Гулсум ва падари ӯ фикр накун, ман худам масъаларо ҳал мекунам. Биё, ҳозир рафта ба ман заминҳои нав ба кишт тайёр кардаатро нишон деҳ!

Онҳо аз ҷо бархостанд.

Пас аз чанд рӯзи ин воқеа дар колхоз як тӯи хурсандие барпо гашту Мирҳайдар ва Гулсумой зану шӯ шуданд. Аввалҳо Гулсум ба забони тоҷикӣ сухан карда наметавонист. Зану шӯ ӯзбекӣ ҳарф мезаданд. Баъд, ки фарзанд шуду вай ба гап даромад, Гулсумой ҳам мисли як тоҷик булбули гӯё шуд. Ҳоло дар оилаи раис ҳам забони тоҷикӣ ва ҳам ӯзбекӣ баробар аст. Аксар вақт ба тоҷикӣ сухан мекунанд ва ҳеҷ гоҳ маълум намешавад ки кадомашон тоҷик ва кадомашон ӯзбек!

Ҳамин тавр, ёр агар аҳл бошад, корҳо саҳл мешавад, мегӯянд дар урфият. Ҳатто тафовути байни милатҳо худ аз худ барҳам мехӯрад. Тоҷик ӯзбекиро медонад, ӯзбек тоҷикиро! Аммо ин тафовут, ки аслан бар хилофи якдигар набуд, аз тарафи бадтинатон чӣ хуб истифода бурда шуд. Онҳо мардумро ба якдигар шӯрониданд, «ту фарбеҳ ман лоғар!» гуфтанд. Гӯё, ки агар ҳамин тавр нагӯянд, онҳоро деви зиндагӣ хӯрда, нест мекарда бошад! Аз қадим ҳамин тавр як масал ҳаст, ки деве будааст, одамхӯр, ҳар вақт ба шикор баромада

одамҳои бисьёреро асир карда меомада аст ва ба хонаҳои зеризамини андохта мемондааст. Баъд, ҳар рӯз ба он ҷо даромада, якто-якто аз он одамҳо гирифта бароварда мехӯрдааст. Вақте ки дев ба назди одамҳо фурояд, ҳама ҳамдигарро нишон дода, «ман лоғар, ана вай фарбеҳ», мегуфтаанд. Яъне, ки маро нахӯру ӯро хӯр! Ҳамин эҳсосоти «ман!», ҳамин эҳсосоти «ҳама чиз ба ман, барои ман!» инсониятро хароб мекунад, барбод медиҳад, ба ҳамдигар душман мекунад. Ҳамин эҳсосотро ба даст гирифта бадтинатон оламеро ба оламе ҷанг меандозанд ва бародарро аз бародар ҷудо мекунанд! Хайрият, ки ҳамин эҳсосот дар ҷамъияти мо нест шуда рафта истодааст.

Гулсумой ба феълу атвори шавҳараш одат карда монда буд ва медонист, ки саҳар чӣ мехӯрад, дар нимрӯзӣ чӣ мехӯрад ва хӯроки шомаш чист. Раис бо вуҷуди одами қавиҷусса, бокитфу бозӯ ва қадбаланд буданаш чандон пурхӯр набуд. Саҳар ҳамеша ним коса ширчой бо ним кулча, агар бошад, як сар ангур, ё ягон меваи дигар ва як пиёла чойи кабуд ба вай кифоя буд.

Он саҳар ки пас аз се рӯз аз Нозимтой баргашта омадани Азиз ва Зулфия буд, раис хеле андешаманд ва магмум менамуд. Мисли ҳар саҳар шоду хуррам набуд. Ба сари ҷогаҳи наберан дӯстдораш — Райҳонҷон нарафт, бо вай бозӣ накард. Ҳатто бо занаш, ки дар назди вай дастурхон густурда як чойник чойи хушбӯ ва пиёла оварда монда буд, дуруст гап назад. Гулсумой инро зуд пай бурд.

— Ҳа, бобош, — гуфт вай ба чашмони раис нигоҳ карда, — аз хоб сер нашуда хестед, магар! Табъатон хира?

Раис табассуми андак нишон доду гап назад. Ин маъноӣ онро дошт, ки «боке не, корат набошад!» Гулсум ба ошхона рафт, ки ширчойро тайёр карда биёрад. Раис як пиёла чойи кабуд кашиду андак-андак хӯрт кашида, хаёл кард: Пас аз ду ҳафта интихоботи ташкилоти партиявии колхоз мешавад... Чӣ бояд кард? Худи Азиз, ё ки душманҳои вай корро бад карда монданд. Аҷабо ба Азиз, ба ин ҷавони боғайрат ва кордон кӣ душманӣ мекарда бошад? Наход, ки Ҷобир Билолов бошад? Наход ки боз ба роҳи иғво ва фитнаю фасод даромада бошад?

Раис ба хотир овард, ки Билолов чанд гоҳ толиби муовинии раис буд. Ҳатто ба одамҳои худаш таъин

кардааст, ки дар маҷлис номзадии маро ба муовинӣ нишон медиҳанд, бояд ҳамаатон овоз диҳед. Лекин колхозчиён ӯро нахостанд ва роҳбарияти райком ҳам номзадии ӯро муносиб надида буданд. Азизро пешбарӣ карданд, Азиз муовинраис шуд. Нағз ҳам шуд. Лекин аз ҳамон рӯзҳо сар карда Билолов ба Азиз нағз муомила намекардагӣ шуд. Ҳар бор ба раис аз вай шикоятҳо мекард, ҷавони нодон мегуфт Азизро; сабукфикр ва оташмизоҷ мегуфт... Раис, ки ба гуфтаҳои вай аҳамият надод, шояд акнун ин овозаҳои бадро ба одамонаш гуфта паҳн карда бошад. Ба Азиз, ба муовинраис, ба котиби ташкилоти партия бӯҳтон задан, номи ӯро паст кардан ба колхоз, ба обрӯи колхоз рахна задан аст. Мардум намегӯянд-мӣ ки раиси калон Мирҳайдар чӣ кор карда гаштааст! Наход монад ки дар колхози вай бадкориҳо бошад, ё ки дар хусуси бадкориҳо шоеъа шуда равад! Бе шубҳа чунин иснод ба вай ҳам мерасад. Ба Билолов ин ҷанҷолҳо чӣ лозим бошад? Муовин шудӣ чӣ, нашудӣ чӣ?! Бале.

Билолов аслаш тӯдабоз аст. Вай ҳанӯз дар Қара Мазор тӯдабозиҳо кард, зада шуд, ба ин ҷо, ба колхози вай фиристоданд. Раис ба ҳар ҳол ӯро саробонӣ кард, сардори як участкаи калон таъйин карда монд. Ҳамеша ба кораш ёрӣ медиҳад ва аз камбудиҳояш чашм мепӯшонад. Аммо Билолов акнун ба пои Азиз часпидааст. Кӯрнамак! Агар аз ӯҳдаи кор мебаромад, агар бо дилу ҷон кор мекард, агар манфиати худашро аз манфиати ҷамъият авлотар намегузошт, ӯро аз Қара Мазор намеронданд. Одами ронда шудагӣ, бояд сараш ба девор мерасид. Не, дар ин ҷо ҳам чуғулӣ карда гаштааст. Бо ин амалаш дер намепояд. Халқ мефаҳмад, боз рондаи даргоҳаш мекунад... Аммо ҳозир кошки вай ба кори колхоз, ба пешравии колхоз зарар нарасонда истад!...

... Бинобар он пеши ин корро гирифтан зарур!... Аммо чи тавр! Чӣ тавр! Наход ки амалиёти Билоловро дар болоҳо надонанд? Дар райком надонанд? Ин гапро, чуғулӣ карда гаштани ӯро вай рафта ба райком гӯяд, чӣ тавр нигоҳ мекарда бошанд? Худи ӯро чуғул, худи ӯро хабаркаш намегуфта бошанд? Санги вазнинро об намебарад гуфта гаштан ҳам хуб не. Ногаҳ сели сахт омада монад, санги вазнинро ҳам ғелонда мебарад. Пеши обро гирифтан лозим!

Гулсумой дар косаи чинӣ ширчой оварда монду худаш ҳам аз як канори дастурхон нишаст.

— Шираш равғанӣ, бамаза будааст, — гуфт. — Афсӯс ки фақат ду коса гирифтам.

— Шири кӣ? — пурсид раис.

— Шири очаи Ҳамроҳ... Пул додам, нагирифт. Модаговатон гӯсола кунад аз фаллааш медиҳед, гуфт.

— Бегоҳ гум шуда ба ҳавлии очаи Ҳамроҳ рафтӣ-чӣ?

— Ҳа, камтар чақ-чақ карда омадам, ҳам шир овардам..

— Нағз кардӣ, — гуфт раис ва дигар хомӯш монда ба ширчой нон пора кард.

— Очаи Ҳамроҳ гапҳои қизиқ[1] мегӯяд — гуфт Гулсум ва маълум буд, ки як хабари навро ба раис фаҳмонда доданист: — Шумо нафаҳмидед? Гӯё ки Азиз, муовинатон бо Зулфия дар адирҳо бозӣ карда мегаштааст, бӯсаю қучоқ карданашро одамҳо дидаанд.

— Хайр, боз чӣ?

— Аз ин ҳам зӯртар гап мешавад? — хитоб кард Гулсум. — Наход, ки шумо раис шуда истода, монед, ки одамҳоятон дар байни мардум расвой карда гарданд?

— Ин гапҳо ҳама дурӯғ ва бӯҳтон аст, ман медонам!

— Трактории Нозимтой будагӣ дидааст. Шабона ҳар дуяшон дар як хона хобидаанд.

— Бо трактории дар як хона? — пурсид, қасдан худашро ба нодонӣ зада раис.

— Чаро бо трактории будааст?! Зулфияю Азиз-дия! Инро трактории дидааст.

— Ба ту очаи Ҳамроҳ гуфт, ба вай кӣ гуфтааст? Худи трактории?

— Намедонам.

— Надонӣ, ба ин гапҳои дурӯғ бовар карда, паҳн карда нагард! — гуфт раис сахт карда ва косаи ширчойро ба даст гирифта аввал нонҳои поракардагиашро хӯрду баъд ширашро дам кашид. Гулсумой донист, ки шавҳараш аз ҳамаи гапҳо хабар дорад ва чӣ будани асли воқеаро медонад, бинобар он ин қадар сахт карда ба вай таъкид мекунад. Маълум ки вай ҳоло дар

---

[1] Қизиқ (ӯзбекӣ) — ғалатӣ, ачиб.

фикри ҳамин кор аст. Албатта ҳақиқатро ба рӯи об мебарорад. Бале, занак, дар бадали бист соли хонадории худ бо Мирҳайдар феълу атвори ӯро хуб омӯхта гирифта буд. Зани ҳушьёр ҳеҷ вақт сухани оқилонаи шавҳарашро ду намекард ва медонист, зиндагии сахте, ки вай Мирҳайдар аз сар гузаронидааст, ӯро одамшинос кардааст. Мирҳайдар чӣ қадаре, ки деҳқонӣ, пахтакориро ва чорводорию боғдориро донад, ҳамон қадар ҳам одамҳоро медонист. Одамҳоро омӯхта, шинохта ва фаҳмида ба гирду атрофаш мегирифт ва баъд ба онҳо бовар мекард. Ҳоло ҳам, ки ин овозаи мардумро дар ҳаққи Азизу Зулфия дурӯғ мегӯяд, маълум, ки дурӯғ аст! Гулсумой ба ин қарор омаду аз ҷо бархост ва косаи холишудаи ширчойро гирифта берун баромад ва имкон дод, ки шавҳараш пеш аз ба кор рафтан фикру хаёлҳояшро гирду ғун кунад.

Соати деворӣ шаш бор занг зад. Садои он дар фазои хонаҳо танинандоз гашт. Дар берун ҳаво ҳанӯз равшан нашуда буд. Тирамоҳ, хусусан дар рӯзҳои абрнок чашми рӯз дертар кушода мешавад. Аммо мардуми колхоз ҳоло тақрибан ҳама ба по хеста, ба кору бори рӯзона тайёр шуда истодаанд. Ана, аз кӯчаи калон садои гузашта рафтани трактор ба гӯш мерасад. Бачаҳо барвақт рафта ғӯзапоя чидан мехоҳанд, албатта. Майлаш, зудтар заминҳоро аз ғӯзапоя тоза карда, ронда мондан лозим. Шудгор қафо монда истодааст. Имрӯз дар ҷамъомад — дар гараж ҳамин масъаларо бардоштан лозим.

Бале, шудгор қафо монда истодааст. Қишту кори тирамоҳӣ ҳам дуруст пеш намеравад, боронҳои бемавриди халал медиҳанд. Ин ба баъзе бригадирҳо баҳона ҳам мешавад. Танбалии худро бо оби борон шустанӣ мешаванд.

Раис симои дағал ва чашмони калон-калону бинии зуғӯтагии Ғуломро ба пеши назараш овард. Мардак чашми корро медонад. Лекин танбалӣ мекунад. Дар Нозимтой, ки аз идораи колхоз хеле дур аст ва дар паси теппаҳо ҷо гирифтааст, худро ҳокими мутлақ медонад. Мол ва чорпои бисьёре дорад, замин васеъ, чарогоҳи худо додагӣ, ҳафтае сари як гӯспандро хӯрда, шикам калон мекунад, аҳмақ! Боз ба болокорӣ ғайбати мардумро карда, гапҳои дурӯғ паҳн мекунад. Барои чӣ ин корро мекарда бошад? Ба Азиз чӣ қасд дорад? Азизро аз кор гиранд, ҳеҷ вақт Ғуломро ба ҷои

вай наметонанд. Пас, ин иғво барои чӣ? Ё ки одамони дигар, касони фитнаангези дигар ӯро ба ин роҳ андохтаанд? Фикр намекунад, ки Зулфия духтари баобрӯ, ягона механизатори номӣ, фаъол... Ӯро дар республика мешиносанд... Раис, Мирҳайдар, ки ин духтаракро ба худаш муовин карда, дастгирӣ мекунад, албатта ягон гапаш, ягон хосияташ будагист!

Бале, Мирҳайдар Зулфияро аз кӯдакиаш мешиносад. Падари вай дар ташкили ин колхоз ҳамроҳи раис корномаҳо нишон дода буд. Ҳаман сахтӣ, ҳаман азобу машаққатро бо ҳам дида буданд. Мирҳайдар аз боло, аз кӯҳистон омад, падари Зулфия зану бачаашро бардошта аз ҳамин райони ҳамсоя, аз райони Сурхоб омад. Он вақтҳо Мирҳайдар бо дувоздаҳ нафар рафиқонаш дар ҷои ҳозираи ҳавлиашон, ки ҳама найзор ва тӯқайзор буд, аз най (қамиш) каппа сохта муҷаррадона зиндагӣ мекард, колхозчии оддии як колхозчаи майда буд, ки ҳаман замини корамаш аз сад гектар знёда набуд. Барои падари Зулфия, ки номаш Аҳмад-паҳлавон буд, каппаи алоҳида сохта доданд. Аҳмад-паҳлавон одами боғайрат, некбин ва нотарс буд. Шаб намегуфт, рӯз намегуфт, дар тӯқайзор кор мекард. Онҳо ҳама якҷоя замини пахтазори ҳозираро аз дасти тӯқайзор зада гирифта буданд. Мошин набуд, техника набуд, ҳатто асп фақат дуто буд. Ҳаман корро дастакӣ, бо зарби каланду бел мекарданд. Баъд ки дар 35 гектар замин пахта корида, дар тирамоҳ аз ҳар гектар 500-килоӣ пахта гирифтанд, андаке қоматашон рост шуд. Боз якто аспу ароба карданд, мол (гову гӯспанд) хариданд. Аҳмад-паҳлавон одами зӯр ва боқувват бошад ҳам, деҳқониро дуруст намедонист. Лекин диққаткор буд. Ҳар коре, ки шарикҳо кунанд, ба диққат меомӯхт. Хусусан аз Мирҳайдар бисьёртар мепурсид ва ба вай тақлид мекард. Пас аз он ки Мирҳайдар раис шуд, Аҳмад-паҳлавонро бригадири пахтакор интихоб карданд. Оҳиста-оҳиста вай чунон корномаҳо нишон дод, ки аз ҳунари деҳқонии вай ҳама дар ҳайрат буданд. Бедарак набуд, ки дар бадали ду-се сол ба мартабаи қаҳрамонӣ расид...

...Лекин чи як дарди беамон ӯро печида гирифту дар айни камолоташ вафот кард. Чаро дар айни камолоташ вафот кард?! Вай ку одами пурзӯр, тануманд ва солим буд, паҳлавон буд?! Дар умраш чӣ будани дард, чӣ будани бемориро надониста буд?! Ягон рӯз сараш

дард намекард. Фақат як-ду рӯз беморӣ кашиду аз дунъё чашм пӯшид. Духтурҳо илоҷ карда натавонистанд, ҳарчанд ки раис аз худи Душанбе донишмандонро овард. Кӣ медонад, шодмарг шуд магар? Вай, ки деҳқони оддӣ буд, бригадир шуд, кораш омад кард, муваффақият, обру, иззат, давлат ва бахт ҳама якбора омад ва ба илова Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ шуд. Бешубҳа ҳама аз меҳнати пурсамар, аз ғайрат ва фидокории худаш омад. Шояд беҳад шод гашт, беҳад хурсанд шуд... Вале афсӯс, сад афсӯс, ки Аҳмад-паҳлавон бевақту соат аз ҷаҳон чашм пӯшид. Ҳаман колхозчиён ба марги ӯ мотамзада шуданд. Ҳусусан раис — Мирҳайдар сӯхт, парту бирьён шуду дар сари қабраш қасам ёд кард, ки аҳли байти ӯро бесаробонӣ намегузорад ва фарзандони ӯро мисли фарзандони худаш тарбия карда ба воя мерасонад. Ҳамин тавр ҳам кард, Ҳоло додари Зулфия дар институти хоҷагии қишлоқ мехонад. Зулфия бошад, механизатори пешқадам, қаҳрамон, баобрӯ ва баэътибор гашт. Албатта ба пешрафти Зулфия, барои одам шуда расидани ӯ раис камтарак меҳнат накард. Хононд, маълумот дод, тачриба омӯхт. Аммо омада-омада имрӯз дар ҳаққи вай бӯҳтон паҳн кардаанд. Раис медонад, ки Зулфия он хела духтари сабук не. Ӯро дар байни сад мард партофта монед, ҳалолу покиза мебарояд. Лекин аз ҳад зиёд шармгину сарҳаму беовоз ҳам не. Нотарсона гап мезанад, сарбаланд гашта, мард сифат рафтор дорад. Ин феълу атвораш боиси ҳасад хӯрдани ҳасудон мегардад. Хусусан кӯҳнапарастон ин хелаҳоро дида наметавонанд. Раис боре ӯро ба кабинет чеғ зада, насиҳат дода буд, ки бисьёр мандонамӣ накунад, каме сархам бошад ва шартакигӯӣ накунад! Ҳаминро донад, ки вай духтар аст, шавҳар карданаш лозим. Бисьёр мандонамӣ карда, мардона рафтор кунад, ба шавҳаршавандагон, хусусан ба падару модари онҳо маъкул намешавад ва ӯ як умр бешавҳар монда рафтанаш мумкин...

Ин суханони раисро шунида, Зулфия хандида буд. Вай бовар намекард, ки бобо-раис, мураббӣ ва тарбиятгари вай, ки ҳамаи феълу атвори Зулфия дар натичаи дуруст тарбия кардани ӯ ба амал омадааст, ҳамин хел насиҳат медиҳад! Не, бобо-раис, гуфта буд вай. Аввал ин ки ман бешавҳар намемонам, вақташ расад, бахтамро меёбам. Баъд ҳамин ки ман бедарак шартакигӯи намекунам. Ҳамеша гапи ҳақро ҳақ, ноҳақро рӯйрост

ноҳақ мегӯям. Майлаш ки баъзеҳо аз ман хафа шаванд. Барои онҳо шуда ман дурӯягӣ намекунам...

Агар он дам Зулфия аз таҳти дили бобо-раис огоҳ мешуд, медонист, ки худи вай ҳам тарафдори ҳақгӯӣ ва нотарсона рафтор кардани Зулфия аст. Бедарак нест, ки Мирҳайдар ба зани ҳозирааш Гулсумой хонадор шуд, ӯро нағз дида гирифт. Чунки Гулсум ҳам ҳаминзайлин далер, чаққон ва ҳақгӯй аст... Аммо чаро Гулсум имрӯз ба суханони фитнаангез дода шуда, ғайбати Зулфияро кард? Ё ба Азиз дандон дорад? Не, Азиз ба Гулсум ҳурмат дорад, дар байни онҳо ягон бор баҳсе, мунозираи номафҳуме рӯй надодааст! Ё ки ин гуфтораш аз дилсӯзист ва ин хабарро расонида мехоҳад, ки ғазаби раисро чунбонад, то ки вай зудтар даҳони мардумро бандад.

Азиз ҳам чавони бад не. Хушахлоқ, онладӯст, ташаббускор, боғайрат ва нотарс аст. Мирҳайдар ӯро ҳам дӯст медорад ва аз кору рафтораш гила надорад. Ҳамин қадараш ҳаст, ки Азиз серҳаракат ва хеле фаъол аст. Овози баланд дорад ва оташмизоҷ аст. Ҳамин ғайрат ва ташаббускории ӯ бобо-раисро мафтун карда буд ва ба худ муовин карда гирифт.

Падару модари Азиз ҳам ба ин сарзамин дар аввали кор омада буданд. Азиз соли 1938 дар ҳамин ҷо, дар каппа таваллуд ёфта, синни кӯдакӣ ва бачагии худро дар байни алафзор ва пахтазорҳои ҳамин колхоз гузаронидааст. Падари Азиз, ки дар райони Сурхоб раиси чамоа шуда кор карда буд, дар ин ҷо низ дар чамоаи Санги Сафед ӯро раиси чамоа интихоб кардаанд. Раҳматӣ коркуни фаъол ва боғайрат буд. Дар вақташ бо душманони Ҳокимияти Советӣ сахт мубориза бурда, дар сафи партизанҳо бо босмачиҳо даст ба гиребон шуда, корномаҳо нишон дода буд. Дар дами пирӣ ҳаман умеду орзуяш ҳамин писар буд. Писари дигараш хеле хурд буд. Мехост, ки писари калонӣ хонад, мулло шавад, ба халқаш, ба ватанаш аз дилу ҷон хизмат кунад. Бинобар он кӯшиш кард, ки пас аз тамом кардани мактаби қишлоқ, ба марказ, ба Душанбе, ба ягон мактабӣ олӣ рафта хонад. Азиз ҳам ғайрат карду рафта ба институти педагогии шаҳри Душанбе дохил шуд. Нағз хонд. Вале муаллим шуда омадани ӯро падараш дида натавониста вафот кард. Азиз, ки падарашро хеле дӯст медошт, аз ин ҳодиса малӯл гашт ва ҳатто хонданро партофта, дар қишлоқ мондани шуд,

аз пеши қабри падарам дур намеравам, мегуфт. Лекин бобо-раис ин азми ӯро маъқул надонист. Ӯро ба ҳолу ҷонаш намонда, боз ба Душанбе ба хондан фиристод. Се сол пеш аз ин Азиз институтро тамом карда омад, ба як духтари хуб хонадор шуд ва маорифи район ӯро ба мактаб-интернати қишлоқи Санги Сафед директор таъйин кард. Як сол кор карда буд, ки фаъолияти ӯ ба раис форид, ӯро ба худаш муовин карда гирифту баъд ба ташкилоти партиявии колхоз котиб интихоб карданд...

Занги соат раисро ба ҳуш овард.

— Э, — гуфт вай худ ба худ, — бевақт шудааст-ку. Ҳой Гулсум, шофир омад?

— Ҳа, кайҳо омада буд! — гуфт занак аз тайи дар.

Раис пальтои сабукро дар бар карду телпаки қарақӯлии кабудро ба сар гузошта берун баромад. Осмон дар тарафи шарқ сафед шуда буд. Шофёр, ки дар айвони назди хона бо писари раис сӯҳбат дошт, зуд аз ҷо бархосту ба раис салом дода ба кӯча баромад.

— Ман пас аз маҷлиси пагоҳрӯзӣ ба райком меравам! — гуфт раис ба занаш ва ба кӯча баромад. Шофёр Алиназар ҳам одами камгап ва чиддӣ буд. Аммо имрӯз худаш гап сар кард:

— Бобо-раис! — гуфт вай, — Шунидед, дар ҳаққи Зулфияю Азиз чиҳо гуфта гаштаанд?

— Шунидам! — гуфт раис.

— Ба ин хел бӯхтону бадгӯиҳо роҳ надодан лозим. Ман нағз медонам ки ин кори кӣ?

— Кори кӣ?

— Албатта кори одамони Билолов, кори Ғулом-ҷинӣ ва дигарҳо.

— Шояд, — гуфт раис. — Онҳо пеш аз маҷлиси интихобот қасдан ин овозаро паҳн кардаанд.

— Хайр, чӣ даркор буд, ки Азизу Зулфия ҳамроҳ гарданд?

Ба ин суоли шофёр, ки то як дараҷа ваҷҳ дошт, раис зуд ҷавоб надод. Пас аз мулоҳизае гуфт:

— Ман худам таъин карда будам. Ба Зулфия кор омӯхтан лозим буд.

— Корро худаш ҳам меомӯхт.

— Не, ба ҷавонҳо кор омӯхтан лозим!

Шофёр хомӯш монд.

Мошина аз байни кӯчаҳои қачу килеби қишлоқ мегузашт. Дар ин қисми қишлоқи колхозӣ ҳанӯз мардум

дар хонаҳои лойи, дар кулбаҳои қадима истиқомат доштанд. Лекин ҳар кадом ба қадри ҳиммат ва ғайрати худ боғе, дарахтзоре, гулзоре дошт. Аз паси деворҳои начандон баланди ҳавлиҳо шоху барги дарахтони себ, нок, гелос ва ғайра намудор буданд...

Чӣ қадар иморат, чӣ қадар хона сохтан лозим, фикр мекард раис. Ҳаман ин хонаводаҳоро ба хонаҳои навсохт кӯчондан, онҳоро бо об, бо электрик ва бо дигар лавозимоти зиндагии нав таъмин намудан лозим! Ҳоло раис ба ин корҳо сар кардааст... Ана, мошина ба роҳи калони шағалрехта баромад. Дар қад-қади ин роҳи калон хонаҳои навсохт, бо тирезаҳои калон, бо бомҳои шиферпӯш ва деворҳои сафед қатор шудаанд. Лекин ин ҳанӯз кам, хеле кам аст. Қорҳои сохтмону бинокорӣ хеле суст пеш меравад. Колхоз як идораи дуруст надорад, як хонаи маданият, як маҷлисгоҳи калонакак надорад. Нақшаи ин биноҳо тайёранд, лекин ташкилоти бинокории колхоз ҳанӯз ба кори амалӣ сар накардааст. Онҳоро — сардорони бинокориро ҷеғ зада, огоҳонидан зарур аст...

— Бародарам аз Душанбе омада буд, — гуфт шофёр, диққати раисро ба худ ҷалб карда. — Дар колхози «Россия» дар қарибии Душанбе, ба хонаи як дӯсташ меҳмон шудааст. Мегӯяд, ки колхоз ҳаммом сохтааст. Чунон ҳаммом, ки раведу тамошо кунед! Ҳатто аз шаҳр одамҳо омада медаромадаанд. Бобо-раис, наход, ки мо аз колхози «Россия» камқувваттарем, пуламон намерасад!

— Пули мо аз пули он колхоз даҳ баробар зиёдатар аст?

— Набошад чаро ҳаммом намесозем?

— Чӣ сохтем, ки ҳаммом созем!? — гуфт раис оҳ кашида. — Ҳаммом ҳам лозим, идора ҳам лозим, клуб ҳам лозим, мактабҳо ҳам лозим... Мекунем, ҳамааш мешавад. Ғайрати ману ту даркор!

— Ғайрати ман кам намешавад, — гуфт шофёр, — агар бензин кам нашавад. Лекин муовинҳоятон бағайрат шаванд.

Раис як муовинашро, ки ихтисоси инженерӣ дошт, ба корҳои бинокорӣ масъул карда монда буд. Лекин ин шахс, ки номаш Мансур Салимов буд, андак танбал ва шикампарвар баромад. Зану бачаҳояш дар Қӯлоб, бинобар он як пояш ҳамеша дар шаҳр. Аммо ху-

даш одами бад не, мутахассиси нағз, кораширо медонад. Ӯро аз шахр кӯчонида овардан, андак чунбонда мондан лозим. Охир, як худи раис аз ӯҳдаи ин ҳама кор баромада наметавонад.

Мошинаи раис ба ҳавлии гараж омада даромад. Хайрият ки раис пеш аз ҳама ҳамин гаражи калон ва даркориро сохт. Ҳамаи мошинаҳо, трактороҳо, комбайнҳо дар зери айвонҳо ва биноҳои махсус нигоҳ дошта мешаванд. Дар гараж устохона, асбобу ускунаю дастгоҳҳо мавҷуд аст. Азбаски кори деҳқонӣ ҳоло бе техника намешавад, раис ҳар пагоҳ ҳаман сардорҳои корро ба идораи ҳамин гараж ҷамъ мекунад ва ба талаботи ҳамаи бригадирҳо ва сардорони кор дарҳол, дар ҳамин ҷояш ҷавоб мегардонад. Трактор лозим аст, мошина лозим аст, комбайн лозим аст, дарҳол ба мудири гараж мефармояд, вай иҷро мекунад.

Раис аз мошина фуромаду дар иҳотаи сардорони кори колхоз ба идораи гараж даромад.

3

Мирҳайдар маҷлиси пагоҳирӯзии худро бо сардорони кор ба охир расониду аз идораи мудири гараж берун баромад. Дар рӯи ҳавлӣ ҳам мардум ӯро печонида гирифта буданд, яке илтимоси рад карда шудани худро такрор мекард, дигаре исбот карданӣ мешуд, ки барои кори имрӯзааш ду мошинаю як трактор камӣ мекунад ва ҳоказо... Раис ба ҳар кадоми онҳо ҷавоби кофӣ дода ба пеши мошинааш расид ва ба муовинҳояш нигариста гуфт:

— Ман ба райком меравам, андак корам хаст, пас аз як соат бармегардам...

— Рафиқ Сангинов дар ҳамин ҷо, дар идора ба шумо мунтазиранд! — гуфт шофёр.

— Кай омад?

— Як ним соат шуд.

— Чаро ба ман хабар надодед?

— Худашон гуфтанд, ки ба маҷлиси шумо халал надиҳем. Мунтазир мешаванд.

— Ин тавр бошад, ба идора ҳай кун!

Дар идора Сангинов бо сарбухгалтер сӯҳбат карда баъзе рақамҳо ва даромадҳои пулии колхозчиёнро на-

вишта мегирифт. Омадани раисро дида аз ҷо бархосту блакноташро ба киса андохт ва бо раис вохӯрӣ кард.

Вай марде буд миёнақад, на фарбеҳ, на лоғар, дарозрӯ, бо чашму абрувони сиёҳ, бо симои базеб ва дилкаш, ҷиддӣ ва овозғафс.

— Маҷлис тамом шуд? — пурсид вай аз раис.

— Маҷлисҳон мо тамомӣ надоранд, — гуфт раис бо табассум. — Чаро хабар надодӣ, ман хеста меомадам.

— Ҳоҷат набуд. Ман дар ин ҷо бекор наистодаам. Рафиқ бухгалтер ба рӯи ман як дунъёи нав кушода доданд. Даромади колхозчиҳоятон ба ҷо. Ман хурсанд. Хайр, ба кабинет меравем?

— Марҳамат! — гуфт раис ва онҳо ба кабинет даромада дарро пӯшиданд.

Раис ба маснади худ нанишаста аз рӯ ба рӯи Сангинов ба сари столи маҷлисӣ қарор гирифт ва аз чойник чой кашида ба меҳмон дароз кард. Сангинов пиёлаи чойро ба даст гирифту гуфт:

— Шунидам, ки ба Душанбе рафтанӣ будаӣ, чӣ кор баромад?

— Ғами тухмии нав! — гуфт Мирҳайдар. — Агар тухми пахтаи кишт мекардагиамонро нав накунем, ҳосили баланд гирифта наметавонем. Муаллими табиатшиносии мактаби қишлоқи Гулистон — Асо Гадоев дар участкаи таҷрибавии мактаб аз ҳама рустӣ пундонаи луччакро санҷида дидааст, ки ҳам ҳосили зиёд додааст, ҳам тез пухтааст, ҳам ба ягонакунӣ эҳтиёҷ надоштааст... Инро ба ман писарам хабар дод. Ба сари кораш рафтам. Ҳеҷ нагуфт, ки тухмро аз куҷо гирифтааст ва ин корро ба вай кӣ омӯхтааст.

— Ба гумонам, вай селекционӣ ҳам мекунад? Кораш бад не.

— Бале, селекционӣ мекунад, таҷриба мекунад, лекин мегӯяд, ки то худам тамом бовар накунам ва аз тасдиқи институт нагузаронам ба ҳеҷ кас чизе дода ва гуфта наметавонам. Ҳамин қадар кардам, ки ба мо ҳам камтар аз ҳамон пундонаи луччак дода ист, мо ҳам таҷриба кунем, мегӯяд, ки мумкин не, тухмиҳон районӣ кардашударо коштан гиред! Бинобар он ба Душанбе, ба назди президенти Академия рафта илтимос кардан мехоҳам, ки ҳамон олими пундонаи луччак ёфта баровардагиро ба ман шинос кунад.

— Ман мешиносам, — гуфт Сангинов. — Аз пундонаи луччак ҳам хабар дорам.

— Аммо ба ман нагуфтед!

— Ҳоло камтар вақт ҳаст. Пундонаи луччак бояд дар ҳамин солҳои наздик аз таҷриба гузарад ва райони карда шавад. Лекин то ба он дам ман ҳақ надорам, ки дар бораи он сухан кунам. Ту ҳам, Мирҳайдар саросема нашав, мон ки худи олим корашро ба охир расонад. Мо ба ту имсол навъи 108-Ф медиҳем, ки хеле хосилхез аст ва ба касалиҳо тобовар аст.

— Медонам, навъи хуб мегӯянд. Хуб, ниро мекорем, бо пундонаи луччак ҳам як-ду гектар кошта мебинем. Қаиӣ худам таҷриба карда бинам.

— Аз селекционерҳо мегузаронам, гӯй!

— Чӣ кор кунам, ба мамлакат пахтаи бисьёр додан зарур аст.

— Хайр, ихтиёрат! — гуфт ниҳоят Сангинов ва ба масъалаи дигар гузашт: — Ман шунидам, ки дар парки трактории ту қариб дах трактор бекор истода мондаанд?

— Даҳто не, ҳашт трактор, — гуфт ранс. —Шашто дар Нозимтой, дуто дар участкаи якум, ки сардораш Билолов аст.

— Билолов одами боғайрат буд-ку?

— Ғайрататаш ба худаш, — гуфт ранс. — Ба кори колхоз ғамхор не. Агар дар сари вақт моро хабардор мекард, трактерҳоро аллакай ремонт мекардем.

— Хайр, ҳозир ҳам сари барвақт, чаро ремонт намекунед?

— Инженерҳо меган, ки қисмҳои захирагӣ намерасад.

— Гап ба қисмҳои захирагӣ ҳам не, — гуфт Сангинов диққати рансро ба худ кашида. — Одамҳо донистакор не! Бо техника дониста, ғамхорона муомила намекунанд. Агар садбор ремонт кунию садто қисми захирагӣ диҳӣ, то дониста кор накунанд, ду пул! Ба ту маслиҳат ҳамин: худат ба Нозимтой рав, одамҳоро ҷамъ карда фаҳмон, ки бо техника дониста муомила кунанд; баъд гӯй ки агар ҳамин ҳафта шудгори тираторро ба анҷом нарасонанд, аз ҳосили соли оянда умедашонро кананд!

— Нияти худам ҳам ҳамин буд, — гуфт ранс. — Медонам ки ғалла ҳам даркор аст. Лекин ту аз зери замин

бошад ҳам барои трактерҳои мо ину он ёфта медиҳӣ! Ман одам мефиристонам. Чизи бисьёр не. Як чандто шиштерна меган, чӣ меган, се чаҳорто прокладка ва надонам боз чиҳо...

— Ман ба ту идораи селхозтехника ҳастам, ё чӣ? — гуфт котиб. — Одамата ба ҷои даркорӣ фиристон, ёфта биёраду трактерҳоро ба кор андоз!

— Ҳамин-қа (ҳамин қадар) шуда кӣ будани туро надонистам-чӣ?!— гуфт ранс бо табассум.— Агар ба он гарданғафсҳои селхозтехника зӯри ту нарасад, зӯри ман намерасад. Як даҳои гуфта мон, он тарафашро худам медонам.

— Хайр, заминҳоро аз ғӯзапоя тоза кардед?

— Тоза кардем ҳисоб! Агар борон халал намедод шудгор ҳам ба охир мерасид. Аз мо парво накунӣ ҳам мешавад. Қори техника ва кори замин ба одам вобаста аст, одам чора меёбад, лекин кори одам, кори муомила бо одам мушкил аст...

Сангинов, ки одами рамузфаҳм буд ва донист, ки аз ин гапаш мақсади ранс чист, вале сир бой надода хомӯш истод, то ки худи ранс гап сар кунад.

— Ман ба пеши ту маслиҳат рафтанӣ будам,— гуфт ранс андешамандона.— Намедонам бо ин мардуми дарунсиёҳ, бо ин иғвогарон чӣ кор кунам.

— Киҳо, чӣ кор кардаанд, боз чӣ иғво?

— Дар ҳаққи котиби ташкилоти партиявии колхоз — Азиз ва Зулфия бӯҳтону иғво паҳн карда гаштаанд.

— Медонам, шунидам!— гуфт ба таври чиддӣ ба рӯи ранс нигоҳ карда Сангинов.— Як боиси ба ин ҷо омадани ман ҳамин масъала буд, ки худат гуфтӣ. Ин хуб нест. Ин овозаҳо нафақат ба Азизу Зулфия, балки ба мардуми колхоз, ба обрӯю эътибори колхоз иснод меорад. Ин масъаларо зудтар яктарафа кардан лозим.

— Чӣ хел?— бехаёлона пурсид ранс.

— Чӣ хел мешуд?— гуфт Сангинов ва аз ҷо бархоста ба рӯи кабинет каме қадам заду гуфт:— Наход, ки Азизу Зулфия барои сафед кардани худ чорае надоранд?

— Доранд, шоҳидҳо доранд, одамони ба эътибор, коммунистон гувоҳӣ медиҳанд, ки ин овозаҳо дурӯғ ва бӯҳтон аст.

— Ин тавр бошад, маҷлиси коммунистҳоро ҷеғ занед, масъаларо муҳокима кунед, Азизу Зулфияро аз

ин бӯҳтон халос кунед! Баъд қарори маҷлисро ба мо фиристонед. Боварӣ дорам, ки пас аз маҷлис даҳони мардуми гапчин пӯшида мешавад.

— Дуруст аст!— гуфт раис озодона нафас гирифта, — Ҳамин тавр мекунем.

4

Ҳавлии Азиз дар тарафи боло, дар қишлоқи Санги Сафед буд. Ин қишлоқ яке аз қишлоқҳои қадимаи ин атроф буда, нисбатан ба ҷои ҳамвор, дар доманаи теппаҳои баланд, ки мисли девор дар ғарби қишлоқ ҷо гирифта буданд ва «Санги сафед» номида мешуданд, воқеъ гашта буд. Падари Азиз ҳамин қишлокро хуш карда, аз як канори он, дар қарибии ҷӯи калон, ки як осиё об мегузашт ба худ ҳавлию ҷо сохта буд. Он вақтҳо қишлоқ намуди имрӯзаашро надошт. Кӯчаҳо каҷҷу килеб, пурчангу пурлой буданд. Аз ҳаман ҳавлиҳо об намегузашт. Радио набуд, телефон набуд, мактаб набуд.

Раҳматӣ падари Азиз даводав карда, то ба худи маркази район муроҷиат карда радио, телефон оварониид; бо ёрии колхоз ва маориф мактаб созонд — мактаби якқабатаи хонаҳояш на чандон баланд, вале бо синфҳои васеъ, бо тирезаҳои рангин... Муаллимҳо ва талабаҳо ба он пири хирадманд миннатдориҳо карда буданд. Баъд роҳ созонд. Аз миёна ва канорҳои қишлоқ роҳҳои рост баровард, ки аз ду тарафашон ҷӯйҳо дошданд ва ба он роҳҳо шағал резонд. Бинобар он марди қишлоқ кӯчаеро, ки ҳавлии Азизино дар он буд, ба номи созандаи он монда, «Кӯчаи Маҳкамов», номиданд. Инак дар кӯчаи «Маҳкамов» ҳавлии Азиз воқеъ гашта буд, ки дарвозахонаи калон дошт.

Ҳоло дар ин ҳавлии васеъ, хушҳаво ва серхонаю дар Азиз бо зан ва се фарзандаш, додари Азиз (Муроджон, ки ҳоло дар Душанбе мехонад) бо як писару зани ҷавонаш ва модари Азиз зиндагӣ мекарданд. Азизи серкор фақат шабҳо омада мехобиду саҳари барвақт баромада мерафт. Дар ҳавлӣ рӯзгору тарбияи кӯдаконро ду дағеҷ (авсун) ва кампири шаступанҷсола ба ҷо меоварданд. Кӯдакони ин хонадон ҳанӯз хурд буданд, фақат як писари калонии Азиз мактабрав шуда буд.

Он рӯзе, ки мо дар садади тасвираш ҳастем, дағеҷи

хурди (яъне зани Муродҷон), ки номаш Занҷира буд, барои равған овардан ба ҷувозхона рафта буд. Ҷувозхонаи нав аз ҳавлии онҳо чандон дур набуд. Ин ҷувозхонаро «нав» мегӯем барои он, ки бо об мегашт ва тарзи равғанбарории он тамоман дигар хел буд. Дар ҷувозҳои қадимӣ сутуни ғафсеро, ки ба кундаи ҷувоз мешинонданд, асп, ё шутур мегардонид ва сутун бо вазни санге, ки ба он овезон буд, пундона, ё зағирро фушурда равғанашро мебароварда ва муддати зиёд, меҳнати зиёд, ташвиши зиёд лозим буд, ки чанд каду равған ва як калла кунҷола бигиранд. Ҳоло об чарҳҳоро мегардонад ва болғаҳои фӯлодии механикӣ зағирро кӯфта равған мебарорад.

Занҷира мувофиқи санаде, ки аз бухгалтерияи колхоз гирифта буд, як каду равғани зағир гирифту аз ҷувозхона берун баромад. Рӯз аз нисф гузашта буд. Офтоби ба сӯи ғарб моилшудаи тирамоҳ ба кас мефорид. Занҷира, ки деҳқондухтар буд, табиатро дӯст медошт ва аз ин рӯзи хуррами охирҳои тирамоҳ баҳра бурда, чашмаш ба баргҳои заҳиргаштаи дарахтон банд, роҳ мерафт, ки аз рӯбарӯяш зани Ғулом — Ноҷӣ омада баромад. Занҷира ӯро медонист, як вақтҳо дар мактаби қишлоқ ҳамроҳ хонда буданд. Лекин Ноҷӣ мактабро тамом накарда ба шавҳар баромада рафт. Азбаски шавҳараш дар Нозимтой буд, ба қишлоқи Санги Сафед кам меомад. Ҳоло аз ин воҳӯрӣ ҳам гӯё хурсанд шуданд ва ба гап сар карданд...

— Салом, хоҳарҷони ширин!— гуфт аввал Ноҷӣ, ки аз Занҷира чандин сол калон буд.— Читур астӣ? Саломатӣ? Хонадонат ҳама сиҳат ва саломатанд? Писарча калон шудай?

— Шукр, шукр,— гуфт Занҷира.— Худат читур астӣ? Моро ҳеҷ ёд намекунӣ?! Совсем (тамом) адирӣ шуда рафтӣ!

— Чӣ кунам хоҳарҷон, зиндагӣ, хонаю ҷо, шӯи девона...

— Худо накунад, ба чӣ девона будааст! Бригади номдор!

— Э, бригадиреш ҳам аз сараш монад,— ба шикоят сар кард Ноҷӣ.— мардакҳо ҳамекаш девона шудагӣ? Мо занҳо сарамонкатӣ чоҳ канем ҳам, ба назар намегиранд. Хӯрок андак дер кунад, ту ганда! Хона дар вақташ норӯфта монад, ту ганда! Ба меҳмон дуруст

хизмат накардӣ, ту ганда! Худашон кайфу сафое доранд. Бо ҳар кас ки хоҳанд, мегарданд, бо ҳар кас ки хоҳанд, айшу нӯш доранд... Агар гап зани, ту ганда!

— Ғулом-акем одами бад не,— гуфт Занчира ба Ноҷӣ тасаллӣ дода.— Ман ягон гапашонро нашунидаам, ҳеҷ кас ҳам ганда намегӯяд, ҳама таъриф мекунанд, бо кору борашон овора? Қорашон ҳам осон не. Бригадири ғаллакор... ду чашмаш дар осмон; борон шаваду ғалла рӯяд, дасташ боло, димоғаш чоқ, борон нашавад, ғалла нарӯяд, ҷонаш дар азоб, чунки аз вай метарсанд.

— Хайр, кораш ҳам гӯр шавад,— гуфт Ноҷӣ ба мақсади пинҳони худ наздик шуда.— Мешунавам, ки котабозӣ дорад...

— Не, не, не!— гуфт дарҳол Занчира.— Ин гап ба ҳаққи Ғулом-акем тӯҳмат!

— Тӯҳмат не, рост!— гуфт Ноҷӣ таъкид карда.— Ягон мард нест, ки котабозӣ накунад. Зани худаш ҳазор хушрӯй, парисоди боғи прам бошад ҳам, боз ана вай сурхимолу ғозамолҳо, ана вай атрпошу кикирросиҳо маъқул. Медонӣ чӣ, ба авсунат нагӯй, ки хафа мешавад. Шавҳараш Азиз ба адири мо худаш танҳо намеояд. Доим ҳамроҳаш ана вай Зулфияи фиребгар! Вай фиребгарӣ, хандаю бозӣ карда ном бароварду, қаҳрамон шуд, ба раис муовин шуд. Акнун дилхоҳашкатӣ гашта, дунъёро месӯзонад, шӯ намекунад!

— Э, ин гап рост будааст-дия?— гуфт ин дафъа Занчира ҳам.— Ба гӯши ман ҳам ин гап расида буд...

— Ба гӯши ту расида бошад,— гуфт Ноҷӣ,— ман ба чашми худам дидам. Он хафта борони сахт пашуд? Ана ҳамон шаб Азизу Зулфия ба даруни мошин, дар адирҳо банд шуда мондаанд. Агар ягон корат набошад, он вақти шаб, дар борони сел дар паси теппаҳо чӣ мекунӣ? Ғулом-акет бо трактор кор карда истода будааст, дида монда ба хона таклиф кунад, наомадаанд. Рӯзи дигар саҳаркатӣ, бинам, ҳар ду даст ба даст гирифтагӣ шодон гаштаанд, гӯё, ки ба дидани говдӯшҳо омада бошанд!? Элак баҳонаю дидор ғанимат!

— Бо чашми худат дидӣ!

— Ана бисмилло ки дурӯғ гӯям!— гуфт Ноҷӣ.— Аз кирдори онҳо ҳаман занҳои қишлоқи мо, мӯсафедҳо оташин шуданд, ба раис арз карданӣ шуданд. Боз ту мегӯй, ки мардҳо нағз! Ана як марди нағз Азизи шумо!

— Муовин-раис, котиби ташкилоти партиявии колхоз!

— Ҳая! Гӯё ки падари ҳаман мардуми колхоз, ки ҳамин тавр кунад, аз дигарон чӣ гила! Хайр, хафа нашав, хоҳаракам, ҳаман мардҳо ҳамин хел. Пиртар ки шуданд, сарашон ба девор мерасаду мусулмон мешаванд... Бо ту гап зада монда, аз автобус мондам-чӣ? Илоҳӣ гузашта нарафта бошад! Хайр, саломат бош, ба хонаҳон мо биё? Тирамохи адир ҳам нағз!

Ноҷӣ Занчираро ба шигифт ва ҳайрат мононда, зуд ба роҳ даромаду аз назар ғоиб шуд. Занчира бо фикру хаёл каме истоду баъд аз замин кадуи равғанро бардошта ба сӯи ҳавлӣ равон гашт. Вай Азизро дӯст намедошт. Зеро ки Азиз шавҳарашро ба мукобилати ӯ аҳамият надода ба хондан, ба шаҳри Душанбе фиристода буд. Азиз обрӯю иззат дошт, ном бароварда буд, аммо шавҳари ӯ ҳоло ҳеҷ буд, мехонд ва нигарони дасти бародар буд. Ҳасад мебурд, ки чаро вай ба ҷои Гулмоҳ зани Азиз нашудааст! Агар вай зани Азиз мебуд, аввалаш ин ки наметонд бо касе гардад, баъд аз мансаби вай хуб истифода мебурд, назараш ҳеҷ касро намегирифт, қанду набот хӯрда мегашт. Аммо ин Гулмоҳи «фисмиқ», ба ғайр аз хизмати шавҳар, хизмати модаршӯй, хизмати бачаҳо дигар чизро намедонад;пиёда мегардад, мошини шавҳарашро чеғ намезанад, одамҳоро оварда кор намефармояд... Кӯча рафтан, ягон чиз харидан лозим бошад, ба вай, ба Занчира мефармояд. Мулоим-мулоим ба гӯшту пӯсти модаршӯй даромада гирифта эркан хонадон шудааст. Ана хуб шуд, ки Азиз ҷазои вайро додааст, бо Зулфия қатӣ шуда кайф карда гаштааст...

Бо чунин фикру андешаҳо ба ҳавлӣ расида мондани худро надонист. Дар рӯи ҳавлӣ ба Гулмоҳ воҳӯрд, ки писарашро хӯронда, пӯшонда ба мактаб гусел мекард.

— Ҳа, ин қадар дер кардед, дағеҷ?— пурсид Гулмоҳ.— Равған тайёр набуд-чӣ?

— Не, равған тайёр буд,— гуфт Занчира,— дар роҳ Ноҷӣ — зани Ғулом-бригадирро дида гапзанон мондем...

Гулмоҳ дарҳол донист, ки авсунаш бо Ноҷии серғап аз паси ҳама ғайбат карда, ҷоғаш тафсида дер мондагӣ. Бинобар он дигар чизе напурсида аз дасти Занчира кадуро гирифту гуфт:

— Асбоби кабобро реза карда мондам, якка равған намерасид. Акнун зудтар хӯрок пазем, ки ҳам худамон, ҳам модар гушна мондаги...

Ба Занҷира алам кард, ки авсунаш ақаллан намепурсад, ки бо Ноҷӣ дар бораи чӣ гуфтушунид кардед. Бинобар он намоишкорона тобхӯрда баргашту ба хонаи модаршӯяш даромад.

Қампир дар назди тиреза, ба болои курсича похояшро дароз карда нишаста, дар чашм айнак дарз медӯхт. Вай бо вуҷуди куҳансолии худ, ба чашм хеле бардам ва нисбат ба синну солаш ҷавонтар менамуд. Дар ҳақиқат ягона дарди вай дарди по буд, дигар дарде надошт. Ҳарду зонуяш дард мекарданд. Агар дар як ҷо нишаста монад, базудӣ хеста қомат рост карда наметавонист. Бинобар он дар хонаи худаш ҳам, агар дарзе дӯхтанӣ бошад, ба рӯи курсӣ менишаст.

— Ҳа, келинҷон,— гуфт вай, аз дар бо қавоқи гирифта даромадани Занҷираро дида.— Равған гирифта овардед?

— Овардам!— гуфт сахт карда Занҷира ва каме истода илова намуд:— Келини дӯстдоратон аз дастам гирифтанд.

Қампир зери лаб табассуме карду хомӯш монд ва ба дарздӯзии худ давом дод. Занҷира ба рӯ ба рӯи модаршӯяш омада нишасту гуфт:

— Аҷаб келин кардед шумо! Азиз-акем бедарак гашту галак намекардаанд. Аз зан ки наосуд, мард ба бегона мерафтааст.

— Келинҷон,— гуфт кампир аз болои айнак ба Занҷира нигоҳ карда.— Авсунҳо чӣ қадаре ки ғиррупис кунед, чӣ қадаре ки гапгузаронак кунед, майлатону, лекин ба писари ман, ба Азизи ман нарасед, ки хафа мекунам! Азизи ман поктарини бачаҳоям, ҳеҷ ғиллу ғаш надорад!

— Агар пок бошанд, бо Зулфия-бону дар адирҳо даст ба даст гирифта мегарданд, дар як хона мехобанд!?

— Ин гапи дурӯғ ва бӯҳтонро аз кӣ шунидӣ?

— Зани Ғулом бригад — Ноҷӣ бо чашми худаш дидааст!

— Вай дурӯғгӯ ба ту гуфту ту ҳам бовар карда ба ман мегӯй!— гуфт бо қаҳр кампир.— Аз худо наметарсӣ, аз бандаи худо шарм намекунӣ!

— Ба ман чӣ дӯғ мезанед!— гуфт Занҷира ҳам овоз баланд карда.— Ман шунидагемро гуфтам. Бовар накунед, ана аз худи Ноҷӣ ва дигарон пурсед!

— Равшан будани офтобро аз кас пурсида намедонанд! Ту, охир...

Дар ин дам Гулмоҳ аз дар даромада омад.

— Бо ин кас ҷанҷол накунед, бибиҷон!— гуфт вай.— Хабари овардагии ин кас ба як пули пучак намеарзад! Ман ин гапҳоро ду рӯз пеш шунида будам, ханда кардаму гӯяндаро алашақ-шақа номидам ва дар ҷояш шах карда омадам. Фаромӯш кардам, ҳатто ба шумо нагуфтам...

— Хайр, ин гапҳо дурӯғ!— гуфт Занҷира.— Ин гапҳо дурӯғ ва бӯҳтон! Лекин мо хап гаштан мегирем?! Мемонем, ки баъзеҳо дар кӯчаю бозорҳо гап-гап карда, ғайбати хонадони моро карда гарданд!? Ба Азиз-акем тӯҳмат зада, он касро ба назари мардум сиёҳ кунанд?! Ин нағз не!

— Дарвозаи шаҳрро баста метавонӣ, лекин даҳони бадгӯйро не!— гуфт кампир.

— Даҳони бадгӯёнро ҳам мебандем!— гуфт худбоварона Гулмоҳ.— Ман Зулфияро нағз медонам, ки духтари ҳалолу пок аст, лекин шӯху бебок аст, аз ҳеҷ кас наметарсад, гапи ҳақро гуфтан мегирад. Шавҳари худамро ҳам медонам. Ману Азиз аҳду паймон дорем ва ба ин аҳду паймонамон то ба мурдан истодагӣ мекунем. Даҳони бадгӯёнро ман худам мебандам! Бо Зулфия ҳамроҳ коре кунем, ки ҳама ҳайрон монанд...

Ин суханони далерона на ин ки Занҷираро, балки кампирро ҳам ҳайрону моту мабҳут намуд.

* * *

Қариб офтобшинами рӯзи тирамоҳ буд, ки подаи қишлоқ аз чаро баргашт. Дар кӯчаи қишлоқ ҳангомае бархоста буд. Бачаҳои бисьёре ба пешвози пода баромада қию чу мекарданд, гӯсолаҳо аз паси очаҳояшон давида маъос мезаданд, баррачагон ба-ба мегуфтанд, бузу бузғолагон аз онҳо монданӣ намекарданд...

Қолхозчиён корҳои саҳроро ба охир расонида бармегаштанд. Як қисм ҷавонҳо-писарон ва духтарони қадрас либосҳои хушобуранг дар бар карда, ду-ду, тӯда-тӯда ба сӯи маркази колхоз, ба сӯи ягона бинои кинотеатр мерафтанд, ки барвақттар билет харида ҷо ги-

ранд. Ҳаво он рӯз аз муқаррарӣ гармтар, осмон аз абр холӣ, шамол сокит буд.

Гулмоҳ ҳам куртаи гулбахмали рангаро дар бар карда, ба сар аз болои тоқии гулдӯзӣ рӯмоли фарангии зарторро кӯлобича баста, ба чашм сурма кашида, ба сару рӯ атр пошида, дар по туфлии «американӣ» хушдӯхт ба кӯча баромад. Вай хурсанду мамнун аз ҳаёт ба назар менамуд, дар лабонаш табассуми зебое гул карда меистод. Манзараи онсоатаи қишлоқ, қи-чуи бачагон, сурудхонии подабонон, ма-маи гову гӯсфандон ба ӯ мефориданд. Вай завқ мекарду баъзе аз кӯдакони шиносро дошта мебӯсид, аз сумкааш ба онҳо қандфит гирифта медод. Ба калонсолҳо бо тавозӯъ салом медод. Баъзе аз кампироне, ки дар дами дарвозаашон молашонро понда истода, ба ӯ суол диҳанд, бо хушнудӣ ҷавоб медод, ки имшаб бо шавҳараш ба тамошои кино меравад, ҳоло шавҳараш билет харида, дар пеши кино ба вай интизор истодааст...

Ин тавр ҷавобро аз вай шунида ва ҳолати хурсандии ӯро дида, баъзе аз занҳои сергапи қишлоқ ҳайрон мемонданд. Аҷабо, ба ин зан чӣ шудааст. Наход, ки дар боран бадрафтории шавҳараш чизе нашунида бошад. Наход, ки ба гапи ҳаман занҳо туф карда, домани шарҳашро маҳкам медорад. Наход, ки боз рафта Зулфияро мебинад ва ғайра ва ҳоказо... Ҳатто якто-дутои аз он сергап ва моҷароҷӯйҳо зуд ба хона даромада либос иваз карда баромаданду дур-дур аз қафои Гулмоҳ мерафтанд, ки бо чашми худ бинанд, бо гӯши худ шунаванд... Шояд дар пеши кино дар байни зану шӯ ва Зулфия ягон ҷангу ҷанҷол хезад; шояд Гулмоҳ барои ҳардуи онҳоро бо ҳам якҷоя доштан ва ҷазо додан рафта истода бошад...

Аммо Гулмоҳ аз ин фитнаю фасодҳо бехабар, ба табъи хушу хуррам қадам мениход, аз зиндагии хушбахтонаи худ мамнун ба сӯи кино мерафт. Вай ба худ аҳд карда буд, ки худи ҳамин бегоҳ даҳони мардуми сергапро мебандад, Зулфия ва шавҳари дӯстдорашро аз таънаҳои бесадои мардум наҷот медиҳад.

Дар роҳ ду-се нафар аз духтарони шӯхи қишлоқ ба ӯ пайвастанд:

— Ҳа, апаҷони ширин, ба кучо?— мепурсиданд онҳо.

— Ба кино, ба тамошои кино меравам,— мегуфт Гулмоҳ.— Азизакетон хабар дода буданд, имшаб як тамошои аҷоиб мешудааст.

— Ба мо билет мерасида бошад?

— Барвақттар равем, мерасад албатта,— ҷавоб дод Гулмоҳ.

— Охир, дар ҳамин Санги Сафеди мо ҳам кино мешуд!

— Охир, колхозамон ягон киноп калонтар созад, намешавад?!

— Ҳая, рост мегӯй, дугонаҷон, пули колхоз бисьёр!

— Акнун зимистон шабҳо дароз мешанд, чӣ, мо дар хона шишта афсонаи кампиронро шунавем?

Бо ҳаман ин эродҳои ҳаққонӣ Гулмоҳ чун ҳамсари котиби ташкилоти партиявии қишлоқ ҷавоб медод:

— Азиз-акетон гуфтанд, дар қарибӣ як иморати калони хонаи маданият месохтаанд, идораи колхоз ҳам дар ҳамон ҷо мешудааст. Боз ҳаммом месохтаанд. Ба ҳаман ин пул ҷудо шудааст...

— Қошкӣ, кошкӣ, мегуфтанд духтарон.— Дар колхози «Ленин»-и райони Пролетар аз духтарҳо бригади бинокорӣ сохтаанд. Духтарҳо чунон кор мекунанд, ки раведу тамошо кунед!

— Мо ҳам карда метавонем!

— Мо ҳам андовагар, гилкор шуда метавонем!

— Офарин, духтарони бағайрат,— мегуфт Гулмоҳ.— Ман ба акаи Азизатон мегӯям, дар колхози мо ҳам бригади духтарони бинокор созанд.

Ҳамин тавр сӯҳбаткунон ба маркази колхоз расида монданашонро надонистанд. Гулмоҳ ба пеши кино нарафта, аввал ба идораи колхоз даромад.

— Ман ака Азизатонро бинам!— гуфт ба духтарҳо, аммо ба назди Зулфия рафта даромад.

Зулфия, гӯё ба вай интизор бошад, ба пешвозаш бархосту салому алайк ва пурсупос намуда, ӯро ба рӯи диван шинонид.

— Худди валӣ барин шумо, апаҷон!— гуфт Зулфия ба Гулмоҳ хитоб карда.— Худам ҳам ба дидани шумо қанот баста будам.

— Дилро ба дил роҳ ҳаст, мегӯянд қадимиҳо,— гуфт Гулмоҳ.— Ҳамин рӯз авсунам аз кӯча, аз даҳони бадхоҳон гапҳон бехуда шунида омаду ману кампирро хафа кард. Ман гуфтам, ки сабр карда истед, ману Зул-

фия чунон кунем, ки ҳама забонашонро дар даҳонашон газида монанд.

— Кадом бадхоҳро дида бошад!— пурсид Зулфия.

— Зани Ғулом-чинниро,— гуфт Гулмоҳ.— Аз вай кай гапи нағз мебаромад, ки ҳозир барояд!

— Аз ин гапҳо ман наметарсам ва парвое надорам, апаҷон!— гуфт Зулфия,— чунки медонам, шумо ба ман ва ба ака Азиз бовар доред, маро медонед. Лекин ба ака Азиз нағз нашуд.

— Ҳеҷ гап не,— гуфт Гулмоҳ худбоварона.— Ман, ки ба шавҳарам даъво надорам ва ӯро софу пок медонам, касе ба вай тааддӣ карда наметавонад.

— Тааддӣ намекунаду...— гуфт Зулфия ва хомӯш монд.

— Ҳа, чӣ набошад?— пурсид Гулмоҳ.

— Нағз нашуд-дия — гуфт Зулфия.— Ҳам ба раис нағз нашуд, ҳам ба дигарон... Ин албатта решаи чукур дорад. Дар ин ҷо Ғулом-чинниӣ хизмати душманони ака Азизро ба ӯҳда гирифтааст.

— Ман омадам, ки имшаб ҳамроҳ ба кино равем, ба назари мардум намоем. Ту ҳам, хоҳарам, дилхохатро гӯй биёяд, ман ҳам бо ака Азизат мешавам. Ҳар чаҳорамон як ҷо мегардем, як ҷо мешинем.

Зулфия ба рӯи Гулмоҳ нигоҳ карда ҳайрон шуд. Аввалаш ин ки «дилхоҳ» доштани ӯро аз куҷо медонад, баъд ин планро чи тавр сохта баромадааст...

— Ака Азиз аз ин гап хабар дорад?

— Аз кадом гап?

— Аз кино рафтани мо?

— Не, ман ҳозир ӯро ёфта мегӯям.

— Кори аҷиб мешавад!— гуфт бо табассум Зулфия ва донист, ки Гулмоҳ ҳам аз қабили занҳои ҷасур ва тавоност.

Дар ҳақиқат пас аз соате план ва нақшаи Гулмоҳ айнан ба амал омад. Мардум диданд, ки Азиз бо занаш даст ба даст, хурсанду шод, хандону мамнун аз як сӯ; Зулфия бо «дилхоҳаш», ки Зафар, ёридиҳандаи бухгалтери колхоз, ҷавони зебо, қоматбаланд буд, аз сӯи дигар намоён гашта, дар дами бинои кино ба ҳам пайвастанд ва дӯстона сӯҳбаткунон, хандону шукуфон қатор ҷо гирифтанд.

Занҳое, ки ҳанӯз аз қишлоқи Санги Сафед аз кафои Гулмоҳ омада буданд, ҳайрону гаранг шуда монданд. Рӯзи дигар гапчинҳои қишлоқ боз ба ҳимҳима даромаданд:

— Гапҳои зани Ғулом-чинниӣ ҳаром будааст! Мо ба чашми худамон дидем. Зулфия номзад доштааст.

— Агар он гапҳо рост мешуданд, зану шӯ ин қадар меҳрубонона намегаштанд. Ҳеҷ набошад, Зулфияро бо хушдораш дида ранги Азиз меканд.

— Зафар дар ҳақиқат ба Зулфия муносиб аст!

— Азизу занаш ҳам гулу булбул барин!... ва ҳоказо ва ҳоказо...

Аммо ин чорабинҳо ранси дурандеш ва хирадмандро қаноатманд намегардонид.

5

Яке аз писарҳои раис, ки номаш Ҳабиб буд, дар мактаби қишлоқи Гулистон мехонд. Ин қишлоқ аз ҳавлии раис, ки дар қишлоқи Навобод буд, қариб шашҳафт километр дур буд. Ҳабиб ин масофаро бо велосипед таӣ мекард. Имрӯз ҳам пас аз баромада рафтани падараш ношто карду аз ҷо бархост, ки ба мактаб равад, модараш ба коғазхалтае се тухми мурғ, як порча нон ва ду себ гузошта печонида ба вай доду гуфт:

— Эҳтиёт карда велосипедатро ҳай кун, дадет бедарак гап намезанад!

— Дадем чӣ гуфтанд?— ҳайрон шуда пурсид Ҳабиб.

— Дирӯз аз ту пурсида истода буд-ку,— гуфт модар,— барои чӣ монда шуда ба велосипед ба Гулистон меравӣ, дар ҳамин қишлоқи худамон ҳам мактаб ҳаст-ку, нагуфт?

— Ҳа, вай гапи дигар буд,— гуфту Ҳабиб берун баромад.— Ман эҳтиёт мекунам, оча, ғам нахӯр!

Рӯз кайҳо сафед шуда буд. Ҳабиб велосипеди худро бо эҳтиёт ҳай карда, аз кӯчаҳои қишлоқ баромаду ба роҳи калон даромад. «Роҳи калон» ҳам чандон калон набуд, лекин шағал рехта, пахш карда шудагӣ ва рафтуояш бисьёртар буд. Дар ду ҷихати роҳ заминҳои кишти пахтаро аз чангу губори роҳ дарахтони тут, бед, санҷид ва ғайра нигоҳ медоштанд.

Бороне, ки се рӯз пеш борида буд, чанги роҳро фурӯ нишонда, барои пиёдагардон шароити хубе ба вуҷуд оварда буд. Ҳабиб аз канори роҳ велосипед ҳай карда, фикр мекард, ки дар ҳақиқат чаро падараш ди-

рӯз аз вай дар бораи мактабаш ва муаллимаш ин қадар гап пурсид. Магар ба муаллим Асо Гадоев ягон тӯҳмат кардаанд? Охир, вай барин муаллимӣ доништманд на дар ин қишлоқ ва на дар дигар ҷоҳо набудагист! Сабабгори ин қадар роҳ ҳар рӯз бо велосипед рафта омадани Ҳабиб ҳам ҳамин муаллими табиатшиноси — рафиқ Асо Гадоев аст. Вақто ки ба синф дар омада аз растанӣ, ё ки аз ҳайвонот гап мекушояд, ҳаман бачаҳо, ҳатто шӯхтарини ҳамсинфони вай сароно гӯш шуда мешинанд; ҳикояҳо ва нақлҳои ӯро ҳеҷ кас фаромӯш намекунад.

— Растаниҳо ҳам ҷон доранд,— мегуфт вай диққати талабагонро ҷалб карда.— Месабзанд, баланд мешаванд, ҳосил медиҳанд, аз худ насл мегузоранд, умр мебинанд ва дар охир мемиранд. Баъзе аз растаниҳо хатто эҳсос доранд. Як хел растанӣ ҳаст, ки баргҳояш пахн ва аз миёни баргҳояш гули сурхи ширадоре мебарорад. Вақто ки ба ин гул пашшае, занбӯре, шапалаке нишад баргҳо баҳам омада он ҷониварро менӯшонанд. Растанӣ хуни он пашша ё занбӯрро мемакаду баргҳояшро мекушояд. Ин нишонаи он аст, ки растанӣ ҷон дорад, ҳатто ҳис дорад. Бинобар он бо растанӣ чун ҷисми беҷон муомила кардан нашояд. Шоху барги онро баҳудаю беҳуда шикастан, ё помол кардан хуб не. Ман деҳқонеро медонам, ки дар боғаш дарахтҳои зиёдатӣ, шоху барги халал медодагӣ бошанд дар моҳи февраль ва аввали март мебурраду тоза мекунад. Ҳамин, ки дарахт мурҷа баст, ба он намерасад. Дарахт зинда шуд, ҷон гирифт, акнун онро буридан хуб не, мегуфт. Шумо деҳқонзодаҳо инро медонед албатта, баҳудаю беҳуда ба растанӣ чакка намешавед. Лекин дар шаҳрҳо бачаҳое ҳастанд, ки барои ду дона гелос як шохаи калонро кашида мешикананд, ба дарахт, ба растанӣ раҳм намекунанд. Агар дар шаҳру деҳоти мо дарахт ҳар чи кадар бисьёр шавад ҳамон қадар фондабахш аст. Ҳам зебо ва дилнишин, ҳам соя медиҳад, ҳам ҳаворо тоза мекунад ва ҳам мева фаровон мешавад.

Солҳои охир дар пахтазорони колхоз касалии бисьёр баде пайдо шуд. Ҳамин ки шона ба кӯрак мубаддал шуда ҷон гирифт, ҳашароте меояду кӯракро сӯрох мекунад.

— Ин канаи юнучка будааст,— гуфт ба талабагон муаллим.— Як пагоҳ дар айни ба кӯрак нишаста сӯрох

карда истоданаш дошта гирифтам ва ба марказ, ба институти тадқиқотии хоҷагии қишлоқ бурда нишон додам. Онҳо дар лабораторияҳо тафтиш карда диданд ва гуфтанд, ки ин канаи юнучка аст, ба пахта сахт зиён мерасонад. Ба мукобили он доруҳои даркориро фиристоданд, ки мо онро ба кор бурда пахтаро халос кардем...

Ҳамин тавр. Муаллим Асо Гадоев ҳам муаллим буд, ҳам таҷрибакор — селекционер. Бинобар он дарси табиёт ҳамеша бо таҷриба ва амалиёт мегузашт, ки ин ба деҳқонбачаҳо фараҳбахш буд.

Бисьёрии бачаҳо аз дарси ин муаллим баҳои чаҳору панҷ мегирифтанд. Ҳабиб бошад-ку ҳамеша баҳояш аъло! Чунки аслан худаш деҳқониро дӯст медорад, ба илова муаллим ҳам нағз мефаҳмонад.

Вақто ки Ҳабиб дар синфи панҷум, дар мактаби қишлоқи худашон мехонд, муаллим Асо Гадоев дар ними сол омада ба ҷои муаллими ба аскарӣ рафта дарси табиёт дод. Дар ним сол Ҳабиб ин муаллимро чунон дӯст дошт, ки аз вай дил канда натавонист. Тобистони ҳамон сол Асо Гадоевро ба мактаби қишлоқи Гулистон мудир ва муаллими табиёт таъин карданд. Ҳабиб ҳам аз паси вай ба мактаби қишлоқи Гулистон рафта даромад. Ана, ҳоло се сол аст, ки Ҳабиб аз вай таълим мегирад. Ҳаман бачаҳо боинтизом ва хуб шуданд, мактаб ободу хуррам гашт. Чунки Асо Гадоев кор карда метавонад, ҳаман ҳастии худро ба кори мактаб ва муаллимӣ бахшидааст. Маълум, ки агар кас кор мекунам, корамро хуб мекунам гӯяд, метавонистааст. Ҳама гап дар худи одам будааст. Асо Гадоев ҳам муаллими нағз, ҳам мудири нағз, ҳам одами нағз... Бо муаллимҳои дигар, бо талабаҳо чунон рафтор мекунад, ки кас ҳайрон мемонад. Ҳеҷ касро намеранҷонад, ба ҳеҷ кас дӯғу пӯписа намекунад, оҳиста ва мулоим гап мезанад, лекин ҷиддӣ ва пухта гап мезанад.

Муаллим Асо Гадоев на фақат табиатшинос ва селекционер буд, балки таъриху адабиётро ҳам дӯст медошт, медонист. Агар лозим шавад, ба талабагон аз адабиёти бадеӣ ва таърих мисолҳои аҷоиб меовард. Нависандагонро дӯст медошт, одами ҳақиқатан маданӣ ва ҳамадон буд. Гоҳо аз китобҳои хондагиаш ба талабагон хабар дода, тавсия менамуд, ки фалон асарро гирифта хонанд. Бинобар он як қисми талабагон ҳам китобхон шуда буданд.

Боре дар байни вай (Ҳабиб) ва як дӯсташ, ки номаш Адҳам буд, носозӣ пайдо шуд. Онҳо, ки ҷӯраҳои ҷонӣ буданд, якбора бо ҳам ногап ва қаҳри шуда монданд. Сабаби ин ҳам як китоб шуда буд. Қитоби Бруно-Ясенский — «Одам пӯсти худро иваз мекунад».

Ин китобро Адҳам дар магазини китобфурӯшии маркази район нохост дида монду якто харид — ба дуто пулаш нарасид ва бо шавқу завқ ба хондан сар карда, рӯзи дигар ба дӯсташ Ҳабиб нақл карда дод. Ҳабиб аз муаллим дар бораи ин китоб ва дар бораи Бруно Ясенский шунида буд, аз ҷӯрааш гила кард, ки чаро барои ӯ яктои дигар нахарид. Адҳам гуфт, ки пулаш нарасид, лекин имрӯз агар вақташ шавад, ба магазин рафта албатта боз якто мехарад. Ҳабиб ҳамин қадар кард, ки пули китобро гирад, Адҳам нагирифт. Ҳабиб метавонист худаш ба маркази район равад, ё ки ба шофёри падараш фармояд, ки дар вақти ба кор ба он ҷо рафтанаш, барои ӯ китоб харад... Лекин азбаски ҳавлии Адҳам ба маркази район қариб буд ва ӯ ҳам маҳз барои ҳамин муаллим Гадоев ба ин қишлоқ омада мерафт, ба вай осонтар буд, ки ба магазини китоб даромада боз якто аз он китоб харад... Рӯзи дигар, вақте ки ду рафиқ ба ҳам рӯ ба рӯ шуданд, Адҳам узр хост, ки дар ҳавлӣ кор баромада монду ба магазини китоб рафта натавонист. Рӯзи дигар Адҳам ба мактаб наомад ва рӯзи сеюм гунаҳгорона ба ҷӯрааш рӯ ба рӯ шуда гуфт, ки дар магазин китоб намондааст, тамом шудааст. Ҳабиб сабр кунад, пас аз як рӯз Адҳам китобро хонда мешавад ва ба вай медиҳад.

Инро шунида Ҳабиб қаҳр кард. Чаро аз аввал нагуфтӣ, чаро ваъда додию ичро накардӣ, ҷӯрагӣ ин тавр намешавад, ҳоказо ва ҳоказо. Адҳам истода-истода оташин шуду гуфт, ки вай хизматгори Ҳабиб не, маҷбур ҳам не, ки барои Ҳабиб шуда се километр роҳ пиёда равад. Вай писари раис не, ки велосипед ва мошина дошта бошад. Чаро худи Ҳабиб нарафт?! Ҳоказо ва ҳоказо... Шуд дар байни ду дӯст моҷаро!

Рӯзи дигар партаҳоро иваз карданд (онҳо ҳарду дар як парта менишастанд) ва бо ҳам ногап шуданд. Ин ҳолат аз назари муаллим Гадоев пинҳон намонд. Вай Ҳабибро ҷеғ зада пурсид, ки чӣ шуд, чаро ҷӯраҳо аз ҳам рӯ тофтаанд? Ҳабиб дуруст ҷавоб надод, ҳамин тавр, гапамон гурехт, гуфту монд. Адҳам асли моҷаро ро гуфта дод. Пас, муаллим Ҳабибро боз ҷеғ зада гуфт,

ки кас бо андак гап аз дӯсти ҷонӣ даст намекашад. Дӯсти ҷонӣ барои он мегӯянд, ки аз дӯсти худ ҳатто ҷонии худро дареғ намедорад. Ман медонам, ки шумо бо ҳам дӯсти ҷонӣ ҳастед, ана се сол аст, ки ман ин дӯстии шуморо дида ҳасад мебурдам ва ба ҳама таърифи шуморо мекардам. Наход, ки аз барои як китоб кас дӯсти худро ранҷонад! Саъдӣ гуфтааст, ки «Гар мутафарриқ шавад хоки ман андар ҷаҳон, бод наёрад рабуд гарди ман аз кӯи дӯст!» Дар дунъё яке аз хусусиятҳои одамгарӣ ҳамин дӯстист. Дар байни мардумон агар дӯстӣ набошад, дунъё нобуд мегардад...

Ҳабиб ки муаллимро дӯст медошт, аз ин суханони муаллим хиҷолат кашид. Узр хосту ваъда дод, ки агар Адҳам рад накунад, вай албатта боз ба ӯ дасти дӯстӣ дароз мекунад. Адҳам рад накард. Дӯстҳо ба ҳам боз иттифоқ шуданд ва дар ин байн худи муаллим як китоби Бруно Ясенскийро ёфта ба Ҳабиб доду олам гулистон шуд.

Дар натиҷаи ҳамин диққаткорӣ ва рафтори хуби муаллим дар мактаби онҳо, дар байни бачаҳо носозӣ ва душманӣ ва задухӯрд рӯ намедиҳад. Дар байни бачаҳо ҷангу ҷӯш камтар воқеъ мешавад. Агар воқеъ шавад ҳам, муаллимҳо ва сардорони синф ба миён даромада, оштӣ дода мемонданд. Бинобар он аст, ки Ҳабиб аз ин мактаб намеравад, бинобар он аст, ки велосипедсуворӣ карда бошад ҳам, ба ин мактаб омада меравад. Хайр, велосипед сувор шудан бад не, ин ҳам як гимнастика, поҳо ва дастҳои кас боқувват ва пурзӯр мешаванд. Радио ҳар вақт дар бораи велосипедронӣ ва пойгаи велосипедронон гап мезанад. Кӣ медонад, шояд ягон вақт ӯ ҳам ба ин тавр пойгаҳо иштирок кунад ва ном барорад...

Бо ҳамин хаёлҳо, Ҳабиб ба мактаб расидани худро надониста монд. Дар мактаб ҳанӯз дарсҳо сар нашуда буданд, лекин бачаҳо дар рӯи ҳавлии мактаб ҷамъ шуда меистоданд. Чӣ гап бошад, гуфт Ҳабиб ба дилаш ва аробаашро ба таи девор гузошта, ба назди бачаҳо рафт. Пеш аз ҳама ӯро Адҳам пешвоз гирифт.

— Имрӯз дарс намешудааст,— гуфт вай.— Ғузапоячиниӣ меравем, дар ҳамон ҷо муаллимҳо бо мо машғулият мегузаронидаанд.

— Аҷиб,— гуфт Ҳабиб.— Ҳам ғӯзапоя мечинем, ҳам машғулият?

— Нағз-дия,— гуфт Адҳам.— Дар як вақт ду кор, ҳатто се кор карданро омӯхтан лозим. Мегӯянд, ки Ленин ҳамин тавр будааст: Дар маҷлисҳо ҳам сухани нотиқонро мешунидааст, ҳам баъзе коғазҳои муҳимро хонда, чойҳои нодурусташро ислоҳ мекардааст, ҳам ба маърӯзачӣ суолҳо дода мемондааст.

— Вай барои ҳамин ҳам Ленин будааст!— гуфта монд Ҳабиб.

Дар ин вақт аз бинои мактаб муаллимҳо баромаданд, бачаҳо хомӯш гаштанд.

— Писарони азиз!— гуфт Асо Гадоев.— Имрӯз рапс фармудаанд, ки мо ба пахтазор баромада ғӯзапоя чинем ва ҳиссаи худамонро ба мактаб оварда монем. Ҳаво нағз, борон нест, заминҳо хушк шудаги ва аз ин дам фонда бурдан лозим. Ҳар муаллим синфи худашро мебарад. Синфи ҳаштум бо ман!

Бачаҳо синф-синф ҷудо шуданд ва бо сардории муаллимонашон ба сӯи пахтазор равон гардиданд. Ҳақиқатан ҳавои он рӯз масткунанда буд. Офтоби заррини тирамоҳ оҳиста-оҳиста аз уфуқ баланд шуда, кӯҳсору водиҳоро бо нури форами худ навозиш мекард. Ҳоло ҳамаи дарахтон барг напартофта буданд, лекин ранги баргҳо гуногун ва назаррабо шуда буданд: сабз, пистоқӣ, нофармон, ҳатто сурх шуда буданд. Ин баргҳои гуногунранг дар шӯълаи офтоб тобиш намуда, чашмҳоро мафтуни худ мекарданд. Майдонҳои кишти пахта, қисман аз ғӯзапоя холӣ, қисман гардонида шуда бо ғӯзапояҳо меистоданд. Яке аз ҳамин тавр қартаҳои гардондашуда ва ғӯзапояш чиданашударо ба мактаб дода буданд.

Дар сари замин муаллимҳо чену ҳисоб карда, ҳар кадом ба худ қисмате ҷудо карданд ва дарҳол ба кор сар карданд. Мактаббачаҳо, ки ҳама деҳқонбачаҳо ва аз хурдӣ ба ин кор омӯхта шуда буданд, эҳтиёҷ ба нишон додан надоштанд, худашон дасту остин барзада ба чидани ғӯзапоя сар карданд. Ҳаминро ҳам гуфтан лозим, ки аз байни хок ғӯзапояро канда, ҷудо карда гирифтан он қадар кори осон ва шавқовар набошад ҳам, бачаҳо ин корро ба худ шавқовар мекарданд, бо хонишу суруд, бо шӯхию ҳазлу мазоқ кор мекарданд, механдиданд ва хурсандӣ мекарданд ва бо ҳамин корро ба худ осон менамуданд.

— Машғулият кай мешавад? — гуфта Ҳабиб аз Адҳам пурсид.

— Намедонам,— гуфт Адҳам.— Шояд дар вақти дамгирӣ бошад. Муаллим Асо Гадоев гӯё, ки ин суоли бачаҳоро шунида бошад, аз як канори замин истода бо овози баланд гуфт:

— Мо як соат ғӯзапоя мечинем, баъд дам гирифта истода сӯҳбат мекунем. Ман имрӯз мехоҳам, ки ба шумо як очерки ачонбро ки нависанда ба ман ба хондан фиристодааст, ба шумо гуфта диҳам.

Бачаҳо аз ин хабар хурсанд шуда бо шавқ ба корашон давом доданд. Дар бадали як соат қариб нимаи заминии барои мактаб ҷудошударо аз ғӯзапоя тоза карданд. Баъд бачаҳо ва муаллимҳо ҳар кадом бо гурӯҳи худ ба канори замин баромаданд, давра-давра нишастанд. Дастурхонҳо партофта шуд, нону қанду чой ба миён гузошта шуд.

— Муаллим!— гуфт пас аз як пиёла чой нӯшидан Ҳабиб.— Нақл мекунам, як очерки ачонбро гуфта медиҳам, гуфта будед?

— Ҳа,— гуфт муаллим,— ваъдаро дар хотир дорам, лекин мегӯянд, ки аввал таом, вонгаҳ калом!

Бачаҳо хандиданд.

— Агар,— гуфт Ҳабиб,— ҳам таому ҳам калом шавад, бисьёр кори нағз мешавад-дия!

Ин дафъа муаллим ҳам хандид.

— Хуб, майлаш,— гуфт вай аз кисабағалнаш дастхатти нависанда фиристодагиро бароварда.— Нависанда мегӯяд, ки — ин нақли ман хаёлӣ, ё бофта набуда, воқеан ҳақиқӣ, воқеан таърихист. Бо диққат гӯш кунед!

— Майлаш,— гуфтанд бачаҳо ва ҳама тан гӯшу ҳуш шуда ба гуфтори муаллим дода шуданд.

6

— Қишлоқи Сари Арча яке аз қишлоқҳои зеботарин ва нисбатан серодамтарини аёлоти Кӯҳистон ба шумор мерафт. Қишлоқ дар баландӣ, дар доманаи теппаҳои сабзу хуррам ҷо гирифта буд. Дарахту боғзорҳояш бисьёр буданд. Хусусан тути балхӣ ва гелоси ин ҷо дар дигар ҷо ёфт намешуд. Мардум дар сари теппаҳо, дар нишебиҳои нисбатан ҳамвортар ва дар ҳар ҷое,

ки имкон бошад, заминро аз санг тоза карда, ронда, ғалла мекоштанд — ғаллаи лалмӣ. Зеро ки дар ин ҷо оби равон, дарьё ва ҷӯйҳо набуданд, чашмасорҳое буданд, ки оби онҳо фақат ба хӯрдани мардум ва нӯшидани чорпо базӯр мерасид. Тобистони ин ҷо низ нисбатан кӯтоҳ буд. Гоҳо, баъзе солҳо гандумро надаравида ҳаво вайрон мешуд, меҳнати деҳқон барбод мерафт...

Қӯҳистон зебо, хушманзара ва хушбоду ҳаво бошад ҳам, барои зиндагӣ сахт буд. Мардум аз замин дуруст ҳосил гирифта наметавонистанд. Асосан чорво, молпарварӣ ба онҳо ризқу рӯзӣ медод. Лекин дар он замоне, ки ин қисса оғоз меёбад, ҳамаи заминҳои ҳосилхез ва бисьёрии чорпои қишлоқ дар дасти бойҳо ва амалдорон буд. Мардуми меҳнатӣ ва деҳқони камзамин ба сахтӣ рӯз мегузаронид...

Пас аз вафоти падар ҳаман бори рӯзғор ба гардани Мирвалии қашшоқ афтод. Модари пир, зан ва се фарзанд — ҳама ба дасти меҳнатии ӯ нигарон монданд. Мирвалӣ камтар замини корам дошт, ки дар он ҷав, нахӯд ва наск кошта буд. Аз молу чорпо як хари пир, ду буз ва як модагов дошт. Қампир бузҳо ва модаговро ба подабон месупурд ва бегоҳӣ пешвоз гирифта онҳоро медӯшид ва аз шири андаки онҳо хӯроке пухта, бачаҳо ва калонсолонро сер мекард. Мирвалӣ аз саҳар то шом каланд дар китф дар сари замин меҳнат мекард. Мехост, ки тирамоҳ як андак ғаллаи бисьёртар ҷамъоварӣ намуда, аз қарзи мурдаи падараш халос шавад. Вақто ки ғалла пухту ҳосили фаровон расид Мирвалӣ бо зану фарзандонаш ба сари замин рафта ғалла даравиданд, хирман карданд ва баъд бо гову хар хирманкӯбӣ намуда, ҷав, нахӯд ва наскро ҷош карданд. Онгоҳ дорӯға ҳозир шуду ба чоши ғаллаи онҳо тағма гузошт ва фармуд, ки аз он ҷошҳои ғалла донае нагиранд, то ки амлокдор омада ҳаққи закоту хирочро ҷудо карда гирад, баъд ҳар чӣ ки монад, азони онҳо мешавад.

Ду рӯз гузашт, амлокдор наомад. Бачаҳо зирқ-зирқкунон нони ҷавин мехостанд. Дар хона як каф орд намонда буд. Ниҳоят рӯзи чаҳорум Мирвалӣ тоқат накард, як доман ҷав гирифта ба занаш дод, ки бурда орд кунад ва барои бачаҳо нон пазад. Дар ин дам дорӯғаи золим ҳозир шуд ва гирифта шудани ҷавро дида аз гиребони Мирвалӣ дошт, ӯро зад ва таҳқир намуд. Лекин тоқати Мирвалӣ ҳам тоқ шуда буд. Ғазабаш омад ва бо як мушт зада дорӯғаро ба замин афтонд ва ҷанд

мушту лагади дигар ҳам зада, ӯро хуншор намуд. Дорӯға аз тарси он ки мабодо Мирвалӣ ӯро кушта монад, аз ҷо ҷаҳида гурехт ва аз дур таҳдид намуд, ки ба ҳоким рафта арз мекунад,ӯро зиндон мекунонад.

Бегоҳӣ дар хонаи онҳо ғаму ғусса доман паҳн карда буд. Модар писарро сарзаниш мекард, ки бедарак бо дорӯға даст ба гиребон шудааст, аз дасти золим ҳар кор меояд... Зану бачаҳо тарафи Мирвалиро мегирифтанд, мегуфтанд, ки дорӯға ҷангро сар кард ва бедарак ғавғо бардошт.

— Акнун чӣ кор мекунӣ?— мегуфт модар.— Дорӯға аз ҳоким одам оварда туро бандӣ карда барад, ба ҳоли мо сагҳо мегирьянд.

— Ҳеҷ гап не,— мегуфт Мирвалии содда.— Ҳоким аз ман ҳам мепурсидагист. Ман ҳам забон дорам, мегӯям, ки барои як каф ҷави худамон дорӯға маро зад, ҳақорат дод.

— Эй бачаи нодон!— гуфт модар.— Қадом золим арзи бечораро пурсида буд, ки ҳокими ин ҷо пурсад. Дорӯға, амлокдор ва ҳоким ҳама як тану як ҷонанд.

Дар ин дам ба хонаи онҳо тағоии Мирвалӣ бо имоми қишлоқ даромада омаданд.

— Ман фаҳмидам, ки — гуфт тағояш, ки марди обрӯйдор ва баэътибор буд,— ту бо дорӯға ҷангидӣ, ӯро задӣ, гурезондӣ, рост аст?

— Рост, гуфт Мирвалӣ.— Аммо сабаб дорад.

— Аз ту сабабашро намепурсанд,— гуфт имом.— Задӣ, зада мешавӣ, кушта мешавӣ!..

— Ҷаноби имом рост мегӯянд,— гуфт тағо.— Ман ин касро гирифта оҷардам, ки ба ту як маслиҳати дуруст дода, ба халосии ҷонат кӯшанд, то ки худо ба мақсадашон расонад.

— Маслиҳат ҳамин ки,— гуфт имом,— худи ҳамин шаб, худи ҳозир гурехта рафта, ҷон ба саломат барад, дигар илоҷ нест!

— Ман ба куҷо мегурезам? Зану бачаҳоямро партофта ба куҷо меравам?

— Дар ҳама ҷо ҳам ҳоким ҳаст, — гуфта монд модар.

— Бо зану бачаҳоят ба поён, ба Қарамазор фуромада меравӣ!— гуфт тағо ба гапи модар аҳамият надода. — Дар он ҷо як одами бадавлат ва баэътибор будаанд, ҷаноби имом медонистаанд, ба он ҳазрат одам, дасти корӣ лозим будааст. Агар бо хатти ҷаноби имом

ту ба назди он кас равӣ, ҷон ба саломат мебарӣ. Ба давлатхонаи он кас одамони ҳоким таарруз намекардаанд.

— Рост, рост!— гуфта монд имом.

Мирвалӣ ҳайрон шуд ва чӣ кор карданашро надониста монд. Аммо занаш ва бачаҳо розӣ буданд, ки падарашон онҳоро ҳамроҳи худ гирифта ба поён фурояд, ба Қарамазор рафта ба даргоҳи ҳамон шахси баэътибор паноҳ барад, то ки аз дасти доруға ва ҳокими ин ҷо наҷот ёбад.

— Майлаш,— гуфт модар,— ту зану бачаҳоятро гирифта рав, аммо ман намеравам. Дар ҳамин ҷо ба худо таваккал карда истодан мегирам.

— Хайр, кампир нараванд, майлаш,— гуфт тағо.— Ман худам нигоҳубин мекунам. Ғаллаю молу ҳолатро ҳам худам сариштa мекунам...

Пас аз маслиҳати бисьёре қарор шуд, ки Мирвалӣ бо зану бачаҳояш поён, ба Қарамазор мефурояд. Албатта аз ватан канда шудан, гурехтан ва мусофират ихтиёр кардан, осон набуд. Лекин Мирвалӣ маҷбур шуду зану бачаҳояшро гирифта, ба болои хар баъзе як лоқу парҳояшонро гузошта, камтар хӯрокӣ, нону тутмавиз ва қурутро ба хӯрҷин андохта ба роҳ баромад.

На Мирвалӣ, на занаш ҳеҷгоҳ аз қишлоқашон канда нашуда буданд, мусофират ихтиёр карда, ба роҳи дур ва пурмашаққат нарафта буданд. Нағз, ё бад дар зодгоҳашон, дар гирди хешу табор, ёру ошно ва ҳамқишлоқиёнашон, дар оғӯши кӯҳҳои баланд, ки онҳоро модарвор бабар гирифта буданд, зиндагӣ мекарданд. Ба ҳар ҳол дилашон пур буд, ки агар афтода монанд, ба чанголи бадбахтӣ дучор гарданд, нон наёбанд, дасти дӯстон мададгорашон мегардад, замини падару ботоёён қути лоямуте расонида медиҳад, фарзандонашон тааддии касеро нашунида калон мешаванд...

Аммо акнун ба сӯе мераванд, ки на ёр ҳаст, на ёр! На хеш ҳаст, на ақрабо! Ба сӯе мераванд, ки онҳоро касе намешиносад, агар ба фалокате дучор шаванд, касе раҳму шафқат намекунад, магар дасту бозу ва меҳнати ҳалоли худашон! Фақат ҳамин қадараш ҳаст, ки аз чанголи доруғаи бемурурват, аз зулму тааддии ҳоким ва натиҷаҳои бади фалокати рӯйдода то як дараҷа наҷот меёбанд. Чи тавре ки агар дар ҷангал оташ афтад, ҷониваракон лонаҳои худро гузошта ба сӯи бе-

хатари мегурезанд, ҳоло Мирвалӣ ҳам зану фарзандонашро гирифта, гурехта истодааст.

Шаб ҳавлангез, роҳ пурпечутоб ва сахт бошад ҳам, зану шӯ аз дасти бачаҳо дошта, бо хушьёрӣ, нахобида роҳ тай карданд ва рӯзи дигар, бегоҳӣ дар як қишлоқи сари роҳ дам гирифта, фақат рӯзи сеюм ба Қарамазор расиданд. Қарамазор нисбатан дар поёнтар воқеъ шуда бошад ҳам, кӯҳистон ба шумор мерафт. Лекин обу замин ва майдонҳои киштбобаш бисьёртар буд. Мардум дар ин ҷо асосан бо киштукор ва чорвопарварӣ машғул буданд.

Он «шахси боэътибор»-е ки муллои қишлоқи Сари Арча дарак дода буд, Чӯлибой ном доштааст ва яке аз бойҳои Қарамазор ба шумор мерафтааст. Азбаски заминаш бисьёр буда, одамаш намерасид, ба ҳар кӣ аз шиносонаш таъин карда монда буд, ки аз кӯҳистон мардикорҳои арзонбаҳо ёфта ба ҳавлии вай равона кунанд. Воқеан Мирвалиро шунида имоми қишлоқ зуд ба кор даромад ва ба воситаи тағои Мирвалӣ ӯро ва оилаашро ба сӯи ҳавлии Чӯлибой фиристода аз вай ба худ миннатдорӣ гирифт.

Дар поён, дар хонадони Чӯлибой аҳволи зиндагии Мирвалӣ ва оилааш чандон хуб набуд. Фақат ҳамин қадар шуд, ки дар ин ҷо аз таъқиби доруға ва ҳоким халос шуд, вале ба меҳнати сахт ва ҷонкоҳ гирифтор гаштанд. Худи Мирвалӣ аз пагоҳ то шом дар сари заминҳои кишт кор мекард. Занаш дар хонадони Чӯлибой хизмат карда, ош мепухт, ҳавлӣ мерӯфт, ҷомашӯӣ мекард ва бегоҳ монда шуда ба кулбаи вайронае, ки барои онҳо Чӯлибой дар назди ҳавлиаш ҷудо карда дода буд, меомад. Ҳама ҷамъ мешуданд ва қути лоямуте аз зиёдатии сари дастурхони бой оварда мехӯрданд ва мехуфтанд. Ба ғайр аз ин на дилхушие, на роҳате ва на кайфияте доштанд. Як сол ба ҳамин минвол гузашт. Мирвалӣ, фарзандонаш ва занаш ба ғайр аз меҳнату кулфат чизеро намедонистанд. Писарчаи калонии вай Мирҳайдар ки бачаи хушьёр ва боғайрат буд ва бо вуҷуди хурдсолиаш то ҳадди тавонаш ба падару модараш ёрӣ медод, додараш ва хоҳарчаашро нигоҳубин мекард ва мефаҳмид, ки рӯзгор ба сари онҳо ҳамин тавр сахтӣ ва машаққатҳо бор кардааст, бояд таҳаммул намуд...

Аммо дар олам дигаргуниҳои таърихӣ ва аҷоиб рӯй дода буд. Дар Бухоро халқи меҳнаткаш қиём намуда, инқилоб карда, амири золимро аз тахт гирифта партоф-

та буданд. Амири Бухоро гурехт, ҳокимон ва амлокдорони ӯ низ аз паси ӯ рафтанд. Шӯълаи тобони инқилоб ба кӯҳистон низ тобиш намуд. Дар ин ҷо низ дигаргунӣ ва инқилоб шуд. Ҳокимони Кӯҳистон ва Қарамазор ба дигар ҷоҳо гурехтанд. Бойҳо, муллоҳои ҷоҳил ва думравони онҳо низ ба воҳима афтода, рӯ ба гурез ниҳоданд...

Чӯлибой ин овозаҳоро кайҳо шунида бошад ҳам, сир бой намедод ва мисли пештара хуни батракон ва хизматгорони худро мемакид. Лекин фиристодагони ҳоким ба ӯ хабар доданд, ки агар дар сари вақт молу давлаташро гирду ғун карда нагурезад, ба дасти большевик афтода монданаш мумкин. Бинобар он, бой аспу шутуру ароба карду зану бачаҳояшро пештар фиристод ва баъд боқимонда ҳаман молҳои қиматбаҳои худро ғун карда, ба яхдонҳо, ба сандуқҳо ва хӯрчинҳо ҷо намуда худаш ба роҳ баромад. Пеш аз рафтан Мирвалиро ба наздаш ҷеғ зада гуфт:

— Маълум шуда бошад, ки большевик омада истодааст. Ҷаноби олӣ ба Афғонистон ҳиҷрат кардаанд. Мо ҷонсупоронашон низ аз қафояшон меравем. Лекин хонаю ҷо, молу мулкамонро ба ихтиёри шумо, ба дасти шумо одамони эътимоднокамон монда меравем... Медонам, ки большевик ба шумо кор надорад. Ин ҷо ҳавлию ҷои худамон гуфта истодан гиред ва ҳушьёр бошед, ки молу ҳоли боқимондан мо талаф нашавад. Мо боз баргашта меоем. Дар он вақт агар нону намакро андеша карда ба мо вафо карда бошед, аз мо хайру некӣ мебинед, агар хиёнат кунед, пора-пора мекунам.

Мирвалӣ, ки ба ҷонаш расида буд:

— Ба мо чизи кас даркор не!— гуфт ва хомӯш монд ва дар дилаш мегуфт, ки молу давлатат саратро хӯрад.

Бой рафт. Дар андак муддат кишлоқ камодам шуда монд. Зеро овозаи хеле бад паҳн шуда буд, ки «большевики одамхӯр омада истодааст, урусҳо омада истодаанд. Онҳо ҳамаро ғорат карда мекушанд, ба номуси занону духтарон мерасанд, маҷбур мекунанд, ки гӯшти хук хӯрда, ба шайтон итоат кунед! Бинобар он, эй мардум, то ҷон доред, аз дасти большевик гурезед, ба кӯҳистон паноҳ баред, ки ба он ҷо, ба он қалъаи сангини худоофарид дасти куффор намерасад!...»

Ин овозаҳоро муллоҳои ҷоҳил паҳн мекарданд. Мардуми бехабар ба ин овозаҳо бовар мекарданд, ба воҳима афтода роҳи гурезро пеш мегирифтанд. Дар водиҳо

одам хеле ва хеле кам монд. Ҳар кӣ қудрате дошта бошад, худро ба паноҳи кӯҳҳои баланд мегирифт.

Оҳиста-оҳиста онлан Мирвалиро низ воҳима зер кард. Зеро, дар хоҷагии Чӯлибой ба ғайр аз онҳо касе намонда буд. Каму беш хӯрокворие аз бой мондагиро ҳам дар зарфи як-яку ним моҳ хӯрда тамом карданд. Дуздон ва ғоратгароне, ки пайдо шуда буданд, ду-се бор ба ҳавлии бой ҳамла оварда то хасу охирин дуздида бурданд. Дар оғил ба ғайр аз хари ланги онҳо моле намонд. Пас занак ба шавҳараш гуфт:

— Чӣ зарур ки мо дар ин ҷо менстодем? Ҳама рафтанд, мо ҳам меравем. Ба худо шукр, ки дар кӯҳистон кишлоқи худамон ҷо ба ҷо истодааст. Модар ва хешу таборамон ҳастанд!

— Рост гуфтӣ, занак!— гуфт Мирвалӣ.— Пагоҳ саҳар ба роҳ мебароем.

Писари хурдии онҳо — додари Мирҳайдар бемор буд. роҳ гашта наметавонист. Захиран хӯрокворӣ набуд ва медонистанд, ки дар роҳ низ чизе нест. Бо шиками гурусна, бемадорона, пои пиёда ба ин қадар роҳ рафта, ба кӯҳистон баромадан осон нест. Лекин ба ҳар ҳол ташвиқоти зидди большевикон, гуфтаҳои муллою эшонҳо, воҳимаи умумӣ онҳоро маҷбур кард, ки ҳама чизро фаромӯш карда ба роҳи пурмашаққат, ба роҳи дуру дароз ва пуразоб бароянд.

Ҳаман лоқу пари мавҷудаи худро — ҳаман майдачуйдан ночизонаи рӯзгорашонро ва камтар гандумбирьён ва қурутро ба хӯрҷин андохта ба болои хар бор карданд ва бачаи беморро ба даст бардошта ба роҳ баромаданд. Аввал роҳ нисбатан ҳамвортар буд. Дар сари роҳ аз меваи дарахтон баҳра мебурданд, аз замиҳҳои холӣ якто-нимто сараки гандум, ё ҷав ёбанд, сад шукр карда ба бачаҳо медоданд. Баъд роҳ тамом шуд, заминҳои кишт ба охир расид, боғу бӯстонҳо намонданд. Роҳи пурмашаққати кӯҳистон, роҳи холию пурсанг сар шуд. Хар пеш-пеш асбоби рӯзгорашонро бардошта мерафт, аз паси он модар аз дасти Мирҳайдар ва хоҳараш дошта мерафт ва аз ҳама қафо падар фарзанди бемораншро бардошта мебурд...

— Ҳамин тарика то бегоҳ роҳ гаштанд. Шабона ба даруни як ғор даромада манзил карданд ва даме осуданд. Ба хӯрдан чизе надоштанд. Бачаҳо аз гушнагӣ мегиристанд, падару модар беҳол буданд, маҷол надоштанд, ки гиёҳе, пӯсти дарахтеро ёфта хӯранд. Баракси

кор аз он роҳе, ки онҳо боло мебаромаданд, дигар касе, ҷонзоте намебаромад. Атроф аз одам холӣ буд. Фақат ҳамин оилаи гушна, бемадор ва бемор буд, ки дар доманаи кӯҳ, ба он ғор паноҳ оварда шаби торику пуразоброро ба рӯз расониданӣ мешуданд.

Аз кулфати роҳи дур ва аз сӯзи дил, ки ба сабаби бемории писарчаи хурдӣ ва нодорамӣ ва гушнагӣ кашида буд, падар хоб карда наметавонист. Оҳиста аз ҷо бархост ва берун баромад, ки аз ҳавои тоза камтар нафас гирад ва дуртар аз оҳу нолаи зану бачаҳояш фикре кунад. Дар беруни моҳи шомхӯрда баромада буд, осмон ва гирду атроф андак равшан гашта буд. Падар ба атроф синча карда дид, ки тахминан ба нимаи роҳи агба баромадаанд. Агар боз ҳамин қадари дигар бароянд, ба сари агба мерасанд. Он тарафаш нишеб ва баъд ватан сар мешавад. Насиб бошад, дар Сари Арча аз ин азобу машаққат халос мешаванд. Дар он ҷо модар, хешу акрабо хастанд, албатта ёрӣ мерасонанд... Лекин бо ин бачаи бемор, бо ин гушнагӣ ва бемадори то ба фарози кӯҳ чӣ тавр мебароянд?..

Дар ин дам дар баландии дах қадди одам, дар рӯи тепаи кӯҳ ду тагали кӯҳӣ бо ҳам ҷанге доштанд ва ҳамдигарро бо шоҳҳои зӯри худ мезаданд ва ҳар қадом кӯшиш мекард, ки рақибро кӯфта ба ҷар партояд. Лекин ҳар ду ҳам зӯр буданд ва ба зудӣ ғалаба ба даст намедаромад. Ниҳоят, ба бахти он оилаи гушна як тагал аз зарбаи сахти рақиб гарданаш шикасту аз баландӣ ба поён, ба қарибии даҳанаи ғор гурсос зада афтод. Аз он гулдур-гулдур падару модар аввал тарсиданд, гумон карданд, ки тармаи погаҳонӣ пайдо шуд. Вале нас аз хомӯшии атроф падар бодиққат нигоҳ карда нахчири кӯҳиро дид, ки дасту по мезанад ва дар садади ҷон додан аст. Мардак зуд кордашро аз ғилоф бароварду онро сар зад ва ҳалол карда ба кор сар кард. Занаш ҳам, ки аз воқеа хабар ёфт, хурсанд шуда ба ёрии шавҳараш расид ва дар бадали андак фурсат пӯсти ҳайвонро канда гирифтанд, аз гӯшту равғани он кабобе пухта, худ ва бачаҳоро аз азоби гушнагӣ раҳонданд ва нас, гӯшти боқимондаро ба даруни ғор дароварда, ниҳон карданд ва ба роҳат хобиданд.

Рӯзи дигар аз хоб бедор шуда, дасту рӯҳоро аз оби чашма шуста, боз кабоб гарм карда хӯрданд, аз болояш чой (аз алафҳои хушбӯи кӯҳӣ) дам карда нӯшиданд

ва диданд, ки писарчаи бемор чашм кушодааст ва чеҳрааш хеле равшан аст.

Зану шӯ қарор доданд, ки ба як чашми хӯрчини писарчаро ба латтапорахо печонида гузоранд ва ба дигараш як сону як даст ва камтар равғани гӯсфандро ба пӯсташ печонида гузоранд ва ба роҳ даронанд. Хеле афсӯс хӯрданд, ки ҳаман гӯшту равғани гӯсфандро гирифта наметавонанд.

Дар Сари Арча кампир пеш аз хама писарчаи беморро пурсид:

— Вай дар кучост? Чаро наменамояд?— гуфт бо ҳарос.

— Вай дар хӯрчин аст,— гуфт модар.— Холаш хуб шуд.

Кампир ба худо шукр карду бачаи беморро ба бағал гирифт.

... Аз он таърих солҳо гузашта бошад ҳам, Мирҳайдар ин воқеаро фаромӯш накарда буд. Худаш ки камгап аст, ин ҳодисаро ба ҳеҷ кас нақл намекард. Фақат ба як рафиқи наздикаш гуфта буд, ки ба мо расид.

Бале, ҳар кас саргузаште, қиссаҳои хубу баде дорад, вале ба ҳар кас гуфтан намегирад. Барои донистани асрор, кисса ва саргузаштҳои касон — роздону сирдону нуктасанҷ будан лозим, ки ин ба ҳар кунҷков муяссар намешавад. Баъд чӣ лозим, ки ба ҳар касу нокас дарди дил карда, роз гуфта, саргузашт баён кунӣ! Ин саргузаштҳо гоҳо ба худи кас лозим мешаванд. Кас фикр мекунаду гузаштаро ёд карда, ба оянда нақша мекашад...

... Пас аз ба қишлоқ баргаштан, дере нагузашту Мирвалӣ вафот кард. Тарбия ва сарабонии онла то андозае ба зиммаи Мирҳайдар гузашт. Ҳанӯз аз дасти вай кори казоне намеомад. Вай фақат ҳафтсола буд. Қори мекардагии вай подабонӣ буд. Дар қишлоқ марду уфуқ сар барназада модараш ӯро бедор мекард. Дасту рӯяшро шӯёнда, ба дасташ як дона кулча, агар тобистон бошад, камтар мева (себ ё зардолу) медоду аз худо саломатии ӯро хоста ба подабонӣ мефиристод.

Подабонҳо се кас буданд. Аз ҳама хурдтар Мирҳайдар буд. Подаро дар дамгаҳи қишлоқ ҷамъ карда ба сӯи чарогоҳ мебурданд. Чарогоҳ дар баландӣ, дар майдони нисбатан ҳамворе буд, ки аз баҳор то тирамоҳ алафаш кам намешуд. Дар як сӯи он майдон чашман обе

низ буд. Дар канори чашма дарахтони бисьёре рӯида буданд, ки дар ҳавои гарм дар сояи он дарахтон нишаста аз шилдир-шилдири об ва чаҳ-чаҳи мурғакони бисьёре лаззат гирифтан ба кас роҳат мебахшид.

Онҳо то ба қиёми офтоб, то ба гарм шудани ҳаво ҳам бозӣ мекарданд, ҳам аз молҳо бохабарӣ карда меистоданд. Гову гӯсфандон аз паси бузҳои шӯх ва пурдон гашта хуб мечариданд ва дар ниман рӯз худи онҳо ҳам соячойро мехостанд. Подабонҳо подаро ба чои соя бурда мемонданд ва медиданд, ки гову гӯсфандон чоҳои камсангро интихоб карда зуд чӯка мезаданд ва кавша карда мехобиданд. Вақто ки молҳо осуда шуданд ва сагҳои гӯшу дум бурида ҳам хушьёр дар ҳар чо ба гирди пода мехобиданд, бачаҳо аз канори чашма чои муносиберо интихоб карда менишастанд ва кулчаҳои чавин ва ё зағораҳои худро бароварда, ба об тар карда мехӯрданд. Пас, гоҳо онҳо ҳам мехобиданд, ё ки боз ба бозию шӯхӣ машғул мешуданд. Баъзан аз боғоти канори қишлоқ мевадуздӣ мекарданд ва он чанд дона зардолу ё гелоси бо сад ваҳму ҳарос дуздидашуда ба онҳо чунон ширин менамуд, ки лаззаташро дер гоҳ фаромӯш намекарданд.

Ба ростӣ, ки подабонӣ бо чӯраҳои нағз ба ғайр аз ташвишҳояш, хуррамӣ ва кайфиятҳо низ дорад. Гӯсолаҳо, барраҳо ва бузҳо, ки сер шуданд, бозиҳо мекарданд. Бозӣ ва даводави молҳоро дида бачаҳо ҳам ба шавқ меомаданд, медавиданд, гӯштин мегирифтанд, оббозӣ мекарданд....

Бегоҳ молҳоро сер ва пистонҳояшонро пури шир карда ба қишлоқ баргардонида овардан ҳам кайфияте дошт. Он маъ-маъи баррагон, моъ-моъи гӯсолагон ва баъ-баъи бузғолагон аз сад мусиқӣ зиёдатар асар дошт. Гӯё, чонваракони безабон бо онҳо хайру хуш мекарданд, мегуфтанд, ки то пагоҳ саломат монед! Пас «оши ҳалол» меоварданд. Мардуми қишлоқ навбат ба навбат, ҳар бегоҳ якчанд хонадон ҳар чӣ ки пухта бошанд, ба онҳо оварда медоданд. Подабонҳо «оши ҳалол»-ро ба хонаҳояшон мебурданд. Хоҳарон ва додаронашон ки мунтазири баргаштани онҳо мешуданд, давида омада «оши ҳалол»-ро аз дасти онҳо мерабуданд ва дар хонадон хурсандие барпо мегашт... Ҳамаи ин хуб буд, ҳамаи ин ба кас лаззат мебахшид...

Лекин гоҳо ташвишҳо ва фалокатҳои зӯр мешуд, ки

бачаҳо алами онро дер гоҳ фаромӯш намекарданд. Масалан, баъзан гамбӯсаки заҳрдор, ки онро «бӯғалак» меноманд, ба ягон гов ҳамла меовард ва пеши заҳрдори худро ба рон ва пушти ӯ мехалад. Гов тоқат накарда, думашро бардошта метозад ва чунон наъра мезанад, ки гӯшҳо кар мешаванд. Агар подабонҳо хушьёрӣ карда пеши роҳи говро надоранд ва бӯғалакро наронанд, гов ба ҳар чо ки чашмаш афтад, тозон меравад, кӯҳ намегӯяд, чар намегӯяд, худро мезанад, ё гайб зада, аз назар пинҳон шуда меравад... Онгоҳ сохиби мол подабонҳоро медорад, пайдо карда додани молашро металабад. Баъзан ба ин хел чанчолҳо қариб ҳаман аҳли қишлоқ нишрок мекарданд ва бо кӯшиши умум говро аз кучоҳо пайдо карда меоварданд.

Боре як гӯсолаи чарси баттол онҳоро хеле ғам дод. Ҳар рӯз гурехта мерафт, ҳар рӯз чустучӯ карда, базӯр ёфта меоварданд. Ниҳоят, як рӯз яке аз подабонҳо дар вақти гармии рӯз, дар вақти истироҳаташ, гӯсола гурехта наравад гуфта ба гардани гӯсола ресмон мебандад ва як нӯки ресмонро ба пои худаш баста мемонад. Вақто ки подабонписарро хоб мебарад, ба гӯсола бӯғалак ҳамла мекунад. Гӯсола мегурезад ва подабонбачаи хоболудро ба сангу хор занонда аз пасаш мебарад. Подабонбача фарьёд мекашад, дод мезанад, гӯсола нameистад. Хайрият ба сари роҳи вай буттае пайдо мешавад ва онро дошта, қарор мегирад, гӯсоларо медорад ва аз чо бармехезад...

Вай ҳафт сол подабонӣ кард. То ба он дам дар Тоҷикистон Ҳокимияти Советӣ мустаҳкам ва барқарор гашт. Ҳукумат ва Партияи Коммунистӣ ёрӣ доданд, мардум аз гушнагӣ ва нодорамӣ начот ёфта ва ба фикри боло бардоштани ҳаёту маишат даромад. Дар водиҳо колхозҳо ташкил шуданд, заминҳои бекорхобидаро ба кор андохтанд, зиндагӣ равнаку бароре тоза касб намуд...

Рӯзе ба қишлоқи онҳо як ҳайъати комиссия омада фуромаду дар бораи муҳоҷиркунӣ ташвиқотро сар кард. Аъзоҳои комиссия мегуфтанд, ки дар водӣ майдони кишт васеъ, замин ва об бисьёр, роҳҳо ҳамвор, ҳукумат асбобу олоти нави деҳқонӣ медиҳад. Ба муҳоҷирон пулу замину хонаю чо медиҳад. Ҳар кас поён фуромадан хоҳад, номашро ба комиссия нависонад.

Дар ҳақиқат дар боло, дар кӯҳистон имконияти кор

набуд, замин набуд, роҳ набуд... Дар нишебиҳо боғҳо буданд, каму беш ҷав, арзан ва ҷуворӣ мекоштанд, меҳнати бисьёре мекарданд, ҳосили кам меғундоштанд. Аммо дасти корӣ бисьёр буд. Хусусан Мирҳайдар барин ҷавонҳои бӯзбала бисьёр буданд. Агар ба дасти онҳо каланду бел дода, заминро ҷаппа кунед, гӯед, кӯҳро аз миён бардошта метавонанд. Хусусан Мирҳайдар, ки аз кӯдакӣ ба меҳнат ва кор одат карда буд, бекор истода наметавонист. Бинобар он бегоҳӣ бо модараш маслиҳат карду розигии ӯро гирифта, рӯзи дигар худро ба комиссия нависонд, муҳоҷир мешавам, гуфт.

Ҳамроҳи вай дувоздаҳ нафар ҷавонҳо ҳам номи худро доданд ва муҳоҷират ихтиёр карданд. Умуман муҳоҷират ихтиёр кардан кори осон нест! Аз ватан, аз зодгоҳи худ, ки дар он ҷо таваллуд ёфта, ба воя расида, давраи ҷавонӣ ва хурдсолии худро гузаронидаед, канда шуда, ба ҷоҳои дур, ба сарзамини ношинос рафтан мушкил аст. Ҳар кас ҳам зодгоҳе, ватане, хоки муқаддасе барои худ дорад. Ҳамон хона ё кулбае, ки ту дар он ҷо пайдо шуда, ба воя расидаӣ, ибтидои Ватани туст. Ватани бузург аз ҳамон хона, аз ҳамон кулба сар мешавад. Қас аз он хона, аз он кулба, аз он деҳа ба зудӣ ва ба осонӣ дил канда наметавонад, ҳарчанд, ки аз Ватани бузург ҷудо намешавад, ҳарчанд, ки ба ғурбат намеравад, ҳарчанд, ки мисли шоири бузург — Камоли Хуҷандӣ:

Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол
Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғариб!..

намегӯяд, вале ба ҳар ҳол дафъаи аввал, рӯзҳои аввал мушкил мешавад. Бинобар он аст, ки одамони калонсол, хусусан кӯҳансолон ва пирон аз зодгоҳашон ба зудӣ ва ба осонӣ ҷудо шуда наметавонанд. Дар он сарзамин онҳо як умри худро сарф кардаанд, падару бобоҳояшонро ба хоки он сарзамин супоридаанд, ёдгориҳои бисьёре онҳоро ба он сарзамин сахт бастааст. Лекин ҷавонҳо нисбатан осонтар сафар мекунанд, муҳоҷират ихтиёр мекунанд. Хусусан онҳое, ки дар сарзамини худ нони мехӯрдагӣ надошта бошанд, кор надошта бошанд, рӯзашон ба сахтӣ гузарад.[1]

[1] Ман дар Бухоро таваллуд шудаам. Давраи ҷавонии ман дар он ҷо гузашт ва то соли 1930 меҳнату кор кардам, ҳавлию ҷо кардам, соҳиби зану фарзанд шудам. Лекин соли 1930 ба Душанбе бо ташвиқи ёрон кӯчида омадам. Як зимистон ба зӯр истода, баҳори дигар боз Бухоро баргаштам, дигар ба Душанбе намеоям гуфта будам. Бехабар аз он ки як пиёла аз оби дарьёи Душанбе ки хӯрдед, дигар ҷудо шуда наметавонед, мегӯянд. Боз меҳри касбу кор зӯрӣ кард, мани ҳавасгори адабиёти тоҷик дар Бухоро истода натавонистам, ба Душанбе баргаштам ва ин ҷо оҳиста-оҳиста зодгоҳи дуюми ман шуд. Дар ин ҷо фарзандони бисьёр, набера ва абераҳоям ба дуньё омаданд, дар ин ҷо асарҳои бисьёре навиштам, дар ин ҷо номи нависандагиро соҳиб шудам, мукофотҳо гирифтам... Лекин ҳанӯз ҳам Бухоро гӯед, дилам гум мезанад ва ҳар бор, ки ба Бухоро равам, як кайфияти аҷиби дигаре ба ман рух медиҳад.

Ман ба Москва, ба Переделкино (Хонаи эҷодии нависандагон дар қарибии Москва) низ ҳамин тавр меҳр бастаам. Зеро ки асари калонтарини ман сегонаи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» асосан дар Переделкино ба вуҷуд омад ва он ҷо низ ҷун зодгоҳи ман шудааст. Ҳаргоҳ, ки ёди Переделкиноро мекунам, аз нав ҷавон мешавам.

Бале, мо Ватани бузург дорем! Дар ҳар ҷои ин Ватан омӯхта шавем, он ҷо чун зодгоҳи мо мешавад. Мирҳайдар низ ҳамин хиссиётро аз сар гузаронидааст ва ҳоло Хатлон Ватани асосӣ, ҷои меҳнат ва кор, ҷои эҷодиёти вай гаштааст.

Вай муҳоҷират ихтиёр карду ба ин ҷо, ба сарзамини Хатлон, ба майдони Арал омад. Онҳоро ба колхоз аъзо карданду гуфтанд, ки ба худ каппа созед, баъд хонаи хиштин бино карда медиҳем. Соли аввал дар каппа, дар заминкан истиқомат карданд. Он қадар бароҳат набошад ҳам, шикамашон аз нон сер, танашон пӯшида буд.

«Арал» ҳақиқатан ҷазира буд. Ҷои ободаш кам буд. Қариб аз домани баландиҳои Нозимтой то ба канори дарьёи Сурхоб ҳама ҷангал, тӯқай, найзор ва паттазор буд. Дар он паттазорҳо ҳайвонҳои ваҳшӣ, гург, шағол ва рӯбоҳ зиндагӣ мекарданд, пашша бисьёр буд.

Мирҳайдар мегӯяд:

— Чунин овозаҳо ҳам буд, ки гӯё дар баъзе ҷоҳо, дар ғорҳои он сарзамин ҷондорҳо, дев, аҷина ва албастиҳо ҳам ҳастанд. Як шаб аспсувор аз тӯқайзор мегузаштам, торик буд, роҳ набуд, касе — роҳгузаре набуд. Дар чунин мавридҳо ба хаёли кас ҳамон овозаҳои ваҳмангез роҳ меёфтаанд. Наход, мегуфтам, худ ба худ, аз пеши роҳи ман ҷондоре барояд, ё ки аҷинае пайдо шавад?! Не, ман ба аҷинаю деву парӣ бовар надорам, бовар надорам, наметарсам, наметарсам! Дар ҳамин андеша будам худро далер мегирифтам, ки нохост як чизи зарду сурхранге аз тарафи рост намоён шуда, гузаш-

та рафт. Асп ҳам ду гӯшашро сих карда монд. Ба дили ман ваҳме даромаду каме тарсидам, вале боз худро ба даст гирифтам, рӯбоҳе будагист гуфтам. Асп, дӯсти вафодори одам аст, дар ин тавр дақиқаҳои ҷасорат ва нотарсии вай ба кас осудагӣ мебахшидааст. Боз рафтан гирифтам. Дар пеш як ғор буд. Эҳ, мегуфтам худ ба худ, зоро дар ғор ягон ҷондоре бошад! Охиста-охиста ба ғор наздик мешудам, тапар-тупури дилам зиёдатар мегашт. Ғор як сӯрохие буд, ки ба девори теппачаи хурде кадом ҷонивар канда буд, ё худ аз аввал худаш ба таври табиӣ ба вуҷуд омада буд. Роҳи ман аз наздики ҳамин ғор буд. Ба ғор наздик шуда будам, ки боз сояи чизе намудор гашт, ки аз даҳонаи он баромада рафт. Дилам боз ҷиғғӣ карду лекин натарсидам. Аспро камчин зада гузашта рафтам. Дигар чизе надидам...

Ана ҳамин тавр буд он вақтҳо ин сарзамин!

Вазифаи онҳо ҳамин буд, ки аз дасти паттазор ва тӯқайзорҳо заминро ҳосилхезро кашида гиранд ва пахта коранд.

Он дам — яъне дар солҳои сӣ қувваю бозуяш, продаи зӯраш ӯро ҳам ба табиат ғолиб оварда, ҳам дар байни ҳамсафонаш баобрӯ кард. Бедарак не, ки пас аз ду сол колхозчӣ шуда кор кардан, ӯро бригадир интихоб кардаанд.

Раиси колхоз одами ҳақиқӣ, большевики матинпрода ва шахси одамшинос буд. Ҳар вақт ба сари кори онҳо омада, аз ҳолашон ва тарзи зиндагиашон хабар гирифта меистод. Агар кӯмак лозим бошад, кӯмакро дареғ намедошт. Рӯзе ба сари кори онҳо омада пурсид:

— Аз ҳар гектар замини наватон чӣ қадар пахта ҷамъоварӣ кардед, медонед?

— Хеле шудагист,— гуфт Мирҳайдар.— Бачаҳо дам нагирифта ғундоштанд.

— Аз ҳар гектари бисту панҷ гектаратон панҷ центнер пахта ғундоштед,— гуфт раис.— Ин дар ҳоли ҳозира бад не. Ман бовар дорам, ки соли оянда ду баробар зиёд пахта мечинед!

— Худо медонад,— гуфт Мирҳайдар.— Пахтакорӣ кори мушкил будааст. Агар агрономҳо, донишмандҳо ва худи шумо ёрӣ намедодед, аз дасти мо коре намеомад.

— Не, ман бовар дорам, ки ба ин ғайрат ва шуҷоат шумо албатта ҳосили баланд меруёнед! Ҳаминаш хуб,

ки шумо аз гуфтаи агрономҳо берун нарафта, мисли баъзе пахтакорони мандонами кӯҳна агротехникаро вайрон намекунед. Шумо аз роҳи дуруст рафта истодаед. Бинобар он ман таклиф мекардам, ки Мирҳайдарро ба ҳамин бригадаи шумо бригадир таъин кунем.

Марди ҳунарманд, баандеша ва оқил будани ӯро раис ва роҳбарияти район дониста гирифтанд. Вай дар ду соли бригадирии худ корнома нишон дод, бригадаро ба сафи пеш бароварда ва аъзоҳои бригадаро сердаромад ва осудаҳол намуд. Ин, албатта худ аз худ нашуда буд. Шабҳои бехобӣ, рӯзҳои пурташвиш ва меҳнати ҳалол натиҷа доданд.

Баъд ӯро ба колхоз раис интихоб карданд. Колхоз дар аввал майда ва бекувват бошад ҳам, ба ҳар ҳол колхоз буд. Одамони бисьёре ба он аъзо шуда кор мекарданд ва музди меҳнат мехостанд. Ҳукумат ёрӣ диҳад ҳам, қарзи онро як рӯз баргардонида додан лозим мешуд. Ҳамаи инро Мирҳайдар медонист ва ба худ хӯру хобро ҳаром карда кор мекард, раис бошад ҳам, агар лозим шуда монад, обдорӣ мекард, каланд мезад, побел менамуд...

Ҳамон сол пахта ҳосили бисьёр кард. Лекин барои чида гирифтани он дасти корӣ намерасид. Умуман ба колхоз одам лозим буд. Раис бо маслиҳати шарикон ба боло, ба Кӯҳистон рафта одам оварданӣ шуд.

— Сари роҳ аз «Мазори Султон»-и Ховалинг ҳам хабар гиред!— гуфт кадоме.

— Мазори Султон ҷаннат-ку,— гуфт як бригадир, ки аз ҳамон ҷо буд.— Ҷаннатро партофта, кӣ ба меҳнатобод меояд?!

— Дар «ҷаннат»-и шумо, ки ҷои тангу як тарафаш кӯҳ, як тарафаш Санглох аст, чӣ кор кардан мумкин? — суол дод раис Мирҳайдар ва нафасе гирифта худаш ҷавоб дод:— колхоз ва хоҷагии калони сердаромад сохтан мумкин не:— мошин-олот ба кор намеравад, роҳ нест, мардум бо чорподорӣ базӯр рӯзашонро мегузаронанд. Се моҳ баҳору тобистон бошад, нӯҳ моҳ борону барф... Не! мардуми Мазори Султонро албатта муҳоҷир кардан, барои онҳо ҷо, замин ва кор додан лозим аст.

Ин таклифи раис ба ҳама маъқул шуд. Рӯзи дигар Мирҳайдар ба роҳ баромад. Он вақтҳо автомобил

набуд, аспсувор рафтан лозим меомад. Мирҳайдар бо ҳамон бригадири мазори султонӣ як рӯз дам нагирифта асп ронданд ва бегоҳӣ ба Мазори Султон расиданд.

— Ба кучо мефуроем?— пурсид ранс.

— Ба ҳавлии мо,— гуфт бригадир.— Падару модари ман дар ҳамин ҷо-ку.

— Албатта буз мекушанд?— шӯҳиомез пурсид ранс.

— Буз он тараф истад, гӯспанди ширбоз мекушанд!— гуфт бо ифтихор бригадир.

— Саломат бош!— гуфт ранс.— Дар бозгашт ба ҳавлии ту мефуроем. Имшаб ба ҳавлии мутаваллии мазор манзил кардан бо вай сӯҳбат карда, лаҷомашро кашидан лозим. Агар вай қабул кунаду ба мо ёрӣ расонад, аз ин ҷо одами бисьёр гирифта бурдан мумкин аст.

Нохост даромада омадани Мирҳайдар ва бригадиро дида, мутаваллӣ ҳайрон шуд. Вай як марди нимчамуллои миёнсол ва ришдароз буд. Зану бачаҳояш дар Хаволинг истиқомат доштанд. Лекин вай дар Мазори Султон, дар ҳавлии масҷид хонаи алоҳидаро ба худаш макон карда буд. Ҳар рӯз ризку рӯзӣ мерасид, зиёдатӣ мекард. Хусусан деҳқонҳо, чорводорҳо бисьёр меомаданд, гӯспанд оварда мекуштанд. Ба мутаваллӣ назргӯён пул медоданд ва ӯ донам-надонам баъзе сураҳои Қуръонро хонда, ба дуо даст мебардошт, куфу суф мекард ва ба зиёратгарон мефармуд, ки (хусусан ба занҳо) ба буттаҳои хордори гирди мазор латтаҳои ранга банданд ва ба онҳо аз хоки мазор ним кафним каф медод. Умуман барои касе, ки нони муфт ва осон ёфта хӯрдан мехоҳад, аз мутаваллигӣ беҳтар кор нест, хусусан мутаваллигии Мазори Султон, ки аз марказҳо дур, дар байни кӯҳсор воқеъ гаштааст.

Лекин мутаваллӣ ҳамеша дар хавотир буд, ки мабодо ягон рӯз омада ӯро бекор кунанд. Чунки нимчамуллоии худро медонист. Рафту ягон муллои ҳақиқӣ толиби ин вазифа шавад, албатта аз тарафи идораҳои дахлдор ӯро ҳай карда, ба ҷояш каси дигарро мегузоранд. Бинобар он буд, ки бегоҳирӯзӣ омада мондани ду каси ношинос ва босалобат ӯро ба таҳлука андохт.

— Ассалому алайкум, ҷаноби мутаваллӣ!— гуфт бригадир ва бо тавозӯи том ба ӯ вохӯрдӣ намуд.— Чӣ, маро нашинохтед? Ман Рачабалӣ ҳастам, ҳаминҷой... Дар вақти мутаваллӣ шуда омадани шумо дар ҳамин ҷо будам, баъд муҳоҷир шуда рафтам... Ин кас ранси мо, Мирҳайдар мешаванд, номашонро шунидагистед?

— Ҳа, ҳа, медонам, медонам!— гуфт мутаваллӣ, худро ба даст гирифта.— Хуш омадед, хуш омадед! Арвоҳи ҳазрати Султон ёратон бод!

— Саломат бошед,— гуфт ранс.— Сари роҳ даромадем. Як шаб ба ҷаноби мутаваллӣ меҳмон шавем, аз сӯҳбати пурфайзи эшон барака ёбем, гуфтем...

— Э, ҳар қадам мондед, болои дида, раис!— гуфт пас аз ин хел сӯҳбат далер шуда мутаваллӣ.— Агар марқади ҳазрати Султонро ва кулбаи каминаро зер карда гузашта мерафтед, хуб намешуд. Як шаб истиқомат дар мазор савоби ҳаҷҷи акбарро дорад.

— Баъд ҳавою иқлими ин ҷоро намегӯед?!—гуфт бригадир.— Қас агар як шаб хоб кунад, дар ҷаннат будагӣ барин мешавад.

— Бале ҷаннат!— гуфт ранс.— Лекин агар дар ҷаннат одам бисьёр бошад ва бекор бошад ва ба хӯрдан нони серӣ надошта бошад ҳам, хуб не. Беҳуда нест ки гуфтаанд: биҳишт он ҷо, ки озораш набошад, касеро бо касе кораш набошад.

— Бале, бале,— гуфта монд мутаваллӣ.

— Ба фикри ман,— гуфт ранс,— одамони бекори ин ҷоро ба поён, ба Хатлон гирифта бурдан лозим. Ҳам ба онҳое, ки мераванд, нағз мешавад, кор меёбанд, пул меёбанд, аз хӯроку пӯшок таъмин мешаванд, ҳам ба мондагиҳое, ки кор доранд, замин доранд, ризку рӯзӣ меёбанд, хуб мешавад, озодтар мешавад. Хусусан ба мутаваллии Мазори Ҳазрати Султон нағз мешавад, ки ба зиёрат меомадагиҳо беташвиш, боҳузур зиёраташонро карда, назру ниёзашонро дода мераванд, ба ҷаноби мутаваллӣ ҳасудхӯр кам мемонад.

— Фикри аъло, фикри олиҷаноб!— гуфт мутаваллӣ, ки дар ҳақиқат аз «шарик»-ҳои номарғуб ва аз садоқатталабони бекор ба ҷон расида буд.— Қошкӣ як нимаи аҳолии ин ҷоро муҳоҷир кунанд.

— Агар ёрии шумо расад, мо ҳамин корро мекунем.

— Бо дилу ҷон, бо дилу ҷон!— гуфт мутаваллӣ ва аз ҷо бархост, ки дастурхон гирад ва меҳмонҳоро зиёфат кунад...

Рӯзи дигар меҳмонҳо мардуми он гирду пешро бо

ёрии мутаваллӣ ва одамони вай ба майдони лаби сой ҷамъ карданд. Раис ва бригадири колхозашон тарзи зиндагии поёнро, заминҳои ҳосилхез ва бисьёри он чоро, обҳои равон, боғҳои сермева ва даромади калони колхозчиёнро таърифу тавсиф намуда, мардумро ташвиқ карданд, ки ба поён, ба сарзамини Хатлон рафта ба колхози онҳо ба кор дароянд.

Яке аз ҷамъшудагон, ки раисро хуб мешиносту, баромада гуфт, ки:

— Ман Мирҳайдарро хуб мешиносам, вай ҳамкишлоқии мо буд, аз Сари Арча. Ҳақиқатан сагираш бенаво буд, подабонӣ карда мегашт. Вақте ки муҳоҷират сар шуд, пеш аз ҳама номи худашро нависонд. Ана, ҳозир мебинем, ки раиси колхоз шудааст, одами баобрӯю ба эътибор гаштааст. Маълум мешавад, ки одам бо кор, бо меҳнати пурфоида баланд мешудааст. Биёетон, дӯстон, ки ҳам бахтамонро санҷем, ба Хатлон рафта аъзои колхоз шавем!... Лекин аз Мирҳайдар мепурсем, ки Сари Арча будагиҳоро ҳам фурорад. Дар он ҷо ҳар чӣ ки хоҳед, дасти корӣ ёфт мешавад, лекин кор нест.

— Мо аз ин ҷо рост ба Сари Арча меравем,— гуфт бригадир. Ҳамон рӯз понздаҳ хонавода ки иборат аз сию панҷ кас буданд, номи худро нависонда, аз раис пул гирифтанд ва ба поён фуромаданӣ шуданд. Ин мардум асосгузорони ҳамин участкаи мо,— ҳамин қишлоқи Гулистон буданд...

Ҳамин тавр Мирҳайдар одам ҷамъ кард, дасти корӣ ёфта омад.

Вақто ки колхозҳои майдаро ба як колхози калон муттаҳид карда, ба он «Хатлон» ном ниҳоданд, ҳамаи деҳқонҳо бо як овоз Мирҳайдарро ба раиси он колхози калон интихоб карданд.

Мирҳайдар — раиси колхози ба номи Хатлон, депутати Совети Олии СССР, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ гашт. Ӯро ба съезди XXII ва XXIII Партияи Коммунистии Умуминттифоқ вакил интихоб карданд...

Муаллим Асо Гадоев дастхатти очерки нависандаро чаҳор қад карду ба кисабағал андохт ва гуфт:

— Зиқ нашудетон? Ман тез хондам.

— Не, муаллим!— гуфт як талаба,— мо ба диққат гӯш кардем, саргузашти боборансро нағз навиштааст.

— Инро донистани мо лозим буд,— гуфта монд дигаре. — Ҳатто ӯзбекиро нағз гапзадани ӯро шунида гумон мекардам, ки бобо-ранс аз ӯзбекони ҳамин маҳалласт. Акнун фаҳмидам, ки вай аз қишлоқи Сари Арчаи кӯҳистон будааст.

— Бале, — гуфт муаллим, — бобо-ранс забони ӯзбекиро нағз медонад, чунки онлааш ӯзбек аст.

— Дар хона ӯзбекӣ гап мезананд, чӣ?— пурсид яки дигар.

— Не, — гуфт муаллим. — Зани бобо-ранс ӯзбек бошад ҳам, мисли як тоҷик гап мезанад. Дар хонадони онҳо ҳар ду забон... балки ҳар се забон (забони русӣ ҳам) баробар аст.

— Бобо-ранс номи баланди Қаҳрамони Меҳнати Социалистиро гирифт,— гуфт Адҳам.— Обрӯяш калон, лекин барои мактаби мо як бинои нави хуб сохта надод?

— Дар ин бора ман чанд бор ба вай муроҷиат карда будам, — гуфт муаллим. — Ранс ваъда медиҳад. Барои мактаби мо ва барои мактаби даҳсолаи ба номи Ленин ҳам бинои нав сохта медиҳад.

— Раҳмат ба шумо муаллим,— гуфт Ҳабиб.— Ман аз ин очерк дар бораи падарам он қадар чизи бисьёре фаҳмидам, ки ҳеҷ вақт аз худашон нафаҳмида будам. Модарам ҳам дуруст намедонанд.

— Бобо-ранс одами хоксор,— гуфт муаллим,— дар бораи худашон кам гап мезананд. Хайр, сӯҳбат кардем, саргузашти бобо-рансро шунидем. Акнун хеста камтар кор кунем, ки бобо-ранс омада заминро аз гӯзапоя тоза дида хурсанд шаванд.

— Мо тайёр!— гуфтанд бачаҳо ва аз ҷо бархостанд.

7

Мошинаи ранс дар назди мактаби қишлоқи Гулистон карор гирифту аз он худи ранс фуромада ба ҳавлии мактаб даромад. Дар он ҷо касе набуд, овози бачаҳо низ шунида намешуд. Ранс ҳайрон шуду ба дарунии иморати якқабатаи мактаб даромад. Дар он ҷо посбони пири мактаб ӯро пешвоз гирифту салом дод.

— Ҳа, Теша-бобо,— гуфт ӯро шинохта, ранс.— Худат танҳоӣ?

— Ҳова,— гуфт Теша-бобо.— Муаллимҳо ҳаман бачаҳоро пеш андохта ба ғӯзапоячиӣ бурданд.

— Бачаҳои майда — бачаҳои синфҳои яку дуро ҳам?

— Не, бачаҳои синфи якум дар майдон машқ доранд. Бачаҳои синфи дуюм дар синфашон дарс мехонанд.

— Овозашон намебарояд-ку?

— Муаллимашон бадҷаҳл,— гуфт бо табассум Теша-бобо.— Метарсанд магар, ки ҳапанд.

— Бадҷаҳлӣ карда чӣ мекунад?— боз пурсид ранс.— Бачаҳоро мезанад?

— Не, заданашро надидаам,— гуфт Теша-бобо аз ростӣ.— Лекин бачаҳо аз чашмаш метарсанд. Ҳамин ки шӯхӣ кардан гирифтанд, як нигоҳ мекунад, ҳама ҳап! Намедонум дар чашмаш чӣ дора ин муаллим. Росташро гӯям, худум ҳам аз чашми вай метарсум.

Ранс хандид.

— Теша-бобои партизан, Теша-бобои баҳодур аз чашми муаллим тарсад, аҷоиб-ку?

— Теша-бобои партизан ҳам пир шуда монд,— гуфт мӯсафед, ки раисро дида аз ҷо хеста буд, боз ба ҷояш нишасту ба гапаш давом дод:— Пирӣ кӯи бад будааст. Одам оҳиста-оҳиста, худуш надониста монда, бекувват, бемадор ва тарсончак ҳам мешудааст. Гоҳ ба худум мегам, ки аз чӣ метарсӣ? Аз мурдан метарсӣ? Ҳайр мурдан будагӣ гап. Як рӯз пеш — як рӯз қафо, чӣ фарқ дорад? Ту рӯзатро дидӣ, ба муроду мақсадут расидӣ, фарзандҳои хуб, набераҳои бисьёре дорӣ, ҳукумат ва партия тура мешиносанд, Теша-партизан меган, ҳамин бас-дия! Не, дил, таки дил мехоҳад, ки намурум, зинда монум... Бедарак шоир — ҳазрати Бедил ин байтро нагуфтааст:

Решаи нахли кухансол аз чавон афзунтар аст,
Бештар дил бастагӣ бошад ба олам пирро.

Як сол, як моҳ, як рӯз ғанимат! Охир мо мӯсафедҳо ҳамон қадар сахтии зиндагиро дидем, бошад, ки акнун камтар лаззати ин зиндагиро бемалол бичашем, шодии бачаҳоро бинем, хандаи набераҳоро шунавем, осуда нафас кашем... Ана, тарсончакӣ аз ҳамин. Агар қуввату мадор бошад, кас нотарс мешавад, ба қувваю мадори

худ такья мекунад. Қуввату мадор, ки рафта аст, аз чашми ало, аз ҷазабаи сахт, аз овози бадвоҳима метарсем. Ё ки ман ҳамин тавр шуда мондаям, намедонум.

— Ин тавр бошад,— гуфт ранс қасдан,— посбон шуда чӣ мекунӣ?

— Ин ҳам аз тарс!— гуфт дарҳол Теша-бобо.— Бекор ки шудум, мемурум. Посбонии мактаб ҳеҷ гап не. Ман аслан бачаҳоро дӯст медорум. Ман, ки дӯст медорум, бачаҳо ҳам мара дӯст медоранд, гапамро ду намекунанд, Мудири мактаб, худо ба умру ҷонаш барака дихад, ба ман каровулхонаи хуб сохта дод, чойчӯшонак ҳаст, чои кабуд ҳаст, нон ҳаст, ана чӣ мегӯӣ, ки аз давлати ҳукумати советӣ кайф карда ҳам кор мекунум, ҳам оддих!

— Оддихаш чӣ?— боз пурсид ранс.

— Роҳат, оддихаш роҳат аст,— гуфт Теша-бобо.— Худут медонию боз мепурсӣ!

— Ман чӣ донум,— гуфт ранс.— Тоҷикӣ гап зада истода будӣ, як бора оддих гуфта мондӣ.

— Забон одат карда мондай,— гуфт Теша-бобо.— Осон менамояд.

— Хайр,— гуфт ниҳоят ранс,— Асо Гадоев бачаҳоро ба ғӯзаноячиии бурд, гӯӣ? Худаш ҳам ғӯзаноя мечинад?

— Албатта мечидагист.

— То кай кор мекунанд?

— То занги охир будагист.

— Занги охират кай?

— Ана ҳамин мили майдан соат ба болои се, мили калонаш ба болои дувоздаҳ ки омад, занги охир мешавад.

— Хайр, набошад, ман ба хавлии мудир рафта падарашро бинам.

— Чӣ коре доштӣ?

— Ҳа, камтар кор ҳаст. Агар мудир биёяд, бигӯ ба хонааш равад.

Ранс бо Теша-бобо хайру хуш карда берун баромад, ба шофёр гуфт, ки ба хавлии мудири мактаб ронад. Мошина аз кӯчаҳои рост ва бо нақшаи муайян сохта шудан қишлоқ гашта ба назди дарвозаи хавлии Асо Гадоев бозистод. Овози омада истодани мошинаро шунида, писарбачаи панҷ-шашсола аз хавлӣ давида баромад, рансро диду якбора истода монд.

— Ҳа, шери бобо!— гуфт раис ба вай.— Дар хона кӣ ҳаст?

— Бовом!— гуфт бача ва пеш рафта ба раис даст дароз кард, ки вохӯрӣ кунад. Раис ба вай даст доду сарашро сила карда монда гуфт:

— Тоз, рафта бовота бигӯй, ки раис-бовом омаданд.

Бача тохта ба ҳавлӣ даромад, аз паси вай худи раис ба ҳавлӣ қадам гузошт. Ҳавлӣ васеъ ва гирдогирд чандин хона дошт. Дар миёни ҳавлӣ, дар сояи дарахти тути калон суфа буд. Аз як канори он чӯйчаи обе мегузашт.

Ба пешвози раис аз дарунӣ хона мӯсафеде баромад, ки қоматаш рост, қадаммониҳояш чавонона, симояш дилкаш, дар лабонаш табассум буд.

— Ассалому алайкум, бобо-раис!— гуфт вай.—Биёед, биёед! Хуш омадед, ҳар қадам мондед, болои дида, тоҷи сар! Чӣ тавр шуду бечорахонаҳои моро ёд кардед?

— Осудахонаҳои моро, гӯед— гуфт раис ва барои вохӯрӣ ҳарду дасташро боло бардошт ва огӯш ба огӯш, китф ба китф боздид карданду раис ба гапаш давом дод. — Ҳар чӣ сиҳатед, саломатед? Фарзандҳо, наберахо хубанд?

— Шукр, шукр!— гуфт мӯсафед.— Аз шумо пурсем. Келин, бачаҳо, духтарҳо ҳама сиҳат-саломат! Худатон? Дида истодаам, ки, шукр, бардамед!

— Хоҳам — нахоҳам бардам шуда гаштан лозим, — раис хандид. — Қанӣ он вақтҳо ки шумо Гадо-командир шуда мегаштеду ман бригадир будам?!... Мушкил буд, лекин чавон будем, хунамон мечӯшид, кӯхро зада талкон мекардем...

— Ҳозир ҳам шумо базарба!— гуфт Гадо-командир. — Ҳамин тавр як колхози калонро идора кардан, ҳисобу китобашро баробар кардан мардуми бисьёреро сероу пур ва бадавлат кардан кори ҳазл аст магар? Ҳар кас ин корро карда наметавонад. Барои ин, барои тавонистани ин кор шумо барин пурзӯр, тавоно ва ӯҳдабаро будан лозим. Ҳайр, канӣ марҳамат!

Раис аз қафои мӯсафед ба хонаи на чандон калон ва на чандон хурд, ки аз рӯи ҳавлӣ ду тирезаи хурд дошт ва озодаю мусаффо буд, даромаду ба рӯи кӯрпачаи даврихона нишаста омин гуфт. Мӯсафед хуш омадед гуфту аз чо бархост, ки рафта дастурхону чой биёрад.

— Шинед, командир!— гуфт раис,— камтар сӯҳбат кунем. Ман хеле вақт ин чониб шуморо надидаам, баъзе маслиҳатҳо буд...

Мӯсафед нишасту рӯяшро ба сӯи тиреза гардонида бо овози баланд гуфт:

— Шери бобош, очата гӯй, чой биёрад!

Оё раис ба чӣ маслиҳат омада бошад? Магар боз замин кушоданӣ, ё ягон иморат андохтанӣ? Ё дар бораи касе гап пурсиданӣ? Албатта ягон маслиҳати муҳим дорад вай! Набошад, вақту фурсати қимати худро сарф карда ба ин чо намеомад. Бале, раиси мо одами доно ва пухтакор аст. Агар ягон кори калон карданӣ бошад, агар ба хаёлаш ягон навигарӣ расида бошад, пеш аз ҳама он бо чандин касони дил пур мешудагӣ маслиҳат мекунад, фикр мепурсад...

Бобо-раис медонист, ки мӯсафед одами дунъёдида ва ботачриба аст, бинобар он гоҳ-гоҳ омада аз вай маслиҳат мепурсид. Ҳоло ҳам хомӯш мондани ӯро дида гуфт:

— Дар хотиратон ҳаст, рӯзҳои аз Мазори Султон кӯчида омаданатон?

— Дирӯз барин... — гуфт Гадой-бой. — Омада тарҳи ҳамин қишлокро сохтем, бо маслиҳат чӯй канондем, оби дарьёи Панҷро баровардем, заминҳои нав кушодем.

— Бале, бале, — гуфт раис. — Бо маслиҳат кор кардему ба мақсад расидем. Ҳамон вақт касоне ёфт шуда буданд, ки моро сарзаниш мекарданд, ба замини беоб муҳоҷир кунондед, ба ин чо об намеояд, мегуфтанд. Лекин агар одам азмашро ҷазм кунад, ҳама кор мешудааст. Ман фикр карда гаштем, ки ҳамин обро насос монда боз болотар барорем, нишебиҳои Нозимтой хоки ҳосилхез дорад, агар об расад, як дунъё ҳосил гирифтан мумкин.

— Ман ҳам дар ҳамин бора фикр доштам,— гуфт мӯсафед.— Лекин ба сохтани насосҳо ва кандани чӯ кувваи колхоз мерасида бошад? Давлат ёрӣ медода бошад, гуфта ҳайрон будам.

— Кувваи колхоз мерасад,— гуфт раис.— Лекин болонгиҳо чӣ мегуфта бошанд, намедонам. Ин як маслиҳат. Дигараш ҳамин, ки ба бригадаи шумо барои соли оянда тухмии нав диҳем?

— Чӣ хел тухмӣ? Ҳамон тухмии Фарғона?

— Ҳа, тухмии Фарғона.

— Бригадаи якум кошта дид, чӣ тавр баромад?

— Бад не, лекин бовар дорам, ки хоки бригадаи шумо аз ин тухмӣ ҳосили зиёд медиҳад.

— Агар бовар дошта бошед, додан гиред!— гуфт мӯсафед.— Бригадир не намегӯяд, албатта.

— Агар шумо не нагӯед, бригадир гапи шуморо ду намекунад.

— Мани бесавод нағзию бадии тухмиҳоро дуруст намедонам,— гуфт мӯсафед.— Аввал гумон доштам, ки тухмии нағзе, ки пайдо кардему коштем, сол то сол нағз шуда рафтан мегирад. Лекин баъдтар дидам, ки баракс будааст. Ин сабил касалиҳои пахта оҳиста-оҳиста боз пайдо мешудаанд. Боз тухмии нав кофтан лозим мешудааст. Вақте ки дар кӯҳистон, дар Мазори Султон зиндагӣ мекардем, пахтакориро дар хоби шабамон ҳам намедидем. Пахтакорӣ ба халқи мо чӣ будани меҳнат, чӣ будани кору арақи ҷабинро омӯхт.

— Бо ҳузуру ҳаловат зиндагӣ кардан, бою бадавлат шуданро ҳам омӯхт.

— Рост, рост — гуфт мӯсафед,— ҳам бою бадавлат шудем, ҳам оқилу доно.

Келини мӯсафед — зани Асо дастурхону чой гирифта овард.

— Ваалайкум ассалом,— гуфт бобо-раис ба саломи келинча,— чӣ тур астӣ? Саломатӣ?

— Шукр, шукр,— гуфт занак ва дастурхонро кушода, чойники чойро дар назди падаршӯяш гузошт ва аз хона баромада рафт. Мӯсафед пони гарми чапотиро пора карда ба назди раис гузошту чой кашида дод. Баъд аз дасти келинча, ки боз омада буд, лаълии шираворро гирифта ба рӯи дастурхон гузошт.

— Канӣ ба нон нигоҳ кунед! Келин чапотии нағз мепазад.

— Онҳо як дарача хомӯш монда, нону чой хӯрданд. Баъд раис ба мӯсафед хитоб карда гуфт:

— Писаратон, муаллим Асоҷон дар ҳамин қарибӣ маро андак ранҷонид. Лекин...

— Асо? Шуморо ранҷонид?— ҳайрон шуда пурсид мӯсафед.— Ба гӯшҳоям бовар намекунам.

— Лекин,— гуфт ба гапаш давом дода раис,— бо вуҷуди он ман ӯро дӯст медорам, намеранҷам...

— Наранҷиданатон нағзу аммо Асо бачаи одами ранҷонидагӣ набуд-ку, хайр, чӣ кор кард?

Мӯсафед дар ҳақиқат ҳайрон шуда монд. Наход Асо раиси мӯхтарамро ҳамон дарача ранҷонида аст, ки вай

омада ба падараш шикоят мекунад. Асо дар хурдиаш ҳам ягон чӯраашро наранҷонидааст, чи расад ба он ки дар калонсолӣ, муаллим шуда истода раисро ранҷонида бошад.

Раис ба рӯи мӯсафед бо табассум нигариста гуфт:

— Ҳеҷ гап не, фикри бад накунед! Ман шӯхӣ кардам. Асо ба як-ду суоли ман ҷавоб надод.

— Суолатон мушкил ва бечавоб будагист?

— Не, суолам дар бораи тухми пахта буд,— гуфт раис.— Медонед, ки Асо дар заминҳои таҷрибавии мактаб ду-се сол аст, ки пундонаи луччакро таҷриба карда истодааст. Ман инро фаҳмида ба сари кораш рафтам, хоҳиш кардам, ка агар дошта бошад, ба мо ҳам аз ҳамон пундона камтар дода истад, ҳеҷ набошад аз кучо ва чӣ навъ ба даст даровардани он пундонаро ба мо гӯяд. На гуфт, на пундона дод, на даракашро дод.

— Нағз кардааст!— гуфт мӯсафед бар акси тасаввури раис.— Агар таҷрибаи хомашро ба шумо мегузаронид, хуб намешуд. Бинобар он аз вай наранҷед, раис!

Раис медонист, ки мӯсафед ҳақгӯ аст, лекин дар ин чо кирдори писарашро написандида, тарафи раисро гирифтан лозим буд. Ҳеҷ набошад, барои рӯю хотири меҳмон! Аммо мӯсафедро чӣ шуд, ки ин корро накард. Раис андак хомӯш истоду гуфт:

— Не, чӣ меранҷам! Дар урфият мегӯянд, ки як даре баста бошад, сад дари дигар кушода. Ман медонам, ки Асо аз устодаш ибо карда сипрашро ба ман накушод...

— Асо агар ба касе қавл дода бошад,— гуфт мӯсафед,— мурад ҳам аз қавлаш намегардад. Вай аз хурдиаш деҳқониро дӯст медошт. Ҳанӯз даҳсола нашуда, ҳамеша аз паси ман ба сари замин рафта, дастиёрӣ карда мегашт.

Як рӯз бинам ба як каф замини пеши хонаамон каланд карда аз сангу хасу хошок тоза карда ҷуворимакка коридааст ва чунон ба диққат онро обьёрӣ ва парвариш дод, ки тирамоҳ се линга ҷуворӣ гирифт. Баъд аз он як линга ҷувориашро ба ду мурғи кулангӣ ва як хурӯс иваз карда овард ва мурғҳоро тарбия кард, ки онҳо ҳар рӯз дутой тухм меоварданд. Вақто ки яке аз мурғҳояш курк шуд, дар хона тухмҳоро сарф карда мондаанд, мехобонидагӣ тухм набуд, аз кучое даҳто тухми мурғобӣ ёфта оварда мурғи куркро хобонида аст.

Мурғобиҳо аз тухм баромада ба оби сой тохтаанд, очаашон куд-кудкунон дар соҳил тохтааст. Инро дида як қисм мӯсафедҳо ҳайрон мешудаанд. Дар ҳавлии мо як дарахти бодом буд, ки ҳеҷ гоҳ ҳосил намедод. Ҳамеша, дар айни гул кардани он барфу хунук мешуду ҳосилашро мезад. Асо, намедонам аз ки шунидааст, ки агар дар чиллаи зимистон бехи дарахти бодомро як газ канда ба он ҷо барфу ях зер кунеду аз болояш хок пӯшонед, бодом барвақт бедор намешавад, пас аз гузаштани хунукиҳо гул мекунад, ки ҳосилаш аъло мешавад. Асо ҳамин корро кард ва бодоми мо ҳосили мӯл андохт. Вай дар хурдиаш пайвандкуниро омӯхт. Як дарахти олуболу доштем, ки Асо ба он гелоси сурх ва гелоси зард пайванд кард. Дар бадали ду-се сол дар як дарахт се хел ҳосил рӯид. Ин ҳунари ӯро дида шайхи мазори ҳазрати Султон аз вай хоҳиш кардааст, ки ба дарахти ҳавлии вай ҳам гелос пайванд кунад. Асо аз хурдиаш, намедонам барои чӣ ҳамон шайхро бад медид. Бинобар он хоҳиши ӯро рад кардааст. Мутаваллӣ аз ман хоҳиш кард, ман Асоро маҷбур кардам, ки рафта ба дарахти мутаваллӣ гелос пайванд кунад. Вай рафту хоҳам — нохоҳам пайванд карда омад. Лекин ягон пайвандаш нагирифтааст. Мутаваллӣ аз ин кори Асо оташин шуда ба фикри қасос меафтад. Ба одамҳояш мефармояд, онҳо шабона омада дарахти ҳосилдори моро дар айни ҳосил баста истоданаш бурида мераванд. Асо хеле гирист. Ӯро тасалло дода гуфтам, ки аз ин ҷо кӯчида ба поён — ба қишлоқи Гулистон меравем, дар он ҷо на шайх ҳасту на мутаваллӣ, чандто дарахт хоҳӣ ёфта медиҳам ва ҳамин тавр ҳам кардам. Ана, ба ин ҷо омадем, Асо ба хондан рафт, мулло шуда омад, акнун корҳои калон карда истодааст. Вай, гӯё дар Душанбе як устоди зӯр дорад. Бо маслиҳати вай ба болои тухмҳои навъи нави пахта кор бурда истодааст. Ба фикрам устодаш ӯро манъ кардагӣ ки ҳоло асорашро ба касе нагӯяд.

Ин ҳикояти мӯсафедро раис бо завқ гӯш карда истода гуфт:

— Асо ҷонон писар аст! Ҳақиқатан олим ва донишманди кори деҳқонӣ аст. Сабаби омадани ман ба назди шумо аз вай шикоят кардан набуд, гап омада мондду гуфтам. Аммо сабаби омадани ман чизи дигар аст.

— Хӯш, хӯш?— гуфт мӯсафед бо хушнудӣ ба раис нигоҳ карда.

— Ман мехоҳам, ки Асоро ба колхоз сарагроном карда гирам, шумо ба ин маслиҳат чӣ мегӯед?

Мӯсафед чӣ навъе ки ба хурсандӣ ба раис нигоҳ карда менигоҳ, ришашро дошта монду чанде гап назад ва баъд гуфт:

— Намедонам, бобо-раис, ин таклифи шуморо Асо қабул мекунад, ё не. Вай мактабашро, корашро бисьёр дӯст медорад. Ба мактаб рафта бо бачаҳо машғул шудан барои вай кор не, лаззат ва кайф аст.

— Агар ёрии шумо расад қабул мекунад,— гуфт раис.

Ман ёрӣ медодаму, — гуфт андешамандона мӯсафед, — лекин худам тарафдори тарбияи дурусти бачаҳо шуда мондагӣ. Пештар бо кору бори зиндагӣ машғул шуда, ҳамин вазифаи масъулро фаромӯш карда будам ва худам дар таҷриба дида, пушаймон шудам, ки фонда надорад...

— Чи хел таҷриба?— пурсид раис.

— Таҷриба ҳамин ки,— гуфт мӯсафед,— писари хурдии мо Сангинҷон аз акош дах сол хурд аст. Дар байни онҳо як духтару як писарча шуда буданд, умрашон кӯтоҳ будааст, сесола, чорсола шуда мурданд. Пас, ҳамин Сангинҷон шуд. Модараш, ки аз бачамурғӣ дилаш рамида монда буд, ба болои ин писараш ҳафтларз шуд. Номашро ҳам Сангин монд, ки сараш аз санг шавад... Ба ростӣ ман ҳам, ки синнам ба як ҷо расида монда буд, Сангинҷонро мисли гавҳараки чашм нигоҳ медоштам. Ҳамеша аз пасаш мегаштам, ҳар гапашро мешунидам ва ҳар хоҳишашро ба ҷо меовардам. Бо ҳамин Сангинҷони мо азизу эрка шуда монд. Шикам ҳар қадар сер шавад, фикри одам ҳамон қадар боло мешудааст. Ин Сангинҷони мо ҳамин тавр шуд. Бар акси кор, ҳамон вақтҳо акош Асоҷон дар хона набуд, дар институт мехонд. Набошад, вай албатта дигар хел тарбия мекард. Ана чӣ мегӯед, ки Сангинҷони мо базӯр мактаби даҳсоларо тамом карду бо ёрии акош як навъе карда рафта ба институти педагогии шаҳри Душанбе даромад. Ба гумон худи муаллимҳои институт ҳам ба бачаҳои маҳаллӣ, хусусан ба бачаҳои аз қишлоққо меомадагӣ сабукиҳо дода буданд, ки Сангинҷони мо бемалол ба қатори студентҳо даромада монд. Мо, падару модарон хурсанду шод шудем, бародараш ҳам хурсанд шуд ва боварӣ ҳосил кардем, ки пас аз чор сол Сан-

гинҷон муаллими маълумотнолинок шуда ба кишлок бармегардад. Мо аз вай пулу чизро дареғ надоштем, ҳар моҳ сад, саду панҷоҳ сўм пул мефиристодем; ҳар кас аз қишлоки мо ба шаҳр равад, барои Сангинҷон гўшту равғану фатиру кулчаю асал мефиристодем. Аммо маълум шуд, ки Сангинҷон ба ҷои зўр зада хондан ва маълумот гирифтан, бо ҷўрабозй, бо гашту галак саргардон мешудааст. Охири соли аввал аз имтиҳон афтод. Боз Асоҷон рафта, ину онро дида, илтимосҳо карда ба шарти дар тирамоҳ имтиҳон додан мононда омад. Худи Сангин ҳам андак шарм кард магар, ки зур зад ва тирамоҳ нағз ё бад имтиҳон дода ба курси дуюм гузашт. Дар курси дуюм ҷўраҳои бадгашт пайдо карда боз дарс нахонд. Дар охири сол ўро аз институт хай карданд. Ин дафъа бародараш рафта хост, ки уро ба ягон мактаби дигар, масалан мактаби ҳунар монад. Лекин рафта мебинад, ки Сангин ба як магазини хўрок ба кор даромадааст, ки мудири он магазин ҷўраи вай будааст. Сангин ба насиҳати бародараш гўш накарда, хонданро дигар ба гардан нагирифтааст. Ана ҳоло ду сол аст, ки вай фурўшанда шуда кор мекунад. Аз ҳамон ҷо як зани беваро ёфта гирифтааст, дар хонаи ҳамон занак истикомат мекардааст.

Ман ба дилам санг бастаму дастамро аз вай шустам. Аммо модараш аз гирья қариб аст, ки кўр шавад. Номард ақаллан гоҳ-гоҳ, омада аз модараш хабар ҳам намегирад. Ин ба Асоҷон сахт таъсир кард. Вай ба мо фаҳмонда. дод, ки ҳамаи ин натиҷаи тарбияи бади мост, натиҷаи эрка калон кардан, натиҷаи аз тарбияи бача бехабар мондан аст. Асо рост мегуфт. Мо ғалат кардем, мо тарбияи бачаро вайрон кардем. Лекин мебинем, ки фарзандҳои шумо ҳама бамаънй, ҳама хуштарбия калон шуда истодаанд. Ягонтаи онҳо аз болои шумо, аз болои падари баобрў ва баэътибор калонгарй намекунанд. Худо умрашро диҳад, ҳамин Ҳабибҷонро гиред. Гоҳ-гоҳ бо муаллимаш ба хонаи мо биёяд, ҳавасашро мехўрам. Баодоб, шармгин ва хоксор... Асо мегўяд, ки аз ҳамаи дарсҳо баҳои аъло мегирад. Ман ба занам мегўям, ки Гулсумой ҳам ту барин як зани чаласавод аст, лекин дидй, бачаҳоро чи тавр нағз тарбия кардааст!

— Ин гапатон рост,— гуфт раис.— Гулсумой ба бачаҳо хеле сахтгир аст. Бачаҳо бисьёр вакт аз ман дида ба модараш гўш медиҳанд ва аз вай метарсанд. Ман, ки дар хона камтар мешавам, аз тарбияи онҳо дуруст хабар надорам. Лекин бачаҳоро эрка намекунам.

Сўҳбат ба ин ҷо расида буд, ки ба хона худи Асо даромада омад. Пас аз салому ҳолпурсй ва боздид, раис гуфт:

— Аз кор чй зуд омадй?

— Кор тамом нашудааст,— гуфт Асо,— лекин Тешабобо рафта хабар дод, ки шумо омадед, бачаҳоро ба муаллими дигар супурда омадам. Хуш омадед.

— Саломат бош, муаллим!— гуфт раис.— Баъзе як машваратҳо буд, бо ту ва бо падар, ана хеста омадам.

— Нағз кардед, бобо-раис, мо ҳам дар ёди шумо будем, мактабро нишон доданй будам...

— Мактабро дидам, бад не, боз чияша нишон доданй будй?

— Мактабамон кўҳна шудагй,— гуфт Асо.— Аз бомҳо мечакад, синфҳо хунук, аз ҳоло тангй карда истодаааст. Соли оянда бача намеғунҷад.

Раис сар ҷунбонда ба мўсафед нигох кард.

— Колхоз як идораи хубу васеъ надораду ин чихо мегўяд,— гуфт вай...

— Аз идораи колхоз ҳам мактаб зарур!— гуфта монд Асо.

— Мактаб тани маориф!— гуфт раис.— Рафта ба маориф арз кун, ки мактаб сохта диҳад. Колхоз ҷой медиҳад.

— Ҳар кас, ҳар раис ин гапро гўяд, майлаш, аммо шумо нагўед бобо-раис!— гуфт Асо.— Шумо худатон ташкилоти сохтмон доред...

— Ҳоло акнун сохтем.

— Хайр, қарори правления ҳаст, месозед, ё ки акнун ба кор сар мекунад. Аввалин кори ин ташкилот сохтани мактаб шавад.

— Дар ин ҷо мактаби нав созем, болонгиҳо, Арал будагон, Навобод будагон чй мегўянд? Онҳо талаба надоранд, ё аз шумо камтаранд?

— Ба онҳо ҳам созед!

Раис хандид.

— Майлаш, ба ҳама месозем,— гуфт вай.— Лекин бо як шарт!

— Марҳамат,— гуфт Асо — агар ба ман вобаста бошад, ба ҷон!

— Шарт ҳамин ки худат ба колхоз сарагроном ме-

шавӣ, дасти маро аз кори саҳро холитар мекунӣ, ана баъд ман худам бевосита ба кори сохтмон сардори карда, мактаби ҳангомадор сохта мединҳам.

Асо ҳайрон шуд, ҳатто, дуруст нафаҳмид, гумон кард, ки раис шӯхӣ мекунад; вале дар симои раис ҷиддият буд. Падараш хомӯш ва бетарафона ба рӯи ӯ менигарист.

— Бобо-раис, шӯхӣ накунед!— гуфт Асо.— Ман ҷиддӣ мегӯям.

— Ман ҳам ҷиддӣ мегӯям,— гуфт раис.— Корҳоро монда боиси ба ин ҷо омаданам ҳам ҳамин гап аст.

— Ҳа, рост!— гуфт падар.— Бобо-раис мехоҳанд, ки ту сарагроном шавӣ, лекин...

Мӯсафед мехост гӯяд, ки: «Лекин ту аз мактаб дил канда наметавонӣ...» вале зуд худдорӣ карду гуфт:

— Лекин ту аз ӯҳдаи ин кори калон баромада метавонӣ, ё не, намедонам.

Асо дар лабонаш нимтабассум, хомӯш монда ба дастурхон менигарист. Сарагрономи чунин колхози калон шудан, мактаб, муаллимӣ ва талабаҳои дӯстдори худро партофта рафтан, магар барои ӯ кори осон аст? Магар вай ин тавр рафтор карда метавонад? Ду-се сол аст, ки вай худро хушбахт мешуморад, шабу рӯз фикру зикраш мактаб, тарбияи бачаҳо, илму донишомӯзӣ аз як тараф, аз тарафи дигар дар замини таҷрибавии мактаб селекция, шуғли дӯст доштааш... Ин корҳо ба вай кор не, маром аст, мақсад аст, ишқ аст! Магар кас аз ишқ даст кашида метавонад? Вай бовар дорад, ки дар дунёӣ аз муаллимӣ, аз омӯзгорӣ кори баландтар, мӯътабартар ва масъулиятноктар коре нест.

Муаллим барпокунандагони ҳаёти ояндаро тарбия карда мерасонад. Нависандаро инженери руҳи одамизод мегӯянд, лекин муаллим ҳамон инженерро, ҳамон академикро, ҳамон нависанда ва санъаткорро, ҳамон арбоби давлатро тарбия карда мерасонад, ки аз ин ҷиҳат касбу кори вай аз ҳама муҳимтар аст. Пас, чаро ӯро аз ин вазифаи муҳим ва масъулиятнок дур кардан мехоҳанд?

— Агар ин таклифи шумо ҷиддӣ бошад,— гуфт ниҳоят вай ба раис нигоҳ карда,— ба бовар ва эътиборатон сад ташаккур! Лекин ман аз ӯҳдаи ин кор баромада наметавонам.

— Одаме, ки бо дусад, сесад нафар бача сару кор

дорад, одаме ки навъҳои нави пахтаро санҷида гаштааст, одаме ки аз хурдӣ кори деҳконiро, селекцияро дӯст медорад, наход сарагроном шуда наметавонад?!

— Ман сарагроном шуда наметавонам!— гуфт бо таври қатъи Асо.— Чон бобо-раис маро озор надиҳед, ба корам халал нарасонед!

— Наход, ки ман ба кори ту халал расонам?!— Каме ранҷида гуфт раис.— Баракс ман ба ту кор дода истодаам... Ҳамин кори селекционнатро дар шароити хуби колхоз давом додан мегирӣ.

— Ман селекционер нестам, бобо-раис,— гуфт боз Асо ба ҳамон оҳанг.— Ман пеш аз ҳама муаллим ҳастам ва ин касбамро дӯст медорам.

— Муаллимиро дӯст дорӣ, бисьёр нағз,— гуфт раис,— сарагроном шуда истода, омада камтар дарс дода рафтан мегирӣ!

— Дар ин ҷо мӯсафед тоқат накарду дилашро кушода партофт:

— Истед, бобо-раис!— гуфт вай.— Ман ба як кори шумо ҳайронам. Барои чӣ одамони тайёр, кадрҳои тайёр ва кордонро ба атрофатон кашида мегиред? Инҳоро монед, ки корашонро нағз бурдан гиранд, Шумо дигарҳоро тарбия карда расонед!

Раис чизе нагуфту ба пиёлаи чои дар дасташ истода нигарон монд. Наход, ки ман, мегуфт дар дилаш, одам тарбият карда нарасонда бошам?! Наход, ки ман фақат одамони тайёрро ба атрофам ҷамъ кунам?

— Аз ман наранҷед, бобо-раис! — гуфт мӯсафед, андешаи раисро пай бурдагӣ барин.— Ман медонам, ки Азиз Маҳкамовро аз кори муаллимиаш гирифта ба Азиз Маҳкамовро аз кори муаллимиаш гирифта ба худатон муовин кардед, баъд котиби ташкилоти партиявӣ ҳам шуд. Сариқтисодчӣ Абдураҳмон Сандбеков сарбухгалтери дигар колхоз буд, ӯро ҳам оварда ба кор гирифтед... Акнун Асоҷонро аз кораш канда гирифта сарагроном кардан мехоҳед. Ба фикрам ба шумо барин раиси кордон ва доно ин хуб не! Шумо бояд худатон аз байни агрономҳои колхоз сарагроном тайёр кунед!

— Ҳмм...— гуфта монд раис ва баъд ба гап даромад:— Бале, хуб не, ман ба ин фикратон ёр ҳастам. Одамони коркун ва пурдонро ба кори худашон монда, дигаронро тарбия кардан ва ба корҳои калон пешбарӣ кардан лозим. Инро ба касе гӯед, ки накарда бошад!

Раиси номдори колхози «Байраки Сурх»-ро кй тарбия карда, ба ин чода расонид? Фаромўш кардед, магар ки ўро ман аз бригадирй то ба муовин-раисй бардоштам ба «Байраки Сурх» раис интихоб карданд. Раиси Комитети ичроияи районамон хам муовини ман набуд? Сарагрономи колхози «Маданият» шогирд ва даст-парвари ман набуд?! Холо хам ман ин корамро давом дода истодаам. Зулфияро боло бардоштам, механизатори машхур гашт. Сардори ферман Нозимтой—Касим-мерган кй буд? Кораш кўхбарой ва шикори нахчир буд. Ана акнун сардори ферман молу шир шуда, ному овоза бардоштааст. Мардак хам мехонад, хам корашро пеш мебарад. Аз занхо ягонта бригадир набуд. Холо ду бригадаро занхо сардорй мекунанд... Агар боз шуморидан гирам хам сўхбат кашол меёбад, хам худситой аз хад зиёд мешавад. Лекин дар бораи Азиз Махкамову Абдурахмон Саидбеков хаминро мегўям, ки ман онхоро аз корашон кашида нагирифтаам. Азиз бо тавсияи райком ва шахсан рафик Сангинов ба кори колхоз омад. Абдурахмон Саидбеков бошад, бо хохиш ва илтимоси худаш ва падараш ба кор гирифта шуд. Албатта Азиз хам Саидбеков хам ба кори колхоз даромада хеле тачриба гирифтанд, омўхтанд ва имрўз нагз кор карда гаштаанд. Мардум гумон мекунанд, ки хаман ин одамхо тайёрак буданду ман дониста ба кор гирифтам... Чи тавре ки мебинед, дар ин чо «Гуноx»-и ман калон не. Росташро гўям, имрўзхо фикру хаёлам ба боло бардоштани хосили пахта банд аст. Намедонам бо чй рох аз хар гектар лоакал чил центнерй пахта рўёнам. Бинобар он ба ин хонадон омадам, ки аз дониш ва химмати Асочон ёрй чўям. Майлат, сарагрономиро нахохй, бо тачрибаи худат, бо маслихати худат ба мо ёри расон, ки хосили кишти пахтаро боло бардорем.

Асо, ки ин ранг гирифтани сўхбатро ба хаёлаш хам наоварда буд ва хеч гумон намекард, ки падар бобораис барин дўсти мўхтарамашро беибо сарзаниш мекунад, хайрону нигарон монд ва чй гуфтанашро намедонист.

— Хуб, хуб,— гуфт вай ниходт ба хитоби раис чавобан. — Албатта кўшиш мекунам.

— Аз ман хафа нашавед, раис!— гуфт узрхохона мўсафед.— Дўст ба рўи кас сахт карда мегўяд. Шумо дар хакикат хам устоди пахта, хам устод ва тарбиятгари чавонхо хастед. Одамони бисьёреро тарбия карда

расонидед. Лекин агар Асоро аз кораш кашида мегирифтед, нагз намешуд. Хам ин бача аз кори дилбастааш чудо мешуд, хам гап кардани одамхо мумкин буд. Ин фикри дўстии ман, боз ихтиёратон!

— Не, дуруст!— гуфт раис.— Ман аз шумо хафа нашудем. Рахмат ба маслихати окилонаатон!

— Хайр,— гуфт Асо,— агар ба ман дигар хизмат набошад, бо ичозати шумо ба мактаб равам, чунки холо кори мо тамом нашудааст.

— Ман хам меравам,— гуфт раис аз чо бархоста. — Биё, ман туро то ба мактаб дар машина бурда монам.

— Хозир келин як дами гарм пухта меорад,— гуфт мўсафед. — Хайр камтар шинетон, хеч гап не, кор гурехта намеравад.

Раис ба Асо бо назари суол нигох карду хар ду хам баргашта нишастанд.

8

Рўз чоштгох шуда буд, ки ба назди идораи Президиуми Академияи фанхои республика як мошинаи сабукрави «Газик» омада истод. Аз даруни он марди кавичуссае ва баходурталъате поён фуромада сўи бино равон гашт. Вай дар тан гимнастёркаи сабзранг дошт, дар по туфли хушранги пошнапаст, ба сар токии чустии нав гузошта буд. Рўяш гирдаи паxн, чашмонаш зирагии ба нуфуз, мўйсар ва ришу мўйлабаш тарошида шудагй...

Як кисм одамоне ки дар даромадгохи бино буданд, он шахсро дида бо хурмат даст пеш гирифтанд ва салом доданд. Марди воридгашта хам ба онхо салом дода ба сўи кабати дуюм ба зинахо равон гашт. Вай чунон рафтор мекард, ки гўё ин идораро бисьёр дидагй ва кабинети ба худаш даркориро медонад. Бинобар он ба хеч кас мурочиат накарда рост ба кабулгохи Президенти академия рафта даромад. Котиба ба суоли вай гуфт:

— Президент дар кабинет хастанд, лекин хозир мачлиси академия сар мешавад, бинобар он касеро кабул намекардагистанд.

— Даромада гўед, ки Мирхайдар омадааст.

Котиба ба рўи Мирхайдар бо хайрат ва кунчковона назар карду аз чо бархост. Вай номи ин мардро шуни-

да, лекин худашро надида буд. Мирҳайдар, гуфт худ ба худ котиба, раиси машҳури колхоз... ва дари кабинетро кушода ба дарун даромад.

Мирҳайдар қабулгоҳи васеъ ва калонро, ки ҳам қабулгоҳ буду ҳам маҷлисгоҳ, аз назар гузаронду фикр кард, ки барои гузаронидани маҷлисҳои правления колхоз ҳам ҳамин хел зали (толори) васеъ ва зебо лозим аст. Соли оянда ба бинокории калон сар мекунанд, зал ҳам мешавад, кабинет ҳам мешавад, ҳоло ғами ҳосили калонро хӯрдан лозим.

Котиба баромаду Мирҳайдарро ба дарун даъват кард. Мирҳайдар ба сӯи дар равон гашта буд, ки аз дарунии кабинет худи президент баромада омад ва бо ӯ дӯстонаю самимона вохӯрдӣ ва пурсупос намуда ба дарун гирифта даровард.

Қабинет чандон калон набуд, вале бо шкафҳои пур аз китоб, бо расмҳои аҷоиби кӯҳсорони Тоҷикистон, дар сари столҳои алоҳида намунаи минералҳо оро ёфта буд. Дар сари столи корӣ президент китобу коғазҳои корию далаҳо пур буд.

Президент ба маснадаш нагузашта дар сари столи рӯ ба рӯ нишаст ва меҳмонашро ба нишастан даъват намуд. Вай марди миёнақад, лоғарандом, зебочеҳра, ҷавонафт ва ситорагарм буд. Чашмони калон-калони сиёҳ, мӯйсари сабук ба қафо шона зада шуда дошт, ки дар чаккаҳояш андак-андак осори сафедӣ менамуд.

— Хуш омадед, бобо-раис!— гуфт президент.— Ҳар қадам мондед, болои дида!

Саломат бошед!

— Шунидам, ки колхози Шумо ӯҳдадории худашро, пурра бар ҷо овардааст. Табрик!

— Раҳмати калон! Аҳволатон чӣ тавр? Корҳоятон хуб аст?

— Хуб аст, бад не,— гуфт президент ва фикр кард, ки бобо-раис бо чӣ кори муҳимме омада бошад, набошад дар айни серкорӣ ин қадар роҳро тай карда намеомад.— Дар колхоз чӣ гапҳои нав? Корҳои сохтмон пеш рафта истодааст? Ман шунидам, ки бригадаи махсуси бинокорӣ сохтаед, ин бисьёр хуб аст...

— Умуман, корҳоямон бад не,— гуфт раис ва донист, ки президент мехоҳад, ки сабаби дар ин вақт омаданашро зудтар фаҳмад. Бинобар он ба суханаш давом дода чунин гуфт:— Лекин аз муваффақияти андак дили ман осуда намешавад.

Президент хандид:

— Ман шуморо медонам!

— Агар донед, ёрӣ расонед!

— Ман кай ёри надода будам?!

— Ин тавр бошад, ба ман ҳамон олимеро ки бо пундонаи луччак кор карда истодааст, нишон диҳед ва ошно кунед.

— Он олим ҳанӯз таҷрибаи худро ба охир нарасонидааст,— гуфт президент ба мақсади раис паӣ бурда.— Гумон мекунам, ки имсол ба шумо чизе гуфта наметавонад.

— Хайр, бо худаш як сӯҳбат кунем,— гуфт раис.— Як селекционери ҳаваскори райони мо аллакай дар як андак замин кошта, натиҷаи хуб гирифтааст.

— Наход, ки пундонаи луччак аллакай ба райони шумо рафтааст?— Ҳайрон шуда пурсид президент.— Охир, селекционери машҳури мо ин корашро ҳанӯз ба рӯи об набаровардааст.

— Намедонам,— гуфт раис.— Селекционери райони мо ҳам ҳаваскори зӯр аст. Аз кучо шунидааст ба назди устодаш рафта, камтар пундона гирифта бурдааст. Ман ҳам мехоҳам, ки дар заминҳои худамон корида бинам. Агар ҳосили зиёд диҳад, айни муддао мешавад. Чон бародар, ёрӣ расонед, олимро ба ман шиносонед.

— Шиносонидан мумкин,— гуфт президент,— лекин чӣ ин қадар дилтангӣ? Як-ду сол сабр кунед, таҷрибааш ба охир расида, натиҷаи хуб диҳад, худи давлат ба шумо ёрӣ мерасонад, тухми луччак тайёр карда медиҳад.

Мирҳайдар гӯш карда истоду табассум намуд.

— Дарди дили маро намедонистед!— гуфт вай.— Колхози мо, шукр, кувваи калон дорад, мардумаш ҳам ғайратманд, боигариаш ҳам кифоя мекунад, лекин замини мо бисьёр не.

— Ба се ҳазор гектар замин пахта мекореду кам аст?

— Кам!— гуфт ба таври қатъӣ бобо-раис.— Хеле кам. Ҳаммусобиқаи мо ҷояш васеъ, боз имкон дорад, ки аз ин ҳам васеътар кунад ва ба 5—6 ҳазор гектар замин пахта корад. Мо дар байни теппаҳо ва дарьёи сурхоб мондаем. Акнун фақат бо ҳосили баланд мусобиқаро бурда метавонем. Шабҳо хоб накарда фикр мекунам, ки бо чӣ роҳ ҳосилро баланд бардорем.

Дар ин ҷо президент дарди дили дӯсти худ — Мирҳайдарро фаҳмиду ҳамдардона сар ҷунбонида монд. Вай бозгаштаю баргашта ба ҳиммат ва ғайрати раис қоил шуд. Ба худ гуфт, ки кошки чунин мардони кор дар мо бештар бошанд!

— Андешаҳоятон ҳаққонианд,— гуфт президент.— Дар баланд бардоштани ҳосил олимони мо бо ғайрат кор карда истодаанд. Боварӣ дорам, ки дар ояндаи наздик онҳо навъҳои баландҳосил пайдо мекунанд. Лекин ҳозир агар албатта хоҳед, ки бо рафиқи мӯҳтарам Исломиддин Обидов шинос шавед ва аз вай таҷриба омӯхта кор кунеду пундонаи луччакро коред, хуб, ман шуморо бурда мешиносонам. Лекин бо як шарт!

— Бе шарт намешавад?

— Не, намешавад.

— Хайр, чӣ шарт? Зудтар фаҳмонед.

— Шарт ҳамин ки,— гуфт президент бо табассум ба рӯи раис нигоҳ карда,— ҳозир, пас аз панҷ дақиқа маҷлиси олимони академия сар мешавад. Мо ба ин маҷлис пешқадамони истеҳсолот, як қисм директорони заводҳоро хабар кардаем. Мехоҳам, ки дар бораи муносибати илму фан ва истеҳсолот, дар бораи ба ҳаёт татбиқ намудани назария ва кори олимони мо сӯҳбат кунем. Шумо дар ҳамин маҷлис иштирок карда, як баромад мекунед. Ҳар чӣ ки дар дил доред, ҳар талаб ва хоҳише ки аз олимони мо доред, мегӯед. Ана баъд ман шуморо ба назди рафиқ Обидов гирифта мебарам ва шинос мекунам.

Раис сар ҷунбониду қадаре гап назада ба рӯи президент нигоҳ карда монд. Баъд ҳодисаеро ки соли гузашта рӯй дода буд, ба хотир овард:

Ӯро ба пленуми Иттифоқи нависандагон хабар карданд, ки аз кору бори худ, аз таҷрибаи пахтакории худ ба нависандагон гуфта диҳад. Раис, ки хеле камгап аст ва ба маҷлисҳо баромада забондарозӣ карданро дӯст намедорад, ба муовин ва котиби ташкилоти партиявии колхоз муроҷиат кард:

— Ман рафта ба нависандагони «мандонам» чӣ мегам?— гуфт вай.— Таҷрибаи пахтакории моро онҳо дониста чӣ мекунанд? Пахта мекоранд, чӣ?

— Онҳо менависанд!— гуфт бо табассум котиби ташкилоти партиявӣ — Азиз.— Нависанда бояд майда-чуйдаҳои кори пахтакориро донад, агар аз ҳаёти колхоз навиштанӣ бошад.

— Хай, бинё навис!— гуфт раис ва ба Азиз баъзе фикрҳоро диктa кард. Азиз, ки чун муаллими собиқ ба нутқ кардан усто буд, ба вай ба чаҳор саҳифа чопи машинка як нутқи созубоз тайёр карда дод. Раис ду нусхаи нутқро гирифта ба кисабағалии худ монду бо дили пур ба Душанбе сафар кард ва пеш аз ба иттифоқи нависандагон рафтан ба назди дӯсти худ президенти академия даромад.

— Нағз омадед,— гуфт президенти академия ӯро дар роҳравии академия хуш истиқбол намуда.— Турсунзода, Миршакар, Мӯъминшоҳ ва дигарон дар кабинети мананд. Пленум дар ҳамин ҷо, дар маҷлисгоҳи мо кушода мешавад.

— Ман валӣ-куя!— гуфт хандида Мирҳайдар.— Тахмин карда рост ба ин ҷо омадам.

Онҳо ба кабинет рафта, ба роҳбарони иттифоқи нависандагон вохӯрӣ карданд, баъд ҳамроҳ ба маҷлисгоҳ рафтанд. Дар президиум раис дар паҳлуи президент менишаст. Пеш аз навбати сухангӯии раис президент аз вай пурсид:

— Нутқ навишта шудагӣ, албатта?

— Ҳа, тайёр.

— Қанӣ, ман бинам.

Раис аз кисабағалиаш як нусха нутқашро бароварда дод.

— Боз нусхаи дигар ҳаст?— пурсид президент.

— Ҳаст, ана...

— Ба ман диҳед!

Раис ба гумони он ки президент нутқашро дида баромада, баъзе ислоҳҳо медарорад, ҳар ду нусхаи овардагиашро дод. Президент ҳам он нусхаҳоро ба ҷайби дарунии костюмаш руст кард.

— Бе коғаз баромад мекунед!— гуфт вай.

Раис аввал гумон кард, ки дӯсташ бо вай ҳазл мекунад.

— Шӯхӣ накун, президент! — гуфт вай. — Ҳозир сухан дода мемонанду саросема мешавам.

— Саросема нашавед, бекоғаз гап занед!

Ин дафъа раис ҷиддӣ гуфт:

— Ман бекоғаз гап зада наметавонам, хуб не!

— Гап зада метавонед!

— Наметавонам!

Дар ин вақт Турсунзода номи раисро ба забон гирифта ба вай сухан дода монд. Раис ночор аз ҷо бар-

хосту ба сӯи президент як ало нигоҳ кард ва ба минбар рафт.

— Салом, рафиқон,— нависандагони Тоҷикистон!— гуфт вай ва каме хомӯш истода фикр кард, ки гапро аз чӣ сар кунад... Аз алоқаи нависанда бо ҳаёт! Ҳамин тавр дилаш талқин кард ва ба суханаш давом намуд:— Мо китобҳои шуморо бо шавқу завқ гирифта мехонем. Баъзе китобҳо, шеърҳо, достонҳо бисьёр нағз, аз хондани он хел китобҳо кас хурсанд мешавад. Лекин ин хел китобҳо каманд. Баъзе аз шумо китоб навишта мебароранду худаш зиндагиро хуб намедонад. Бинобар он ба воқеаҳои он китоб кас бовар намекунад. Як рӯз дар кӯчаи қишлоқ будам, бо бригадири боғдорӣ сӯҳбат мекардам, ки як мошинаи сабукрав тез гузашта рафту чанги кӯчаро бардошт. Бале, холо ҳаман кӯчаҳои мо асфальтпӯш нестанд, сангфарш ҳам не. Бинобар он аз зери чархи мошинаи тезгард чанги бисьёр мехезад. Пас аз нишастани чанг аз бригадир пурсидам, ки ин мошинаи кӣ буд, ки ин қадар тез гузашт. Бригадир гуфт, ки мошинаи як нависанда аст, гӯё ки ҳаёти қишлоқро омӯхта гаштааст. Ман хандидам. Магар ҳаётомӯзӣ ҳамита мешад? Не, бародарон! Шумо ба қишлоқ биёед, бо мо чою нон хӯред, бо мо гардед, бо мо нишасту хез кунед, ана баъд чӣ будани ҳаёти колхозро медонед!

Дар зал нишастагон ба шавқ омада чапак заданд.

— Дар ҳавлиҳои мо мурғони хонагӣ мешаванд, ки худашон калон-калон, тухмашон ҳам калон-калон. Вақти тухм карданашон шавад, хапу-тап ба ҷояшон медароянду тухмро монда мебароянд ва боз дон чида мегарданд ва ҳар рӯз тухм мекунанд. Лекин як хел мурғони хонагӣ ҳастанд, ки худашон он қадар калон не, тухмашон ҳам майда-майда ва дар ҳар се-чор рӯз якбор тухм мекунанд, лекин чунон доду фарьёд мекунанд, чунон қо-қо мекунанд, ки ҳамаи қишлоқ мешунавад. Нависандагони пешқадами мо Мирзо Турсунзода, Миршакаров, Раҳим Ҷалил, Мӯъмин Қаноатов, Лоиқ Шералиев баринҳо ҳар сол як-ду китоби нағз мебароранд. Лекин ман-манӣ намекунанд, хоксоранд. Аммо баъзе нависандаҳо ҳастанд, ки дар чанд сол як китоби суст менависанду ман-маниашон ба так-так намеғунҷад. Хоскор бошед рафиқон!

Боз гулдуроси чапак залро ба ларза даровард...

Ҳамин тавр шуда буд порсол. Аммо ҳоло вай фикр мекард, ки ба сӯҳбати олимон иштирок кардан, суханони пурмаъноӣ онҳоро шунидан хуб аст. Лекин ба назди онҳо баромад карда чӣ мегӯяд. Вай олим набошад, аз илму фан дуруст хабар надошта бошад, гуфтори олимона надошта бошад, чи тавр баромад мекунад.

— Ман ба ғайр аз кори деҳқонӣ дигар чизро намедонам, ба олимони шумо чӣ мегӯям?

— Аз кори деҳқонӣ муҳимтар гап ҳаст магар? Республикаи мо асосан бо хоҷагии қишлоқи худ фахр мекунад. Олимҳо сухани шуморо бо мамнуният гӯш мекунанд.

— Хайр, агар онҳоро сарзаниш кунам, қаҳр намекунанд?

— Не, хурсанд мешаванд, агар ҳаққонӣ бошад.

— Агар хурсанд шаванд майлаш, ҳар чӣ ки медонам ва дар дил дорам мегӯям.

Онҳо аз кабинет баромада ба сӯи маҷлисгоҳи калони академия равон гаштанд.

Зали калон, ки ба шакли нимдоира сохта шуда буд, пур аз одам буд. Дар боло, дар сари столи президиум академикҳои машҳури республика менишастанд. Дар зал докторҳо, ходимони илму фан, намояндагони заводу фабрикаҳо ва олимони ҷавони бисьёре ҷо гирифта буданд, ки дар баробари даромадани президент ва Мирҳайдар чапак зада хурсандӣ изҳор намуданд.

Президент ва Мирҳайдар ҳам дар сари столи президиум нишастанд. Зал ором гирифт. Пас президент аз ҷо бархоста гуфт:

— Рафиқони мӯҳтарам! Дар баробари ба ин зал ворид шудани мо хурсандона чапак задани аҳли маҷлисро фаҳмидам. Вай барои меҳмони азизи мо, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ, депутати Совети Олӣ, раиси номдори колхози машҳури — Хатлон — Мирҳайдар Вализода буд. Омадани чунин меҳмони бақадр дар маҷлиси мо аҳамияти калонро молик аст. Ман аз номи шумо ва аз номи ҳаман олимони республика ва шахсан аз номи худам ба рафиқ Мирҳайдар хайрамақдам гуфта сухани аввалро ба ин кас медиҳам.

Мирҳайдар оҳиста аз ҷо бархоста, вазнинона қадам гузошта ба пеши минбар рафт.

— Рафиқон!— гуфт вай ба мардуми дар зал буда хитоб карда, — пеш аз ҳама ба шумо олимони республ-

лика саломи гарму чӯшони деҳқонҳои колхозамонро мерасонам. Онҳо, колхозчиҳо дар дур ҳам бошанд шуморо дидагӣ барин, бо шумо сӯҳбат кардагӣ барин, шуморо мешинохтагӣ барин салому паём расониданд. Рафиқон! Мо хозир, ҳам ғалла мекорем, ҳам пахта мекорем, ҳам боғдорӣ ва чорвопарварӣ дорем. Шуморо бо либос, бо гӯшту равғану биринч, бо меваю тарбузу харбуза таъмин карда менстем. Худатон медонед, ки ҳамаи ин корҳо илму дониш ва техника мехоҳад. Илм дар дасти шумо, аммо шумо ба колхоз кам мебароед. Баъзе аз шумо талаботи имрӯзаи колхозҳои моро дуруст намедонед. Вақти кам доред, бо кору бори худатон банд ҳастед. Албатта дар соҳаи илм як чиз кашф кардан, онро ба зиндагӣ мувофиқ кардан осон нест. Лекин ба мо ҳам ёрӣ додани шумо лозим аст.

Ман медонам, ки олимони селекционер навъҳои нави пахтаро тачриба карда бароварда истодаанд. Навъҳое ки ҳам ҳосили баланд медиҳад, ҳам дарду ранчаш камтар ва ба ҳар хел касалиҳо тобовар ва ҳам тезпазак! Канӣ акнун ба мо аз ҳамин хел навъи пахта диҳед, ки якбора ҳосили калон гирем.

Талаби дигари ман ҳамин, ки зудтар моро, қишлоқҳои моро аз заҳдоршавӣ халос кунед! Ман шунидам, ки олимони мо як хел гамбускак ёфта баровардаанд, ки заразанандагони пахтаро хӯрда нобуд мекардааст, лекин ба пахта зиёнаш намерасидааст. Канӣ ҳамон гамбускакҳо, ки ба заминҳои мо як ним миллионашро сар диҳем ва аз дахмасаи заҳрпошӣ халос шавем.

Рафиқони азиз! Дар ғаллакорӣ ҳам ёрии шумо лозим! Ман шунидам, ки шумо як навъ гандуми дарозпояи тезпазаки серҳосил ёфта баровардаед. Мо ҳанӯз ин навъ гандумро надидаем. Хоҳишмандем, ки тезтар онро аз тачриба гузаронида барои кишт ба мо фиристонед, ки ғаллакорӣ ҳам аҳамияти калон дорад.

Ман дар роҳ дидам, дар баландиҳои болои райони Орҷоникидзеобод академия боғҳои меваи лалмӣ сохтааст. Ин тавр теппаҳо дар замини колхози мо бисьёранд. Пас, чаро ёрӣ намедиҳед, ки мо ҳам гирду атрофамонро боғзору ангурзор кунем.

Хуллас, ки ба мо ёрӣ расонед, ба мамлакат гӯшти бисьёр, равғани бисьёр, тухми бисьёр, ангуру меваи бисьёр диҳем. Қувваи кориамон мерасад, техника дорем, лозим шавад боз меёбем, лекин илму амал лозим аст! Ба колхози мо биёед, ҳам ҳавои софу беғаш мехӯред, ҳам сайр мекунед, ҳам ба мо маслиҳат дода ёрии амалиатон мерасад.

Вақто ки дар мошини раис, дукаса ба сӯи ҷанубӣ шаҳр мерафтанд, президент мегуфт:

— Моро соз кардед, раис! Ин сабақи Шумо аз хотири олимони мо хеҷ фаромӯш намешавад. Дар ҳақиқат як қисм олимони мо бо корҳои кабинетии худ овора шуда аз шаҳр берун намебароянд. Як қисмашон фақат соҳаи кори худашонро медонанду бас! Агар олими биолог ба колхоз барояд ҳам ба кори худаш ва ҳам ба кори колхоз равнақ дода метавонад. Агар олими химик ба колхоз барояд ҳам ба худаш ва ҳам ба манфиати колхоз кор ёфта метавонад ва ҳоказо... Пас аз ин кӯшиш мекунем, ки олимон ба колхозҳо ҳам бароянд. Ҳаминро бояд кайд кунам, ки олимони мо умуман кори худро бо ҳаёт, бо истеҳсолот якҷоя мебаранд.

— Инро ман медонам,— гуфт раис.— Бо мадади олимони мо дар республика саноат пеш меравад ва хоҷагии қишлоқ ҳам. Лекин як гилагузорӣ карда мондам, ки онҳо боз ҳам андак фаъолтар шаванд.

— Нағз кардед, гила ҷои даркорӣ!

— Хайр, шартро ба ҷо овардам?

— Ба ҷо овардед.

— Набошад, бо Исомиддин Обидов чунон гап занем, ки вай не нагӯяд.

— Мо дукаса ки рафтем, албатта ҳам тухмӣ медиҳад, ҳам аз тачрибаи худ гуфта медиҳад.

Ҳавлии Исомиддин Обидов, селекциони машҳур дар беруни шаҳр, дар байни заминҳои киштии тачрибавии худ воқеъ гашта буд. Он ҳавлӣ на чандон калоне буд, ки дар баландие сохта шуда, аз тирезаҳои хона қисми бисьёри заминҳои киштии тачрибавӣ намудор мешуданд. Олим, ки гоҳ бегоҳ, гоҳ шабона, гоҳ саҳар дар сари кишт гашта ниҳолҳои пахтаро дар ҳар шароит санҷида медид, истиқоматгоҳашро ҳам ба ҳамин кишт санҷида медид, истиқоматгоҳашро ҳам ба ҳамин кораш мувофиқ, дар байни киштзорҳо сохта буд.

Охир, корӣ селекционерҳо як солу ду солу се сол не, даҳ-дувоздаҳ сол кашол меёбад. То ба майдон баромадани ягон навъи кишт (хоҳ пахта, хоҳ гандум) бисьёр варданӣ ягон навъи кишт (хоҳ пахта, хоҳ гандум) бисьёр кор кардан, хуни ҷигар хӯрдан лозим мешавад. Гоҳ тачриба натиҷа медиҳад, гоҳ меҳнати як-ду сола барбод

меравад, гоҳ хурсанд мешавад, гоҳ ба ғаму ғусса мечўлад...

Инак, Обидов ду-се сол аст пундонаи луччакро тачриба карда мебинад. Тачриба, гўё натиҷаи хуб дода ба охир расида истодааст. Бинобар он Обидов ба ҳаман шогирдонаш «қасам» додааст, ки дар боран ин тачриба ҳоло овоза накунанд ва хусусан номи ўро ба забон набаранд ва хонаашро дарак надиҳанд. Аммо имрўз ба нохост омада мондани президент ва ранс Мирҳайдарро шунида, андак бемор бошад ҳам, ҷомаро ба худ печонида ба дами дар баромад ва меҳмонҳоро хуш қабул кард.

Вақте ки дар меҳмонхонаи васеъ, ба гирди стол нишастанд, Обидов меҳмонҳоро хайра мақдам гуфт.

— Заб омадетон-дия! Бемор будам, ба танам ҷон даромад.

— Мебахшед домулло!— гуфт президент.— Ман аз бемории шумо хабар надоштам, чӣ шуд? Як-ду рўз пеш, дар Совети Вазирон ҳамдигарро дида будем, сиҳат будед.

— Пирӣ-дия!— гуфт Обидов табассум карда.— Гоҳ сиҳат, гоҳ бемор...

— Чаро пир мешудед?!— гуфт президент.— Мо, охир ҳоло шастсолагии Шуморо. ҷашн накардаем. Ба он рўзи нек ҳоло чаҳор сол ҳаст.

— Ба ҳар ҳол, аз панҷоҳ, ки гузаштед умр сарнишеб меравад. Хайр, беванолишӣ кардан бас аст! Ранси мўҳтарам хуш омадед! Ҳар қадам мондед болои дида. Шунидам, ки шумо бо институти мо, бо селекционерҳои мо робитаи сахт доред, омаду рафт доред, лекин бо камина аз дур...

— Аз салобати шумо метарсидам!— гуфт ҳазломезона раис.— Аз наздик шудан ибо мекардам.

— Ҳай, ҳай, ҳай!— гуфт хандида Обидов. —Ин тавр нагўед, ки ман ба ойина назар накунам! Наход симои ман бадвоҳима бошад?

— Симоятон малика барин!— гуфт раис.— Лекин салобати илму ҳунаратон калон!

— Саломат бошед, саломат бошед!— гуфта монд Обидов.

Дар ин миён чой оварданд, ширинивориӣ оварданд. Аз рўи одат президент, ки аз ҳама ҷавонтар буд, зуд чойникро ба назди худ кашида, ба пиёлаҳо чой рехт. Ранс пиёлаи чойро гирифту як-ду култ нўшид, баъд гуфт:

— Мебахшед, ки шуморо ба ташвиш мондем. Бо баъзе корҳо ба назди рафики мўхтарам президент омада будам. Гап аз гап баромаду шоҳмотбозиро ёд кардем. Ин кас гуфтанд, ки дар байни олимони мо рафиқ Обидов дар шоҳмотбозӣ той надоранд. Азбаски камина хам худро каму беш шоҳботбоз медонам, ба сухани ин кас шубҳа кардам. Аммо президенти мўҳтарам ба гапашон истодагарӣ кардан гирифтанд. Пас, дилам тоқат накарду хезед, гуфтам, ба рафиқ Обидов меҳмон шуда қувваозмой мекунем. Ана, хеста омадем.

Ин суханҳоро шунида президент ҳайрон шуд. Ба гўшонаш бовар намекард, ки Мирҳайдар ин хел худситой карда, гапҳои нашудагиро мегўяд. Аммо Обидов ҳам, ки шоҳмотбози гузаро буд, ба шавқ омаду гуфт:

— Президент андак муболиға кардаанд. Мо ҳам шоҳмотбозӣ мекунем, лекин ба пояи шумо расида наметавонем. Мо ҳамин тавр, ҳаваскор. Аммо овозаи шоҳмотбозии шумо ба олам паҳн шудагӣ, дар китобҳо қайд шудагӣ...

— Ҳама муболиға!

— Муболиға ин тавр намешавад. Ман бисьёр шунидагӣ ҳастам, ки ба колхози шумо рафта, бо шумо шоҳмотбозӣ карда, шуморо мот кардагӣ одам ҳанўз пайдо нашудааст.

Президент фаҳмид, ки ранс Обидовро ба шоҳмотбозӣ даъват карданӣ аст. Аммо наход, ки ба хонаи вай меҳмон шуда, бо илтимос ва хоҳиш омада, дар шоҳмот ўро мот кардан мехоҳад? Бале, бале, одати ранспро президент хуб медонад. Хамин, ки ба сари тахтаи шоҳмот нишаст ҳама чизро фаромўш карда ба шавқ меояду то ҳарифашро мот накунад, аз сари тахта барнамехезад. Бинобар он гуфт:

— Ду шоҳмотбози гузаро боҳам вохўранд, сўҳбаташон ачиб мешудааст. Агар розӣ бошетон дар байни шумо ман ҳакам шавам ва...

Сухани президентро бурида ранс гуфт:

— Бисьёр хуб, шумо ҳакам шавед, мо ба бозӣ сар кунем!

— Не, ман гуфтан мехоҳам ки...— гуфт боз президент, вале ин даъфа сухани ўро Обидов бурид:

— Майлаш, бозӣ мекунем, лекин чи тавре ки мегў-

яид, меҳмон бо ризқаш меояд, ош тайёр шуда монд. Бо ҳам дар айни иштиҳо тановул кунему баъд чой нушида истода ба сари тахта шинем.

— Ихтиёр ба шумо!— гуфта монд раис.

Президент ҳам осуда шуда фикр кард, ки шояд пас аз хўрдани ош палав ва гузаштани вақт, раис аз даъвои шохмотбозй гузарад ва мақсадашро гуфта аз чо хезад.

— Модарарўси мо нағз медидааст мо бехабар,— гуфт президент.— Ош палави таърифии ҳавлии шуморо дербоз нахўрдем.

Пас аз ош баракси андешаи президент харифҳо ба сари тахтаи шохмот нишастанд. Дар аввали бозй раис мувофиқи одаташ ба «яғмогарй», яъне ба донагири сар кард. Президент ҳайрон буд, ки соҳиби хонаро мот карда, маъюс карда баъд чи тавр аз вай пундонаи луччак мепурсанд. Бо ин андеша ба рафти шохмотбозии ду хариф бо диққат нигоҳ карда истод. Не, хайрият ки пас аз нимаи бозй раис оҳиста-оҳиста донаҳояшро бой додан гирифт ва нохост мот шуда монд. Ин ҳол ҳам гайритабиӣ ва баракси характери раис буд...

Президент дар хотир дорад, ки боре дар Москва, дар меҳмонхона бо яке аз рафиқони рус, ки дар шохмотбозй той надошт, бозии раис сар шуд. Раис ҳарчанд зўр занад ҳам, харифашро мот карда натавонист, болоболоиҳам бой додан гирифт, оташинӣ ва асабияташ ҳам афзуд... Лекин ҳеч илоҷ набуд, ки президент ба рафиқи рус гўяд, ки лоақал ягон бор мот шаваду аз сари тахта бархезанд.

— Рафиқон! — гуфт ниҳоят ба соати дастии худ нигоҳ карда президент, — бас кунед, ба сар шудани мачлис понздаҳ дақиқа вақт монд. Хуб намешавад.

Ин хитоби президентро шунида рафиқи рус даст аз бозй бозлошт ва узрхоҳона ба раис гуфт:

— Мебахшед, раис, дар ҳақиқат бевақт шуд. Ба мачлис рафтан лозим. Боз имкон шавад боҳам вомехўрем.

Раис хоҳам-нахоҳам аз сари тахта бархост. Лекин дар мачлис ҳавосаш парешон ва димоғаш сўхтагй нишаст. Пас аз мачлис ба президент часпида гирифт, ки ҳамон меҳмони шохмотбозро пайдо кунад. Президент мачбур шуд, ки дар роҳравҳо чустучў карда он рафиқро пайдо кунад ва ба вай фаҳмонад, ки бо раис бозй карда як-ду бор мот шавад, набошад халосй нест. Ҳамин тавр

ҳам шуд. Он шаб то соати дувоздаҳи шаб бозй карда, он рафиқро себор мот карда раис ба ҳол омаду хурсанд шуда ба ҳучраи худ рафт...

Ҳоло баракси он вазъият шуда истодааст. Раис бой дод, вале хафа ва мағмум нашуд. Боз бозй карданд, боз бой дод, лекин бой доданҳои сохтабарии набуд. Гўё хеле зўр мезад, вале дар кучое хатое мекарду мот мешуд. Дафъаи сеюм мот шуда буд, ки ду дасташро боло бардошт:

— Ман таслим! гуфт.— Шумо, муаллим дар ҳақиқат шохмотбози зўр будаед.

— Ман худам ҳайрон,— гуфт Обидов.— Намедонам ин хобам, ё бедорй, ки шумо барин шоҳмотбози машхурро бурдам... Хайр, ин тасодуф аст, албатта. Шумо монда шуда омадед, фикратон ба корҳои колхоз банд будагист, албатта...

— Ин гапатон рост,— гуфт раис ба сари мақсад омада.— Фикрам ба як чизи муҳим банд аст, муаллим! Як сабаби омадани ман ҳам ҳамин андеша аст.

— Хўш, хўш,— гуфт Обидов.— Чй андеша будааст?

— Андешаи ман ҳамин ки, — гуфт раис, — чй кор кунему ҳосили пахтаро знёд кунем. Мо, агрономҳои мо ҳаман нишондодҳои агротехникаро ба кор мебарем, албатта каму беш муваффақият ҳам дорем, лекин ин моро қаноат намекунонад. Агар кор ба ҳамин хел, ки ҳоло мо дорем давом кардан гирад, албатта мусобиқаро бой медихем, албатта аз дигарон қафо мемонем.

— Ба фикри ман, — гуфт Обидов, — колхози шумо ҳосили баланд дода истодааст. Имсол назар ба шунидам ба ҳисоби миёна сию ду центнерй пахта гирифтед, ки бад не. Боз чй мехоҳед?

— Колхози ба номи Ленини райони Москва ва райони Пролетар, ҳам ҳамин қадар пахта доданд. Лекин баъзе бригадаҳои ин колхозҳо ҳосилнокиро то ба 40 центнер расонидаанд.

— Заминашон бақувват будагист, бригадирҳо ҳунарманд будагиянд...

— Намедонам,— гуфт Мирҳайдар.— Заминҳои мо ҳам пурзўр, бригадирҳои мо ҳам ҳунарманд. Лекин пундонаи тухмии мо ба гумон дар шароити райони мо аз ин знёд ҳосил дода наметавонад. Шунидам, ки шумо пундонаи луччакро тачриба карда истодаед. Ба гумон ин хел тухм фоидамандтар аст?

— Бешубҳа,— гуфт олим.— Пундонаи луччак тез

сабзида мебарояд, нағз реша медавонад, дар ҳар гектар ду-се центнерӣ зиёда ҳосил медиҳад. Баъд пундона ҳам қариб дубаробар кам сарф мешавад, ягона кардани наш осон... Лекин ин нишондоҳоро хуб санҷидан лозим аст.

— Ҳамроҳи шумо мо ҳам санҷида бинем чӣ?— гуфт бо илтиҷо раис.— Омадам, ки аз шумо пурсида ба як-ду гектар мерасидагӣ тухмӣ гирам ва соли оянда корида имтиҳон кунем. Агар нағз аз ӯҳдаи кор бароему ҳосили баланд гирем, баъд ба ду-се бригада коронем.

Обидов гап назаду ба андеша фурӯ монд.

— Ба фикрам ин таклифи бад не,— гуфт президент ба сӯҳбат ҳамроҳ шуда. — Таҷрибаатон ба нихоят расидагӣ ҳисоб, ҳеҷ боке не раис ҳам таҷриба карда бинанд.

— Майлаш,— гуфт ниҳоят сар бардошта Обидов.— Ба илова шумо ҳам таҷриба карда бинед, бад намешавад. Лекин бо мо алоқа карда истед, аз рафти коратон, аз сабзиши пахта ва норасоиҳои пундонаи луччак моро огоҳ кунед.

— Ҷонам-катӣ!— гуфт хурсанд шуда, раис.— Набошад тухмиро кай мегирем?

— Ҳоло ба киштукор вақт ҳаст, — гуфт Обидов. — Шумо баҳори соли оянда як гектар...

— Ду гектар шавад-чӣ?

— Хуб, ду гектар заминро тайёр кунед. Ман тухмӣ мефиристонам. Пеш аз кишт худам ба сари кор меравам ва ҳар чӣ аз дастам ояд ба шумо ёрӣ мерасонам.

— Саломат бошед, муаллим!— гуфт раис ва онҳо пас аз чою харбуза хӯрдан аз ҷо бархостанд.

Дар роҳ президент аз раис пурсид:

— Шоҳмотбозӣ ачаб шуд-мӣ?

— Агар бой намедодам, кӣ медонад ба гирифтани тухмӣ муваффақ мешудам, ё не.

— Ман ҳам ҳамин тавр тахмин кардам. Лекин чӣ тавр тоқат карда мот шудеду даст бардоштед? Ин ба шумо, ба феъли шумо монанд не?

— Гар зарурат бувад, раво бошад гуфтаанд... Лекин Обидов бозингари зӯр будааст. Агар зарурат намешуду дуруст бозӣ мекардам, имшаб дар ҳамин ҷо истодан лозим буд. Майлаш, боз ягон фурсат мерасаду бо ин кас ҷиддӣ бозӣ мекунем.

Президент андеша мекард, ки ин мард барои пеш бурдани кори колхоз ҳеҷ чизро дареғ намедорад.

Сариктисодчӣ—Абдураҳмон Сандбеков дар идораи худаш, ки иборат аз як хонаи майдаи яктирезагӣ буд, дар сари столи корӣ нишаста чӯт мезад ва ба дафтари дахлу харҷ баъзе рақамҳоро қайд мекард. Вай одами мураттаб, озода ва хуштабъ аст. Дар роҳ рафта истода бинад, ки санге дар мобайни афтода мондааст, то онро ба канор гирифта напартояд, гузашта намеравад. Папирос намекашад, май наменӯшад, фарбеҳу шикамкалон не. Қадаш дароз, ҷуссаи на харобу на фарбеҳ дорад. Мӯи сарашро метарошад ва ҳамеша дар сараш тоқии чустии озода буда, ба чашмаш айнак наменонад. Чашмони тезбинаш хурдтарин ҳарф ва рақамҳоро мебинад. Дар хона ва дар рӯи стол чӣ чизе зиёдатӣ бошад, дарҳол дарк мекунад ва онро гирифта ба ҷояш мегузорад. Ришу мӯйлабаш доим тарошида шудагӣ, дар танаш ҳамеша костюми базеб, вале галстук намеовезад, гиребони куртаи сафедаш кушода менистад. Чанд бор аз вай пурсиданд, ки чаро галстук намебандӣ, вай мегуфт, ки бобо-раис ҳам бегалстук мегардад! Бобо-раис гардани гафс ва ҷуссаи равғанӣ дорад, галстук занад, дилаш тангӣ мекунад, ту, ки гардани дароз ва борик дорӣ, онро бо галстук пинҳон карда оро диҳӣ, намешавад! Не, мизочи ман ҳам гарм, дили ман ҳам заъф мекунад, мегуфт.

Дар рӯ ба рӯи ӯ сарбухгалтери колхоз менишаст ва ҳамеша ҷангу ғурбати онҳо дар болои озодагӣ ва мураттаб шуда истодан, рӯи столро ғуйдоштан ва поҳоро шуста гаштан буд.

— Агар поятро ҳар рӯз ду бор нашӯй, дар ин ҷо ё ту ист, ё ман!— мегуфт Абдураҳмон ба вай. Сарбухгалтер мачбур мешуд, ки гуфтаи ӯро иҷро кунад.

Абдураҳмон Сандбеков то ба ин вазифа омаданаш воқеаҳои ачиберо аз сар гузаронидааст. Вай хушсӯҳбат ва чақ-чақист, агар аз худаш пурсед ва табъаш чоқ бошад, ба шумо ҳамин тавр нақл карда мединҳад:

— Рӯзи бороӣ ва дилсиёҳкунандаи моҳи декабрь буд, соли аввали ҷанг, соли 1941. Ман дар гаҳвора мехобидам (як сола бошам ҳам, маро ба гаҳвора мебастанд). Аз дуньё бехабар будам. Ғамам дар сари вақт шир хӯрдан, камтар-камтар аз хӯроки калонҳо ҳам хӯрдан, ғелидан, говак кашидан ва оҳиста-оҳиста қомат рост кардан буд. Бале, ман дар гаҳвора мехобидам,

ки ба падарам аз военкомат повестка меояд. Модарам мегирьяд. Падарам ба ӯ тасаллӣ медиҳад, ранс ваъда дод, ки ба шумоён нигоҳубин мекунад, мегӯяд. Лекин модарам боз ҳам сахттар мегирьяд ва мегӯяд, ки ман барои ту мегирьям, бо ин пои ланг чӣ тавр мечангӣ? Чаро ба ту повестка омадааст? Наход, ки ланг будани туро намедонанд?! Шояд сахв шуда бошад, мегӯяд падарам, ба район рафта мефаҳмам...

Падарам меравад. Ману модарам дар хона танҳо мемонем. Шаби сиёҳи пурғаму ғусса ҳавлии моро иҳота мекунад. Аз ҳавлии ҳамсоя овози гирьяи занаки мотамсаро шунида мешавад. Аз шавҳараш хати сиёҳ омадааст. Модарам ҳам мегирьяд. Шубҳа нест, ки аз шавҳари вай ҳам хати сиёҳ мерасад. Бо пои ланг вай чангида натавониста меафтад, тир мерасад... Наход, ки дар район дидаю дониста ӯро ба аскарӣ фиристанд?!

Овози нолаи зани ҳамсоя ҳеҷ тамом намешавад. Ман ҳам дар гаҳвора мегирьям. Модарам барои хобонидани ман алла мегӯяд, вале алла гуфтани вай ҳам ба нола монанд мешавад. Ман оҳиста-оҳиста хомӯш гашта ба дарунӣ гаҳвора хоб мекунам. Аз дунъё бехабар, осуда, ором ва бегам. Охир, тифли яксола дигар чӣ ғам дорад. Модарам бошаду гаҳвора бошаду алла бошад!

Рӯзи дигар дар осмони соф офтоби дурахшон мебарояд. Модарам чашм мекушояду пеш аз хама аз ман хабар мегирад. Ман бедор, вале хомӯш нигоҳ карда истодаам ва ҳатто ба рӯи модарам механдам. Модарам маро аз гаҳвора мекушояд, либосҳоямро нав мекунад ва ба рӯи намад гузошта, баъзе як бозичахоро ба наздам мегузорад. Дигар фурсати чой чӯшонидан нашуда аз дар падарам даромада меояд.

— Комиссия маро аз хизмати ҳарбӣ озод кард, — мегӯяд вай.—Озод шудаму ба як чиз дилам пурдард гашт. Писари ҳамсояамон— Муродҷон, ки акнун ба ҳафтдаҳ медарояд, ҳалок шудани падарашро фахмида, саҳаркатӣ омадааст, ки ӯро ба аскарӣ гиранд, то ки рафта қасоси падарашро аз фашистон ситонад. Лекин военком сари ӯро сила карда гуфт, ки ту ҳанӯз ҷавонӣ, ба ҷои ту дигарон, душманро зада ниқор гирифта истодаанд. Ту ба хона рав, мо ана ин амакатро хам нагирифтем, пояшон иллат доштааст... Ба ростӣ, ки дигарон рафта истодаанду ман фақат барои иллати по нарафта

мондам, афсӯс! Аз ҳамин ҷиҳат як дараҷа малул гаштам.[1]

— Ба сари мо соябон шуда омадӣ, ба колхозамон қувваи асосии корӣ шуда омадӣ, ба писарат ҳомӣ шуда омадӣ. Магар ин бад аст?!— гуфт модарам.— Ман аз радио шунидам, ки мегуфт: дар ақибгоҳ кор кардан ва аскарҳои ба ҷанг рафтагиро таъмин кардан ба Ватан хизмати калон аст.

Бале, дар ҳамин шароити рӯзҳои ҷанг, вале аз фронт хеле дур дар кӯҳистони Тоҷикистон синни тифлии ман гузашт. Аммо рӯзгорамон хеле ба сахтӣ мегузашт. Инро ман дар охирҳои солҳои ҷанг фаҳмида, донистам. Чорсола будам, бо меваю сардарахтию ғӯшачинӣ шикам сер мекардам. Подабонӣ карда наметавонистам, лекин бо подабонҳо рафтан мехостам. Агар падарам иҷозат медод, ба ҳар кор тайёр будам.

— Писарат серғайрат мешавад! — мегуфт вай ба модарам.— Худо хоҳад, дар пирӣ ба ману ту ҳамин ба кор меояд.

Падарам рост мегуфт. Аз хурдӣ ҷонам ба танам намеғунҷид. Медавидам, ҳам бозӣ мекардам ҳам ба қадри ҳол ба корҳои модарам мадад мерасонидам. Дар вақти тамом шудани ҷанг ман қариб панҷсола шуда будам. Пас аз ду соли дигар, ки ман ба ҳафт даромадам, ба мактаб доданд. Дар мактаб ҳам яке аз шӯҳҳо ман будам, ҳам яке аз аълохонҳо ман будам. Зуд хату савод баровардам ва ҳисобро омӯхтам. Ҷадвали карратро дар як шаб аз ёд кардам. Аз ин ҷиҳат муаллим аз ман хурсанд буд. Дар назди талабагони дигар маро таъриф мекард. Ҳатто як рӯз ба синфи дуюм бурда аз ман карратро пурсид ман фикр накарда гуфта додам. Баъд масъала дод, ҳал кардам. Муаллим сари маро сила

---

[1] Хати сиёҳ аз писари амаки Абдурахмон омада буд, ки вай дар ҳамсояги онҳо зиндагӣ мекард. Аҳоиботи кор дар ин аст, ки ҷавон сиҳат ва саломат ба қишлоқ баргашта омад. Номи вай Умарҷон буд. Ҳама ба арвоҳи ӯ фотиҳа хонда буданд, лекин модари мехрубонаш ва зани мушфиқаш ҳеҷ бовар намекарданд, ки Умарҷон мурда бошад. Онҳо мегиристанд, оҳу фиғон мекарданд, аз ҷудоӣ менолиданд, вале ҳамеша чашмдарроҳ буданд ва ба ҳама мегуфтанд, ки вай бармегардад. Мӯъҷиза рӯй дод: умеду мақсади модар ва зани мехрубон ҳадар нарафт. Ҷавон, ки ба тарафи партизанҳо гузашта мечангидааст, пас аз ба охир расидани ҷанг бо сарбаландӣ ва ифтихор ба зодгоҳаш баргашт, ҳоло муаллим аст. Ин тавр ҳодисаҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ борҳо такрор шудааст.

карда офарин гуфт, ана аз Абдурахмон ибрат гиретон, гуфт. Ман фахр карда ба худ болидам ва хатто ба илми хисоб камтар нонисандй пайдо кардам. Як-ду рўз вазифаи хонагиро ичро накарда омадам. Муаллим аз ман қаҳр кард, сахт оташин гашт, хатто заданй шуд. Баъд ба чои як вазифа, се-чор вазифа супурда гуфт, ки агар супоришро ичро накунам, ба ранси колхоз мегўяд, ки падарамро чазо диҳад, аз колхоз хай кунад. Ин танбеҳ ба ман алам кард. Рўзи дигар хаман вазифахои мушкилро хал карда омадам. Боз муаллим аз ман хурсанд шуд, боз таърифам кард...

Аз хурдй кувваи хофизаи ман зўр буд. Аз хисоб андак мундак масъаларо назарам намегирифт. Зуд роҳи халли масъаларо меёфтам. Аз синф ба хона нарафта хаман вазифахои хонагиро хал карда мемондам. Дар синфи чорум фақат як чўраам ба ман баробарзанй карда метавонист. Номаш Мирзоалй буд. Як рўз муаллим барои санчиш ба дуи мо як масъаларо дода фармуд, ки зуд хал кунем. Ман дар як парта, Мирзоалй дар партаи дигар менишастем. Бачахо хама нафас дарун кашида мунтазир буданд, ки канй кадоми аз мо пешдастй мекунад. Лекин ман осуда будам. Бемалол масъаларо хал карда, аз Мирзоалй пештар ба муаллим додам. Муаллим дида, санчида, хайрон шуд. Мирзоалй хам масъаларо зуд хал кард вале ба ман расида натавонист. Бинобар он аз аламаш гириста сар дод. Муаллим ба вай тасаллй дода гуфт, ки вай хам хуб, вай хам зуд кор мекунад, вай хам аз ман монданй надорад.

Синфи чорумро тамом карда будем, ки онлаи моро муҳоҷир карда ба райони Пахтакор фаровардand. Соли 1951 буд. Аз сахтихо ва норасоиҳои чанг кариб осоре намонда буд. Райони Пахтакор обод ва сершю пурй буд. Ман ба мактаб рафта ба чои синфи панчум якбора ба синфи шашум дохил шудам. Хурсанд будам, ки як сол пеш гузаштам. Вале дар хонаи мо хурсандй набуд. Падарам бемор шуда мехобид, модарам ба чои дар колхоз кор карда нон ёфтан, ба нигохубини падарам машғул буд. Ман хайрон будам, ки чй тавр карда ба падару модарам ёрй расонам. Як рўз хамроҳи як чўраам, ки хамсояи мо буд, аз мактаб баромада ба хавлй мерафтем. Димоғам сўхтагй, хафа будам, ба шўхиҳои вай хамроҳ намешудам. Ниҳоят чўраам сабаби хафагиамро пурсид. Ман сахтии рўзғорамонро шарх дода,

— намедонам, ки ба падарам чй тавр ёрй расонам,— гуфтам.— Мактабро партофта, подабонй кунам, ё ба пеши ранс рафта ягон кор пурсам.

— Мактабро напарто!— гуфт чўраам.— Ба хонаи мо биё, падарам ба ту бўйробофиро меомўзад. Хар рўз баъд аз дарс бўйробофй кун, пули рўзгоратонро меёбй.

— Рост гуфтй, чўра,— гуфтам.— Хозир ба хонаи ту меравем. Падари чўраам аз холи онлаи мо бохабар будааст. Вай гуфт, ки хозир бўрьё дар бозор мегузарад. Агар ман ғайрат кунам, то рўзи бозор даҳто бўрьё бофта метавонам. Пули даҳто бурьё то ба бозори дигар басу кифоя мекунад. Ба ин кори нек боғайрат часпидам. Хар рўз пас аз дарс аз найзор най зада меовардам ва бо пиширондои устодам найҳоро чок карда бурида ба бурьёбофй сар мекардам. Пас аз дарс то ба вақти хоб кор мекардам. Рўзи дигар ба мактаб рафта мехондам. Супоришҳои хонагиро дар вақтҳои танаффус дар худи мактаб хал карда мемондам ва аз дарсҳо низ пешқадам будам, рўзгорамонро хам таъмин мекардам. Ин кор ду сол давом кард, то ки падарам тамом сиҳат шуда бақувват шуда ба кор часпид ва зиндагиамон равнақ ёфт.

Ҳамин тавр, барои равнақи зиндагй меҳнат кардан, ғайрат кардан ва чашми корро донистан лозим будааст. Агар меҳнат накунй ва ҳаракат накунй, гушнаю ҳайрону нотавон шуда мемонй.

Дар ҳамин райони Пахтакор мактаби миёнаро ба таври аъло хонда тамом кардам. Ба маслиҳати муаллимҳо ва ёру дўстон ба институти тиб ариза додам. Духтур шуда падарамро нағз табобат мекунам, гуфтам. Худи намояндаи институти тиббй — муаллими калону донишманд ҳам ба ман ваъда дод, ки дар муддати панч-шаш сол маро духтури забардаст карда мерасонад.

Тарзи хондан ва дигар майда-чуйдаҳои таҳсилро напурсида, ба марказ, ба Душанбе рафтам. Аз имтиҳон нағз гузаштам. Лекин ба хурсандии ман як чавони шаҳрй халал расонид. Вай аз ман пурсид, ки аз мурда метарсам, ё не. Гуфтам, ки мурдаро надидаам, агар бинам, албатта дилам мерамидагист. Чавон гуфт, ки набошад, ту дар институти тиббй хонда наметавонй! Пурсидам, ки барои чй хонда наметавонам. Институт ба мурда чй дахл дорад. Чавони шаҳрй хандид ва гуфт: дар вақти хондан мурдаҳоро чок мекунй, дилу

чигару шуши одамро бурдида мебинй, устухонхои одамро мешуморй!

Не, гуфтам, агар ин тавр бошад, ман аризаамро гашта мегирам ва рафтаму аризаамро гашта гирифтам. Ба ташвику тарғиби муаллимхо гуш надодам. Ман ба университет меравам, гуфтам. Азбаски аз хисобу хандасаю илмхои риёзй пешкадам будам, дар университет ба шўъбаи иқтисодиёт кабул шудам ва хурсанду шод, барои хайрухуш карда омадан ба сўи кишлокамон рахсипор шудам.

Дар ними рох, дар райони Галлаарал барои хўрок хўрдан ва дам гирифтан ба ошхона даромадам. Дар он чо як дўст ва хамкишлокии худро дидам, ки хўрок хўрда нишастааст. Маро дида хурсанд шуду ба таклиф кард. Хўрок хўрдем, холу ахволпурсй кардем. Маълум шуд, ки вай дар ин район сардори якидораи хочагй таъин шудааст. Дар хамин карибй ба кор сар кардааст. Як нафар хисобчй намерасидааст.

— Биё, ба мо ба кор даро!— гуфт вай.— Университетро ғонбона хондан мегирй. Ту одами хушьёр ва пухта, хам кор карда метавонй, хам хонда метавонй. Ба падару модари пират ёрй расонида менстй, ба ман хам хуб мешавад, ки одами худй хастй.

Хамин тавр ба холу чонам намонда розй кунонид. Маро ба мошинаш савор карда ба Душанбе бурд, аризаамро гирифта ба шўъбаи ғонбона дод ва кабул кунонида ба Ғаллаарал баргардонид. Аз ин кор падару модарам хам шод гаштанд ва ман дар бадали шаш сол хам кор карда, университети ғонбонаро ба таври аъло тамом кардам.

Аз азал такдири ман ба иқтисодчй ва бухгалтер шудан будааст магар, ки дар хондану азхуд кардани илми хисобу риёзиёт хеч мушкилй намекашидам ва ин хислат имрўз хам ба ман ёрй мерасонад ва имкон медиҳад, ки хисобу китоби хамин тавр колхози калонро бемалол пеш барам.

Пас аз тамом кардани университет аз рўи таксимот ман ба райони Т. ба колхози Навбахор сариқтисодчй таъин шудам. Аз Ғаллаарал хисобамро баробар карда ба райони Т. рафтам. Ин район бо райони Пахтакор хамсоя, ба хавлии падару зуд-зуд рафта омадан мумкин шуда монд. Раиси колхоз марди пуртачриба, кухансол, вале камсавод, камкувват ва дардманд буд. Маро хуш кабул кард. Дари кабинетро пўшида, маро бо худ карибе шинсонду ба гап сар кард:

— Писарам,— гуфт вай,— омадй, нағз кардй. Колхозамон бад не, халқамон мехнатй ва боғайрат аст. Лекин дар миён одамони чуғул, бадкина ва фитнакор хам хастанд. Хамин хел касон хар рўз аризабозй, тўдабозй карда ба иқтисоди колхозамон зарари бисьёр расонидаанд. Акнун бояд ману ту ва котиби ташкилоти партия рафиқ Сангалй даст ба даст дода пеш аз хама иқтисоди колхозро боло бардорем. Барои ин замина хаст. Баъд бо чуғулхо ва фитнагархо мубориза барем. Чй гуфтй?

— Хар чй фармоед, ичро мешавад, раис!— гуфтам.— Майлаш, аввал бо корхо ошно шавем, бо аъзохои правления ва котиби ташкилоти партия вохўрам, ана баъд охиста-охиста ба кор сар мекунам. Дар университет хар чй омўхта бошам, барои ривочи кори колхоз бедареғ истифода мебарем.

Гумон доштам, ки фитнагарон ва бадхохони кори колхоз ба ман халал дода наметавонанд. Лекин ин фикри ғалат будааст. Дар рўзи сеюми ба кор сар карданам Валиев ном шахсе, ки яке аз муовинхои раис будааст, ба наздам омад. Аз бухгалтер, ки ба рў ба рўи ман менишаст, хохиш кард, ки камтар берун баромада истад вай бо ман сўхбати хосса карданй... Бухгалтер корашро монда берун рафт. Валиев дарро аз паси вай баста ба ман қариб нишасту ба гап сар кард:

— Шумо одами нав, бо шароити ин чо ошно нестед, бинобар он ман омадам, ки баъзе масъалахоро ба шумо фахмонда монам.

— Бисьёр нағз, марҳамат, гўшам ба шумо!— гуфтам.

— Маро медонед, ки муовини раис хастам, корхои чорвопарварй азони ман ва дар айни замон котиби ташкилоти партия хам хастам...

— Рафиқ Сангалй...— гуфта мехостам, ки пурсам, вай ба ман мачал надода ба гапаш давом дод:

— Рафиқ Сангалй семоҳа, ё панчмоҳа ба хондан, рафтанд, ба чояшон ман! Аз ин чихат хотирчамъ бошед. Эхтимол рафиқ Сангалй дигар ба ин чо наомада, ба колхози дигар равад. Дар ин чо ман хастам, ман кор мебарам. Бо ман бошед, нонатон ба равган мешавад, агар худсарй кунед, баъд аз худатон гила кунед!

Худи хамин мукаддима ва таъкидот кй будани Ва-

лиевро ба ман нишон дод. Лекин чизе изҳор накарда гуфтам:

— Ман бо хама ҳам бо шумо, ҳам бо раис ва ҳам бо колхозчиён якчо кор мекунам. Чаро худсарӣ кунам? Ман ҳад надорам, ки худсарӣ кунам.

— Ҳа, офарин!— гуфт Валиев ба гумони он ки аз таҳдиди вай тарсидам. — Якчоя кор мекунем. Нонамон ба равғаи мешавад, ин як! Гапи дигар ҳамин ки шумо ҳоло бо ведомостьҳо ва рӯйхати штатҳо ошно нашудаед...

— Ошно шудам. Шумо...

— Бале, бале,— гуфт, гӯё ба мақсади ман пай бурда Валиев.— Моҳонаи ман аз нишондоди рӯйхати штатҳо андак зиёдатар аст. Инро раис ҳам медонанд. Ин барои ҳамин, ки кори ман зӯртар аст ва хусусан ҳоло ки ман котиби ташкилоти партия ҳам шудам... Бинобар он аз шумо хоҳиш ҳамин, ки ба ин масъала дахл накунед, кордор нашавед! Чӣ гуфтед?

— Ман ҳеч чиз намегӯям, ваъда ҳам намедиҳам!— гуфтам рӯйрост.— Агар аз қонун берун бошад, ман роҳ намедиҳам. Чунки як рӯз ҳам ба худатон, ҳам ба раис ва ҳам ба мо коркунони ин шӯъба гап мерасад.

— Агар аз гуфтаи ман набароед, гап намерасад!— гуфт Валиев.— Ҳама тарафашро худам соз карда мемонам. Шумо дар колхоз кор накардед, колхоз мисли як ҳавзи пуроби васеъ аст. Аз ин тарафаш гиред, аз тарафи дигараш омада мемонад. Асло парво накунед!

— Оби ин ҳавзи васеъ ҳар қатрааш бояд ба ҳисоб бошад!— гуфтам.— Чунки аз ин об халоиқ, колхозчиён ҳалқ тар мекунанд ва онҳо бо арақи ҷабини худ ин ҳавзро аз об пур кардаанд.

— Хайр, ҳоло гап ҳамин гӯед?!— гуфт Валиев.

— Гап ҳамин — гуфтам ба рӯяш рост нигоҳ карда. —Ман моҳонаи шуморо аз рӯи қонун дуруст карда мондам. Аз ин моҳ сар карда ҳаққи худатонро мегиред!

— Манкатӣ ҳазл накун, бачча!— гуфт ба «ту» гузашта Валиев.— Баъд пушаймон мешавӣ, ки суд надорад. Агар ба моҳонаи ман даст расонӣ, ман пою қадами туро дар ин ҷо хушк карда мемонам.

— Ихтиёратон!— гуфтам нотарсона.— Ман аз қонун берун рафта наметавонам. Агар аз боло гӯянд, ки зиёдатии пулҳои гирифтаатонро аз шумо рӯёнам, боз пулро камтар мегиред... Оҳиста-оҳиста аз моҳонаатон нигоҳ медорем.

Ин ба ҷони ӯ бало шуд. Аз ҷо бархосту ба рӯи ман нигоҳ карда гуфт:— Худи пагоҳ корро ба каси дигар месупорӣ!

— Агар фармони боло шавад, марҳамат!

— Фармони ман мешавад!

— Фармони шумо ба ман намегузарад! Ман ҳам дар ҳуқуқ ба шумо баробар ҳастам.

— Ин ҷо замини ман, ин ҷо колхози ман, хонаи ман аст!— гуфт Валиев асрори дарунии худро фош карда.— Мо ба дигарон роҳ намедиҳем, аз кучое ки омада бошӣ, ба хамон ҷо меравӣ!

Инро гуфту дарро шараққосанон аз паси худ пӯшида баромада рафт. Ман донистам, ки дар ин колхоз бемалол, аз рӯи дониш ва илме, ки аз худ кардаам, кор бурдан осон намешавад. Ман бояд ҳам барои боло бардоштани иқтисоди колхоз кӯшам ва ҳам бо ин хел ҷонзотҳо дастбагиребон шавем.

Ҳамон бегоҳ ба назди раис рафта, сӯҳбатеро, ки бо Валиев карда будам, гуфта додам. Раис тааммул карда истода гуфт:

— Валиев сардори фитнагарон аст; бо вай эҳтиёт карда муомила кун! Аз дасти вай ҳар кор меояд. Одамҳои вай дар идорахои район ҳам ҳастанд, ӯро тарафдорӣ мекунанд.

— Бошанд, будан гиранд!— гуфтам.— Мо бо шумо аз рӯи қонун рафтор мекунем. Агар ин корамон маъқул набошад, ҷойро холӣ кунанд. Ҳукумат ва партия моро тарафдорӣ мекунанд.

— Майлат, ихтиёрат!— гуфт раис.— Ман ба ҳар ҳол дар тарафи ту мешавам.

Рӯзи дигар моҳонаи Валиевро аз рӯи қонун гузаронида мондам. Аммо вай дигар ба наздам наомад ва худашро нишон надод. Маълум, ки чун мор печутоб хӯрда аз паи қасос гаштааст. Албатта ба маркази район ҳам рафтааст, зеро ки бухгалтер ба ман путёвкаи шофёри мошинаи майдаро, ки ба яслиҳо хӯрок мекашонид, нишон дод ва гуфт:

— Ин мошина ба ном ба яслиҳо хӯрок мекашонанд, дар ҳақиқат дар таги пои Валиев аст. Гоҳ ба маркази район, гоҳ ба қишлоқҳои дигар, гоҳ ба шаҳр меравад. Дар як моҳ ба дусад сӯм бензин зиёд рафтааст.

— Аз кадом ҳисоб?

— Маҷбур мешавем, ба ягон ҳисоб дароварда мемонем.

— Ин ғалат аст!— гуфтам.— Дигар як тин знёда харҷ намекунед! Мошина азони яслиҳо бошад, хизматашро кунад. Валиев асп дорад, савор шуда гаштан гирад.

— Ба мо омада дӯғ мезанад...

— Дӯғ занад, ба ман рохӣ кунед!

Ҳамин тавр як сӯм-як сӯм, сад сӯм-сад сӯм харочоти знёдро кӯтоҳ карда, дар андак муддат ба колхоз хеле даромад кардам. Ҳар чиҳати молиёти колхозро дида баромада, дар ҳама ҷо контрол ва тафтиш монда, хакки мехнати колхозчиёнро боло бардоштам. Ранс ва колхозчиён аз кори ман хурсанд буданд. Лекин Валиев ва тарафдорони вай ба ман дандон тез мекарданд. Хусусан аз мошина маҳрум кардани ман ба вай сахт таъсир кардааст, ки аз болои ман материалҳо, аризаҳои дурӯғӣ чамъ карда, масъаларо ба мачлиси партиявӣ гузоштааст.

Дар мачлис аз райком намоянда буд. Гӯё, ки ман автомобили «Москвич»-и ба колхоз додашударо азони худ карда бошам, гӯё ки ман пули колхозро ба кисаи худ зада, автомобил харида бошам ва ҳоказо ва ҳоказо...

— Набошад,— мегуфт Валиев аз ҷо бархоста,— дар бадали ин як-яку ним соли кор карданаш аз кучо ин кадар пул ёфтааст, ки ба автомобилҳарӣ расида бошад?

— Ман автомобил нахаридам, — гуфтам. — Ин автомобилро падарам аз латорея бурд кард. Санаду кағазҳояш хаст. Шоҳидхо хастанд.

— Шумо корро партофта, ҳар рӯз ба райони Пахтакор мерафтаед?— пурсид намоянда.

— Ҳар хафта як рӯз, фурсат ёфта аз падару модарам хабар мегирам. Кори ман хоб накардааст. Ман аз мачлис хоҳишмандам, ки як комиссияи тафтиш ташкил диҳанд ва кори ману кори Валиевро дида бароянд ва дар мачлиси оянда аз кори худ коммунистонро огоҳ кунанд. Ҳар кас гунаҳгор бошад, мувофики гуноҳаш чазо бинад.

Таклифи маро қабул карданд. Ба комиссия худи раиси колхоз сардор шуд ва дах рӯз ҳаман корҳои маро ва корҳои Валиевро тафтиш карданд. Ба болокорӣ аз маркази район ҳам барои тафтиши корҳои чорвопарварии колхоз комиссияи тафтиш омад ва дар натича аз кори ман ҳеч камбудие наёфтанд. Баракс маълум шуд, ки Валиев дах гови фарбехро ба дах гови харобу лоғар

иваз кардааст. Ба ғайри қонун пули бисьёре гирифтааст ва ҳоказо... Мачлис қарор дод, ки Валиевро аз кор гирифта материалҳоро ба идораҳои тафтиш диҳанд, то ки чиноятҳои ӯро то ба охир фош намоянд.

Ин ғалаба ба ман фавқулодда рӯҳ бахшида бошад ҳам, дилам аз тарафи дигар дар хичил шуда монд. Ман бовар доштам, ки думҳои Валиев аз пан ман пеша мегарданд ва то тавонистанашон ба ман халал мерасонанд. Бинобар он ҳамеша хушьёр, ҳамеша доништа ва ба гирду атрофам нигоҳ карда мегаштам. То як соли дигар дар ҳамон колхоз кор карда, барои равнақи кори он ҳарчи аз дастам омад, кардам.

Дар ин байн як рӯз ҳамин бобо-ранс бо чӣ коре ба колхози мо омад ва бо ман аҳволпурсӣ кард. Ранси мо маро таъриф кард ва аз кори ман қаноатмандӣ изҳор намуд. Бобо-ранс хурсанд шуд ва гуфт, ки аз ҳамдиёрони мо одами бад намебарояд!

— Саломат бошед бобо-ранс,— гуфтам,— лекин дар ин ҷо танҳоям, падару модар дар ҷои дигар. Аз ҳамин чиҳат андак ба тангам.

— Ҳа,— гуфт ранс,— падарат маро дида аз ту шикоят карда буд.

— Ба шикоят кардан ҳақ дорад,— гуфтам.

— Хайр, ягон рӯз ба колхози мо биё, маслиҳат мекунем.

Ман пас аз ду-се рӯз ба колхози «Хатлон» рафтам. Хайрият ки ранс дар идора будааст. Маро хуш қабул карду гуфт:

— Падарат дирӯз ҳам ба пеши ман омада буд. Мехоҳад, ки аз ҳамин ҷо ба вай камтар замин диҳам ва туро ҳам ба кор қабул карда гирам.

— Бисьёр фикри маъқул,— гуфтам.— Он рӯз дар назди он ранс гуфта натавонистам, ба ростӣ, ки намехоҳам дигар дар он ҷо кор кунам. Агар дар колхози шумо ба ман коре ёфт шавад, ҷон-ҷон гуфта меоям. Дар ин колхоз ёру ошноҳо бисьёр падару модар ҳам осуда мешаванд.

— Майлат,— гуфт бобо-ранс,— агар аз он колхоз ба хушӣ иҷозат диҳанд, биё, дар мо кор бисьёр.

Пас ба назди падару модар рафтам. Воқеаро гуфта додам. Онҳо аз ман бо илтичо хоҳиш карданд, ки таклифи бобо-рансро ба замин нагузорам ва албатта ба колхози «Хатлон» равам, ҷо гирам ва онҳоро кӯчонам. Ранси колхози «Навбаҳор» аввал маро ҷавоб додан на-

хост. Баъд, ки бисьёр исрор кардам, гуфт, ки майлаш ту ҳам рав, ман ҳам аз ранси истеъфо медиҳам. Пир шудаам, дигар ғайрату кори пештара намондааст.

Ана бо ҳамин ман ба ин ҷо, ба колхози «Хатлон» омадам. Аввал чанд гоҳ бухгалтери сохтмон будам, баъд сариктисодчӣ...

* * *

Абдурахмон Саидбеков дар дил орзу ва хавасхои зиёде дошт. Мехост, ки колхози Хатлон пешқадам бошад, дар республика яке аз калонтарин колхозҳо бошад, замини бисьёр дошта бошад, пули бисьёр дошта бошад, техника—мошин ва олот фаровон бошад... Боборанс бисьёр дуруст рафтор мекунад: барои ҳар кор пеш аз ҳама одам лозим аст. Вай ба гирду атрофи худ одамони чаққон, одамони кордон ва ғамхорро тарбия карда расонида истодааст. Ин одамҳо барои бардоштани иктисоди колхоз ҳаракат кардаанд. Ҳоло дар хазинаи колхоз хеле пул ҷамъ шудааст. Ин пулҳоро боз ҳам зиёдтар кардан, даромади колхозро афзудан лозим аст. Даромади колхоз ҳамон дам меафзояд, ки ҳосили хочагӣ зиёд бошад. Аммо афсӯс, ки замини колхоз кам аст. Ҳар чӣ ки тавонистанд, аз пахтазор ва найзор замини ҳосилхезро кашида гирифтанд. Дар поён дигар замин намонд, магар, ки дар доманаи теппаҳо... аммо дар он ҷо об нест...

Саидбеков дар ин андешаҳо буд, ки бобо-ранс аз дар даромад.

— Ҳа, монда нашаветон, бачаҳо!— гуфт вай.— Чӣ хабарҳои нав ҳаст?

— Ҳеч, хотирҷамъӣ, — гуфт Саидбеков. — Вокеан, аз Нозимтой кас омада буд, Ғулом шудгорро пурра адо кардааст.

— Агар ин қадар трактору техника дошта бошӣ, ту ҳам дар як рӯз ҳамаи теппаҳои Нозимтойро шудгор карда мепартофтӣ!

— Ними трактороҳояш бекор мехобиданд-ку?

— Рафиқ Сангинов ёрӣ дод, аз селхозтехника асбоб гирифтем. Ҳамаи трактороҳояшро дуруст карданд. Агар пас аз ин ҳам вазифаашро ичро намекард, ҷояш дигар мешуд.

— Не, Ғулом мекунам гӯяд, метавонад, фақат андак девонагӣ дорад.

— Хайр, ба маҷлиси ҳисобот тайёрӣ дидан лозим... Ҳеч фикр кардӣ?

— Фикр кардам, ними зиёди материалҳо, сифру рақамҳоро ҷамъ кардам. Навиштанаш осон. Лекин баъзе як андешаҳо буд...

— Чӣ андешаҳо?

— Дар мо ҳаман имкониятҳо ҳаст, ки майдони кишти пахтаро қариб ду баробар зиёд кунем. Пул дорем, техника ва одам ҳаст, фақат ҷой нест, замин нест...

— Яъне, ки барои обьёрӣ карда пахта коштан замин ёфтан лозим. Замин ҳаст, лекин об нест. Ман ҳам дар ин хусус кайҳо боз андеша мекунам. Ана, ин тарафи ферман болоро дидай, чи қадар заминҳои ҳамвори хуб бекор хобидаанд...

— Бекор не, ранс, он ҷо ҳама чарогоҳи молҳост.

— Чарогоҳ болотар мекӯчад, гап дар ин не, лекин об нест. Агар ба он ҷо об барорем, хеле пахта коштан мумкин.

— Чӣ хел карда об мебарорем? Барои насосҳо монда об баровардан харҷу меҳнати бисьёр лозим. Баъд ниженеру техникҳо ин кори мушкилро ба гардан наменгиранд. Ба ин тараф об баровардан мушкил!

— Мумкин! Об баровардан нею об ҷамъ кардан мумкин! — гуфт бобо-ранс ва маънидорона ба рӯи Саидбеков нигоҳ карда истода илова намуд.— Биё, ман плашамро дар худи ҷояш рафта ба ту гуфта диҳам.

— Марҳамат, ман ҳозирам!— гуфт Саидбеков ва аз ҷо бархост.

Он рӯз ҳаво баҳорона буд. Офтоб шаъшаапошӣ мекард, нурҳои заррини он ба кас мефориданд. Дашту адирҳо бо манзараи дилрабои худ ҳуши касро ба худ мекашиданд. Дар поён ҳаман заминҳои пахта аз ғӯзапоя тоза, бисьёрии онҳо шудгор шуда буданд. Дар болотар теппазорҳо доман паҳн карда ба китфи ҳамдигар сувор шуда, оҳиста-оҳиста баланд мешуданд. Рамаҳои гусфанду говҳо чаро карда мегаштанд...

Мошинаи сабукрави ГАЗ-69, ки нав ва пуркувват буд, аз роҳи пурчанги аробагузар боло мебаромад. Боборанс ва Абдурахмон ба қафои шофёр нишаста ба гирду атроф чашм дӯхта буданд. Роҳи аробагузар то ба сари тӯли чӯе, ки аз тарафи шимол омада, қад-қади теппаҳо ба сӯи қишлоқи поён мерафт, расида охир шуд. Ба сӯи боло роҳи калон набуд, пайраҳаи одамрав буду бас. Шофёр хост, ки аз пайраҳа ҳам мошинаро рон-

дан гирад, лекин бобо-ранс гуфт, ки бас аст, дар ҳамин ҷо ист.

Бобо-ранс ва сариқтисодчӣ пиёда шуданд, аз пул гузашта ба тарафи рост баргаштанд ва қад-қади чӯ хеле роҳ гашта буданд, ки ба як ҷои дегмонанд расиданд, ки се тарафаш баланд ва тарафи поёнаш ҳамвор буд, дар зери «дег» як миқдор обҳои борон ҳам ҷамъ шуда монда буд.

— Ана ба ин ҷо нигоҳ кун!— гуфт Мирҳайдар,— чӣ қадар ҷои кӯлбоб аст, ҳам чуқур, ҳам васеъ ва ҳам дар баландӣ...

— Кӯлбобу лекин беоб!

— Кӯл не! — гуфт бобо-ранс ба Абдураҳмон хитоб карда.— Дар ин ҷо обанбор месозем. Оби чӯ ва обҳои баҳор дар як мавсими зимистон онро пур мекунанд, хеле об ҷамъ мешавад. Баъд тамоми тобистон ана он сӯи поёнро бо об таъмин кардан мумкин. Ҳеҷ набошад, се ҳазор гектар заминро обьёрӣ мекунад.

Абдураҳмон диққат карда истода ба андешаи чуқур ва ҳисобдонии бобо-ранс қоил шуд.

— Бале, камаш се ҳазор гектар заминро обьёрӣ карданаш мумкин. Лекин ин чӯйборро тоза кардан, саробашро, дигар шохаҳои обдавашро рост кардан лозим мешавад...

— Бе ин намешавад, албатта...

— Вазорати хоҷагии қишлоқ, вазорати бо, мутахассисҳо чӣ мегуфта бошанд?

— Вазирҳоро гирифта оварда нишон медиҳам.

— Не, аввал ду-се мутахассиси ин корро—мелиораторҳоро ҷеғ задан лозим. Бо онҳо масъаларо пухта, ба боло мурочиат кардан хуб мешавад.

— Ин гапат ҳам дуруст!— гуфт ранс ва мехост, ки чизе илова кунад, нохост, аз паси теппаи он қарибӣ овози чир задани зане хушн ҳар дуро паронд ва беихтиёр ба сӯи овоз давиданд.

Дар паси теппа Зулфияро бо ҳисобчии идораи колхоз диданд, ки аз чизе ваҳмида гурехта истодаанд. Овози рансро шунида онҳо аз раҳашон баргаштанд ва андак аз боло давр зада ба назди ранс омаданд.

— Хӯш, боз ин чӣ масхарагӣ?— пурсид бобо-ранс аз Зулфия. Духтараки шӯхи бебок ба рӯи ранс нигоҳ-кунон гуфт:

— Мор, кариб аз поям газида буд.

— Мегазид, нағз буд,— гуфт бобо-ранс.— Дар вақ-

ти кор, бо ҷавони бӯзбалаи бегона дар ин ҷо, дар ин пасҳамӣ чӣ кор мекунӣ?

Гапи бобо-ранс магар сахт расид, ки ҳам ҷавон, ҳам Зулфия сар ҳам карданд.

— Зафар, ба ту чӣ шуд?— пурсид Абдураҳмон.

— Зулфияхон катӣ ба ферма рафта будем, ҳисобу китобашонро дида баромада, дуруст кардем.

— Ба ферма аз ин сӯ роҳ ҳаст?!— пурсид ранс.

— Роҳро миёнбур карданӣ шудем,— гуфт Зулфия. —Очаи Сандалира дард гирифтааст, тез рафта улав овардан ва ба таваллудхонаи район бурдан лозим.

— Мудири ферма чӣ номаъқулӣ мекунад? Улаваш гум шудааст-чӣ? Зоотехник ҳам дар ҳамон ҷо бо улаваш гаштааст!

— Зоотехник рафтагӣ, улави ферма болода,— гуфт Зулфия.— То омадани вай вақт нест...

Ранс андак тааммул карда истоду ба роҳ даромад ва бо сараш ишора кард, ки аз паси вай оянд. Ҳама хомӯш роҳ мегаштанд ва ҳар кӣ ҳар гуна хаёл мекард.

Абдураҳмон хаёл мекард, ки бобо-ранс ба гапи Зулфия бовар накард, бинобар он ҳозир ба ферма рафта худаш пурсуков карда мефаҳмад. Агар гап дурӯғ барояд, баъд ба ҳарду ҷавон ҷазои сахт бояд диҳад... Ҷазо? Барои чӣ? Барои он ки ду кас бероҳа ба сӯи қишлоқ мерафтанд? Не, бобо-ранс набояд ин тавр кунад. Ин ба феълу атвори бобо-ранс намечаспад. Вай касеро озор надодааст. Чӣ ҷои он ки ин ҷавон! Вай аз мардум некиро дареғ надоштааст. Агар Зулфияю Зафар ба ҳамдигар дил дода бошанд, бигузор як шаванд, зану шӯ шаванд, онҳо созанд. Ин айб не!...

Зулфия фикр мекард, ки бобо-ранс ба гуфтаҳои вай бовар кард, акнун худаш ягон чора меандешад. Лекин дар хусуси бо Зафар гаштани вай қаҳраш омад. Барои чӣ шарм накарда, бо ҷавони бӯзбала яккаю танҳо дар пасҳамиҳо гаштааст, гуфта бояд таҳдид кунад... Бале, вай сабукпо ва бадахлоқонро бад мебинад. Лекин ману Зафар чӣ бадахлоқӣ кардем?! Ҳамроҳ гаштани ду ҷавон манъ шудааст-чӣ. Хай, ҷанг кунад, кардан гирад! Ман Зафарро дӯст медорам, ба вай қавл додам, зану шӯ мешавем. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ба мо моней кунад.

Зафар, ки аслан ҷавони шармгин ва боҳаё буд, аз ин вохӯрии ногаҳонӣ хеле хиҷил шуда буд ва фикр мекард, ки акнун ранс ӯро аз кор ҳай мекунад, сахт ҷазо

медихад... Қошкӣ имрӯз Зулфия ба вай вонамехӯрд, кошкӣ ба ферма гирифта намебурд! Лекин ба ферма рафтани вай зарур будааст. Зулфия бало, дониста будааст, ки корҳои хисоботи фермагиҳо нуксон дорад. Вай рафту хеле ёрӣ расонд. Ин барои ҳама хуб шуд. Лекин масъалаи ба таваллудхона бурдани очаи Саидалӣ аз кучо баромада монд, ки бояси шубхаи бобо-раис гашт! Набошад, онҳо қасдан аз ин сӯ наомадаанд...

Дар сари пул ба назди мошина расида буданд, ки бобо-раис ба шофёр мурочиат кард:

— То ба ферма рафта метавонӣ?

— Чанд бор рафта будам, роҳ ҳамвор!— гуфт шофёр.

— Набошад,— гуфт бобо-раис,— бо Зулфия рафта очаи Саидалиро бор кунеду оҳиста ва дониста ронда ба таваллудхонаи район барен!—ва ба Зулфия ишора кард, ки ба мошина сувор шавад.

Зулфия ба мошина баромаду шофёри ботачриба мошинаро ба пеш ронд, дар пайраҳаи байни теппаҳои баланду паст паи нав, паи чарҳҳои мошинаро гузошта боло баромадан гирифт...

* * *

Бобо-раис, сариқтисодчӣ ва ҳисобчии идораи колхоз оҳиста-оҳиста бо роҳи шағал поён фуромадан гирифтанд. Пас аз хеле роҳ гаштан раис ба сариқтисодчӣ мурочиат кард:

— Наход, ки дар ҳамин наздикиҳо таваллудхона набошад?

— Нест,— гуфт Абдураҳмон.— Бемористон ҳам нест. Мардум ба маркази район мераванд.

— Аҷоиб одамоне ҳастанд ин духтурҳои мо!— гуфт бобо-раис. Наход, ки барои як райони калон фақат як таваллудхона бошад? Шаб ҳаст, ними шаб ҳаст, аврат-ҳои дард гирифтагӣ ба кучо мераванд?

— Дар хона мезоянд...

— Дар шароити бад?

— Дигар илоҷ нест.

— Илоҷ ҳаст!— гуфт ба таври қатъӣ бобо-раис.— Мо дар Навободи худамон бемористон ва таваллудхонаи калон месозем. Соли оянда панҷ нафар ҷавонони қишлоқамон шаҳодатномаи духтурӣ гирифта меоянд.

— Ду нафар институти Самарқандро тамом мекунанд.

— Рост,— гуфт раис рӯҳ гирифта.— Боз ду нафар мактаби фельдшериро тамом карда меоянд. Ин шуд хафт нафар духтуру фельдшер. Дигар ҳамшираҳои шафқат ва момодояхоро аз ҳамин ҷо меёбем... фақат зудтар бинаро сохта ба дасти онҳо супурдан лозим!

Абдураҳмон табассум карда монду гап назад.

— Чи табассум мекунӣ? Аз ӯҳдаи ин кор намебароем-чӣ?

— Барои духтурхона сохтан ва онро ба кор андохтан бисьёр чизҳо лозим. Аввалаш иморати онро аз рӯи нақшаи махсус гирифта кашидан лозим, ки асбобҳои табобатро ҷойгир карда тавонад. Сониян, ҳамон асбобҳои табобат, дорую даво, қайчию корду пахтаю дока ва ғайра ва ҳоказоро ёфтан даркор? Ана баъд духтурхоро дароварда беморонро табобат кунонидан мешавад.

— Мекунем, ҳамаашро мекунем!— гуфт раис ба таври қатъӣ.— Пул дорем, кадр ва одам дорем, ҷо дорем, ташкилоти сохтмон ҳаст, ба кор сар кард... Дигар чӣ?

— Обанбор сохтан лозим,— гуфт Абдураҳмони якрав.— Мактаб сохтан лозим, барои колхоз идораи калон ва нағз, хонаи маданият, ҳаммом, роҳ сохтан лозим ва заминро пахтаро ду баробар васеъ кардан лозим... Қадомаш зарур?!

— Ҳамааш зарур!— гуфт бобо-раис.— Ману ту дигар чӣ кор дорем?! Шабу рӯз ҳаракат мекунем, зӯр мезанем, мешавад! Пеш аз ҳама дар маҷлиси правления бо аъзоҳо машварат мекунем. Ман ба марказ рафта ба Госплан медароям, планҳоямро мегӯям, ёрӣ металабам, не намегӯянд албатта... Ҳаман корҳо мешавад, насиб бошад, лекин агар ана ин Зафар барин ёридиҳандаҳои ту дар вакти кор дар адирҳо ишқбозӣ карда гарданд, обрӯи роҳбарони колхозро резонанд, ҳеҷ кор намешавад!

Ба нигоҳи тези бобо-раис тоқат накарда, Зафар чашм ба замин дӯхт.

— Зафар бачаи коргурез не, бобо-раис,— гуфт Абдураҳмон.— Ба гумон Зулфия маҷбур карда ба ферма гирифта бурдааст.

— Хайр, роҳи ферма дар паси адир не-ку!— хитоб кард раис.

— Тезтар ба қишлоқ расем гуфтем...— ғурунгос зад Зафар.

— Қишлоқ баҳона!— гуфт боз бобо-раис ва аз роҳ-

гаштан бозистода пурсид:—Рост бигӯ, Зулфия ба ту маъқулай?

Зафар сурх шуду боз чашм ба замин дӯхт.

— Дарди дилатро ба бобо-ранс нагуфта, ба кӣ мегӯӣ, нодон! — хитоб кард Абдураҳмон. — Рост бигӯ, ба мақсад мерасӣ!

— Ман даст нарасондаам! — гуфт охиста Зафар ва хомӯш монд.

— Аз ту инро напурсидаам!— ранс овоз баланд кард.— Медонем, ки ту ҳад надорӣ ва Зулфия ҳам аз он хел духтарҳо нест. Ман мепурсам, ки шумо ба ҳамдигар мефоред?

Зафар сурх шуд, ларзид ва ниҳоят базӯр «ҳа» гуфта монд.

— Кӯр чӣ мехоҳад, ду дидаи бино!— гуфт Абдураҳмон. — Чанд вақт боз пай мебарам Зафари мо ба Зулфия дигарҳелтар нигоҳ мекунад ва Зулфия ҳам... Агар иҷозати шумо шавад, бобо-ранс, ман ба миёни ҳаминро дарояму мушкилашонро осон карда ба шумо хабар диҳам.

— Майлат, агар ба ҳамдигар форида бошанд, ин хела гашту гадак накунанд ва мувофиқи урфу одати нағзи худамон хостгорӣ карда дасти ҳамдигарро қапанд. Мо чизе намегӯем, хурсанд мешавем.

— Раҳмат гӯй!— гуфт Абдураҳмон ба Зафар хитоб карда.— Илоҳӣ барака ёбед, гӯй!

Зафар сар бардошт. Дар чашмони вай ашки шодӣ чарх мезад.

— Барака ёбед, бобо-ранс!— гуфт вай бо овози ларзон... Шумо падари ман ҳастед!...

Ва тозон ба сӯи қишлоқ давида рафт. Ранс ва Абдураҳмон бо табассуми мамнуният аз қафои ӯ нигарон монданд.

10

Бегоҳии ҳамон рӯз дар Нозимтой, дар хонаи бригадир Ғулом Бадалов меҳмондории калоне барпо шуда буд. Дар пешгоҳи хона, ба рӯи кӯрпаҳои қабат ба қабат Ҷобир Билолов, сардори участкаи боло менишаст. Вай марде буд ғалча, қадпаст, снёҳчехра ва рӯйпаҳн, мӯйлабони зардтобаш аз бари лабонаш овезон, ришаш тарошида шуда ба сар токии ироқидӯзии чуқур гузошта, ба тан гимнастёркаи хокиранг, ба по мӯза буд, ки ҳоло кашидааст.

Ин мард чандин хосияти хубу нек ва чандин хосияти бад дошт, ки дар натиҷа фондаи он ба зарари ин намерасид. Қори хочагии қишлоқро нағз медонист, ташкилотчӣ буд, вақто ки бо овози баланди равғанини худ сухан карда, ба мардум кор фармояд, ҳеҷ кас сухани уро ду намекард. Чандин сол дар идораҳои Совети кор карда, ранси комиҷроиян район, ранси ҷамоаи қишлоқи калон буда, вале хусусияти тӯдабозиаш, мансабпарастиаш ҳамеша ба ӯ халал доданд. Аз коре ба коре гузашта, саргардон шуда, ниҳоят ба бобо-ранс паноҳ мебарад. Вай ҳам, ба райком рафта иҷозат гирифта уро ба кори колхоз мегирад ва ба участкаи боло сардор таъин мекунад. Ана ҳоло, ду-се сол аст, ки сардори як участкаи калони колхоз аст. Ҳашт бригадан пахтакор, ду бригадан чорводор, як бригадан боғдорӣ дорад. Лекин кораш ба равнақ не, бисьёр вақт аз дигар участкаҳо ёрӣ гирифта планро пур мекунад, хусусан боғдориро ривоҷ дода наметавонад ва хушаш ҳам нест. Боре ранс уро бо ангури ширини ҳусайнӣ зиёфат кард ва пурсид, ки чӣ тавр аст. Ҷобир гуфт, ки бисьёр ширин ва болаззат аст. Пас ранс гуфт, ки чаро дар участкаат ҳамин тавр ангур намерасонӣ?! Ҷобир лол шуд. Ҳунар надорам, гуфт. Ҳунармандҳоро кор фармо, гуфт ранс. Не, ин гапҳо фонда накард.

Ақлу ҳуши вай бештар ба мансабталошӣ буд. Мехост, ки калон шавад, ба ҳама фармонфармо шавад, мукофотҳо гирад, машҳур шавад... Аммо бо чӣ? Бо дӯғу ҷазабаю тӯдабозӣ! Мепурсед, ки бо ин роҳ, бо ин васила ба мақсад расидан метавон? Албатта не!

Лекин аз шароити кулай, аз имкониятҳои тасодуфӣ истифода бурда, гоҳо баъзеҳо то андозае муваффақ ҳам мешаванд.

Ман як шахси басалика, пурдон ва оқилро медонистам, ки бидуни тӯдабозӣ, бидуни фитнаангезӣ кор карда наметавонист. Дар ҳар ҷо ки кор кунад, албатта ба пои якто-дутоҳо часпида мегашт...

Бале, одам махлуқи пурасрор аст. Ӯро фаҳмидан, то ба охир таҳлил кардан хеле мушкил аст. Набошад, чӣ, зарур ба он шахсе, ки қобилият надорад, вале нависанда шудан мехоҳад?! Дар дунёе касбу кор қаҳат назадааст-ку! Чӣ зарур ба он сардори муассисаи илмӣ, ки пас аз ба мақсад расидан қонеъ нашуда, боз аз пан фитнаю фасод мегардад?!

Хайрият, ки ин тоифа дар байни чамъият обрӯю эътибори хостаи худро пайдо карда натавониста, дар охир нест шуда мераванд. Халқ ҳамеша сараро аз сақат, хубро аз бад чудо карда метавонад.

Чобир Билолов низ аз ҳамин қабил одамони сақат буд. Агар зиндагии ӯро тадқиқ кунед, мебинед, ки дигар ба тӯдабозӣ, ба фитнаю фасод эҳтиёче нест. Мансаб дорад, даромаданаш нағз, аҳли байти ӯ зиндагонии серона ва пурона доранд. Агар тӯдабозӣ накунад, ҳама ӯро хурмат мекунанд, иззат мекунанд, ном мебарорад. Вале, не! Саъдӣ рост мегӯяд, ки неши каждум на аз раҳи кин аст, муқтазои табнаташ ин аст.

Ҳоло ба хонаи Ғулом меҳмон шудани ӯ низ бо ҳамин мақсадҳо буд.

Дар хона ба ғайр аз ӯ як меҳмони дигар аз райони Қарамазор низ буд, ки Чобир ҳамрохаш оварда буд. Дар поёнтар Неъмат Бобоев ном шахсе менишаст, ки мудири фермаи Санги Сафед буд. Ин шахс, ки тахмин чиҳилсола ба назар менамуд, марди қадбаланд, бо дасту бозувони пурзӯр ва симои чозиб, гумон мекардед, на аз аҳли ин «маҷлис» нест ва ба ин чо ихтифоқан омада мондааст. Дар ҳақиқат ин гап чои дорад. Неъмат яке аз дастпарварони бобо-раис буда, ба ҳамаи муваффақият ва комьёбиҳояш бояд мадьюни ӯ бошад. Бобо-раис чандин бор хато ва камбудиҳои ӯро ислоҳ карда, Неъматро аз расвой нигоҳ дошта мондааст. Неъмат ҳам чанд гоҳ шукрони неъматро ба хотир оварда, дар таи қаноти бобо-раис фаъолона кор карда гашт. Лекин як-ду сол инчониб, хусусан пас аз бемории сахти писари дӯстдораш, ки гӯё ӯро аз дами марг эшон ва дуохони машҳур—эшони Санги Ҳамвор бо куфу суф халос карда буд, тамом тағьир ёфт, мегӯянд, ки ба эшон даст дода, мудир шудааст ва ба ҳамаи мурдадориҳо рафта «йиртиш» тақсим карда, мегаштааст. Ин овозаҳо қисман ба гӯши бобо-раис ҳам расиданд. Боре ӯро чеғ зада насиҳат дод раис:

— Неъмат, ба ту чӣ шуд?— гуфт бобо-раис.— Назар ба шунидам дар сари гӯри мурдаҳо йртиш тақсим карда мегаштӣ? Чӣ, ту сӯфӣ шудӣ магар?

— Сӯфӣ шудагем не,— гуфт ба замин чашм дӯхта Неъмат.— Барои савоб.

— «Барои савоб» дигар кор наёфтӣ? Магар ин кор ба аъзои партия муносиб аст?

Неъмат чавоб надод, хомӯш монд, вале пас аз даме гуфт:

— Ман ба эшони Санги Ҳамвор ихлос бастам, вай писари маро аз марг халос кард...

— Содда хастӣ ту, Неъмат!— гуфт бобо-раис.— Писаратро дорои духтур сиҳат кард. Ман аз Москва як дорои қиматбаҳо оварда будам, ки кас хӯрад, сиҳат мешавад. Аз ҳамон дору бурда ба дасти занат додам, ту набудӣ, ба пеши эшонат рафта будӣ магар, ки ба ман нагуфтанд. Занат дорурро хӯронда ба ту гап назадааст, тарсидааст. Дар ин байн эшон ҳам омада куфу суф кардааст. Ана, гап дар кучо! Бовар накунӣ, аз занат пурс.

Неъмат бовар карду вале ҳайрон шуда монд, таъсир ва нуфуси эшон хеле зӯр буд ва бинобар он аз ван даст накашид, рустӣ-рустӣ ба зиёрататаш мерафт, аксар худи эшон ба ҳавлии ӯ меомад ва «кори хайр, кори савоб» гӯён ба таъзирхо мерафт, хизмат мекард, «йртиш» мебурид ва тақсим мекард...

Бадхоҳони бобо-раис аз ин истифода бурданӣ шуданд. Чобир чандин бор бо Неъмат вохӯрда, аз котиби ташкилоти партиявии колхоз—аз Азиз Маҳкамов оҳиста-оҳиста шикоятҳо сар кард ва ба гӯши вай бо хар навъ мисолҳо ва дурӯғҳо нисбат ба Азиз заҳри кинаро чо кардан гирифт. Ниҳоят таклифе ба миён овард, ки бояд Азиз аз котибӣ гирифта шавад ва ба чояш Неъмат Бобоев гузаронида шавад, зеро ки Неъмат аз хар чиҳат ба ин кор мувофиқ аст: Неъмат босавод, Неъмат оқил, Неъмат худписанд ва мандонам не, Неъмат хизмат нишон додааст. Неъмат тачриба дорад, дар байни мардум обрӯ ва эътибораш ҳаст ва ғайра ва ҳоказо...

Таъриф ба кӣ намефорад? Агар таърифкунанда усто бошад, дониста гап занад, оқилтарин касон ҳам ба доми вай меафтанд, чӣ чои Неъмат Бобоев барин сустиродахо!

Бале, таъриф дар дасти одамони фиребгар аслиҳаи дахшатовар аст. Онхо онро нағз ба кор бурда сардорони давлат ва саркорҳоро ба даст мегиранд, ба пӯсту гӯшти онхо даромада мегиранд, ба худ бовар хосил мекунанд, ҳуқуқ ва мансаб ёфта мегиранд ва чунин бадкорихо мекунанд, ки ақли кас ҳайрон мемонад. Оламеро бо оламе чанг меандозанд ва барои худ аз хар бадӣ манфиате мерӯёнанд. Таъриф дурӯгро рост, сақатро

хуб, норавора раво карда нишон медиҳад. Ҳар кас таъриф шунидан мехоҳад, хоҳ чиз ва хоҳ ночиз: Бисьёр кам касон пайдо мешаванд, ки ба таърифи ночиз пушти по зананд ва ё умуман ба таъриф дода нашаванд.

Неъмати соддалавҳи мо низ ба таъриф дода шуд. Вай рафта ба эшони худ машварат кард. Чӣ кор кунам, баъзеҳо номзадии маро ба котиби пешбарӣ карданӣ. Қабул кунам, ё накунам... Эшон ҳам ин корро тақвият дод: Котиб шудан савоб аст, ба халқи худо хизмат мекунӣ, ҳақро аз ноҳақ, ҳаромро аз ҳалол ҷудо карда медиҳӣ, аз тарафи дигар, соҳиби обрӯю эътибор мешавӣ, касе ба ту гап зада наметавонад...

Инак, Неъмат бо харду дасту харду пояш ба доми Ҷобир Билолов гирифтор гашту имшаб мувофиқи таклифи вай ба хонаи Ғулом ба «зиёфатхӯрӣ» омад.

Худи Ғулом аз ҳама поён менишаст ва ҳар замон берун баромада медаромад, чой меовард, нони гарм меовард, баъд дар як табақча бодиринг, дар табақчаи дигар помидор гирифта овард, ки дар ин фасли сол, дар ин мавқеъҳо аз чизҳои камьёб шуморида мешуданд.

— Агар не нагӯетон,— гуфт вай ниҳоят «дарди» дилашро кушода — як пиёла-як пиёла аз арақи софу беғубор нӯшем, ҳам иштиҳоро мекушояд, ҳам рутубатро мегирад ва ҳам сӯҳбати моро гарм мекунад.

Ҷобир ба меҳмонаш нигоҳ карда узр гуфтагӣ барин табассум намуду ба Ғулом хитоб кард:

— То пурсида додана, зада те, гуфтаанд! Меовардагӣ чизат бошад, напурсида овардан гир!

Ғулом давида аз ҷо бархосту аз тоқи хона, аз паси парда ду шишаи гардандарозро гирифта ба назди худаш, ба рӯи дастурхон гузошт ва баъд бо як маҳорати том ва кайфияти махсус дахони шишаро боз карда ба чаҳор пиёла пур-пур арақ рехт.

— Марҳамат кунетон, дӯстони ҷонӣ ва бародарони азизи ман!— гуфт вай.— Ин пиёлаи аввалро ба саломатии шумо, барои ба кулбаи бечорагии мо қадам ранҷа фармуданатон менӯшем.

Дӯстон муқобила накарда пиёлаҳоро гирифтанд ва холӣ намуданд. Ҷуръаҳои аввали «арақи софу беғубор», ба қавли Ғулом, бетаъсир гузашта нарафтанд. Рухсораҳо андак сурх, димоғҳо чоқ гашта, забонҳо ба гап даромаданд.

— Агар арақ софу беғубор бошад,— гуфт Неъмат кирдори худро аз рӯи шариат маъқул ёбонда,— муллоҳо ҳам нушиданро манъ намекардаанд. Лекин дар кӯчаю бозор нанӯшед, бо ҳар гуна касон ҳампиёла нашавед, мегуянд.

— Рост, рост,— гуфт Ҷобир.— Падару бобоҳои мо ҳам ҳамин тавр насиҳат кардаанд. Дар ҳақиқат бо одаме нӯшед, ки ҳамроз бошад, ҳамфикр бошад, дӯст бошад... Худи май ҳам дар ҳар ҷо, бо ҳар кӣ нӯшед, ба шумо таъсир карда наметавонад. Ман, масалан, дар ҷое, ки ягон ҳадук бошад, ягон одами дилнохох бошад, сад пиёла нӯшам маст намешавам. Аммо ана дар ин тавр сӯҳбатҳо кайф мекунам. Барои чӣ? Барои он ки ин ҷо хонаи дӯсти худамон, рафиқони худамон, дар байн гараз нест.

Ғулом боз якпиёлагӣ кашида дод, лекин ҳарифон нанӯшиданд.

— Қабобатро бинӣр, баъд менӯшем!— гуфт Ҷобир.— Мурод аз нӯшидан ақлро гум кардану маст шудан не, ширакайф шавем, кифоя.

— Ҳа, кам-кам хӯру гоҳ-гоҳ хӯр гуфтаанд,— гуфт Неъмат.— Ман ки кам менӯшам, бо як пиёла корам шуд.

— Не, шумо,— гуфт Ғулом,— ин гапҳоро монед! Мо шуморо медонем, ҳамроҳи бобо-рансатон шиша-шиша холӣ карда мегардед.

Неъмат хандид. Ҷобир ба рӯи Неъмат бодиққат нигоҳ кард, ки ба ин сухан чӣ мегӯяд.

— Ҳамроҳи бобо-ранс ман не,— гуфт Неъмат пас аз хандида шудан,— дигарҳо менӯшидагиянд.

— Наход, ки ба сӯҳбатҳои хосса туро хабар намекунанд?— гӯён ҳайрон шуда пурсид Ҷобир.— Охир, ту дастпарвардаи бобо-ранс-ку!

— Дастпарварда будем,— гуфт оҳ кашида Неъмат.— Ин вақтҳо ҳамдами ранс дигарҳо шудагӣ...

— Саидбеков?— пурсид Ҷобир.

— Саидбеков,— тасдиқ кард Неъмат.— Азиз, Бобоҷон... Валӣ Сафиюллин мешинохтагиед, дар қарибӣ сарагроном таъин шуд... боз дигарҳо...

— Ту не?!— гуфт сахт карда Ҷобир.— Ту барои одаме, ки тамоми умрат дар роҳи бехбудии ҳамин колхоз сарф шуд... Ту аз давра берун?! Ин аз рӯи инсоф не.

— Хайр, ба ман ин хел даврахо даркор не!— гуфт

Неъмат даст афшонда.— Ман давран худам, одамони худамро дорам.

— Дар қариб,— гуфт Ғулом,— аз Душанбе меҳмон омада будааст. Бобо-ранс як базми ҷамшеди кардаааст... Маслиҳат шудааст, ки Азизро ба ҷояш монанд.

— Азиз бояд бекор шавад!— гуфт сахт карда меҳмони карамазорӣ, ки то ба ин дам хомӯш буд.— Агар бекор нашавад, худам бекор мекунам.

Дар байни хомӯшии ногувори ҳукмрон гардид. Маънои гапи меҳмонро фақат Ҷобир мефаҳмид, дигарон дуруст пайхас нарафтанд.

Ин мард, ки ба назар 45-сола менамуд, чашмони танги тезнигоҳ, абрувони борик, рӯи дароз дошт. Ришу мӯйлабаш снёҳ, ранги чашмонаш зирагӣ, ранги рӯяш заҳиртоб буд. Ӯро Имом Қенҷа меномиданд. Якчанд рӯз пеш аз ин аз райони Қарамазор ба Ҷобир меҳмон шуда омада буд.

Мепурсед, ки пас чаро вай Азизро мешиносад ва хатто ба ӯ таҳдид менамояд. Ин сабаб дорад, албатта. Дар дуньё ҳеҷ коре бесабаб намешавад. Бесабаб аз сари кӯҳ санг намерезад, бесабаб шохи дарахт намеҷунбад, бесабаб касе ба касе қасддор намешавад... Бале, ё сабаб ҳаст, ё сабабро меофаранд,— дида наметавонанд, кореро баҳона мекунанд....

Падари Имомро Қенҷабой мегуфтанд ва дар деҳаи Қарамазор мулку замини бисьёре дошт. Ҳар сол дар вақти кишт ва дар вақти дарави гандум одамони мӯҳтоҷ меомаданд ва аз вай кор мепурсиданд.

Қенҷабой онҳоро ба нархи арзон киро карда кор мефармуд. Имом ва хоҳаронаш хурд буданд, ба ноз тарбия меёфтанд ва хабар надоштанд, ки батракони камбағал дар гармии офтоб аракрезон чӣ тавр гандум медараванд ва чӣ тавр хирман мекӯбанд... Онҳо аз давлати падари бояшон эркаю аллон тарбия ёфта калон мешуданд.

Имом нағз дар хотир дорад, як сол кор кофта аз райони Сурхоб Маҳкамбой ном касе омаду бо худаш писарчаи 4—5-солаашро ҳам овард. Он вақт Имом хафтҳаштсола буд. Бо писарча унс гирифт, ӯро бо нону кулчахои равғанӣ меҳмондорӣ кард. Падараш Қенҷабой аз ин кори писараш оташин шуд.

— Ин сагбачаҳоро бадомӯхта накун!— гуфт аз дасти писарчаи Маҳкам-батрак кулчаи равғаниро кашида гирифта.— Ба инҳо нони зағора ҳам кифоя!

— Хайр, ба сагбачаи худам ҳам гӯшту ширу нони мулоим мехӯронам-ку?— гуфт Имом.

— Сагбачаи ту бовафо мешавад, ҳар гуфтаи туро ба ҷо меорад. Ин бошад...

— Хайр, ба ин бача ҳам нон хӯронам, сагбачаам барин мешудагист?

— Не, инҳо дигар хел шудагӣ, замони мо мегӯянд... Аз инҳо бохабар будан лозим.

— Хайр, равад, ба ёбон гадум даравад!— гуфт нихоят Имом ва ба ҳавлӣ даромад.

Писарбачаи бегуноҳ маъюсона сар ҳам карду ба сӯи кори падараш равон гашт...

Тирамохи соли дигар ҳаракати колхозӣ сар шуду аз кишлокҳо бойҳо ва муштзӯрҳоро бадарға кардан гирифтанд. Ба Қарамазор сардори комиссия шуда ҳамон Маҳкам-батрак омад ва аввали кор Қенҷабойро аз замини бисьёраш маҳрум карда, ба рӯйхати муштзӯрон даровард. Қенҷабой дандон хонда истода ба Маҳкам хитоб кард:

— Нону намакам кӯр кунад, ту беоқибатро! Магар фаромӯш кардӣ, ки аҳли байти туро ман аз гуруснагӣ халос карда, ба ту кор ёфта дода будам?!

— Кор ёфта додию,— гуфт Маҳкам,— ҳаққамро надодӣ! Тобистони дароз кор кардаму ним халта ҷави аспи намехӯрдагиро додӣ! Ба гирьяҳои бачаи нонгадоям раҳм накардӣ!

Молу мулки Қенҷабойро ба батраконаш тақсим карда доданд, колхоз сохтанд... Аз он дам чӣ қадар солҳо гузаштанд. Имом пас аз вафоти падараш ба ҳидояти матбулот ба кор даромад ва ана, ҳоло бо Ҷобир Билолов тарҳи дӯстӣ сохта, мехоҳад, ки ба қадри имкон аз душманони собиқаш қасос гирад. Азиз ҳарчанд, ки дар он вақт хурд буд, вале фарзанди ҳамон падар аст, ки онҳоро ба муштзӯрӣ бароварда буд.

Ҷобир Билолов мақсади Имомро фаҳмиду сар ҷунбонид.

— Ҳоҷати ин гапҳо не! — гуфт вай. — Азиз ҷавони бад не, лекин обрӯи худашро дар байни мардум рехта монд; сабукрафторӣ кард, дағалӣ кард. Ба фикрам, дар интихобот ба вай овоз намедиҳанд.

— Кӣ медонад?— гуфт Имом,— агар бобо-ранс барин тарафдор дошта бошад, котиби райком ҳам мешавад.

— Котиби ташкилоти партияро интихоб мекунанд, овоздихӣ пинҳонӣ мешавад,— гуфт Ҷобир.— Бинобар он мо қарор додем, ки Азизро нагузаронем, ба ҷои вай Неъматҷони худамонро пешбарӣ кунем.

Неъмат лаппӣ карда ба рӯи Ҷобир нигоҳ карду қарордоди охиринаш ба ёдаш расид.

— Ман?

— Ҳа, тура!— гуфт Ҷобир ба таври қатъӣ.— Ман, Бурҳон, Рачаб ва боз чӯраҳои худамон аз як гиребон сар бароварда ба ту овоз медиҳем.

— Не,— гуфт Неъмат.— Кори партия осон нест, ки ман карда тавонам. Ин кори ман не! Ҳама медонанд, ки ман йиртиш тақсим карда мегардам, ба муллоҳо эътиқод дорам, ман ба котибӣ намешавам. Шумо гузаронед ҳам, райком розӣ намешавад. Бинобар он, ба ин кор маро ҳамроҳ накунед, акоҷон! Хизмати дигар бошад, аз ман расад!

— Ачиб одами содда будаед, Неъматҷон!— гуфт Ғулом.— Йиртиш тақсим кардан гуноҳ аст? Ба муллоҳо эътиқод доштани шуморо кӣ дидааст?! Хеста мегӯед, ки ман коммунисти бавиҷдон ҳастам, ҳар чӣ ки партия гӯяд, ба ҷон ичро мекунам, тамом.

— Не, охир?— гуфт боз Неъмат Бобоев.— Ба ман чӣ зарур, ки сарамро гиҷ карда котиб шавам?! Кори ҳозираам бисьёр нағз, ранс бовар дорад, ман ҳам ғайрат мекунам...

— Бисьёр худписанд нашав, додар!— гуфт ба таври чиддӣ Ҷобир. Қорат нағз аст ё бад, мо намедонем. Лекин барои мо барин дӯстон ҳам хизмат кардан лозим мешавад. Аз кори ҳозираат ба мо фонда не, лекин агар котиб шавӣ, мо ба мақсад мерасем...

— Рост, рост,— гуфт Имом.— Азиз расво шавад, устухони ман тинҷ мешавад.

Неъмат, ки одами то андозае содда, ноқатъӣ, сабукфикр ва камандеша буд, фақат ҳозир донист, ки дар миёни як тӯдабозии зӯре ҳаст ва ин тӯда мехоҳад, ки ӯро котиби ташкилоти партия карда, барои пеш бурдани мақсадҳои худ истифода кунад. Вай аз ин хулосаи худ то як дараҷа тарсид ва ба андеша фурӯ монд. Худро дар байни дандонаҳои ду арра дид. Ин тараф равад ҳам, хуб не, он тараф равад ҳам, хуб не. Бо ин мардум муқобилат кардан бехуда аст. Онҳо метавонанд худи ӯро муттаҳам карда, расво созанд. Пас, бехтар аз ҳама

он аст, ки ҳозир муқобилат накунад. Дар ин ҷо муқобилат кардан катӣ вай ба худ як гурӯҳ душмани нав пайдо мекунаду бас. Агар розӣ шавед, ҳеҷ боке не, аздусар ӯро интихоб намекунанд. Бинобар он гуфт:

— Ман розӣ шудан катӣ масъала ҳал шавад, кор осон, лекин гап дар ман не.

— Он тарафашро мо соз мекунем,— гуфт худбоварона Ҷобир. Ғулом кабоб гирифта оварду, боз якпиёлагӣ нӯшиданд, кайфҳо баҷо шуд. Ҳатто Имом дутор навохта ашӯла хонд. Баъд Неъмат аз ҷо бархост:

— Ба ман иҷозат,— гуфт вай.— Бевақт шуда мондаст, боз аз ферма хабар гирифтан лозим.

— Имшаб хоб кунед, Неъматҷон!— гуфт Ғулом.— Шабкатӣ ба роҳи дур рафтан чӣ ҳоҷат?! Фермаро гург намехӯрад.

— Мотоцикл ҳаст, роҳро наздик мекунад.

— Хайр, мо ҳам меравем,— гуфт Ҷобир.— Неъматҷон мотоциклашкатӣ то Сари Ҷӯ бурда мемонад.

— Ҳа, мотоцикл аробача дорад,— гуфт Неъмат,— се кас бемалол меравем.

Дар вақти хайру хӯш карда баромада истодан Ҷобир ба Ғулом чӣ як ишорате кард, ки вай дарҳол фаҳмид ва сарҷунбонида монд.

Меҳмонҳо рафтанд. Зани Ғулом дастархонро ғундошта истода пурсид:

— Давраатон чӣ тавр шуд?' Сӯҳбат нағз гузашт?

— Нағз,— гуфт Ғулом.— Акнун агар ту дар миёни дугонаҳоят боз овоза паҳн кунӣ, ки Азиз ва Зулфия обрӯи колхозчиёнро рехта, расвой карда мегарданд, мо ба мақсад мерасем.

— Овоза аз ин зиёд мешавад?!— гуфт занак.— Ҳама фаҳмиданд, ҳама туфу лаънат мекунанд.

— Офарин, занак! Бо ҳамин корҳо мо Ҷобир-акаро раис карда тавонем, баъд тамом! Нонат ба равған мешавад.

— Бузак-бузак намур, ки баҳор меояд!

— Албатта баҳор меояд!

11

Бобо-раисро саҳари барвақт аз хоб бедор карданд. Оби дарьё ногоҳ баланд хеста, соҳили рост, яъне тарафи заминҳои корами колхозро фурӯ бурда истода буда-

аст. Вай ҳамеша аз ҳамин хавф дошт ва ба худ аҳд карда буд, ки баҳор нашуда дар он ҷо соҳилро мустаҳкам кунад. Бинобар он баъзе як тайёриҳояшро ҳам дида монда буд. Лекин дар ин фасл гумон надошт, ки об мехезад ва соҳилро мелесад. Маълум, ки дар боло сел омадааст, сели сахт. Пеши ин корро гирифтан зарур. Ҳамин ҳол дар чиллаи зимистон шуда монад, боз ҳам мушкилтар мешавад.

Пеш аз хона баромадан телефон карда, раиси ҷамоа, муовинҳои худаш, Азиз ва дигаронро ба по хезонид ва то омадани мошина маътал нашуда, ба қафои мотоцикли писараш савор шуда ба ҷои воқеа тохт.

Вай ба сӯи дарьё рафта истода плани корро тартиб дод: сепояҳои ғафси симпеч тайёранд. Лекин ба дарунн симхалтаҳо санг ҷо карда нашудааст. Майлаш, онҳоро зуд бо санг пур карда ба дами об мепартоянд. Баъд бо трактороҳо сангу хошок кашонда мерезанд. Як дараҷа пеши обро гиранд, ин тарафашро тамоми рӯз мустаҳкам мекунанд.

Дар ҷои хатарнок аллакай даҳ-понздаҳ нафар ҷамъ шуда буданд. Раиси ҷамоа ва Неъмат Бобоев, ки ҳавлиашон ба он ҷо наздик буд, то ба зону ба об даромада кор мекарданд. Сепояҳоро мешинонданд. Бобо-раис кори онҳоро писанд накард:

— Ба симхалтаҳо сангро кам андохтед,— гуфт вай. — Ин оби зӯр сепояро ғелонда мебарад...

Сухани раис тамом нашуда, сепояи аввалин яктарафа шуда ғелид, қариб буд, ки Неъматро печонида гирифта барад. Азиз ва дигарон ба сепоя часпиданд ва баазобе онро ба соҳил ҷафс карда нигоҳ доштанду ба трактор баста боло кашиданд.

Дар ҳавои сарди саҳарии тирамоҳ Неъмат, ки ба об ғӯтида буд, дир-дир меларзид. Бо фармони бобо-раис дар канортари соҳил гулхан афрӯхтанд ва таршудагон ба гирди он нишаста либос хушк карданд.

Дар урфият мегӯянд, ки «мардикор як танга, инҷобизан даҳ танга!» Бинобар он чашми корро дониста кардан аҳамияти калон дорад. Дар ҳақиқат бобо-раис омаду ба ҳар тараф фармон додан гирифт, кор нишон додан гирифт... Ҳанӯз офтоб дуруст паҳн нагашта пеши обро гирифтанд ва ҷараёни дарьёро ба сӯи дигар равона карданд. Баъд соҳилро бо сангу шағалу рег баланд бардоштанд. Мошинаҳои боркаш сангу шағал меоварданд, мардум онро ба соҳил мехобониданд. Ниҳоят соҳил ҳам бардошта шуд ва мардум ҳам аз ҳол рафтанд.

— Хайр, шуд!— гуфт раис ба мардум хитоб карда. — Бисёр, як шикам сер кунем!

Дар се-чаҳор ҷои дастурхон партофта, нону чапотию чою қанду ширу маска оварда ҳаман ҳашарчиёнро хӯрок доданд. Дар давран бобо-раис одам аз ҳама бисьёртар буд. Раиси ҷамоа — Шакарзода, Азиз, Неъмат ва чандин бригадирҳои дигар ва колхозчиёни қаторӣ давра гирифта буданд.

— Бинстен, ки ин ҳодисаро аввал кӣ дид?— пурсид раис ба ҳозирон нигоҳ карда.

Дақиқае касе ҷавоб надод, баъд бригадири пахтакори ҳамон участка, ки як қисми замини корами ӯро об шуста бурда буд, гуфт:

— Намедонам, маро Неъматҷон хабардор кард.

— Ба ман ҳам Неъматҷон телефон кард,— гуфт Шакарзода.

— Пас, Неъмат аввал дида будааст-дия?— ба рӯи Неъмат нигоҳ карда пурсид раис.

Неъмат сар хам карду гуфт:

— Ҳа, ман... аз ин ҷо гузашта истода будам, ки дидам...

— Саҳар катӣ дар ин ҷо чӣ мекардӣ, бача? — пурсид раис.

— Имшаб ду модагови мо гӯсола карданд,— гуфт Неъмат.— То қариби саҳар мо се-чаҳор нафар нахобидем. Бисьёр бо сахтӣ зоиданд. Ҳаман дасту поям олудан хуну чирк буданд. Хостам, ки ба канори дарьё фуромада шустушӯ кунам, аммо нашуд, оби дарьё ба ин сӯ хамида буд. Пас, тохта рафта мардумро хабар кардам.

— Офарин!— гуфт раис.— Қаҳрамонӣ кардӣ, фидокорӣ кардӣ, замини колхозро аз шуста бурдани об раҳонидӣ. Акнун ду-се рӯз ба ту ҷавоб, хобида истироҳат кун!

— Саломат бошед, бобо-раис, ҳамин рӯз то бегоҳ дам гирам кифоя. Ман набошам, говдӯшҳо саросема мешаванд.

«Корҳояш ба корҳон ман монанд!» гуфт раис ба дилаш ва ба Неъмат хитоб кард:

— Хайр, ихтиёрат!

Азиз ҳайрон буд, ки бобо-раис барои чӣ ба Неъмат

ин қадар илтифот мекунад. Охир, Неъмат одами вайрон шудагӣ ҳисоб! Кору бораш ба хатмикуръон рафтан, мазоргардӣ, ҷаноза... Ин фактҳоро ҷамъ карда, ӯро аз сафи партия рондан лозим. Раис ба «ғайрат» нишон доданҳояш бовар мекунад. Метарсам, ки ниҳо ҳама чашмбандӣ набошанд...

Раис ба идора омад, ки ба ӯ ду кас аз шаҳр омада мунтазир истодаанд. Абдураҳмон, ки бо онҳо суҳбат дошт, омадагонро шиносонид:

— Инҳо аз идораи об — аз идораи мелиорация, мувофиқи хоҳиши шумо омадаанд: ҷои обанборро дида, ба кор сар кардан мехоҳанд.

— Вазири хоҷагии қишлоқамон, гӯё ба ин кори мо чандон розӣ не,— гуфт раис ва ба омадагон вохӯрдӣ кард. Яки аз онҳо рус буд, дигарӣ тоҷик.

— Мо, ки лоиҳаро дуруст кардем, хоҳ-нохоҳ розӣ мешаванд, — гуфт мутахассиси тоҷик.

— Майлаш, рафта дида ба кор сар кунем! — гуфт раис ва ба Абдураҳмон нигоҳ карда пурсид:— ниҳо нон хӯрданд?

— Намехоҳанд,— гуфт Абдураҳмон.— Аввал рафта дидан даркор мегӯянд.

— Набошад, Азизро ёфта ба ниҳо ҳамроҳ кунед, вай медонад ман ба вай чандин бор нишон дода будам.

Абдураҳмон омадагонро аз кабинети раис гирифта берун бароварда. Ба кабинет рухсат пурсида Неъмат Бобоев даромада омад.

— Ҳа, нахобидӣ?— пурсид раис.

— Не, хобам намебарад,— гуфт Неъмат.— Ман дусе шаб ин ҷониб хоб намекунам, бобо-раис! Ноилоҷ ба пеши худат омадам, ҳар чӣ кунӣ, ихтиёрат, хоҳ мекушӣ, хоҳ мемонӣ...

— Чӣ шудай? Боз ягон гуноҳ кардӣ? Камомад кардӣ? Молҳои ферма нобуд шуданд, чӣ шуд?— бо хавотир пурсид раис.

Дар ин тавр дақиқаҳо раис бештар барои моли ҷамъият, моли колхоз ва ё ягонто аз аҳли колхоз ба вохима меафтод, ки чизе нашуда бошад, фалокате рӯй дода бошад. Агар ҳозир ягонта аз писаронаш омада мегуфт, ки дада, модагови зотии моро бо гусолааш гург хӯрд, ё ҷар шуд, вай бехавотир гӯш мекард. Дилаш месӯхт, албатта, лекин он масъулияте, ки ҳамеша ӯро хушьёр ва дар амал медорад, мисли ҳозир ба дилаш тазъиқ намеовард. Моли колхоз азони ҳама, азони ҷамъият, вале масъулияташ ба гардани вай. Агар моли колхоз талаф шавад, ҷамъият аз вай ҳисобот мепурсад, агар моли худаш талаф шавад, фақат дар оила хафагӣ мешаваду бас.

Дили вай ҳамин тавр буд. Мардум инро медонистанд ва бисьёриҳо ба вай тақлид карданӣ мешуданд, вале камтар кас ёфт мешуд, ки мисли вай дилсӯзи кори ҷамъият бошад. Бале, вай бо ҳамин мардум, бо ҳамин аҳли колхоз зинда буд. Намехост, ки ба пои касе хоре халад. Афсӯс, ки баъзе аз нокасон аз ҳамин хусусияти ин марди поквичдон истифода бурданӣ, бар хилофи раъи ӯ кор карда, гуноҳро ба гардани вай партофтанӣ мешуданд.

Барои чӣ? Барои кӣ ин корро мекарданд? Магар бобораис ба онҳо, ба кори онҳо, ба пешравии онҳо халале расонид? Не, ҳазор бор не! Ҳар кас, ки дар колхоз ба коре муваффақ шавад, он рӯз бобо-раис тӯй мекард, он рӯз тантана мекард ва ғолиби корро муборакбод гуфта, ба вай бовараш бештар мегашт. Лекин танбалон, коргурезон ва бадтинатонро дида наметавонист. Ба онҳо то ба ҳадди тавон мубориза мебурд, кушоду равшан мубориза мебурд ва намегузошт, ки дар колхоз касе аз ҳисоби касе зиндагӣ ва кайф кунад.

Ҳоло ҳам дилаш ноором шуда истода буд, ки овози Неъмат ӯро ба хуш овард:

— Дар ферма ҳеҷ воқеа нашудааст,— гуфт Неъмат, ки дар ин бобат дилтангии раисро медонист.— Молҳо ҷо ба ҷо, гӯсолаҳои навзод хӯрон шудаанд. Плани рӯзонаи ширсупорӣ барзиёд иҷро шуда истодааст... Ман, худам ҳеҷ гуноҳе накардаам, лекин ба гуноҳ кардан кашида истодаанд.

— Хайр,— гуфт аз ин сухан ҳайрон шуда раис.— Киҳо туро ба гуноҳ мекашанд?

— Шумо ҳеҷ гумон намекунед! — гуфт Неъмат ва аз ҷо бархоста дари даромадро сахттар пӯшид.— Шумо ҳеҷ гумон намекунед, ки Ҷобир Билолов ва Ғулом Бадалов барин одамҳо аз паси Азиз ва Шумо бадхоҳӣ карда гаштаанд.

Неъмат инро гуфту ба рӯи раис бодиққат нигоҳ кард ва гумонаш ҳамин буд, ки суханаш ба ӯ таъсири сахте мебахшад ва чашмони раис аз косахонааш баромада, рангаш сафед канда, ба ҳолати аҷибе меафтад. Вале баракс раис ин суханро осудаҳолона шунида ҳатто андаке табассум намуд.

— Медонам, медонам!— гуфт раис.— Ту акнун фахмида бошӣ, ман сари вақт фаҳмидагӣ ҳастам.

— Медонед?— ҳайрон шуд Неъмат.— Медонед, ки онҳо...

— Ба Азиз тӯҳмат карда ба вай зарба заданӣ!— гуфт бо табассум раис.— Хайр, туро чӣ кардани?

Неъмат ҳайрон шуд, гаранг шуд, чӣ гуфтанашро намедонист. Қасе аз сирру асрори бадхоҳонаш хабардор бошаду боз бемалол корашро карда гаштан гирад, ин ачиб-ку! Бедарак бобо-раис ин қадар шуҳрат пайдо накардааст, авлиё, авлиё ин мард!...

Неъмат гуфта дод, ки Ҷобир ва Ғулом чӣ тавр бо вай тарҳи дӯстӣ бастаанд, чӣ тавр ба домашон даровардаанд ва чӣ тавр аз бобо-раис ва аз дигар аъзохои правления шикоятҳо кардаанд... ва ниҳоят плани ба котибӣ пешбарӣ шудани худро, гуфтаҳои Имом Кенчаевро, ҳама, ҳамаашро гуфта дод...

Бале Неъмати мо ҳамин тавр як зот буд. Аз он тараф чӣ қадар умед карда бошад, аз ин тараф ҳамон қадар метарсид. Лекин худаш чандон одами бад набуд: фитнагарӣ, чуғулӣ, вайронкориро намедонист. Ба ягон кор часпад, бо ҷону дил мечаспид. Хусусан молпарвариро дӯст медошт. Аз кори ферма вақташ, саломатиаш, ҳатто ҷонашро дареғ намедошт. Ҳамеша аз хӯроки молҳо бохабар, ҳамеша ба молҳо ғамхор ва диққаткор буд. Боре дар вақти зоидан як модагови зотӣ пояшро ба девор зада баровардааст ва аз ҷо хеста натавониста мондааст. Инро дида ҷаҳон ба чашми Неъмат тор шудааст. Чӣ кор карданашро надониста, пиёда ба сӯи духтури ҳайвонот (байтория) давида рафта истода, раисро дидааст ва аз воқеа хабардор кардааст. Раис гуфтааст, ки байтор ба шаҳр рафт, ки дору биёрад, биё, ман худам табобат мекунам. Неъмат ҳайрон монда, гапи раисро ду карда натавонистааст. Раис ба ферма рафта, пои модаговро ба ҷояш даровардаа монда, онро ба по хезондааст. Аз ҳамон рӯз ин ҷониб раис ба Неъмат, Неъмат ба раис ихлос мондаанд. Неъмат ба донишмандӣ, тачриба ва кордонии раис қоил шуда бошад, раис ба молпарварӣ, сидқу сафои Неъмат ихлосманд шудааст.

Раис, ки одамшинос аст, медонист, ки Неъмат баъзе як сустиҳо дорад: қатъӣ не, ҷасорataш камтар, содда, вале ба кораш дилсӯз аст. Ҳоло маълум мешавад, ки ин шахси сустиродаро ба котибӣ пешбарӣ карда, баъд

ӯро бозичаи дасти худ карданӣ будаанд, шаввозҳо!

— Акнун чӣ кор мекунем?— гуфт ниҳоят Неъмат. — Мемонед, ки Ҷобирино ба пои шумо теша зананд? Мемонед, ки Азизро тӯҳматзада карда, аз кораш дур кунанд? Ба онҳо ҷазо намедиҳед?

— Гуноҳи рӯйрост накарда бошанд, чӣ ҷазо медодам?— гуфт раис.

— Гуноҳ аз ин знёда мешавад?

Раис хандид:

— Гуноҳашон чист? Дуздӣ карданд? Сустӣ карда планро барҷо наоварданд? Ягон ҷинояти дигар карданд? Не! Аз паси ман ғайбат ва шикоят кардаанд, тамом! Инро ман исбот ҳам карда наметавонам.

Инро гуфту раис ба рӯи Неъмат каме синча карда истода ба суханаш давом дод:

— ...Магар ки ту ба шоҳидӣ розӣ шавӣ ва дар райком, дар идораи прокурор, дар маҷлиси колхоз нотарсона баромада, ҳозир ба ман гуфтагиҳоятро эълон кунӣ.

Неъмат ба худ ларзид ва сар хам карду ҷавобе надод.

— Ман тура медонам, тарсончак ҳастӣ, бача!— гуфт бобо-раис.— Бинобар он фақат бо гуфтаи ту ман бо Ҷобиру Ғулом даст ба гиребон шуда наметавонам, батар обрӯи худам мерезад, мардум гумон мекунанд, ки ман бардурӯғ ба одамҳо тӯҳмат мезанам. Ана, бинобар он хотирҷамъ шаву ба корат рав, лекин ин сирро ба касе нагӯй, ки ба гӯши онҳо нарасад, ҳам ба ту душман мешаванд, ҳам кори маро вайрон мекунанд.

— Ба ғайр аз худат агар ба касе лаб кушода бошам, ана бисмиллоҳи раҳмони раҳим, ана ба вичдони коммунистӣ қасам! Лекин, ҷон бобо-раис, шумо ҳам...

Раис боз хандид.

— Рав, хотирҷамъ бош! Баъд аз ин бисмилло катӣ вичдони коммунистиро якҷоя накун!

— Ман гунаҳкор!— гуфт Неъмат аз лафзи худ хиҷолат кашида.— Забон одат карда мондааст. Хайр, саломат бошед, раисҷон! Ман аз гуфтаи шумо берун наметавонам...

Вай саросема аз кабинет баромада, дар кӯча ба мотоцикл савор шуду ба сӯи ферма ронд. Дар роҳ ҳазор гуна фикру хаёлҳо ӯро азоб медоданд.

Аввал азоб кашид, ки чаро ба раис сӯҳбати Ҷобиринаро хабар дод. Бо чӣ мақсад ин корро кард? Ҳа,

одами зӯр, бо вай баробар мешудагӣ одам ёфт намебо чӣ мақсад? Мақсад ҳамин буд, ки медонист аз гирудори Ҷобир матлабе ҳосил намешавад. Бобо-раис шавад... Боз суол пайдо мешавад, ки чаро инро донисста ба дойраи Ҷобир бозӣ карданӣ шуд? Чаро ба даъвати вай рафт? Ҷавоби ин суол ҳамин, ки вай дар ҳақиқат сустирода будааст. Ба як нуқта, ба як хат истода наметавониста будааст. Андаке хавотир кашад, дарҳол худашро ба чиҳати дигар мезадааст. Вақтҳои охир ба зери танқиди Азиз ва рафиқони дигар монданаш, гӯё, аз чашми бобо-раис дур афтоданаш боис шуданд, ки ба худ паноҳи дигаре, тарафдори дигаре ҷӯяд. Бинобар он даъвати Ҷобирро қабул кард. Аммо ғалат кардааст. Маълум шуд, ки бобо-раис аз вай рӯ натофтааст... Бехтар ки аз кирдори душманонаш ӯро огоҳ кунад, шояд ба ин васила боз гашта эътимод ва ҳурмати раису дигаронро ба худ баргардонад. Ин мақсади нек ва дуруст буд. Аммо вай намедонист, ки раис пеш аз ӯ аз кирдори душманонаш бохабар будааст. Пас ин тираш ба хато рафт...

Боз азоб мекашид барои он ки мабодо аз ин рафтори вай Ҷобирино хабардор шаванд ва аз паи қасос афтанд. Вай мисли бобо-раис нотарс, нурзӯр ва тавоно нест, ки дафъи қасди душман карда тавонад. Пас ҳоли вай чӣ мешавад? Охир, Ҷобир Билолов ҳам андакмундак одам не! Вай, ки бо раис панҷа ба панҷа зарданӣ аст, қуввати худро медонад. Одам ҳам доштагист. Дар болоҳо ҳомӣ ҳам доштагист... илоҳӣ аз рафтори ӯ хабардор нашаванд. Не, раис одами майдагап не. Пас каси дигар намедонад, ки вай барои чӣ ба идора омад ва барои чӣ рафт. Бригадир, сардори ферма кори бисьёре дорад, ки фақат бо раис ҳал кардан метавон... Ҷобир фақат гумон карда метавонад. Лекин бо гумони хушку холӣ ба кас тӯҳмат задан нашояд...

Ана ҳамин тавр бо азоби вичдонӣ мотоцикл ронда, аз назди дари ҳавлии модараш мегузашт, ки якбора аробаашро нигаҳ дошту ба ҳавлӣ даромад.

12

Дар хонаи модари Неъмат Бобоев эшони машҳури он гирду атроф, ки лақабаш эшони Санги Ҳамвор буд, танҳо чой хӯрда менишаст. Хона ду тирезаи майда

дошт, ки пардаҳояш фуроварда шуда ва бинобар он чандон равшан набуд. Ҳуди ҳаво ҳам он рӯз тира буд. Абри яклухт осмонро фаро гирифта, аз тирамоҳ ва наздик расидани зимистон хабар медод. Хона сандалӣ надошт, печкаи чӯянне гузошта буданд, ки ҳоло беоташ буд. Ба фарши хона гилеми хушобуранг то ба пойгаҳи хона партофта шуда, аз болои он ба гирдогирди хона даврихонаҳо, кӯрпаю кӯрпачаҳо густурда ва болишҳои пар монда шудагӣ буд. Дар назди эшон, ки дар пешгаҳи хона менишаст, дастархон паҳн ва дар рӯи он нонҳои гарми чапотӣ, кулчаҳои равғанӣ, себу анору ангуру қанду қандфитҳо гузошта шуда буд. Дар ду токи хона мису мисина, чинниориҳои гулдор ва ридиоприёмник менамуд. Аз тартиб ва чиҳози хона маълум буд, ки модари Неъмат зани басалиқа, озода ва дорост. Дар болои сандуқ, ки дар поёни хона, дар қарибии пойгаҳ меистод, кӯрпаю кӯрпачаҳо рах карда чида монда шуда буд.

Эшон як шингил ангури тойфӣ канда хӯрд ва ба сӯи дар нигоҳ кард, ки соҳиби хона — модари Неъмат кай меояд. Вай ин зани куҳансоли бамаънӣ ва баобрӯро нағз медонист. Аксаран омаду рафт мекард. Хоҳ Неъмат бошад, хоҳ набошад, меомаду бо кампир сӯҳбат карда менишаст, дарди дилашро мегуфт, аз ину он шикоят мекард, бо мисолу тамсилҳо оид ба роҳбарони колхозҳо, оид ба калонҳои район сухан меронд. Гоҳо ҳикоят ва нақлҳои модари Неъматро мешунавид, гоҳо худаш панду насиҳаташро ба ҳикоят ва тамсилҳо зинат дода баён мекард. Модари Неъмат ҳам ӯро бо мамнуният гӯш мекард ва сӯҳбаташро дӯст медошт.

— Шумо эшони сохта, эшони нодони аз илм бегона нестед!— мегуфт кампир ӯро таъриф карда.— Шумо эшони ҳамин замона, шумо эшони бофаҳм ва доно ҳастед! Барои ҳамин ман ба писарам ҳамеша насиҳат медиҳам, ки ба гапи шумо гӯш диҳад. Панду насиҳатҳои шумо тилло!

Ба ростӣ ҳам эшони Санги Ҳамвор аз эшонҳои муқаррарӣ набуд. Вай ҷаҳолат ва нодониро танқид мекард, хурофотро намеписандид. Гӯё ба дину ойин як навигарӣ, сабукӣ ва илму мантиқ дароварда буд. Қасе набуд, ки ба сӯҳбати вай нишинаду мафтуни суханрониҳои ӯ нагардад. Зеро ки аксаран суханҳои вай, гӯё, безарар, пурфоида ва ба мантиқ мувофиқ буданд. Азбаски вай суханҳои худро бо тамсилу ҳикоёт оро медод,

шунавандагон бо мамнуният гӯш мекарданд. Лекин дар зимни сухан, дар асоси мавзӯи суханронии худ дину диёнатро, фалсафаи исломро мегирифт ва номаълумак дар ин роҳ ташвиқ мебурд. Дар бораи ахлоқ, дар бораи тарбия, дар бораи одоб гап зада истода ба ислом ва ба дини Муҳаммадӣ такья ва асос мекард, ки агар андаке ғофил бошед, ё ки сустирода бошед, ба вай дода мешудед ва ба торҳои анкабут печида мемондед.

Эшон дар Бухоро таҳсил карда, мактаби советиро хатм карда, инчунин дар назди як муллои зӯр дарс хонда, аз фалсафа ва мантиқ ва асосҳои дини ислом бохабар шуда буд. Адабиёти классикро медонист, хусусан Бедилро бештар хонда буд магар, ки дар суханаш аз шеърҳои Бедил бисьёр мисолҳо меовард. Ҷомӣ, Ҷалолиддини Балхии Румӣ, Аттор, хоҷа Ҳофиз ва Саъдиро медонист, ба онҳо ҳурмат ва тавозеъ дошт.

Ҳоло дар хона танҳо нишаста фикр мекард, ки Неъматро ёфтан, бо вай ба назди бобо-ранс рафтан ва мақсади деринаро ба миён гузоштан лозим. Мақсади деринаи вай ҳамин буд, ки ба ягон қишлоқи колхози «Хатлон» кӯчида биёяд, ба бобо-ранс наздик шавад ва ӯро ба торҳои анкабути худ печида гирад. Инро ба вай фармуда буданд, ё ки мақсади худаш буд, мо намедонем. Лекин вай дар ҳамин роҳ аз дерест, ки кӯшиш дошт ва имконият меҷуст. Фикр кард — фикр кард ва ниҳоят ба Неъмат Бобоев омада истод. Неъмат ба вай эътиқод дошт, аз гуфти вай берун намерафт. Аз тарафи дигар, назар ба шунидаш бобо-ранс ҳам Неъматро дӯст медорад, ӯро дастгирӣ мекунад. Бинобар он имрӯз қарор дод, ки ба ҳавлии модари Неъмат биёяд, шояд худи Неъмат ҳам омада монад.

Модари Неъмат дар даст як табақ ширбиринчи серравған аз дар даромада омад.

— Зиқ нашуда шиштед?— пурсид вай аз эшон.— Бароятон ширбиринҷ пухтам. Охир, худатон мегуфтед, ки пайғамбарамонро худо дар меъроҷ бо ширбиринҷ зиёфат кардааст ва бинобар он ширбиринҷ таоми назаркарда аст.

— Бале, бале,— гуфт эшон ва аз дасти кампир табақро гирифта ба рӯи дастархон гузошт.— Ширбиринҷ дар баробари назаркарда буданаш таоми бомазза ва фоиданок ҳам ҳаст. Хусусан, ки ширбиринчи шумо пухтагӣ дар ин так-так нест. Ин аз ҳазор оши палав хубтар аст.

— Саломат бошед, ҳазрат!— гуфт модари Неъмат, ки номаш Хадича буд.— Аз забонатон шаҳду шакар мерезад. Қас хизмат кунад, ба шумо барин азизон хизмат кунад. ки қадри меҳнатро медонед.

— Як шоир гуфтааст, ки,— гуфт эшон, ки номи аслиаш Мулло Эшназар буд.— Ман на онам, ки дусад мисраъи рангин гӯям, ман чу Фарҳод яке гӯяму Ширин гӯям... Ман ҳам аз устодҳоям омӯхта эътибори суханро медонам ва ҳамеша ширин мегӯям.

— Саломат бошед, канӣ аз таом марҳамат!

Мулло Эшназар як-ду луқма хӯрда буд, ки дар рӯи хавлӣ шарфаи пои касе шунида шуду ба хона Неъмат даромада омад ва эшонро дида хурсанд шуду давида рафта дасти равғании ӯро гирифта ба чашмаш молид.

— Ин коратон аз як чиҳат хуб, — гуфт Санги Ҳамвор,— аз чанд чиҳат номарғуб аст. Аввалаш ин ки дар ҳузури таом даст ба даст гирифта, ё ки дасти касеро зиёрат кардан раво намебошад. Машоих инро манъ кардаанд. Чунки таом ба ларза медаромадааст. Аввал таом, вонгаҳ калом гуфтаанд. Сониян, писарам, ҳарчанд, ки ман ба ҷои падари ту менистам, лекин мартабаи ту ҳам кам не! Баъд аз ин дасти маро зиёрат карда ба чашмат намол, ки хафа мешавам. Ман ҳам дар қатори як дуогӯи ту ҳастаму бас!

— Хуб, мебахшед!— гуфт Неъмат ва аз паҳлуи модараш, ки аз поёнтар менишаст, ҷо гирифта, ба ширбиринҷ даст дароз кард. — Канӣ марҳамат! Ман аз дидори шумо бисьёр хурсанд шудам, як олам ғаму ғуссаро фаромӯш кардам.

— Аз ғаму ғусса худо нигаҳ дорад?— гуфт Эшон. — Зинҳор ба ғаму ғусса дода нашавед. Ин кирмест, ки мисли дарахт касро аз дарун мехӯрад.

— Бале, бале, рост мегӯянд, ҷаноби ҳазрат!— гуфт Хадича. — Аз ғаму ғусса худо нигаҳ дорад. Шукр таната сиҳат, хонадонат осуда, обрӯю иззатат бақо, боз ғаму ғуссаи чӣ?!

Неъмат нахост, ки ҳозир дар ин мавзӯъ гапро давом дода, дарди дилашро гӯяд ва аз эшон маслиҳат пурсад. Ба хаёлаш гузаронид, ки дар ин мавзӯъ баъдтар батафсил гап сар мекунад, бинобар он гуфт:

— Хона хунук барин? Сандалӣ ҳам накушодеду печкаро ҳам нагирондед!

— Ҳоҷат не,— гуфт эшон.— Ҳавои хона мӯътадил

аст: на гарми гарм, на хунуки хунук. Ҳаминаш нағз! Баъд, сандалӣ гуфтед, сандалӣ ҳам одамро танбал мекунад, гоҳо дарди сар мекунад. Ҳазрати Бедил дар ҳамин хусус нағз гуфтаанд:

Дарди сар кам буд, то тадбири сандал махв буд;
Нармии болину бистар халқро бемор кард.

— Ҳазрати Бедил,— гуфт вай,— аҷоиб донишманд будаанд. Ҳатто дар бораи сандалӣ ҳам гуфтаанд...

— Аз он кас ҳеҷ гап намондааст!— гуфт эшон.— Агар китоби он касро варақ занӣ, мебинӣ, ки ба ҳама мушкилоти мардум ишорате кардаанд. Қанӣ, аз таом марҳамат!

— Хӯш,— гуфт Неъмат.— Худатон марҳамат кунед! Очаи ман ширбинчи бомаза мепазад.

— Бале, бале, бисьёр бомаза...

Пас аз хӯрда шудани ширбиринч табақро гирифта монданду чой кашида доданд.

— Балои саратонро гирам, эшон,— гуфт модар ба мулло Эшназар хитобан.— Ба ҳамин писаратон андак насиҳат карда монед. Беҳуда ғусса мехӯрад ва чӣ кор карданашро надониста мегардад. Дарди дилашро ба ман намегӯяд. Ман аз набераҳоям ва аз келинам мефаҳмам, ки баъзе шабҳоро хоб накарда рӯз мекардааст.

— Чиҳо мегӯед, оча!— гуфт Неъмат.— Барои чӣ ман бедарак ғусса мехӯрдаам? Шабхон бехобӣ дар ҳама кас мешавад. Дуньё ҳамин хел сохта шудагӣ...

— Дуньё ҳамин хел сохта шудагию,— гуфт Эшон, — лекин худо ба одам ақл додагӣ! Агар ақлро кор фармоед, олам гулистон мешавад. Пайғамбарамон Муҳаммад Мустафо саллавлоҳу аллайҳи вассаллам фармудаанд, ки худо махлуқе халқ кардааст, ки ақл дораду шаҳват надорад ва низ махлуқе халқ кардааст, ки шаҳват дораду ақл надорад. Ва боз махлуқе халқ кардааст, ки ҳам ақл дораду ҳам шаҳват. Агар шаҳват ба ақл ғалаба кунад, он махлуқ — яъне одам — хайвон мешавад ва агар ақл ба шаҳват ғалаба кунад, он махлуқ — яъне одам — ба малонка баробар мешавад... «Кона маал малоикатун муқаррабин!» Шумо ҳам, писар, шукр кунед, ақлатонро кор фармоед, мебинед, ки олам гулистон гаштааст!

— Саломат бошанд, ҳазратам!— гуфт Неъмат.— Як дуньё гап задед. Лекин одамҳо вайрон шудагӣ, намемонанд, ки кас ба кору бораш машғул шуда гардад. Инаш ба як сӯ мекашад, ваяш ба сӯи дигар мекашад, фитнаю фасод мекунанд, хам намегарданд.

— Шуморо ба одамҳо чӣ кор!?— гуфт Эшон.— Фитнаю фасод кунанд, ба худашон мекунанд. Шумо тавакқал ба худо карда, аз дили соф ба халқи худо хизмат карда гаштан гиред. Ана як мисол худи ман: баъзеҳо мегӯянд, ки Санги Ҳамвор эшон аст, шайх аст, муллост, диннараст ва ҳатто фиребгар аст... Рост, рост, фиребгар ҳам гуфтанд, лекин ман гап назадам. Аммо бисьёриҳо ба ман эътиқод ва эътимод доранд, аз ман илм меомӯзанд, дину диёнат меомӯзанд, аз ман маслиҳат мепурсанд, ёрӣ металабанд. Ман ҳам чӣ ки тавонам, ҳар чизе, ки аз дастам ояд, ҳар ёрие, ки дода тавонам, аз халқи худо дареғ намедорам. Шукр, аз давлати худованд зиндагӣ ба хубӣ дар гузар аст... Боре як дӯстам маро таъна зад, гуфт, ки ба ту баъзеҳо тӯҳмат мекунанд, ноҳақ аз паси ту шиква мекунанд, туро ба назари мардум бад карда нишон медиҳанд... Ба ҷавобаш гуфтам, ки мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, ки ман ба хоки пои он хазрат баробар намешавам, чунин гуфтаанд:

Мо софдилонем, ки ба кас кина надорем,
Халқест ба мо душману мо бо хама ёрем.
Мо шохи дарахтем, пур аз меваи тавҳид,
Ҳар раҳгузаре санг занад, ор надорем.

— Бай, бай, бай!— гуфт модари Неъмат, ки каме шеърфаҳм ва нуқтадон буд. — Тасаддуқашон шавам, каромот кардаанд, каромот кардаанд.

— Бале, ин гуфтор валиёна аст, эъҷоз аст!— гуфт эшон.— Одами хокӣ кудрати гуфтани чунин абьёт надорад. Кас чун шохи дарахте, ки пур аз меваи тавҳид бошад, ба гуфтани чунин абьёт қудрат дорад. Аммо ин камина, ки ба гарди хоки пои бузургон баробар нестам, аз чунин абьёт илҳом мегирам, дилам бардошта мешавад ва имоман комилтар мегардад. Бинобар он аз мардум намеранҷам, санг зананд, задан гиранд, дар болои сар худо хаст, Шумо ҳам, писарам, асло ғам нахӯред, дардатон бошад, ба ман, ба модаратон гуфта, маслиҳат пурсед. Чӣ шуд? Бобо-ранс ба шумо соз аст?

— Соз барин-ку...

— Ҳамин бобо-ранс соз бошад, аз дигаронаш парво накунед. Лекин агар бобо-ранс ранҷида бошад, фикр карда илоҷашро ёфтан лозим аст.

— Ба шуниди ман, бобо-раис Неъматҷонро таъриф кардааст,— гуфт модар.— Ҷонсупорона кор кардани Неъматҷон ба раис маъкул шудааст.

— Ин тавр бошад, ҳеҷ боке не!— гуфт эшон.— Бобо-раис одами бамаънӣ ва зубда аст. Як бор, дар рӯзҳои як шудани колхозҳо ва раис интихоб шудани вай бо ман дар хонаи падари бухгалтераш рӯ ба рӯ шуд. Пурсид, ки чӣ кор карда гаштаам. Гуфтам дуо. Гуфт бо дуо шикам сер намешавад. Гуфтам, чӣ кор кунам, аз дастам дигар кор намеояд. Гуфт, савод дорӣ, табелчӣ шав! Гуфтам: мадор надорам, пир шудаам. Ту раиси калон ва баобрӯ ҳастӣ, мисли Нӯшервон адолат кун, ба ман кордор нашав! Нӯшервонаш кӣ, гуфт. Гуфтам дар қадим як подшоҳ будааст. Дар ҷавонаш ба ҷои доду адл ба айшу тараб ва шикор машғул мешудааст, аз ҳоли фуқаро бехабар будааст. Як рӯз бо аркони давлат ба шикор рафта мебинад, ки буми бисьёре ба ду гурӯҳ тақсим шуда, ба муқобили якдигар саф орастаанд ва аз миёнашон ду буми калон дар миёни майдон бо ҳам, гӯё, гуфтушуниде доранд. Инро дида Нушервон ҳайрон мешавад ва аз Бузургмеҳр, ки вазири дони ӯ буд, мепурсад, ки ту забони ҷониворонро медонӣ, бигӯ, ки инҳо дар байни худ чӣ баҳсе доранд? Бузургмеҳр мегӯяд, ки инҳо дар байни худ маҷлиси арӯсӣ доранд. Падари арӯс мегӯяд, ки ба кобини духтарам чихил вайрона мехоҳам.Ба ҷавоб падари домод мегӯяд, ки алҳол чаҳор вайрона дорам, андак сабр кун, подшоҳи мамлакат аз ҳоли фуқаро бехабар аст, айшу нӯши худро медонад. Агар кор ба ҳамин тариқ давом кунад, баъди ягон сол ба ту чихил вайрона не, ҳаштод вайрона медиҳам... Инро шунида Нӯшервон аз кирдораш тавба мекунад ва ба доду адл мекӯшад, ки дар натиҷа номаш чун Нӯшервони одил машҳур мегардад. Ту ҳам, эй бобо-раис, акнун ба кор сар кардай, адолатпеша бош! Ба ман барин худоҷӯён кордор нашав! Раис хандиду гуфт, ки адолати ман мардумро бекор намондан аст. Ту агар кор карда натавонӣ, аз духтур санад гир, рафта нафақахӯр шав! Ман дидам, ки раис дар колхозаш бекор гаштан ва дуогӯй буданро намегузорад, ба райони Қарамазор кӯчида рафтам ва то имрӯз дар ҳамон ҷо ба тоату ибодат машғул ҳастам, хизмати халқи худоро карда рӯз мегузаронам.

— Бобо-раиси мо дар ин бобат сахтгир аст, — гуфт Неъмат.— Намемонад, ки бекор гардӣ, муфтхӯр бошӣ.

Лекин шумо барин одамони худоҷӯ ва пурдон ҳам ба хизмати мардум лозим ҳастанд. Халқи бисьёре зиндагӣ мекунад, ҳар рӯз як тӯе, як маъракае, як азое, як ҷанозае мешавад. Агар шумо набошед, кӣ хатми қуръон мекунад?!

— Рост, рост!— гуфта монд модари Неъмат.

— Шояд раис аз худаш метарсад,— гуфт эшон.— Намехоҳад, ки дар колхози «Хатлон» як эшон зиндагӣ кунад ва хизмати мардумро адо кунад. Дар ҳақиқат душманонаш гапро ба боло расониданашон мумкин... Лекин дили ман ба колхози шумо кашол. Дар ин сарзамин мардуми худоҷӯ бисьёр ва маро хор кардан наметонанд. Дар Қарамазор зиндагӣ сахт, мардумаш бефаҳм, қадри маро намедонанд.

— Ба ростӣ мехоҳед, ки ба ин ҷо кӯчида биёед?— пурсид Неъмат.

— Бале, Неъматҷон,— гуфт эшон.— Рафтуомад, роҳи дур ба дилам зад. Як шуморо дидан хоҳам, сӣ-чиҳил чақрим роҳ омадан лозим. Гоҳ улав меёбам, гоҳ не. Агар дар ҳамин ҷо бошам, бемалол. Дар ин ҷо дӯстҳо, ошноҳо хастанд, ин ҷо болои роҳи калони Душанбе... Ба ҳар ҷо рафтан, бо мурид у муршидҳо вохӯрдан осон мешавад.

— Қошкӣ шумо дар хамин деҳаи мо бошед, ба сад дардамон дармон мешавед,— гуфта монд модар.

— Хайр, кӯчида биёед,— гуфт Неъмат.— Ман ба Шакарзода мегӯям, ба шумо ҷой медиҳад. Як порча замин бас. Худамон ҳашар карда хона меандозем.

— То раис рухсат надиҳад,— гуфт эшон,— дар ин ҷо ҳеҷ кас ба ман роҳ намедиҳад. Шумо инро донед, ки Шакарзода хам ба даҳони раис нигоҳ мекунад.

— Хайр, ба пеши раис меравем,— гуфт Неъмат. — Наход, ки не гӯяд?!

— Омадани ин кас ба раис чӣ зарар мерасонад?— пурсид модар.— Ҳамроҳ раветон, не намегуфтагист.

— Ман хам гумон мекунам, ки, — гуфт эшон, — агар дукаса шуда аз вай хоҳиш кунем, не намегуфтагист.

— Бобо-раис сахтгир бошад ҳам,— гуфт Неъмат,— раҳмдил аст. Ман медонам, ки ба чандин касон ҷо дод, барои хонасозӣ ёрӣ расонид. Дар колхоз одам ҳар чӣ қадар бисьёр бошад, ҳамон қадар хуб аст, мегӯяд.

— Бале, мо мегӯем, ки раисҷон, як дили ғамзадаро гар зи карам шод кунӣ, беҳ зи сад масҷиди вайрона, ки обод кунӣ! Ба гумон синну соли раис ҳам ба як ҷо ра-

сид, акнун дилаш нарм шуда монд ва ба мо барин одамоне, ки ёди худоро мекунем, ғамхорӣ карданаш мумкин.

— Майлаш, рафта гап мезанем.

Бо ин қарор сӯҳбат ба охир расид.

13

Он рӯз ҳаво тира буд. Хусусан пас аз фурӯ рафтани офтоб дарҳол шаб шуду монд. Он вақтҳо дар кӯчаҳои қишлоқ фонарҳои электрикӣ намесӯхтанд, фақат дар дами дари магазинҳо, мактабҳо ва идораи колхоз равшанӣ буду бас. Мардум кайҳо хона ба хона шуда буданд. Одатан аҳли колхоз — деҳқонҳо бо торик шудани ҳаво ба хона баргашта хӯроке мехӯрданду аксарият ба ҷогаҳ медароянд, зеро ки рӯзи дигар ҳанӯз субҳ надамида бархостан ва ба кор сар кардан лозим мешуд. Аммо ҷавонҳо зуд намехобиданд. Онҳо гаштак мекарданд, радио мешуниданд ва ё ба курсҳои шабона рафта дарс мехонданд.

Дар идораи колхоз низ кор давом мекард. Аксарият рафта бошанд ҳам, бухгалтер, сариқтисодчӣ ва навбатдори идораи колхоз дар ҷои худ буданд. Имшаб чӣ шуда буд, ки Зафар низ ба зудӣ аз идора намерафт. Ҳар замон ба соати дастии худ нигоҳ мекард ва боз ба ҳисобу китобаш давом медод. Ниҳоят Абдурахмон ва сарбухгалтер ҳам корашонро тамом карда аз ҷо бархостанд.

— Ҳа, мулло Зафар!— гуфт сарбухгалтер аз назди дар.— Имшаб нишаста мондӣ?

— Қамтар кори нотамом буд...— гуфт Зафар хиҷолат кашида.

— Корашро тамом карда меравад,— гуфт Абдурахмон, ки аз «кори нотамоми» ӯ огоҳ буд.

— Хайр, майлаш!— гуфт сарбухгалтер.— Вақти рафтан дарҳоро баста рав!

Онҳо ҳам аз идора баромада рафтанд. Дар бухгалтерхона танҳо Зафар кор карда менишаст. Вай ё кораш бисьёр буд, ё ба касе чашми интизор дошт. Гӯё дилаш метапид, гунаҳояш арғувонӣ шуда буданд, хаёлаш дар ҷо набуд.

Ҳар замон ҳисобро ғалат мекард, аз нав чӯт мепартофт ва аз нав менавишт. Дар байн ҳар замон аз кор даст кашида ҳаматан гӯш мешуд ва ба сӯи дар нигоҳ мекард... Бале, вай ба Зулфия интизор аст. Шояд Зулфия ваъда дода бошад, Зулфияи шӯху бебок! Вай хамин қадарашро медонад, ки Зулфия ваъда диҳад, ҳеҷгоҳ хилоф намекунад, албатта меояд, ҳеҷ набошад, хабар медиҳад...

Чӣ тавр ҷонкоҳ ва чи тавр ширинанд ин дақиқаҳои интизорӣ! Ҷонкоҳанд, барои он зуд намегузаранд, тиктакзанон бо тори нозуки дил бозӣ мекунанд, ошиқи сарсахтро адо мекунанд. Ширинанд барои он, ки умеди дидор, умеди вохӯрдан бо дилдор дар пеш аст, орзуҳои ширин дар дил гул мекунанд, хаёлҳои рангин ҳастии ошиқро зинат медиҳанд... Интизорӣ бадтар аз марг аст, мегӯянд, ин рост аст, фақат дар он ҳолат, ки интизорӣ номаълум бошад, интизорӣ ноумедона бошад, нобоварона бошад, пухта набошад...

Аммо Зафар, гӯё бовар дошт, ки Зулфия меояд, бо вай сӯҳбат мекунад, ба дарди дилаш даво медиҳад. Инак, дар ҳақиқат Зулфияи бебок, дар тан либосҳои кории трактортчиҳо (аз рӯи куртаи чити гулдор шолвор ва гимнастёрка), дар по мӯза, гулдуррасзанон ба рохрави идора омада даромаду аввал ба назди навбатдор, ки дар қабулгоҳи ранс ба сари телефон менишаст, рафт. Бо вай чизе гуфт, чизеро пурсид ва баргашта ба назди Зафар, ба бухгалтерхона даромад. Вай парвое надошт, ки навбатдор, яке аз котибони ранс мебинад ва ба дигарон хабар доданаш мумкин, ки Зулфия дар бевақтии шаб ба назди Зафар даромад, бо вай сӯҳбат карда нишаст... Вай парвое надошт, ки Зафар ӯро дар ин либоси корӣ, баъзе ҷои рӯяш равғанолуд, дастонаш бо собун шуста нашудааст, дида ихлосаш мегардад... Вай парвое надошт, ки мумкин аст, бобо-ранс омада монад чи тавре, ки одати вай аст ва дар бевақтии шаб омада баъзе коғазҳоро мебинад, баъзе планҳо мекашад, бо телефон ба котиби райком Сангинов ва ё бо Душанбе гуфтугузор мекунад... Бале, вай бебок, нотарс ва ҷасур буд, продан зӯр ва рӯҳи олӣ дошт. Бо вуҷуди ҳамин фазилатҳои баланд ва хуб ба ҳеҷ кас дил надода, ҳамин Зафари шармгин, камҷуръат, мулоимфеъл ва духтармонандро дӯст доштааст. Худи Зафар гоҳо бовар карда наметавонист. Наход, ки мегуфт, Зулфияи овозадор, Зулфияи зебо, ҷасур ва мардсифат ба вай зан мешуда бошад.

Ба ростӣ, ки кас намефаҳмад. Зулфия дар баробари дидани Зафар тамом тағьир ёфт, хусусиятҳои мардонагӣ, ҷасорат ва бебокӣ дар як дам барҳам хӯрданд ва ба

ҷои онҳо занигарӣ, латофат, мулойимат ва дили пур аз ҳиссиёти масткунанда омада монданд. Вай ҳатто сурх шуд, дастонаш андак ларзиданд ва дар дами аввал чӣ гуфтанашро надониста монд. Баъд:

— Салом, ҷавони кордӯст!— гуфт.— Дар идора хеҷ кас намондаасту... Шумо...

— Салом,— гуфт аз ҷо бархоста Зафар.— Ҳа, камтар кор буд. Баъд... Баъд ба шумо мунтазир будам.

— Ба ман!— хандид Зулфия.— Ба ман чӣ кор дошт ед? Ман ба ҳисобу китоби шумо ёрӣ дода натавонам...

— Ба худам ёрӣ дода метавонед.

— Аз идора кашида берун баровардан бошад, аз дастам меояд.

— Бале, берун баровардан, аз дилам шубҳаю андешаҳоро берун баровардан... Умеду орзуҳоро даровардан...

— Оҳо, ҷавони хоксору шармгин шоир шудааст-ку!

— Шуморо дида...

— Хайр, биёед, ин ҷо ҷои шеъру шоирӣ не, ба кӯча бароем, дар ҳавои соф бояд шавқатон зиёдтар шавад.

— Мебароем, мебароем!

Инро гуфту Зафар коғазҳояшро ғундошт ва ҳамроҳи Зулфия аз идора берун баромад. Дар кӯча касе набуд. Майдони назди идора андак равшан буду кӯчаҳо торик. Аммо он ду ҷавон аз торикии қишлоқи худашон, аз кӯчаҳои бозӣ карда калон шудаашон наметарсиданд, ибое надоштанд. Баракс хурсанд буданд, ки торик буд, хурсанд буданд, ки бекас буданд он кӯчаҳо.

— Канӣ шеъратон?— пурсид Зулфия, пас аз он ки камтар хомӯш роҳ гаштанд.

— Шеъри ман шумо,— гуфт Зафар.— Илҳоми ман шумо, ҷони ман шумо!

— Ман хушомадро дӯст намедорам!— гуфт якбора Зулфия, ки дар ҳақиқат духтари аз хушомад об шуда мерафтагӣ набуд ва ба гапҳои ширин бовар надошт.— Ба ман шеъри дуруст хонед, агар шоир бошед, ба ман ҳисоби пухтаро беғалат гӯед, агар ҳисобчӣ бошед! Ба ман рӯйрост гап занед, агар дар дилатон гапе доред!

Зафар ҳайрон шуд, то як дараҷа шарм кардv худро гум карда монд.

— Ман хушомади забонӣ накардам, — гуфт вай нихоят.— Ман он чи, ки дар дилам бvд, гуфтам. Ман шоир ҳам нестам, ки ба шумо шеър гӯям. Агар нохост шеъре ба забонам ояд, аз шавқи дилам, аз хурсандӣ ва ё

хаяҷонам будагист. Рост, ман ҳисобчӣ, ҳисоботам пухта ва беғалат аст.

— Чӣ ҳисоб кардед? Ҳа, чӣ ҳисоб кардед?— гуфт боз хандида ва тамом ба дигар ҳолат омада Зулфия. Ин хусусияти ӯро Зафар омӯхта гирифта буд ва бинобар он хайрон нашуд.

— Ман ҳисоб кардам, ки — гуфт Зафар,— дар қарибӣ маҷлиси ҳисоботи колхоз мешавад, баъд корҳои ман ва корҳои шумо сабук шуда мемонад... Ана баъд...

Зафар он тарафи гапашро гуфта натавонист а, як дараҷа хомӯш монд. Аммо, Зулфия хурсандона пурсид:

— Ана баъд чӣ? Аз рӯи ҳисобатон кадом моҳ медарояд?

— Моҳи хушбахтӣ! — гуфт Зафар. — Моҳи тантана ва хурсандӣ, моҳи тӯю тамошо...

— Ҳа,— гӯё ҷиддӣ гуфт Зулфия,— колхоз бояд тӯй кунад, колхозчиҳо бояд тӯй кунанд.

— Дар он қатор мо ҳам тӯй мекунем!

— Шумо? Чӣ тӯй?— боз қасдан пурсид Зулфия.

— Ману Шумо!— гуфт Зафар, ки медонист Зулфия қасдан пурсида истодааст.— Ману Шумо тӯй мекунем, ба муроду мақсад мерасем.

— Ҳа-а-а!— гуфт кашол карда Зулфия.— Ана, гап дар кучо будааст! Акнун фаҳмидам...

Дақиқае ҳарду ҳам хомӯш роҳ гаштанд. Баъд боз Зафар пурсид:

— Фаҳмида бошед, чӣ мегӯед?

— Чӣ мегуфтам,— гуфт Зулфия.— То маҷлиси ҳисобот фурсат ҳаст, падару модарони мо фикр карда бинанд канӣ...

— Падару модарони мо розӣ, чизе намегӯянд!— гуфт Зафар.

Лекин падару модарон — махсусан модари Зафар — чандон розӣ набуданд. Ин, пас аз чанд дақиқаи дигар маълум шуд. Зафар ва Зулфия даст ба даст гирифта аз кӯчаи қишлоқ мерафтанд, ки дар пеши як дарвозаи кушод зане ба рӯи суфача нишаста буд ва омада истодани онҳоро дида гуфт:

— Зафар, ин ту ҳастӣ?

— Очатон!— гуфт Зулфия ба Зафар.— Дасти маро гузоред, ман рафтам.

— Чаро? Ман то ба пеши хонаатон бурда мемонам.

— Не, лозим не!— гуфт Зулфия ва қадамҳояшро тезонда аз Зафар гузашт.— Ман худам меравам. Шумо ба очатон ҷавоб диҳед!

— Зафар мегам, ин тӯй?— боз овози кампир шунида шуд.

— Ҳа, манум!— гуфт Зафар ва ӯ ҳам тез қадам монда ба Зулфия расида гирифту гуфт:— саросема нашавед, ман Шуморо бурда мемонам.

Зулфия ба ӯ ҷавоб надоду ба кампир хитоб кард:

— Ҳа, оча, роҳи Зафарро мепоед? Натарсед, ман ӯро аз идора кашида ба пеши шумо овардам.

— Илоҳӣ барака ёбӣ, духтарам!— гуфт кампир ва ба пешвози онҳо аз ҷо бархост.

— Чӣ дар кӯча нишастаӣ? — пурсид Зафар. — Маро гург мехӯрад?

— Бевақт шуд, наомадӣ, — гуфт кампир. — Гурги дупо нахӯрда бошад гуфтам...

— Ман ҳам аз тарси гурги дупо Зафарро бо худ овардам,— гуфт хандида Зулфия.

— Илоҳӣ ба мақсадат расӣ, Зулфияҷон!— гуфт модар.

— Хайр, писаратонро саломат дидед, акнун ман рафтам!— гуфт Зулфия ва ба роҳаш рафтан гирифт.

— Ман шуморо то ба ҳавлиатон бурда мемонам!— гуфт Зафар ҳам аз паси вай рафта.

— Ҳа, Зулфияҷонро бурда мону гашта бинё!— гуфт модар.

Зулфия истоду Зафарро нигаҳ дошт.

— Агар аз паси ман равед, хафа мешавам!— гуфт вай. — Ҳавлии мо дур не, ду қадам монам, мерасам. Шумо бо очаатон ба ҳавлӣ дароед!

Зулфия танҳо рафт. Зафар то хеле фурсат аз кафои ӯ нигарон монду баъд баргашт ва ба назди модараш, ки ҳанӯз рост истода буд, расида гуфт:

— Бедарак ба кӯча баромадӣ, оча? Зулфия шарм кард.

— Ҳеҷ боке не!— гуфт кампир ва ба ҳавлӣ даромада истода илова намуд:— Агар шарм мекард, бо бӯзбалаҳо дар шаби торик даст ба даст гирифта намегашт.

Зафар ҷавоб надоду аз хаёл гузаронид, ки худи хозир, дар хона бо модараш дар ин хусус дурусттар гап мезанад.

Хона — хонаи баҳавои сақфаш баланд гарму равшан буд. Дар поёни хона печкаи чӯянӣ месӯхт. Дар болои хонтахта, ки дар пешгоҳи хона менстод, дастурхон

пахи ва ба рӯи он табақи таом бо лагандча пӯшида шуда буд.

— Кичирии қимадор пухтам,— гуфт модар.— Илоҳӣ хунук нашуда бошад.

Ҳар ду нишаста бо майли тамом хӯрок хӯрданд. Баъд кампир табақу дастархонро ғундошт, ба назди Зафар чойники чойро оварда монду худаш берун баромад. Зафар як пиёла чой кашида нӯшиду радиоро тофт, ки концерти тоҷикӣ давом дорад. Вай хеле вақт бе ҳеҷ хаёле мусиқӣ шунавид, баъд аз оне ки модараш омаду концерт тамом шуд:

— Бо Шумо як маслиҳат,— гуфт.— Бо диққат гӯш кунед!

Кампир ки чӣ будани гапро дарк карда буд, табассум карда монд.

— Гӯшам ба ту писарам, гап зан!

— Ман зан гирифтан мехоҳам!— гуфт якбора, бе хеҷ муқаддима Зафар. — Бо Зулфия гапзанон кардам. Вай розӣ, агар шумо розӣ бошед, пас аз маҷлиси солонаи ҳисобот тӯйчае карда арӯсро ба хона меорем.

— Ин нияти туро ман кайҳо боз медонам,— гуфт модар.— Ман хурсанд, ман розӣ, зан гир, ман ба орзуям расам... Лекин Зулфия ба ту муносиб не, бинобар он гап назада мегаштам.

— Зулфия ба ман муносиб не?! — Ҳайрон шуда пурсид Зафар. — Зулфия-а?

— Ҳа, Зулфия!— гуфт ба таври қатъӣ модар.

— Аз чӣ ҷиҳат муносиб не!— гуфт ба рӯи модараш нигоҳ карда Зафар.— Духтари доно, баҳусн, чаққон ва чор кас медидагӣ бошад, духтархонди ранс бошад, аз оилаи дуруст ва одамшаванда бошад, ба шумо боз чӣ даркор?!

— Ба ман арӯси сархам, чаққон, коркун даркор!— гуфт модар.— Ба ман фаъолу муовинрансу духтархонди ранс, номдору овозадораш даркор не, бачем. Ин хел зан ба ту зан не, фармонфармо мешавад, ба гарданат нӯхта андохта гирифта, кашола карда мегардад... Хушёр шав, писарам! Туро ман духтар барин тарбия карда расондам, берӯю баддаҳон накардам, дағалу саёқгард накардам... Барои ҳамин ба худакат муносиб як арӯси фақир, бедағдаға ва бечораро ёфта гир мегӯям.

Зафар ба суханони модараш ба диққат гӯш дода истоду ба фикру андеша ғӯта зад. Вай ба модараш ягона писар аст. Хоҳараш ҳаст, аммо вай шавҳар до-

рад, дар шаҳри К. зиндагӣ мекунад, зану шӯ дарс медиҳанд. Бо падаршӯи пираш якҷоя истиқомат доранд. Гоҳ-гоҳ омада аз ҳоли модар хабаргирон мераванд. Лекин тамоми умеду орзуи модар вай аст. Асои пирӣ, асои зиндагӣ, асои бахту хурсандии модар вай аст. Модар албатта аз нуқтаи назари занонаи худаш, аз нуқтаи назари кампирона ва қадимаи худаш ба ҳама чиз ва ба ҳама кас баҳо медиҳад. Зулфияро дуруст намедонад, ба овозаҳои аҳмақона бовар кардааст. Шояд баъзе аз бадхоҳони Зулфия модарро аз роҳ задаанд. Набошад, модар ҳеҷ гоҳ талаби ӯро рад намекард. Ҳеҷ гоҳ ин тавр чои канда ӯро аз кори мешудагӣ манъ намекард.

— Шумо ба овозаҳои дурӯғе, ки ба ҳаққи Зулфия шуда гузашт, бовар кардед? — пурсид ниҳоят Зафар.

— Овоза албатта бедарак намешавад писарам!— гуфт кампир. — Шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад. Лекин агар ин овозаҳо набошад ҳам, Зулфия ба ту муносиб не, писарам.

— Дурӯғии ин гапҳо аз офтоб ҳам равшантар аст. Ин овозаҳоро душманҳои раис паҳн карда гаштаанд. Ба ин гапҳо бовар накунед, оча! Зулфия духтари оличаноб аст. Ба ман аз вай хубтарашро ёфтан муяссар намешавад. Медонам, ки бо Зулфия хушбахт мешавам.

— Майлаш, ихтиёр ба худат!—гуфт ниҳоят модар.— Лекин саросема нашав! Ту апа дорӣ, язна дорӣ, падари язнаат одами табаррук хастанд... Бо онҳо машварат кун, фикри онҳоро пурс. Агар ҳама аз як гиребон сар бароварда розигӣ диҳанд, ман ҳам розӣ.

Бо ҳамин сӯҳбати хосси модару писар ба охир расид ва қарор доданд, ки рӯзи дигар Зафар ба шаҳр меравад, бо хоҳару язнааш машварат мекунад...

* * *

Рӯзи дигар Зафар дар тараддуди шаҳрравӣ буд, ки хоҳару язнаю падари язнааш қатор шуда даромада омаданд.

— Меҳмон даркор!—гуфт хоҳари Зафар, ки номаш Гулчеҳра буд.—Якто не, дуто не, сето!

— Садто шумо барин меҳмон биёяд, болои дида, тоҷи сар!—гуфт модар. — Хуш омадед!

— Ман рафта шуморо ба ин ҷо оварданӣ будам,—

гуфт Зафар. — Хушбахтиро бинед, ки худатон расида омадед.

— Имрӯз ба мо ҷавоб доданд, — гуфт язна. — Бачаҳоро ба экскурсия баровардаанд, мо ду кас, ки дар пахтачинӣ нағз кор карда будем, озод шудем. Падар ҳам дар хона зиқ шуда буданд, гирифта омадем, ки камтар ҳаво хӯранд.

— Нағз кардетон! — гуфт модар. — Қанӣ, ба хона марҳамат!

Меҳмонҳо ба хона даромаданд. Мӯйсафед, ки одами хеле банур буд, аз пешгоҳ гузашта нишаст ва даст бардошта омин гуфт. Дигарҳо низ ҷо ба ҷо нишаста даст ба рӯ кашиданд. Ин «омин»-гӯӣ бешубҳа таърихи динӣ дорад. Лекин оҳиста-оҳиста дар байни мардум чунон одат шудааст, ки агар ба хона омадагон баъд аз нишастан як «омин» нагӯянд, ким-чӣ намерасидагӣ барин, гӯё ба сар шуда рафтани сӯҳбат ва ё меҳмондорӣ ҳамин чиз лозиму лобуд шуда мондааст. Бисьёр вақт чӣ будан ва чӣ гуфтанро надониста ҳам «омин, хуш омадед!» мегӯянд. Мӯсафедтарҳо бошанд, хайрияти хонадонро хоста, тӯю тамошоҳо орзу мекунанд ва хоҳонадонро хоста, тӯю тамошоҳо, казо... Дар хонаи Зафар ҳам мӯсафед тӯю тамошоҳо, хайрияти хонадонро орзу карда даст ба рӯ кашид.

Чой оварданд, дастархон паҳн карданд, меваю ширавор кашиданд ва сӯҳбати ширини ҷону ҷигарҳо сар шуд...

Модар хост, ки ба ошхона рафта тараддуди шӯрборо кунад, лекин бачаҳо намонданд, камтар шинед, шуморо ёд карда омадем, аз дидоратон сер шавем, гуфтанд.

— Муаллим, қудоҷони азизи мо чӣ тавр шуду ба хонаи мо омадаанд, — гуфт модар. — Ба зери пои ин кас гӯсфанд сар занем, кам аст...

— Саломат бошед, қудои азиз, — гуфт мӯсафед.— Ҳар вақт омада бо шумо сӯҳбат карда, аз ҳавои софи саҳро нафас гирифта рафтан мехохам, лекин ду чиз монеъ мешавад: яке пирӣ, дуюм мирӣ...

Ҳама ҳайрон шуда ба рӯи муаллим нигоҳ карданд, ки чӣ хел «мирӣ» мешудааст. Худи муаллим шарҳ дод:

— Ҳайрон нашавед! Мирии ман ҳамин, ки дар гузарамон як комитети кӯҳансолон ташкил шудааст, ки дар он маро раис кардаанд. Шумо ба пирони гузар мир мешавед, гуфтанд. Ин комитет чунон серкор шуда монд, ки ҳеҷ напурсед. Ба тӯю тамошо ҳам комитет

ош ба қошук, ба азою мотам фотиҳахон, ба кори мактабу комитети падарон ҳам маслиҳатгӯ ва ҳоказо.... Ана, бинобар он ба сӯҳбати шумо зуд-зуд омада наметавонам.

— Агар тӯю тамошо гӯед, — гуфт модар, — дар ҳавлии мо ҳам тӯю тамошо бояд шавад. Ба мо ҳам маслиҳати шумо даркор.

— Қошкӣ, кошкӣ!—гуфт муаллим. — Ба маслиҳати тӯй аз ман беҳтар кас нест. Илоҳӣ дар ҳама хонадон тӯй шавад, тамошо шавад, хурсандию хуррамӣ шавад. Хӯш, кай тӯйро сар кунем?

— Додарам ба худаш муносиб ягонта ёфтааст?— пурсид хоҳари Зафар.

— Қошкӣ муносибашро меёфт!... — гуфта монд модар.

— Чӣ, муносибашро наёфта, киро ёфтааст? — пурсид язнан Зафар. Аммо худи Зафар сар ҳам карда, сурх шуду хомӯш мондан гирифт. Вай гумон надошт, ки модар ба мехмонҳо фурсати нафас гирифтан надода, зуд ба дарди дил сар мекунад. Бале, бедарак нагуфтаанд, ки ситамрасида ба ҳар кас дучор гардаду нолад. Ҳоло ки модар худро ситамрасида мепиндорад, наздикони худро дида дарҳол ба дарди дил сар кард, гап рост омаду шартӣ карда гуфта монд. Лекин ба сар кардани гап сар карду чӣ тавр давом доданашро надониста монд. Омадагон, хусусан хоҳари Зафар безобита шуда пурсидан гирифт:

— Қанӣ, гап занетон, моро хурсанд кунетон!—мегуфт вай. — Киро таҳи чашм кардетон?

— Духтари раис, ё духтари ягон бригадир? — пурсид мӯсафед.

— Қошкӣ духтари гадо мешуд!—гуфта монд модар ва пас аз каме андеша ба суханаш давом дод: — Зулфия, духтарҳонди раис ба ин кас маъқул шудааст...

— Зулфия? Бисьёр нағз, духтари обрӯманд! —гуфт Гулчеҳра.—Офарин, Зафар!

— Бисьёр офарин нагӯй, духтарам! — гуфт модар.— Аввал кӣ будани ӯро фаҳм!

— Ман Зулфияро медонам, — гуфт Гулчеҳра. —Ҳамон механизатори машҳур? Ҳай-ҳай, бисьёр нағз!

— Дар ҳаққи вай овозаҳои бадро ҳам шунидӣ?

— Чӣ овоза?

— Э, хап шавед, оча! — гуфт ниҳоят тоқат карда

натавониста Зафар. — Меҳмонҳо андак нафас рост кунанд, як андак дам гиранд!

— Дам гирифтем, — гуфт мӯсафед. — Боке не, гап, ки сар шуд, онро ба охир расонидан лозим. Аз сар шудани гап маълум, ки Зулфияро писарам Зафарҷон ёфтагию вай духтар ба очаи меҳрубонаш маъқул не, гӯё дар ҳаққи Зулфия чӣ хел як овозаҳои бад ҳаст, ҳамин тавр?

— Ҳа, — гуфт кампири тангдил ва овозаҳоеро, ки дар ҳаққи Зулфия ва Азиз шунида буд, гуфта доду илова намуд: — Агар ин овозаҳо набошанд ҳам, Зулфия ба ман маъқул не. Вай ба додарат занигарӣ карда наметавонад. Вай ба сари додарат нӯхта андохта, кашида мегардад.

— Ҳеҷ-дия!—гуфта монд Зафар.

— Бинст, додарам!—гуфт Гулчеҳра. — Ман Зулфияро нағз мешиносам, вай он хела духтар не. Лекин духтари хонанишин, беовоз ва беирода ҳам не. Духтари боақлу фаҳм, ҳунарманд ва овозадор аст...

— Ҳар чӣ ҳам бошад,—гуфт язна, — гап дар худи Зафар. Агар вай бо занаш дуруст рафтор кунад, яъне ки эрка ҳам накунаду паст ҳам назанад, олам гулистон мешавад. Зулфия ҳазор хел мансаб дошта бошад ҳам, шавҳарашро ҳурмат мекунад.

— Не, не, не! — гуфт қайсарона модар. — Зулфия духтари там-там, Зафари ман писари шармгин, раҳмдил ва мулоимфеъл аст. Албатта ба дасти Зулфия, ки даромад, ба худаш ғулом карда мегирад ва боз хонарӯбӣ, ошпазӣ ба гардани ман меафтад.

— Агар хоҳед, мо чудо зиндагӣ мекунем,—гуфт Зафар.

— Ҳа! — гуфт хитоб карда модар. — Ман ширн сафедамро аз хуни сиёҳам чудо карда ба ту хӯронаму баъде ки калон карда, ба як даҳон нон соҳиб кардам, ба дасти Зулфия супорам?! Нағз, бисьёр нағз!

— Оташин нашавед, хоҳари азиз!—гуфт мӯсафед.— Писаратон ҳеч вақт аз шумо чудо намешавад. Лекин шумо ҳам дуруст мулоҳиза кунед. Аввал ин ки ин овозаҳои бад дар ҳаққи Зулфия дурӯғ ва бӯҳтон аст. Сонӣ ин ки соҳибирода, мустақил ва боақли расо будани духтар ҳусни вай аст, на айбаш. Агар хоҳед ман ба шумо як мисол гӯям, як нақли воқеиро гуфта диҳам, ки духтар агар беирода бошад, чӣ мешавад?

— Қошкӣ, — гуфт модар ва ба пиёла чой рехта ба муаллими куҳансол дароз кард.

Муаллим пиёларо гирифта як ҳӯрт кашиду ба сухан оғоз намуд.

14

Қаримҷон — ягона писари дӯсти марҳумам ду сол пеш аз ин институтро тамом карда дар техникуми хоҷагии қишлоқ муаллим шуда буд. Синну солаш ба бисту ҳафт рафта, қариб аз давраи домодӣ баромада бошад ҳам, ҳанӯз безан мегашт. Ҳар боре ки дида монам: — Домод шудӣ? — гӯён мепурсидам. Аммо вай сар ҳам карда, хиҷолат кашида, не мегуфт. Набошад, Қаримҷон ҷавони зебо, қадбаланд, пайвастаабрӯ, мӯсиёҳ ва сафедпӯст буд. Аз ҷиҳати илму донишу фаросат ҳам аз шариконаш мондани намекард. Ахлоқи накӯ, феъли оличаноб дошт.

Ман гоҳ-гоҳ ба ҳавлиашон рафта, бо модар ва хоҳаронаш ҳолпурсӣ мекардам. Модараш ҳамеша аз бекелинӣ шикоят карда, аз ман хоҳиш менамуд, ки ба писараш насиҳат диҳам, ба зангирӣ розӣ шавад, модараш якчанд духтарро таки чашм карда мондааст. Мехоҳад, ки рӯи набераро бинад ва ғайра ва ҳоказо...

Аммо Қаримҷон ба ман мегуфт, ки духтари мувофиқи табъашро наёфта истодааст, набошад дили вай ҳам мехоҳад, ки зандор шавад. Боре пурсидам:

— Дар тараддудаш ҳастӣ, охир?

— Шабу рӯз! — гуфт хандида Қаримҷон.

Бо ҳамин ман қаноат ҳосил карда рафтам.

Тобистон гузашту тирамоҳ расид, маъракаи ғунучини пахта сар шуда рафт. Тамоми аҳолӣ ба ин маърака банд шуданд ва фикру зикри ҳама тезтар пахтаҳоро чида, ба марра расидан буд. Имсол бо вуҷуди нобоб омадани баҳор ва тобистон, бо ғайрати колхозчиён дар район пахта хеле бисьёр ҳосил карда буд. Гумон мекардед, ки бо чида гирифтан тамом намешавад...

Ман ҳам бо рафиқони ҳамсинну солам чандин рӯз ба колхозҳои гирди шаҳр рафта пахта чидам ва дар ҳақиқат ба пахтазор нигоҳ карда чашмам хира мешуд: сап-сафед мисли чаман пахта шукуфта буд ва онро чида гирифтан ҳам як кайфияте дошт. Ба ростӣ, агар

пахта кам шукуфта бошад ва дар ҳар ҷо-ҳар ҷо бошад, пахтачин ҳам монда мешавад, ҳам аз кораш қаноат ҳосил намекунад. Лекин имсол ҳатто мӯсафедон ҳам бо мамнуният пахта мечинданд.

Инак, як рӯз дар пахтазори колхоз пахта мечидам, ки аз дур Қаримҷонро дидам. Вай танҳо набуд. Бо духтари зебочеҳрае дар як қатор истода пахта мечид ва сӯҳбат мекард. Инро дидаму худро ба қанор гирифтам, ки мабодо маро дида монда хиҷолат кашанд ва сӯҳбати ширинашон вайрон шавад. Ба дилам фараҳ ва шодмонӣ ҷойгир шуд. Қаримҷони зангурези мо мувофиқи табъашро ёфтааст. Бисьёр нағз, бисьёр нағз!

Пас аз ҳафтаи дигар район плани пахтасупорӣ ва ӯҳдадории ба зимма гирифтаи худро бошарафона иҷро намуд. Оҳиста-оҳиста мардуми шаҳр ба корашон баргаштан гирифтанд. Ман ҳам, ки дар шаҳр, дар хонаи худ будам, ҳар рӯз омадани Қаримҷонро чашм дар роҳ будам. Лекин вай намеомад. Охир худам ба ҳавлиашон рафтам. Модараш гуфт, ки ҳанӯз аз пахтачинӣ барнагаштааст. Техникуми онҳоро ба ҷои дигар, ба райони дуртар бурдаанд, бояд ба зудӣ омада монад. Дар ҳақиқат дар колхоз кор кардан барои дигарон фақат «кор» бошад, барои талабагони техникуми хоҷагии қишлоқ ҳам кор ва ҳам таҷрибаомӯзӣ буд. Муаллимҳо метавонанд дар сари замин, дар сари киштҳо дарси худро гузаранд ва мисолро аз табиат гиранд ва инчунин пахта чинанд.

Қаримҷон дар охирҳои моҳи ноябрь ба назди ман омад, хурсанду шод буд.

— Ёфтам, — гуфт, — он духтареро, ки меҷустам, дар пахтазор ёфтам. Ҳудаш зебочеҳра, синну солаш ҳам ба ман мувофиқ, биступанҷсола...

— Духтар! Шавҳар накардааст? — пурсидам.

— Бале, духтар, — гуфт Қаримҷон ва каме андешида илова намуд, — надонам, барои чӣ то ба ин синну сол бешавҳар мондааст.

Охир, дар шароити Осиёи Миёнаи мо духтарҳо то бистсолагӣ ба шавҳар мебароянд. Хусусан, ки агар зебо бошанд, агар хушфеълу хушахлоқ бошанд, толибҳояшон бисьёр мешаванд ва наметонанд, ки мактаби олиро хатм кунанд. Аммо ин духтар назар ба гуфтаи Қаримҷон ба биступанҷсолагӣ рафта, бешавҳар мондааст.

— Хайр, чӣ тавр? Ба ту маъқул?

— Маъқул, — гуфт Каримҷон. — Хушрӯй, феълаш нағз, овозаш паст, ҳалим, ҳазим, хушмуомила ва гапдаро барин...

— Гапдаро? — ҳайрон шуда пурсидам.

— Ҳа, ҳарчӣ гӯед, хӯш мегӯяд, лекин ба кори худаш пухта менамояд.

— Ахлоқашро санҷидӣ?

— Ахлоқаш олӣ, ахлоқаш хуб! — гуфт Каримҷон. — Гӯё аз гуфтаи модараш як қадам берун намеравад.

— Ин тавр бошад, нағз, — гуфтам. — Дар куҷо кор мекунад?

— Дар музей, — гуфт Каримҷон ва каме истода илова намуд: — Нигаҳбонӣ мекардааст.

— Маълумоташ чӣ? Ягон институтро хатм кардааст?

— Не, модараш аз синфи ҳашт гирифта мондааст. Дар хона калапӯшдӯзӣ кардааст. Баъд бо ёрии дугонахояш ба музей ба кор даромадааст. Модараш ҳар вақт ба музей омада санҷида мегаштааст.

— Модари сахтгир будааст, — гуфтам.

— Ин бад не, — гуфт Каримҷон. — Духтарони содда ва гапдароро сариштa карда истодан лозим.

Хуб, — гуфтам, — ман ба музей рафта мебинам, аз шиносонаш пурсуков мекунам.

— Саломат бошед, амак, — гуфт Каримҷон. —Пурсед албатта, лекин худаш нафаҳмад. Аз гуфтаи вай модараш дар идораи селхозтехника кор мекардааст. Чикора буданашро надонистам. Номи модараш Тошхон, номи худаш Гулбибӣ.

Рӯзи дигар ба музей рафтам, аз посбони таки дар фахмидам, ки Гулбибӣ дар шӯъбаи табиатшиносӣ нигаҳбон будааст. Оҳиста-оҳиста тамошокунон рафта дидам. Дар назди тиреза, дар офтобрӯя нишаста суратҳои кадом як журналро медид. Ба назарам хеле гарм тофт. Осуда ва мустареҳ менамуд. Ба гӯшаш як ҳалқаи майда аз санги ёқут, дар ангуштонаш як-ду ангуштарин, мӯяш майда бофташуда, ба гирди калапӯши зардӯзӣ ҳалқа карда шудагӣ, дар танаш куртаи рангин аз атласи Марғилон, дар пош туфлии пошнапасти «америкой»...

Барои ин ки овозашро шунавам ва маълумоташро донам, ба назди хӯсаи хуки ёбой истода ӯро ҷеғ задам:

— Ин ҷо биё, духтарам, — гуфтам. — Ба ман фахмонда те канӣ, дар ҷойҳои мо ҳамин хел ҳайвон ҳам мешавад? Номи ин чӣ?

Гулбибӣ журналро таҳ карда монду оҳиста аз ҷо бархоста ба назди ман омад.

— Кадом ҳайвон? — пурсид вай.

— Ана ҳамин? — хуки ёбоиро нишон додам.

— Ана табличкааш-ба навиштагӣ... Ин хуки ёбойку, — гуфт вай ба рӯи ман боэътироз нигоҳ карда. — Албатта будагист, ки оварда мондаанд.

— Ҳа, ҳа, — гуфтам. — Ман надонистем, ба назарам хеле калон намуд, ягон ҳайвони дигар будагист, гуфтем... Раҳмат, духтарам, фаҳмонда додӣ.

— Худи ман ҳам ба ин ҷо омада дидам, — гуфт Гулбибӣ гӯлона. — Набошад, кай медонистам, ки хуки ёбой чӣ хел мешавад.

Аз ин суолу ҷавоб қаноат ҳосил карда берун баромадам. Маълумам шуд, ки духтар аз ҷиҳати дониш ба таъриф намеарзад ва муомилаҳояш ҳам ба ман нафориданд. Ким-чӣ хел хушку дағалона намуд. Дар берун муовин — мудири музей Марҳамат-бонуро дида мондам, ки бо ман шиноси кӯҳна буд. Маро дида часпиду ба кабинеташ гирифта даровард, ҷой кард, нон шикаста монд.

— Чӣ тавр шуду ба музеи мо қадам ранҷа фармудед? — Пурсид вай. — Ба назди ман наомада худатон гаштед?

— Элак баҳонаю дидор ғанимат, гуфта омадам,— гуфтам ва қиссаи Каримҷону Гулбибиро нақл карда додам ва илова намудам: — Ба фикрам, Гулбибӣ умуман духтари бад не, ҳарчанд, ки донишаш камтар аст ва аз ҷиҳати муомила ҳам камбудиҳо дорад. Аммо тарафи падару модарашро донистан мехостам.

Марҳамат-бону суханони маро бодиққат гӯш карда истоду ба таври манфӣ сар ҷунбонид.

— Бале, Гулбибӣ, умуман духтари бад не, — гуфт вай. — Лекин духтари беирода, духтари гапдаро, духтари тарсончак аст. Агар ба хонадони дуруст афтад, нағз тарбия бинад, ин хусусиятҳояшро фаромӯш мекардагист. Баъд синну солаш ҳам...

— Бале, синну солаш ҳам андак гузаштагӣ. Наход то ба хамин дам хостгорӣ накардаанд?

— Аз тарси модараш хостгорҳо ба ҳавлии инҳо

наздик намешаванд, — гуфт Марҳамат-бону. — Ба ин духтар раҳмам меояд. Модараш чунон тарбия кардааст, ки ба лӯхтаки фарангӣ монанд шудааст. Ҳамин ки модараш ба калиди фӯлодин тофта, фанарашро пур кунад, вай мегардад, тобаш суст шавад, не.

— Шумо модарашро мешиносед?

— Мешиносам, бинобар он ба шумо маслиҳат намедиҳам, ки ба фарзанди дӯсти худ чунин модарарӯёро раво донед. Занак дар гузари мо ҳавлӣ дорад. Ҳама ӯро мешиносанд. Як занаки сиёҳу дабангу лаҷарӣ... Ҳеҷ кас бо вай баробарзанӣ карда наметавонад. Аз шавҳари аввалааш як духтари ӯгай дошт, ки суду судбозӣ карда базӯр халос шуда рафту шавҳар кард. Шавҳари дуюмаш, ки падари Гулбибӣ буд, низ ба ҷаври занак тоқат карда натавониста мурд. Акнун худаш ба ном фарроши кадом идораю кораш савдогарӣ, бозоргардӣ... Мехоҳад, ки ин духтарашро ба пулу чизу қалини бисьёр фурӯхта, хонаашро обод кунад. Ҳар кас, ки ба Гулбибӣ толиб шуда ояд, пеш аз ҳама рӯйхати калонро месупорад ва захраи хостгорро об мекунад. Хостгор дую дубора ба хонаи ӯ қадамашро намемонад.

Ман ҳайрону гаранг шуда мондам. Аз гуфтахои Марҳамат-бону Тошхонро ба пеши назарам оварда дидам. Аз кучо пайдо мешаванд ин хел одамҳо? Ду шавҳарро куштааст, боз парво надорад. Акнун духтарашро фурӯхтан мехоҳад, дар бораи бахту осудагии ӯ фикре намекунад. Пас чӣ мехоҳад вай?! Барои як кас чӣ кадар чиз лозим? Чиз хуб аст, ё обрӯю иззату хаёти хушбахтона? Ин феълу атвор аз падару модар мерос бошад? Ё баъд, дар натиҷаи зиндагии бад, аз муҳиту шароити нобоб омада баромада бошад? Ин нокасон пас аз як-ду ноомад ба худ дарси ибрат намегиранд магар? Аз одамони нек сабақ намегиранд? Не! Инҳо ба гандагӣ одат кардаанд. Ноне, ки аз бадфеълӣ ба дасташон медарояд, ширин менамояд, то арбада накунанд, хӯрокашон ҳазм намешавад. То ҷанг накунанд, хобашон намебарад. Ба касе неш назананд, осуда намешаванд... Тошхон ҳам чунин нешдор будааст. Дар сари вақт касе неши ӯро дур накардааст. Акнун пас аз гузаштани солҳо ин неш боз ҳам пурзахртар шудааст..

Ба Марҳамат-бону ташаккур гуфтаму аз кабинети вай ба Каримҷон телефон карда хоҳиш намудам, ки

худи ҳамин рӯз ба хонаи ман биёяд, гапи зарурӣ дорам.

Ҳамон рӯз ҳаво тағьир ёфт, баъд аз ними рӯз шамоли сахте бархосту рӯи офтобро абрҳои боронӣ пӯшиданд ва ҳаво тираю тор шуд. Хайрият, ки борон ба боридан сар карду шамол бозистод ва чанги кӯча фурӯ нишаст. Борон аввал сим-сим сар карду баъд ба авҷ даромад. Аз новаҳо шаррос зада об рафтан гирифт. Чандгоҳ ин тараф боронро надида будем. Ман бо мамнуният дар назди тиреза нишаста кӯчаро тамошо мекардам. Мошинаҳо пасу дунбол обҳои боронро пош дода гузашта мерафтанд. Дар байни пиёдагардҳо одамони чатри боронидор пайдо шуда буданд. Бачаҳои мактабӣ ҷузгирҳо ба даст ва қисме ҷузгир ба китф тозон-тозон гузашта мерафтанд. Аз борону аз об парвое надоштанд. Барги дарахтҳо аз ҷанг тоза шуданд, роҳҳо ва пиёдагардҳо шуста шуданд. Лекин дар саҳро пахтаҳои ночиндамонда ва ғундошта нашуда нобуд шуданд. Хайрият ки райони мо ӯҳдадориҳоро кайҳо буд карда, ба илова боз пахта дода истодааст. Қолхозҳо аз ҳар гектар зиёда аз панҷоҳ центнер пахта доданд...

Ман дар ин андешаҳо будам, ки дар тақ-тақ шуду Каримҷон даромада омад.

— Биё, биё! — гуфтам, — Хуш омадӣ!

— Саломат бошед, — гуфт Каримҷон ва як халтаи коғазӣ пур аз себи сурхро ба рӯи стол гузошт.

— Боз ин чӣ? — гуфтам. — Наход ба ман музди кор медиҳӣ?

— Кадом кор? Кадом музд?—Ҳайрон шуд Каримҷон. — Ин аз боғи техникуми худамон, ба меҳнату дасти ранҷи худамон шудагӣ...

— Кор ҳамин, ки — гуфтам, — Гулбибии туро дидам, кӣ будани модарашро донистам.

— Хайр, — гуфт бо хурсандӣ шукуфон гашта Каримҷон. — Чӣ тавр? Маъқул шуд?

— Бад не, — гуфтам, — лекин тарафи модараш ба ту рост намеояд.

— Чаро? Чӣ хел?

Ман он чӣ аз Марҳамат-бону шунида будам, баён кардаму илова намудам:

— Бинобар он писарам, ба ту маслиҳат намедиҳам, ки ба ин тавр модарарӯс гирифтор шавӣ.

— Модарарӯс бо роҳи худаш, арӯс бо роҳи худаш!—

гуфт Каримҷон малӯлона. — Ман ба ҳавлии вай наме-равам-ку!

— Ба ҳавлии вай наравӣ ҳам, ин занак ба ту рӯз нишон намедиҳад. Хостгор шуда равӣ, аз ту молу тӯқузу қалини бисьёр мепурсад, ки ту дода наметавонӣ. Баъд гумон аст, ки духтар ба ту мувофиқ бошад?

— Духтар ба ман мувофиқ!— гуфт ба таври қатъӣ Каримҷон. — Дар бораи тӯқузу қалин бошад, бо худи духтар гап мезанам, агар мувофиқи гуфтаашӣ дилаш ба ман бошад, модарашро аз ин кор манъ мекунад, ё ки беризои вай ба ман расидан мегирад.

— Гумон аст, гумон!

— Хайр, мебинем, — гуфта монд Каримҷон, лекин ман донистам, ки маслиҳатам нафорид ва ҷавон ба худ қарор додааст, ки ин духтарро ҳар чӣ бошад ҳам, зан карда гирад.

Дар урфият мегӯянд, вақто ки ман безан будам, зандорҳо гунг буданд, вақто ки ман зандор шудам, безанҳо кар шуданд. Ин гап рост аст. Ҳозир ҳазор панду насиҳат фоида надорад, бигузор худаш имтиҳон карда бинад.

Аз байн чанд рӯз гузашт, боз ҳаво соф шуд, боз офтоби хуррам шаъшаапошӣ намуд. Баргҳои дарахтон, ки онҳоро борон тоза шуста буд, дар нури офтоб тобиш намуданд...

Ман ба кӯча баромадам, боғи шаҳрро сайр карда, аз ҳавои муаттари он ҷо, ки дар гулзораш ҳанӯз як қисм гулҳо шукуфта истода буданд, нафас гирифта, дар бозгашт, болои роҳ ба ҳавлии Каримҷоннно даромадам... Модару хоҳаронаш маро бо хурсандӣ пешвоз гирифтанд.

— Каримҷон ба кораш рафтагӣ, — гуфт модараш. —Лекин писарам чӣ кор карданашро надониста истодааст. Ба гумон ин духтарак хеле маъқул шудагӣ, ба шумо келини муносиб мешавад, мегӯяд. Аз тарафи дигар, модари духтар ба мо тӯғри намеомадааст. Худам ҳам аз якто-дутоҳо пурсида донистам, ки модари духтар бало будааст.

— Мегӯянд, ки, — гуфтам,— модари духтар калину молу чизи бисьёр мехостааст. Тӯйҳои калон, расму русуми бисьёре таклиф мекардааст. Шумо чаҳорьяки он талаботро бар ҷо оварда наметавонед.

— Писарам умед дорад, ки духтар ба мо ёрӣ мерасонад...

— Кошкӣ ҳамин тавр шавад, — гуфтам нобоварона.

Дар ин дам худи Каримҷон ҳалпанг-талпанг даромада омад.

— Салом, салом—гуфт вай, ки хеле хурсанд менамуд.—Нағз шуд, ки омадед, амак! Ман Гулбибиро дида омада истодаам. Модараш розигӣ додааст. Худи пагоҳ одамони моро хабар кардааст. Хостгорӣ бе шумо намешавад, албатта...

Модар ҳам хурсанд шуд ва гуфт, ки хоҳараш ва кайвонии гузарро ҳамроҳ мебаранд.

— Ҳа,—гуфт боз сухани модарашро бурида Каримҷон, — Гулбибӣ гуфт, ки ҳамин рӯзҳо дасттангӣ кашида истода будаанд, ҳатто пагоҳ ба дурусттар қабул кардани хостгорҳо имконияташон набудааст. Ман ваъда додам, ки биринчу гӯшту равғану ширинӣ бурда медиҳам.

— Вой, мурам, — гуфт модари Каримҷон. — Кадом хостгор ба хонаи келиншаванда пешакӣ, ҳеҷ гап дар ҳеҷ ҷо не, биринчу гӯшту равған бурда додааст, ки мо барем?!

Дар дилам гуфтам, ки ин аз нуки хамир фатир аст ва ба модар хитоб кардам:

— Зарар надорад, майлаш, шавад—лалмӣ, нашавад—обӣ! Каримҷон, агар ваъда дода бошӣ, бар ҷо биёр! Ман пагоҳ ҳамин вақт меоям, ба хостгорӣ меравем.

Каримҷон хурсанд шуд. Худи ҳамин хурсандии писарак ба ман кофӣ буд. Намехостам, ки вай маъюс шавад...

Рӯзи дигар чаҳоркаса шуда рафтем. Ҳавлии онҳо дар канортари шаҳр будааст, лекин ҳавлии калон, боғчадор, хонаҳои каршастӣ, нағз таҷҳизонида шудагӣ. Модари Гулбибӣ аз ҳисоби домодшаванда сари дастурхони хуб оростааст. Нишастем, даҳон ширин кардем, аз ин сӯ он сӯ гап задем ва ниҳоят ба сари мақсад омадем. Тошхон, ки то ба он дам худашро мусичаи бегуноҳ барин нишон медод ва хушсӯҳбатӣ мекард, якбора тағьир ёфту бо дағӯ ҷазаба гуфт:

— Аввалаш гап ҳамин, ки дар вақти ба хонаи шумо рафтани одамҳои мо шумо ҳам ана ҳамин тавр сари-

дастархон карда, зиёфат тартиб диҳед! Баъд ана ин рӯйхат барои гузаронидани фотиҳа!

— Рӯйхати тӯй алоҳида?! — пурсид модари Каримҷон.

— Тӯй? — пурсид занак ва гуфт: — Тӯй дах баробари ин мешавад. Қалину тӯқузхо алоҳида! Охир, духтар калон кардан осон аст?! Ман ин духтарро бепадар хуни ҷигар шуда ба воя расонидам. Акнун орзӯи худам ва орзӯи духтарам барояд, мегӯям.

Аввалин рӯйхати «андак»-ро, ки барои фотиҳа буд, гирифта ба ҳавлии Каримҷон рафтем ва ҳама якҷоя нишаста дида баромадем. Ду гӯсфанди зинда, сӣ кило гӯшти гов, сад кило биринҷ, панҷоҳ кило равғани завод, чаҳор қуттӣ арақ, як қуттӣ коньяк, ду қуттӣ вино, понздах шиша шампонский, қандфит, қанди сафед, шакар, ду халта орд, сабзӣ, пиёз, картошка, нон... Се сад сӯм пул барои майда хароҷот...

— Ин аз нӯки хамир фатираш, — гуфтам. — Ба ҳисоби миёна як фотиҳа панҷ-шаш ҳазор сӯм меафтад. Ҳоло дар ин ҷо тӯқузхо нестанд, сару либоси арӯс нест, ва хароҷоти тӯи калон нест!... Ин фақат барои фотиҳа!

— Мо чаҳорьяки ин хароҷотро карда наметавонем. — гуфт модар.

Каримҷон гарангу моту мабҳут шуда монда буд.

— Ин аз ҳад зиёд! — гуфта монд кайвонии гузар.— Ман ҳамин қадар тӯй гузаронида ин хелашро надидаам.

— Аз хекиртак ба қарз ғӯтед ҳам, — гуфт холаи Каримҷон — ин рӯйхатро адо карда наметавонед. Беҳтар ки аз баҳри ин тавр келин гузаред!

— Ман бо худи Гулбибӣ гап зада мебинам,—гуфт ниҳоят Каримҷон ва аз ҷо малӯлона бархоста берун баромад. Аз қафояш баромада бинам, чавони бечора папирос кашида истодааст.

— Ҳунари нав муборак! — гуфтам. — Папироскаш ҳам шудӣ-ку!

— Зан гир гуфтед, папироскаш ҳам шудам.

— Барои зан гирифтан папироскаш шудан шарт не. Худатро ба даст гир, баақлу ботадбир бош! Умрат дар пеш!

Каримҷон сар ҷунбонида монд.

Ба ҳавлии худам баргашта истода, хаёлам парешон буд. Нохост аз пасам чизе ба китфи ростам заду

парида рафта афтодам ва ҳушамро бохтам. Фақат дар бемористон ба ҳуш омада бинам, ки дар кат хобидаам, ва дасти чапам дард карда истодааст. Маълум гардид, ки маро мошина задааст ва дасти чапам шикаста, ду қабурғаам дарун нишастаанд. Духтурҳо ба ман тасаллӣ дода гуфтанд, ки боке нест, аъзоҳои дохилӣ зарар надидааст, фақат дасту қабурға ва сарам андак лат хӯрдааст, бо сабру тоқат бошам. Дар бадали як-ду моҳ сиҳат шуда меравам!

— Як-ду моҳ?! — бо дарду алам пурсидам. — Барои чӣ? Ман чӣ гуноҳ кардам?

— Замони мо ҳамин тавр, гоҳо техника ба дасти касони бебок ва нодон мегузарад ва дар натиҷа шумо барин бегуноҳон зарар мебинад.

Духтур рост мегуфт: техникаро ба дасти касони бебок ва нодон додан — машъали сӯзонро ба дасти бача дода ба сӯи хирмани хушк роҳӣ кардан барин аст. Он одамонеро, ки машъали сӯзонро ба дасти тифли нодон медиҳанд, суд кардан, ҷазо додан лозим аст, то ки хирмани хушки ғалла насӯзад!

Қариб як ҳафта ба назди ман фақат занамро рухсати даромадан буд, вай хам бисьёр гап намезад, маро тасаллӣ медоду мерафт. Пас аз як ҳафта Каримҷону модараш омаданд. Хеле афсӯсу надомат хӯрданд, ки ба ман ин фалокат рӯй додааст.

— Зарар надорад, дар зиндагӣ мешавад, — гуфтам, — Аз ин бадтар шуданаш мумкин буд, ҳоло ҳам хайрият шуд... Ман пага-фардо сиҳат шуда меравам. Лекин тӯйро беман нахӯред!

— Бешумо тӯй намешавад! — гуфт Каримҷон.

— Дастархонамон гашт! — гуфт модар. — Каримҷон хайрият дар сари вақт ба ҳуш омад, аз вай лӯлизан даст кашид!

— Нағз не, модар! — гуфт Каримҷон. — Лӯлизан гуфтан чӣ лозим. Ҳар чӣ буд, тамом шуд. Дигар гапи зиёд назанед!

Баъд, пас аз як моҳ, ки ман аз бемористон баромадам, воқеаро батафсил фаҳмида донистам, ки Каримҷон аз Гулбибӣ ранҷидааст. Зеро ки вай, Гулбибӣ ҳамаи умедхои писаракро барбод дода, гуфтааст, ки аз фармони модараш берун намеравад. Агар Каримҷон ӯҳдаи расонида додани талаботи модарро надошта бошад, аз баҳри Гулбибӣ гузарад.

Ҳамин тавр, духтари беирода бахти дурахшони худро аз даст додааст. Гулбибии нодон ҳамин тавр як шавҳари олиҷаноб, ҳамин тавр як оилаи маданӣ, осудаҳол ва тинҷро фақат барои нафси шуми модар аз даст дод. Ин ба Каримҷон хуб шуд, зеро ки вай бахти худро меёбад, зани ба худ муносиб ва дурустро ҳамсар интихоб мекунад. Лекин Гулбибӣ чӣ мешуда бошад? Бо ин сустиродагӣ, бо ин нотавонӣ оё бахт ёфта метавонад, ё не? Маълум не!...

— Ана, хоҳарам, — гуфт муаллими куҳансол ҳикоя-ташро ба охир расонида, — беирода будани духтар чӣ зарарҳо дорад. Монед, ки духтар боирода, бақудрат ва тавоно бошад. Назар ба фаҳмиданам Зулфияи шумо духтари боақлу бафаҳмаст ва бозичаи дасти касе нашудааст. Аз ин келин меосоед!

— Илоҳӣ гуфтаатон шавад! — гуфта монд модар. Маълум, ки гуфтаҳои мӯсафед таъсири хуб бахшидаанд ва ӯ розӣ аст, ки Зулфия келини ӯ бошад.

15

Дар байни қишлоқи Навобод ва қишлоқи Саричӯ, дар тарафи рости роҳи калон, ки дар ҳамин қарибӣ сохта буданд, замини санглохи васеъ бекор мехобид. Одамоне, ки раисро медонистанду барои як порча замин мубориза бурдани ӯро фаҳмида буданд, ҳайрон мешуданд, ки чаро бобо-раис ин қадар заминро дар сари роҳ холӣ мондааст. Аммо раис ва аъзоҳои правленияи колхоз медонистанд, ки дар ин ҷо бояд боғи колхоз, боғи калони ангурзор, себзор ва нокзор шавад. Ба ҳар кор вақту соати муайян мешудааст. Вақту соаташ ки нарасида буд, холӣ меистод.

Аммо имрӯз аз аввали пагоҳ дар ин ҷо кор ҷӯшид. Ҳаво хунук буд, барфи калоне, ки ду рӯз пеш борида буд, ҳарорати боқимондаи рӯзҳои тирамохро фурӯ бурд. Хайрият боз офтоб кард, барфҳо хеле об шуданд, вале шабона ва аввали пагоҳ нафаси зимистон ба рӯи ҳас мезад.

Дар санглохзамин чанд трактор, автомашинаҳо ва дигар техника кор мекарданд. Колхозчиёни бисьёре дар даст каланду белҳо ба мошинҳо санг бор мекарданд, замин меканданд, баландиҳоро ҳамвор менамуданд... Дар сари кор худи раис буд. Вай дар даст плану нақша надошт, вале аз рӯи плану нақшаи муайяншуда тарҳ мекашид. Аз куҷо ҷӯй кандан лозим, дар куҷо бояд ҳавз шавад, дар куҷо бояд гулзор бошад, дар куҷо растаи ангур ва майдони зардолую шафтолую гелос бошад, дар куҷо меҳмонхона, ошхона бошад... Одамҳо бо гуфтаи вай кор мекарданд ва медонистанд, ки корашон беҳуда намеравад ва ҳар каланди задагиашон як нуқтаи плани муайян аст. Бинобар он онҳо худбоварона ва бо ғайрати тамом кор мекарданд. Раис бошад, гоҳ ба сари тракторчиён мерафт, гоҳ аз ҳавзканҳо хабар мегирифт, гоҳ нишаста кори сангкан ва сангбарҳоро аз назар мегузаронид.

— Қабат ба қабат санг будааст, — мегуфт ба вай як бригадир, ки одамони вай аз замини васеъ, аз дарахтзори оянда санг меғундоштанд.

— Ин ҳама кори Сурхоб аст, мегуфт раис. — Ин дарьёи шӯх ҳеҷ вақт аз як роҳ намерафтааст, гоҳ ба чап, гоҳ ба рост тоб мехӯрдааст ва дар вақти обхезҳо аз боло сангҳоро ғелонда оварда мепартофтааст.

— Агар ҳамин тавр кофтан гирем, ин ҷо чуқур шуда меравад-ку, — гуфт як колхозчӣ.

— Ҳа, монда шудӣ чӣ? — пурсид раис.

— Не, охир қабат ба қабат санг...

— Боз камтар санг чинед, баъд аз рӯяш хоку пору мепошем, — гуфт раис. — Замини хубу аъло мешавад.

Рӯз аз ним гузашта буд, ки мошинҳо ба хок овардан сар карданд. Булдозерҳо хокро ҳамвор мекарданд. Ҳавзканҳо ҳавзи чуқур ва чаҳоргӯшаи калоне кандаанд. Дуртар аз ҳавз, дар он тарафи гулзор, дар байни дарахтзори ояндаи ар-ару санавбару коҷ, дар ҷои кушоде барои меҳмонхона таҳкурсӣ канда шуд. Раис ки хеле монда шуда буд, Абдураҳмонро аз дур дида ба наздаш чеғ зад.

— Салом, бобо-раис, — гуфт Абдураҳмон ба назди вай, ба қарибии таҳкурсиҳои меҳмонхона омада. — Монда нашавед! Корҳо ба ҷо-ку... Дар як рӯз...

— Монда шудам — гуфт раис. — Аз бачаҳо дида ман бисьёртар монда шудам. Лекин кори асосиро кардем. Хайр, ту дар ин ҷо чӣ мекунӣ?

— Зафар илтимос карда буд, ки дукаса шуморо бинем...

— Яккаса намешудааст?

— Намешудааст магар...

— Хайр, худи Зафар канӣ?

— Аз ман пештар омада буд, ба кучо гайб зад...

— Хайр, то омадани Зафар, рафта аз мошини ман ҳамроҳи шофёр як гилемча ва ду шиша оби баржом бо пиёлааш гирифта биёрен ва дар сари ҳавз чои нишаст созен!

Абдураҳмон ҳайрон шуд, кадом сари ҳавз, чӣ хел чой? Лекин ба рӯи раис нигариста дарҳол мақсади раисро фаҳмид. Вай медонист, ки бобо-раис гоҳо шоирмизоҷӣ ҳам мекунад. Ҳанӯз ки боғ нарӯида ва ҳавз пуроб нашудааст, лекин дар канори ҳавзи кандашуда нишаста, хаёлан худро дар дами об мепиндорад ва аз бӯи сабзаю райҳони ояда баҳра мебарад.

— Хӯш, ҳозир! — гуфт Абдураҳмон ва ба сӯи роҳи калон, ки мошини раис истода буд, рафт.

Раис ба саркорҳо фармуд, ки як соат дам гиранд, баъд то ба торик шудани рӯз ҳашарро давом медиҳанд. Албатта ин фармони раис ба баъзеҳо маъқул шуд, ба баъзеҳо нафорид. Охир, аз саҳар то ба ҳоло дам нагирифта кор карданд, акнун бас накарда, боз то бегоҳ кор! Бале, кору меҳнат осон не. Ҳар кас ҳам аз чону дил ба кору меҳнат часпида рафтан намегирад. Ҳар кас ҳам намедонад, ки кору меҳнати калон роҳату ҳаловати калон меорад. Ё ки донад, ҳам ба меҳнат тан додан намехоҳад.

Чи тавре ки мегӯянд: панҷ ангушт баробар не. Дар байни ин аҳли меҳнат ҳам хама як хел набуданд. Лекин аксарият ба раис ва ба корҳои ӯ бовар доштанд, ҳар фармони ӯро аз сидқи дил ба ҷо меоварданд. Раис медонист. Ба онҳое, ки ба қадри тавон аз меҳнат сар метофтанд, сахтгирӣ накарда, баракс ба наздашон мерафт, корашонро таъриф мекард, агар лозим шуда монад, худаш бо каланду бел ба ёрии онҳо сар мекард. Онҳо аз ин кирдори раис шарм мекарданд ва хоҳ нохоҳ бакор бо сидқи дил мечаспиданд. Ҳоло ҳам ба баъзеҳо маъқул нашудани фармони охиринашро донист, вале худро ба нодонӣ зада аз ҷо бархост ва ба сари ҳавз рафт, ки дар он ҷо Абдураҳмон ва шофёри раис чои нишаст сохта буданд.

«Ҷои нишаст» як қолинчае буд, ки ба рӯи хокҳои навканда партофта шуда ва дар назди он ба рӯи газета ду шиша баржом ва як пиёла гузошта шуда буд.

Раис ба рӯи қолинча поҳояшро дароз карда нишасту аввал як пиёла оби баржом нӯшид, баъд нафаси бароҳате кашида, дақиқае ба гирду атроф нигарон монд. Абдураҳмон ва шофёр аз ӯ дур шуда буданд, ки ба ҳолаш монанд.

Ду-се сол баъд дар ин ҷо боғу гулшан мешавад. Вай ҳаман дониш ва таҷрибаи худро ба кор андохта чунон кунад, ки ниҳолҳо ҳар чӣ зудтар қомат рост кунанд, сабзаю гулу райҳон бисьёртар пайдо шаванд ва мардуми колхоз аз боғи дастнишони худ ҳарчӣ зудтар баҳра гиранд. Дар ин ҷо тӯйҳо, меҳмондориҳо мешавад, дар ин ҷо роҳбарони республика омада дам мегиранд. Меваи ин боғ коми меҳнаткашонро шаҳдбор мекунад.

Як шиша об тамом шуда буд, ки Абдураҳмон ва Зафар ба назди ӯ омаданд.

— Бобо-раис, — гуфт Абдураҳмон. — Мо ба назди шумо бо як маслиҳати муҳим омадем.

— Хӯш, биёед!—гуфт раис. — Дар сари ҳавзи нав маслиҳат хуб мепазад.

Абдураҳмон ва Зафар дар поёнтар аз раис ба рӯи сангҳо нишастанд.

— Маслиҳат ҳамин, ки — гуфт Абдураҳмон ба рӯи Зафар нигариста,—маҷлиси ҳисобот ҳам гузашт, корҳо хеле сабук шуда монд. Акнун агар розигии шумо бошад, Зафарҷони мо барои хостгорӣ одам фиристонаду аз паи фотиҳаю тӯй шавад.

— Ҳамита? — пурсид раис шӯхиомез ба рӯи Зафар нигоҳ карда, — Бе Зулфия истода наметавонӣ?

Зафар сар хам карду гап назад.

— Кори хайрро дер намонед, гуфтаанд, — гуфт Абдураҳмон. — Иҷозат диҳед, хостгор фиристонад.

— Майлаш, — гуфт раис. — Хостгор фиристонаду ҳар чӣ зудтар тӯйро сар кунад. Худам ба тӯи шумо сардор мешавам.

— Ана, раҳмат, қуллуқ гӯй! — гуфт Абдураҳмон ба Зафар ва пас ба раис муроҷиат кард. — Албатта тарафи арӯс тӯқуз-тӯқуз чизу ҳазор-ҳазор қалин намепурсидагиянд...

— Ҳа... — гуфт раис ва пас аз тааммуле ба гапаш давом дод. — Тӯқуз напурсанд хам, бечиз намешавад, албатта. Охир, модари Зафар ғами арӯсашро хӯрда

мондагист. Лекин қалин даркор не. Мо аз правления ёрӣ медиҳем, тӯйро нағз карда мегузаронем.

— Дуруст, дуруст!— гуфт Абдураҳмон.—Хайр омин!

— Омин!—гуфт раис, — Хушбахт шавед!

— Саломат бошед, бобо-раис! — гуфт ниҳоят сар бардошта Зафар. — Шумо ба ҷои падарам ҳастед!

Раис бо табассум сар ҷунбонда монд. Зафар аз ҷо бархоста рафт. Абдураҳмон ба тарафи роҳ нигоҳ карда истода гуфт:

— Неъмат ҳамроҳи эшони Санги Ҳамвор омада истодааст.

— Боз эшони Санги Ҳамвор! — гуфт раис ба оҳанги норизой. — Аз ин мардаки шилқин халосӣ набудааст-дия!

— Эшон бошад ҳам,—гуфт Абдураҳмон, ки ба вай камтар эътиқод дошт,—худаш одами нағз, зирак, доно ва аз гап бохабар.

— Агар як чизи дигар илова кунӣ, боз сифаташ пурратар мешавад,—гуфт раис.—Зирак, доно, аз гап бохабар ва муфтхӯр ҳам ҳаст.

— Албатта камтар муфтхӯрӣ дорад, —гуфт Абдураҳмон.—Лекин ба фикрам акнун кор кардан мехоҳад. Мардум ихлос доранд.

— Қадом мардум?

— Мардуми мо, мардуми ҳамин гирду атроф.

— Кор накарда аз ихлоси мардум фоида бурда мегардад, шайтон! Равад, ба Қарамазори худаш гаштан гирад, дар ин ҷо чӣ кор мекунад?!

— Шаҳодатнома дорад?

Раис гап назад. Қаме фикр карда истода пурсид:

— Ин тавр бошад, равад, дар ягон масҷид имом шуда гардад!

— Дар ин гирду атроф масҷид канӣ!

Дар ин миён Неъмат ва эшони Санги Ҳамвор расида омаданду аз дуртар салом дода даст пеш гирифтанд.

— Ҳа, биёед, ҳазрати эшон!—гуфт раис. — Боз чӣ хизмати зарур баромада монд?

— Ҷон бобо-раис! — гуфт эшон пештар омада. — Аз шумо хоҳишмандам, ки ин каминаро ҳазрати эшон нагӯед. Лақаби ман Санги Ҳамвор, яъне ки ман ба ҳама дуогӯй, ҳамвор ҳастам. Номам мулло Эшназар! Қадомаш ба шумо маъқул шавад, марҳамат!

— Ҳоло эшониро партофтам гӯед! — боз қасдан пурсид раис.

— Бале, бале, ман эшонӣ намекунам, ман дуогӯи мардум, дуогӯи шумо ҳастам!

Ин ранг сар шуда рафтани сӯҳбатро Неъмат гумон накарда буд. Ҳоло вай намедонист, ки чӣ кор кунад. На гап задан, на ба сӯҳбат ҳамроҳ шудан, на рафтан, на истодани худро намедонист. Раис бошад, ба сӯи вай нигоҳе ҳам намекард ва намепурсид, ки ту дар ин ҷо чӣ кор карда гаштай. Охир, Санги Ҳамвор ба ҷону ҳоли ӯ намонда гирифта овард. Пеш аз ин (пагоҳии обхезӣ) ҳам раисро суроғ карда омада буданд, вале ӯро наёфтанд. Ин бор дар сари кор ӯро доштанӣ шуда ба ин ҷо омаданд ва ана боз ҳамон суолҳои пешина!

Ниҳоят раис ба Неъмат мурочиат кард:

— Мулло Неъмат, — гуфт вай. — Шумо боз ба мулло Эшназар ҳамроҳӣ кардед?

— Модарам бисьёр илтимос карданд, — гуфт нохост фикри пайдо шуда мондагиро ба забон оварда, Неъмат. — Ҷои раисро ту медонӣ, ба мулло ёрӣ расон гуфтанд.

— Хайр, муддао чӣ?

— Ин кас илтимос доранд, ки иҷозат шавад, аз ҳамин қишлоқи мо, аз қишлоқи Такичар ба худашон паноҳгоҳе созанд.

— Бале, бале, — гуфт эшон. — Ҳамин ҳавз барин ҷо бошад, як паноҳгоҳе сохта истиқомат кунем...

— Дар Қарамзор ҷо надоред-чӣ?

— Ҷо ҳаст, лекин хеле танг шудем. Баъд дар ин ҷо ёру ошноҳо, хешу таборҳо ҳастанд. Аз ёру диёр дур зиндагӣ кардан ба ҷон расид.

— Бе рухсати идораҳои дахлдори район ва иҷозати правлениян колхоз ҷо дода наметавонам! — гуфт раис ба таври қатъӣ, — Ба илова шумо кор намекунед, дар ҷои мо бекоргардро ҳам наменонанд.

— Ман қарор додам, ки ба ягон кори ба худам муносиб бошад, дароям, — гуфт эшон. — Коре, ки ман аз ӯҳдаи он баромада тавонам.

— Дар ферман мо ҷои кор ҳаст, — гуфт Неъмат.— Ҳам қаровул мешаванд, ҳам навбатдори шаб. Баъд ҳавлии амакбачаи ман ҳаст, дар қишлоқи Такичар ҳавлии калон; дар ҳамон ҷо истиқомат карда, баъд-

тар аз як гӯшаи ҳотаи вай ба худашон хона созанд, мешавад.

— Ана ин маслиҳати хуб, — гуфт Абдураҳмон.— Ин ба колхоз дахл надорад, агар соҳиби ҳавлӣ розӣ бошад...

— Чаро ба колхоз дахл надошта бошад?!—сахт карда пурсид раис.—Замин замини колхоз! Ман соҳиби ҳавлӣ гуфта ҳар касро роҳ додан гиранд, шаҳри ҳал-хала шуда меравад-ку!

— Албатта бо розигии шумо ва правления!—гуфта монд Абдураҳмон.

Раис хеле фикр карда монд. Росташ, ки аз як тараф, ба ҳоли ин марди арзкунанда то як дараҷа раҳми вай омад. Шояд дар ҳақиқат дар Қарамазор зиндагии вай мушкил бошад, шояд ёру дӯстонаш ба ин ҷо даъват мекунанд. Агар кор кунаду ба ҳавлии амакбачаи Неъмат, ки дар як қишлоқи поён ва назарногир аст, зиндагӣ кунад, чӣ айб дорад. Аз тарафи дигар, ба кор кардани вай ба одами дуруст шуда рафтани вай шубҳа дошт «муфтхӯрро ба кор одат кунондан мушкил!» мегуфт. Фикр карда истода, ниҳоят ба ҳамин қарор омад, ки бо Азиз — котиби ташкилоти партия — ва дигар аъзоёни правленияи колхоз маслиҳат карда дидан лозим, баъд ягон гап мешад.

— Бо розигии аъзоёни правления! — гуфт раис сухани Абдураҳмонро такрор карда. — Майлаш, маслиҳат карда мебинем. Агар рухсат шавад, Абдураҳмон ба шумо хабар медиҳад.

— Илоҳӣ саломат бошед, бобо-раис! — гуфт эшон ва таъзим карда ҳамроҳи Неъмат ба кафо гашт. Шофёри раис омада гуфт:

— Раис бово! Аз Нозимтой Қосим-мерган ду говдӯшзанро ҳамроҳ гирифта омадааст, ба шумо кори зарур доштаанд. Ба идора раванд, ё ба ин ҷо биёянд?

Мирҳайдар каме фикр карду гуфт:

— Гӯй ба идора раванд, ман ҳозир меоям.

Шофёр рафт, раис ба пиёла баржом рехта нӯшиду аз хаёл гузаронид, ки Қосим-мерган чӣ кори зарур дошта бошад? Боз ҳамроҳи ду занак омадааст? Дар ферма ягон воқеа рӯй дод, магар? Занҳо ҷанҷол бардоштанд-чӣ? Дар Нозимтой барфи калон боридааст, мабодо фалокате рӯй дода бошад? Зуд рафта, фаҳмида чора ҷустан лозим!

Раис аз ҷо бархост. Ба сари кори Абдураҳмон рафт, ки вай ба як гурӯҳ колхозчиён сардорӣ карда ҷӯй меканд.

— Қосим-мерган ду авратро (занро) гирифта омадааст, — гуфт Мирҳайдар. — Чӣ кори зарур дошта бошад. Мабодо фалокате рӯй дода бошад! Ман ба идора меравам, фаҳмам, ки чӣ кор будааст. Шумо дар ин ҷо ба кор сардорӣ карда истед. Ҳоким атрофи ҳавзро тоза кунонед. Тавонам то охири кор расида меоям.

— Хуб, бобо-раис, — гуфт Абдураҳмон. — Ман хабардор меистам, лекин аз шумо як хоҳиш корро то соати шаши бегоҳ нею то соати панҷ кунему баъд ҷавоб диҳем?

Раис зуд ҷавоб надод, ба атроф назар карда истоду гуфт:

— Майлаш, то соати панҷ кор кунетон, шояд худам ҳам расида биёям.

Дар идора Қосим-мерган, Турсуной ва Шаҳодатхолаҳо бо котиб сӯҳбат карда менишастанд. Омадани раисро дида ҳар се аз ҷо бархостанд, бо раис салому алейк ва пурсупос карданд. Баъд раис онҳоро ба кабинеташ даъват кард.

— Ҳа мерган? — гуфт вай ба маснадаш нишаста. — Ба сари ман «камиссия» гирифта омадӣ? Боз чӣ гуноҳамро ёфтӣ?

— Гуноҳи шуморо меёфтагӣ, — гуфт табассум карда Қосим-мерган. — Ҳанӯз зонда нашудааст. Ин комиссияи мо барои ҳакро ба ҳакдор кардан омадааст.

— Хайр, — гуфт раис мад кашида, — барои кори савоб гӯй! Канӣ фаҳмам чӣ кор будааст?

— Шунидани овозаҳои бад, — гуфт Қосимҷон, — тӯҳмат ва дурӯғ ба ҷонамон расид. Омадем, ки ба шумо шаҳодат диҳем ва гӯем, ки ҳаман овозаҳои баде, ки дар ҳаққи додарам Азиз ва хоҳарам Зулфия паҳн шудааст, дурӯғ ва тӯҳмати душманона аст...

— Хонаҳояшон сӯзаду даргирад тӯҳматчиҳоя! — гуфт Шаходат-хола — Мо, хайрият, зиндаю саломат ҳастем ва гуфта метавонем, ки Азизҷону Зулфияхон ба мо некиҳо карданд, маҷлис ҷамъ карда дарди дили моро пурсиданд, дар хонадони мудири фермаамон, дар паҳлуи зану бачаҳои Қосимҷон шабро рӯз карданд.

— Ин иғвоҳои Ғулом бригад ва занаш,—гуфт Турсуной — Ман шунидам, ки Ғулом надонам барои чӣ ба

Азизҷон қасд доштааст. Инро зани Ғулом гуфтааст

— Пеши ин овозаҳоро нагиред, намешавад, бобораис! — гуфта монд Қосимҷон.

Раис гуфтаҳои омадагонро бо диққат шунид гуфт:

— Гапат рост! Пеши овозаи бадро гирифтан лозим! Инро рафиқ Сангинов ҳам таъкид карданд. Бо маслиҳати он кас пагоҳ маҷлиси коммунистони колхоз ҷеғ зада шудааст. Ба шумо ҳам хабар рафтагист. Дар маҷлис ҳамин масъала дида мешавад. Ғуломро ҷеғ задем, устодаш Билолов ҳам мешавад, албатта. Қанӣ, мақсадашонро рӯйрост гӯянд, агар дилу ҷигар дошта бошанд.

— Мо ҳам ҳозир мешавем! — гуфт Турсуной. — Дар пеши халоиқ гапи ҳақро гуфта медиҳем.

— Хуб мешавад, — гуфт раис, — бисёр албатта. Гапи ҳақ аз шумо мебарояд.

— Маҷлиси коммунистон ҳамин масъаларо бинад, айни муддао мешавад, — гуфт Қосимҷон. — Дахони бадгӯён баста мешавад.

— Ҳамин тавр, — гуфт раис. — Омадед, ман хурсанд. Боварӣ дорам, ки пагоҳ маҷлиси коммунистон бо шаҳодати шумо ҳақро ба ҳақдор мекунад.

Пас Қосим-мерган боз баъзе корҳои худашро гуфта дода, аз раис пурсид, ки бисьёртар кунҷора ва лаблабу фиристонанд. Занҳо илтимос карданд, ки ангиштту сӯзишворӣ фиристанд. Раис ваъда дод.

Ҳамон шаб то хеле фурсат раис хобида натавонист. Имсол корҳои колхоз умуман бад набуд. Ҳаманпланҳо ва ӯҳдадориҳо пурра ва барзиёд иҷро шуданд. Нақша ва санадҳои обанбор тайёр шуд, идораҳои бало иҷозат доданд. Аз ҳафтаи оянда ба кандани обанбор сар мекунанд. Нақшаю тарҳи иморати хонаи маданият ва идораи колхоз тасдиқ шуд. Бригадаи биноқорӣ ба кор сар кард... Ҳамаи ин корҳо нағз. Лекин баъзе одамҳо барои чӣ ин тавр, ноосуда, бо ҳамдигар созиш намекунанд. Ӯзбекҳо дуруст мегӯянд, ки «бирники мингга, мингники оламга».[1] Дар колхози мо ҳам агар бошад, панҷ кас, ана даҳ каси ношоям ҳаст. Ин дах кас ба ҳазор кас зарар расонида метавонанд. Ғуломро ҷазо дода аз кор ҳай кардан осон, лекин Билолов ва

[1] Касофати як кас ба ҳазор кас, азони ҳазор кас ба олам мезананд.

тарафдорони вай боз ғавғо мебардоранд, боз нависонавис мекунанд. Боз комиссияи тафтиш, боз суолу ҷавобҳо...

Имрӯз дар охири кор дар боғи ояндаи колхоз як нафар колхозчии бузриш, ки дуруст кор ҳам накардааст, омада мепурсад, ки «раис, ҳавлию хонаю хотаи ҳозиракиатон камӣ кард магар, ки боз аз ин ҷо ба худатон боғу иморати калону сариҳавз сохта истодаед?». Шубҳа нест, ки вай барои кӣ ва барои чӣ сохта шуда истодани ин боғ ва ин қадар меҳнат сарф кардан ба он ва ояндаи онро медонад, лекин худашро ба нодонӣ зада, бо киноя мепурсад. Ба ин хел зот чӣ ҷавоб гардондан мумкин? Магар ки ӯро аз колхоз зада ҳай кунӣ. Афсӯс ки ба гуфтаи ин хел зотҳо бовар мекардагиҳо ҳам ёфт мешаванд. Колхоз гӯё мулки падару бобоҳои ман асту мардум батрак ва чоряккор! Ҳамин қадар мекунам, бад-баробарашон кор мекунам, боз намефаҳманд.

... Хайр, майлаш нафаҳманд. Якто-дутояш намефаҳмад, даҳто-бистояш намефаҳмад, лекин садҳо нафар мардумони ҳалолу покиза мефаҳманд. Барои аксарияти мардум кор кардан лозим. Оҳиста-оҳиста нофаҳмҳо низ бояд фаҳманд. Колхозамон бойтар, калонтар ва аз ин ҳам ободтар шавад, аз гуфта ва карда пушаймон мешаванд...

Хурӯсҳо ба ҷеғ задан сар карданд. Хобидан лозим!

16

Дар участкаи Билолов, дар як хонаи начандон калон бригадирҳо, агрономҳо ва сардорони кор ҷамъ шуда маслиҳати тайёрӣ ба киштии баҳорӣ, яхобмонӣ ва дигар корҳои зимистониро мекарданд. Билолов хафа ва дилгир менамуд. Аз правлениян колхоз сарагроном—Валӣ Сафиюллин ҳам иштирок дошт, ки вай ба Билолов чандон маъқул набуд. Шояд хафагии Билолов аз омадани сарагроном бошад.

Масъалаи аввал киштгардонии заминҳо буд. Сарагрономи доно бо маслиҳати раис ва дигарон харитаи киштгардонро сохта оварда буд ва онро ба манзури аҳли маҷлис пешниҳод намуд. Аз Билолов сар карда ҳама харитаро дида баромаданд. Қариб сеяки заминҳои участка, ки пахта кошта мешуд, холо бояд юнучка кошта шавад буд. Ба ивази ин қитъа заминҳои ба

юнучқа дода мешудагӣ ба заминҳои нав, ки соли гузашта кушода ҷав кошта буданд, пахта кошта шавад.

— Ман ба ин план ва ба ин харитан шумо розӣ нестам! — гуфт Билолов. — Заминҳои участкаи мо хама кӯҳна шудагӣ, ҳосили дуруст намедиҳанд. Аз се як қисми он чӣ қадар мешавад?! Заминҳои соли гузаштакушодагиамон ҳама санглох ва бекора ҳастанд. Чанд соли дигар лозим, ки зерашон сахт шаваду обро дошта тавонанд. Ба он заминҳо пахта корем, шабу рӯз бояд обдорӣ кунем, ба он ҷо хок оварда резем... Дарди сари бисьёре! Ман таклиф мекардам, ки бо райком ва марказ гапзанон карда, аз участкаи мо планро кам кунанд ва ними замини пахтаро юнучқа корем, ки пас аз се сол боқувват шуда, пахтаи навъи аъло диҳад.

— Шумо, рафиқ Билолов, — гуфт сараграном Сафиюллин, — гапҳое мезанед, ки гӯё аз аграномияи пахтакорӣ хабар надоред. Мо ҳаман хусусиятҳои участкаи шуморо санҷида дида, ба ҳисоб гирифта, бо маслиҳати бобо-раис ин харитаро сохтем. Бобо-раис заминҳои колхозро мисли кафи дасти худаш нағз медонад. Агар аз рӯи ин харита амал кунед, на аз плани пахта кам кардан лозим, на дарди сари бисьёре! Заминҳои навкораматон обро намеҷабад. Мо онро чандин бор имтиҳон карда додем. Хокаш зӯр, ҳосили мӯл медиҳад.

— Ман ҳам тарафдори рафиқ Сафиюллин хастам,— гуфт як бригадири пахтакор — Заминҳои пахтакории бригадаи мо имсол ба киштгардон эҳтиёҷ надоранд. Мо ваъда додагӣ ҳастем, ки аз ҳар гектар чиҳил центнер пахта медиҳем ва албатта ба ваъда вафо мекунем. Агар замини пахта ба киштгардон равад, мо дурӯғгӯ мешавем. Не, замини мо нағз!

— Заминҳои бригадаи дуюм чӣ? — гуфт Билолов.— Ман аграном набошам ҳам, медонам, ки ҳеҷ қувват надоранд. Соли гузашта ба зарби дорую ҳунармандӣ каму беш ҳосил гирифтем. Агар имсол ҳам пахта корем, тамом! Хок нобуд мешавад, дигар ҳосил намедиҳад.

— Рост, рост,—гуфта монд бригадири дуюм.

— Заминҳои бригадаи панҷум чӣ?! — гуфт боз Билолов. — Аз дуюм ҳам бадтар.

— Заминҳои бригадаи панҷум аз ҳама боқувват-

таранд! — гуфт Сафиюллин.— Шумо ҳосил гирифта натавонистед, бо айби худатон! Дар сари вақт об надодед, поруро бевақт рехтед, яхоб намондед... Инро ранс медонанд!

— Бисьёр ранс, ранс нагӯед! — гуфт Билолов сахт карда. — Ранс шуданкатӣ валиуллоҳ шуд-мӣ он кас!? Мо ҳам ранс будем, ба гапи зердастон гӯш медодем.

Ҳама хомӯш монданду ба сараграном нигоҳ карданд. Сараграном камтар хомӯш истоду баъд охиста ва батаанниӣ ба гап даромад.

— Искандари Зулқарнайн вақте ки подшоҳ мешавад, пеш аз ҳама устоди худ Арастуро ба мартаба ва иззат расонида, ба худ вазири аъзам мекунад. Аз вай пурсидаанд, ки чаро ин корро мекунӣ, гуфтааст, ки падарам маро аз осмон ба замин овард, яъне ба вуҷуд овард, аммо устодам маро аз замин ба осмон бардошт. Ҳоло ҳам бобо-ранс маро бо илму дониш, ботаҷриба ва кораш аз замин боло бардошт, ман сараграном шудам. Дар бадали ин ду-се сол дар ҳар коре, ки бо маслиҳати раис карда бошам, ғалат накардаам. Бинобар он, рафиқ Билолов ман дар ҳама ҷо номи раисро бо ҳурмат ба забон мегирам. Ба шумо маслиҳат медиҳам, ки аз ранс омӯзед!

— Раисро ранс кардагӣ ана инҳо барин бригадирхо, — гуфт боз паст наомада Билолов, — ва ман барин ҷонписорхо хастем! Набошад аз кӯҳистон омадагӣ як ғаллакор-дия! Ба пахтакорӣ ҳунар лозим, таҷриба лозим, чашми корро донистан лозим!

— Ҳаман ин сифатҳо дар бобо-ранс ҳастанд! — гуфт сараграном. — Хӯш, мо дар ин ҷо дар хусуси сифатҳои ранс нею ба дигар кор ҷамъ шудаем. Имсол мо бояд аз рӯи ҳамин харита киштгардон кунем. Инро правленйя қарор кардааст.

Дар ин дам ҷавоне омада ба гӯши Билолов чизе гуфту баромада рафт. Билолов диққати ҳамаро ба худ кашида гуфт:

— Модом ки қарори правленя бошад, аз мо пурсида чӣ мекардед? Правленя гӯяд, мо иҷро кардан мегирем. Рафиқон, ман узр мехоҳам, дар ҳавлӣ як кори мухим баромада мондааст, рафтанам лозим. Ин тараф маҷлисро рафиқ Сафиюллин худатон бурдан мегиред, баъд натиҷаашро ба ман хабар медиҳед!

Инро гуфту вай берун баромад ва ба чизе аҳамият надода ба сӯи ҳавлии худ равон гардид...

Дар меҳмонхонаи ӯ, ки аз тафси печкаи чӯянӣ гарму баҳаловат буд, Имом Кенҷаев (писари Кенҷабон қарамазорӣ) ва эшони Санги Ҳамвор сӯҳбат карда менишастанд.

— Ассалому алайкум бираҳматика ва баракотуҳ! — гуфт аз чо чавонона чаҳида хеста эшон. — Хар чӣ сихат-саломат, бардаму офият хастед!

— Шукр, шукр! — гуфт Билолов бо эшон вохӯрдӣ карда ва ба саломи Имом алек гуфта. — Шинед, безобита нашавед!

— Мо шуморо аз коратон мондем, — гуфт Имом.— Маъзарат мепурсем.

— Э, кори чӣ? — гуфт Билолов, — маҷлис! Хайрият омадани шумо баҳона шуду халос хӯрдам. Аз дусар кори мешудагӣ худаш шудан мегирад, маҷлис кунем ҳам, мешад, накунем хам, мешад!

— Корамон зарур набошад ҳам бо шумо баъзе маслиҳатҳо доштем. Дер нашавад гуфтем...

— Дер намешавад — гуфт Билолов худбоварона.— Хеҷ кор дер намешавад! Ҳамин тавр не, ҳазрати эшон!

— Лаббай? — гуфт Санги Ҳамвор, ки гӯё ба хаёл фурӯ рафта буд. — Рӯзе подшоҳе бо вазираш барои сайр бо саҳро баромад. Ба киштзоре расид, ниҳоли гандумро дид, ки аз қадди одам дарозтар аст. Подшоҳ дар тааҷҷуб шуд ва гуфт чунин гандумпояи баландро дар умрам надида будам. Вазир арз кард, ки, эй подшоҳи аъзам, дар ватани ман дарахти гандум мешавад, ки ҳамчун қади фил. Подшоҳ табассум намуд. Вазир ба худ гуфт, ки подшоҳ сухани манро дурӯғ пиндошт, аз ин сабаб табассум кард. Чун аз сайр бозомад, ба мардумони ватани худ хат навишт, ки чанд дарахти гандум фиристанд. Аммо то хат он чо расида, фасли гандум гузашта буд. Бинобар он баъд аз як сол аз он чо дарахти гандум расид. Ба назди подшоҳ бурд. Подшоҳ пурсид, ки барои чӣ овардӣ? Гуфт: Барои тасдиқи сухани худ овардам. Подшоҳ гуфт: холо бовар кардам, лекин зиҳҳор пеши касе чунин сухан магӯ ки баъди соле бовар кунад.

Билолов аз ин хикояти Санги Ҳамвор чизе нафаҳмида хайрон нигарон монд.

— Мо ҳам, — гуфт ба суханаш шарҳ дода эшон.—

Омадем, ки дар сари вақт гапамонро гуфта гирем, набошад, дер мешавад. Ана барон ҳамин шуморо тасдеъ дода, яъне монда карда аз маҷлис гирифта овардем.

— Э ба ақлатон қоил ман, чаноби эшони Санги Ҳамвор! — гуфт Билолов хурсанд шуда. — Шумо хеле чиз медонед, сӯҳбататон ширин! Аз шумо омӯхтан лозим. Хӯш, кори заруратон чӣ будааст?

Эшон ба Имом назар кард, ки мақсадро баён кунад. Имом як ба тарафи дари хона нигоҳ карду баъд оҳиста ба гап сар кард:

— Мувофиқи супоришатон ману эшон ба Тӯтихон меҳмон шуда рафтем. Нағз пешвоз гирифт. Хусусан эшонро иззату икром кард. Ин кас ҳам аз гап хасисӣ накарданд. Хуб аз худою расул нақлҳо карданд, шуморо таъриф карданд, Азизро бад карданд... Ниҳоят занак дилтанг шуду мақсадро пурсид. Он вақт ман ба гап даромадам. Гуфтам, ки Азизро бо Зулфия банд карда нашуд, кӯшиши мо фонда набахшид...

— Нагуфтед, ки тарафдорҳояш шоҳидҳон бисьёре овардан, ки албатта нимашон сохта, — гуфт сухани Имом Кенҷаро бурида Билолов. — Маҷлиси коммунистҳо Азизро сафед кард?

— Гуфтам, — гуфт Имом. — Дар маҷлис кӯшиш карданҳои шумо ва дигаронро гуфтам, ақаллият шуда мондани шуморо хам гуфтам...

— Нодон! — гуфт бо қаҳр Билолов. — Ақаллият шудани моро гуфтан чӣ ҳоҷат буд?!

— Гуфтам ки, — гуфт Имом, — Тӯтихонро ба ҳаяҷон биёрам, охир он кас ба шумо меҳр доранд-ку!

— «Меҳр доранд!», — гуфт боз ғуррос зада Билолов. — Меҳр дошта бошад-чӣ?!

— Аз рӯи меҳр ҳар кори шумо фармудагиро бояд кунанд, — гуфта монд эшон. — Муҳаббати хардуи шумо мушкилро осон мекунад.

— Хайр, баъд чӣ? — пурсид Билолов.

— Ман ба Тӯтихон гуфтам, ки, — гуфт Имом Кенҷа, — Акнун хусну таровати шумо, ақлу дониши шумо, зиракӣ ва хушьёрии шумо Азизро банду асир ва расвои олам карда метавонад... Тӯтихон ҳайрон шуду пурсид, ки ман ба Азизи шумо чанд пула кор дорам. Гуфтам, ки шумо кор надоред, аммо дӯст ва пушту паноҳи шумо — Билолов ҳаминро мехоҳанд. Он кас

худашон ба шумо ин корро фармуда наметавонанд, дилашон намешавад. Инро мо талқин кардем ва мо ба шумо мегўем. Хоҳиш ҳамин, ки бо Азиз дўст шуда, рафтуо карда, ба назари мардум намоиш дода, баъд метавонед даъво кунед, ки Азиз ба шумо хўҷум кард, Азиз ба номуси шумо расиданӣ шуд ва ғайра ва ҳоказо... Он вақт ҳамаи идорахо ба арзи шумо гўш медиҳанд ва Азиз расво мешавад.

— Нағз гуфтӣ, офарин! — гуфт Билолов.

— Ҳолӣ сабр кунед! — гуфт Имом. — Гап тамом нашудааст.

— Чӣ Тўтихон таклифи туро қабул накард?

— Қабул кард, қабул кард, — гуфт ба гап ҳамрох шуда эшон. — лекин...

— Чӣ «лекин?» — дилтангона пурсид Билолов.

Имом қадаре табассум карда истоду гуфт:

— Тўтихонатон садтои ману шуморо ташна бурда, ташна меовардагӣ будааст. Гуфтаҳои маро гўш карда истоду гуфт: Хайр ман дар ҳақиқат ҳам Азизҷонро ба худам гирифтор карда, худам хам ба вай гирифтор шуда монам-чӣ? Ман ҳайрон шудам, гуфтам, ки не, шумо ин корро намекунед, шумо соҳиб доред, Билолов аз шумо шумо аз Билолов даст кашида наметавонед. Ба ин суханҳои ман Тўтихон хандиду дигар гап назад. Баъд эшон хеле панду насиҳат доданд ва ташвиқ карданд ки гуфтаҳои маро ба ҷо биёрад. Тўтихон якбора аз ҷо бархосту гуфт, ки ҳозир вақти кор аст, Азизро дар идора ёфтан мумкин аст. Майлаш, худи ҳозир қадами аввалро ба хотири мо мепартояд...

— Мо хурсанд шудем,— гуфт эшон,— лекин як дараҷа диламон андак ғаш ҳам кард. Бинобар он номаълумак ман аз паси Тўтихон рафтам. Ба идораи колхоз даромад. Аз паси тирезаи Азиз поида дидам, ки вай танхо хат навишта истодааст. Тўтихон ба идораи ў надаромад. Аз тирезаи раис нигоҳ кунам, Тўтихон ба рў ба рўи раис нишаста гап зада истодааст. Инро дидаму давида ба пеши ин кас (Имом) омадам ва пас ҳардуямон ба назди шумо омадем. Ана, ҳамаи гап ҳамин.

— Аҷиб, — гуфт Билолов бесаранҷом шуда. — Лаънатӣ Тўтӣ баракс сирри моро накушода бошад?

— Мо ҳам ҳайрон шудем, — гуфт Имом. — Аз ҳамаи мо шикоят карда бошад.

— Худатон бо Тўтихон гап мезанед! — гуфта монд эшон.

— Гап задан лозим! — гуфт Билолов. — Агар аз мо шикоят карда бошад, забонашро бурида мепартоям.

— Вай ба шумо иқрор намешавад! — гуфт Имом.

— Ман чунон иқрор кунам, ки...

— Ҳай, ҳай! — гуфт Эшон. — Астағфируллоҳ гўед. Душманро ба шакар куштан лозим.

— Бале, дониста кор кардан лозим, — гуфт Имом.— Тўтиро ба худатон сахт душман накунед! Аз дасти вай ҳаркор омаданаш мумкин. Бехтар, ки дилашро ёбед, ягон чизи қиматбаҳо ҳадия кунед, гўед, ки маро барои имтихони вай фиристода будед, рашк шуморо маҷбур кард ва ҳоказо. Майлаш, камтар фурсат гузарад, корамонро дониста мекунем..

— Гапат рост, — гуфт Билолов, — дониста кор кардан лозим. Дар ин байни як кори нағз ки раис эшони Санги Ҳамворро сахт нагирифт. Аъзоёни правления розӣ шуданд, ҳатто гуфтанд, ки ба кори колхоз дарояд, дар ферма қаровул шавад! Аммо шумо ҷаноби эшон ба кор наравед, бо баҳонаҳои маълум имрўз-пагоҳ карда гардед, кори эшонии худро кардан гиред. Худи ҳамин ҳам ба мо як дастак мешавад.

— Боз мани сарсахт ба бало мемонам! — гуфта эшон нолид.

— Не, ба шумо гап намерасонем! — гуфт Билолов ва як пиёла чой кашида нўшиду хитоб кард: — Тўтихон илоҳӣ ба ҷони мо бало нашавад!

17

Падару модари Тўтихон солҳои сӣ аз тарафҳои Самарқанду Ургут кўчида омада, дар Қарамазор сокин шуда монда буданд. Падараш дар корҳои савдо буд. Зиндагиашон бегамона буд. Тўтиро падару модар хеле дўст медоштанд ва эрка калон карда буданд. Нохост ҷанги хонумонсўз сар шуду ҳаёти мардумро дарҳам-барҳам намуд. Падари Тўтӣ ҳам ба ҷанг рафту гашта наомад, хати сиёҳаш расид. Модараш бо ду фарзанд— Тўтӣ ва Пиримқул бева шуда монд. Машаққати ҷанг ба хонадони онҳо низ ҳукмрон гашт. Модари Тўтӣ аз баски зани баҳусну ҷамол, ҳунарманд ва чаҳор кас мебаски зани баҳусну ҷамол, ҳунарманд ва чаҳор кас медидагӣ буд, соле аз хабари марги шавҳараш нагузашта, толибаҳо пайдо шудан гирифтанд.

Дар Қарамазор он вақтҳо баъзе раисҳои колхозҳо буданд, ки аз фурсат истифода бурда, ҳам моли колхозро ба ғорат мебурданд, ҳам дуто-сетоӣ зан доштанд. Тӯтӣ нағз дар хотир дорад, ки ба модари ӯ ҳаминзайлин ду раис, пулу моли бисьёре ваъда дода толиб шуда буданд, лекин модараш, ба болои палонч шӯ намекунам гуфта, рад карда буд...

Баъд ӯро сардори тоҷикматлуботи район ба занӣ гирифт, ки шавҳари собиқаш дар зери дасти ӯ кор мекард. Модари Тӯтӣ гумон дошт, ки ин шахси нону намакхӯрда, аз ҳолу бори онҳо хабардор, бо шавҳараш қариб ёру бародар, шояд ба фарзандони раҳматӣ раҳму шафқат кунад, ба ҷои падари онҳо шавад ва ҳоказо... Вале занак фиреб хӯрд. Шавҳари дуюмаш, ки Толиб Аҳроров буд, як одами хасис, чашмгурусна, пулпараст ва тарсончак шуда баромад. Тарсончакӣ ба ин вазъ, ки аз магазинҳои матлубот медуздид, аз мудирони магазинҳо пора мегирифт, аммо баъд шабҳо хобаш намебурд, ба даст афтода монам, чӣ кор мекунам, мегуфт. Ҳарчанд, ки модари Тӯтӣ ӯро аз дуздӣ ва порахӯрӣ манъ мекард, лекин худро дошта наметавонист, одат карда монда буд. Хайр, пулҳои дуздиро биёред, калон-калон хӯрем, пӯшем, бачаҳоямон серу пур ва нағз пӯшанд, гӯяд, не мегуфт. Пул ба як рӯзи кас, ба як рӯзи сиёҳи кас даркор мешавад. Ҳозир бо камаш қаноат кунем, баъд ки аз кор баромада осуда шудем, ба касе эҳтиёҷманд намешавем.

Тӯтӣ ва бародараш дар мактаб мехонданд. Аз каму кӯси рӯзғор бехабар, бо дугона ва ҷӯрабозӣ ва шӯхии худ овора буданд. Ин дар соли дуюми ҷанг, дар соли 1942 буд.

Соли сеюми ҷанг ба сари модари Тӯтӣ об рехт.

Тӯтӣ он сол синфи ҳаштумро тамом мекард ва ба вай ҳам хостгорҳо пайдо шудан гирифтанд. Зеро ки Тӯтӣ дар ҳусну ҷамол ва ақлу камол дар тамоми он навоҳӣ ягона буд гӯем, хато намекунем. Вай овози ҷарангосии фораме дошт, нағз рақс мекард, шӯх, бебок ва нотарс буд. Дар мактаб бо ташаббуси вай дастаи ҳаваскорони санъат тартиб дода шуд. Яке аз муаллимон, ки аз санъат хабар дошт, дутор менавохт, ба онҳо роҳбарӣ мекард. Дар даста аз ҳама фаъол, аз ҳама зӯртар Тӯтӣ буд. Вай ба дугонаҳояш ва ҳамсинфонаш ташвиқ карда, ба фронт, ба аскарҳои ҷанганда сағво

фиристоданӣ шуд. Ҳар касу ҳар чӣ! Яке дар миёни рӯмоли кашидадӯзӣ як коса тутмайиз андохта ва хатчае навишта овард. Дигаре ҷӯробҳои пашмини помирибофт овард, сеюмин дар халтае чаҳормағзу майиз пур карда овард. Худи Тӯтӣ ба ҳолу ҷони падарандараш намонда як телпаки гӯшакдори пашмин овард, ки он вақтҳо хеле камьёб буд.

Ин ғайрат ва ташаббуси ӯ ба комитети партиявии район ва ба комсомол маъқул шуд. Дар интихобот ӯро комсорг — котиби ташкилоти комсомолии мактаб интихоб карданд. Тӯтӣ боз ҳам серкортар шуда монд ва бисьёр вақти худро дар мактаб мегузаронид ва дуруст хабар надошт, ки дар хона модараш бо падарандараш чӣ тав зиндагӣ доранд.

Толиб Аҳроров шабу рӯз ниқ-ниқ карда ба ҷони занак расонида буд. Гоҳо шабҳои дароз зану шӯ намехобиданд. Ҳатто борҳо шудааст, ки аз ҷангу ҳақорати мардак ва гирьяи занак Тӯтӣ ва бародараш аз хонаи дигар бедор шуда ба сари онҳо меомаданд. Аммо занак дуруст сир бой намедод, намехост, ки зиндагии озодона ва хушу хуррами духтараш тирагун гардад, намехост, ки боиси ҷангу ҷидолашро ба духтараш шарҳу баён кунад. Дарун-дарун ғусса мехӯрд, рӯз то рӯз рангаш зард шуда, лоғар мегашт...

Қисса кӯтоҳ, ана ҳамин мардак дар кӯча Тӯтиро дида, ошиқи беқарори вай шуда монд. Чи кор кардашро намедонист. Ба таври расмӣ ба ҳавлии духтар хостгор фиристонад, чӣ шавад, ба ҳар ҳол синну соли вай чандон зиёд набошад ҳам, ӯро ҷавон ва ба духтари шонздаҳсола муносиб гуфта намешуд. Инро худи вай медонист. Лекин дар райони онҳо ба духтарҳои ҷавон хонадор шудагон ҳастанд. Баъзе аз одамони пулдор бо харҷу хароҷоти калон ба мақсадашон мерасанд. Вай чаро натавонад. Пули бисьёр надошта бошад ҳам, нуфӯз дорад. Тарсонда метавонад. Лекин котиби райком ва дигар калонҳои район розӣ намешаванд. Духтар худаш хоста ба ман расид, ман маҷбур накардем гуфтан мумкин, аммо чӣ тавр? Боз одамони ЗАГС, духтурҳо, комсомолбачаҳо муқобил шуданашон мумкин. Духтари норасидаро зан карда гирифт. Қонунро вайрон кард мегӯянд...

Прокурор чӣ кор карданашро намедонист, ҳайрону нолон мегашт.

Ба ногоҳ «тақдир» ба вай бӯи умедеро расонид. Толиб Аҳроров, ки раиси идораи матлуботи район буд, барои ҳал кардани кори як мудири магазин ба назди вай омад. Ҳал шудани кори мудири магазин дар дасти прокурори район буд. Омадани Толибро фоли нек шуморид ва арзашро осудаҳолона гӯш карду гуфт:

— Акте, ки аз болои мудири магазини шумо сохта шудааст, холо дар дасти ман, хеҷ кас надидааст. Лекин агар ки корро ба пеш ронем, тафтишро чуқуртар карда, корро ба суд дихем, ба худи шумо ҳам гап мерасад. Сахт ҷавобгар мешавед.

— О, балотона гирам!—гуфт нимшӯхӣ ва нимчиддӣ Толиб. — Аз ман безор шудед-чӣ? Ман ба шумо ба ғайр аз некӣ кори дигар накардаам-ку! Дар ҳамин тавр фурсати қаҳтӣ, шукр, хонадонатон серпур буд, мехӯрдагиатон дар пеш, намехӯрдагиатон дар пасатон буд-ку!

— Барои хамин ҳам актро худам ба сандуқи оҳанин гузошта мондам-дия! — гуфт прокурор.— Ин акт ба шумо ва ба мудири магазинатон бисьёр қимат меафтад. Лекин ба як шарт ман ҳамаи корро ба ҷо ва хомӯш карда мемонам...

— Хӯш, хӯш, — гуфт Толиб Аҳроров. — Гӯшам ба шумо.

— Худатон медонед, ки ман як сол боз беаҳлу аёл, безан ҳастам. Ҳар чӣ тавр занро дил намехоҳад. Қадом рӯз Тӯтихонро дида монда девона шудам. Духтари ба шавҳар лоиқ шуда мондааст. Агар не нагӯед, маро ба домодӣ қабул кунед, сарам ба осмон мерасад.

Толиб Аҳроров инро шунид гарангу ҳайрон шуда монд. Зеро ки медонист, Тӯтӣ ҳанӯз лоақал ба ҳафтдаҳ нарасидааст, айни хонданаш, модараш ба болои вай ҳафтларз аст. Агар таклифи прокурорро қабул кунад ҳам, Тӯтию модараш розӣ намешаванд.

— Аз ҷои сахт гирифтед! — гуфт Толиб. — Худатон медонед, ки Тӯтӣ духтари ман не. Ӯро модараш бисьёр дӯст медорад ва эрка калон кардагӣ. Агар ман ин талаби шуморо ба миён гузорам, модару духтар бадбаробар норозӣ мешаванд. Чунки Тӯтӣ хонда истодаааст, ҳанӯз ба ҳафтдаҳ нарасидааст...

— Э, ин тарафаш дар дасти худамон — солашро дуруст мекунем.

— Не, ЗАГС будагиҳо намемонанд.

— Справка тайёр мекунем! Справкаи духтур ва комитети маҳалла бошад, шуд!

— Хайр, ман гап зада бинам канӣ, — гуфт ниҳоят Толиб Аҳроров. — Кӯшиш мекунам, ки очаю духтарро розӣ кунам. Лекин шумо хоҳиши маро ба ҷо меовардед!

— Шумо аввал хоҳиши маро ба ҷо биёред, баъд хизмат аз ман расад. То ба ҳамон дам хотирҷамъ гаштан гиред.

...Ин буд, ки Толиб Аҳроров модари Тӯтиро аз ҷонаш безор карда буд.

— Агар Тӯтиро розӣ накунӣ, агар гуфтаи прокурор ро ба ҷо набиёрем, ҳабс шуда рафтани ман аниқ. Молу мулкамро мусодира мекунанд, шумо-оча бачаҳо хору зор мешавед...

— Хору зор шавем, шудан гирем! — мегуфт сахт карда модари Тӯтӣ. — Ман барои роҳати шумою худам ягона духтари аллону азизамро бароварда ба дасти дев намесупорам.

— Беақлӣ накун! Прокурор обрӯю иззат дорад. Худаш миёнасол, қадри духтаратро медонад, ба вай ғулом мешавад. Мо ҳам осуда мешавем дуруст фикр кун!

Модари Тӯтӣ боз аз як сир хабар дошт. Дар байни Тӯтӣ ва муаллими ҷавон, ки роҳбари дастаи ҳаваскорони санъати мактаб аст, оташи муҳаббат даргирифтааст. Тӯтӣ аз модараш рози пинҳонӣ надошт. Вай гуфта буд, ки пас аз тамом кардани мактаб ба муаллим мерасад. Хушбахт мешавад... Ба ин орзуи духтараш модар чизе нагуфт, насиб, насиб, насиб гуфта монд.

Лекин Толиб Аҳроров занашро ором намегузошт. Вай, ки зотан шахси инҷиқ, тарсончак ва буздил буд, аз таҳдидоти прокурор тарсида модари Тӯтиро азоб медод.

Дар натиҷа занак бемор шуд, бистарӣ гашт ва чанданаш хаман дарду алами худро ба Тӯтӣ гуфта доду ӯро хабардор кард, ки аз нияти бади падарандараш ҳушьёр бошад.

Тӯтӣ ба марги модараш бисьёр сӯхт. Чанд гоҳ ба мактаб нарафт. Хонанишин шуд. Бо падарандараш ногап шуд. Ҳатто боре ба вай хеле сахт гуфт:

— Ба марги модарам шумо сабаб шудед, шумо қотил! Ман аз ҳамаи сирру асрор хабар дорам. Шумо

мехоҳед, ки маро ба худатон қурбон карда ба прокурори пир ба шавҳар диҳед! Ин хобатонро ба об гўед! Ман хушдор дорам, ман дилдода дорам, ба гайр аз вай ба дигаре намерасам!

Прокурор дилдодаи Тўтиро дошта гирифту ба назди комиссари ҳарбии район рафт, ки капитан Одинаев буд.

— Ягон илоҷ карда ҳамин муаллимро ба фронт мефиристонӣ, чўра, — гуфт мақсадашро баён карда прокурор.

— Хайр, — гуфт вай, — баъд аз рафтани муаллим Тўтихон ба ту сар мефурорад?

— Монеаҳоро аз пеш бардоштан гирем, ягон гап мешудагист...

Одинаев ваъда дод, вале худаш яке аз монеахо гашт. Ба дил мегуфт, ки Тўтӣ барин духтар ба ту одами дағал муносиб не, вай насиби ту намешавад!

Муаллим, роҳбари кружоки бадеиро, ба аскарӣ гирифтанд. Вай бо Тўтӣ хайрухуш карда истода гуфт, ки аз Одинаев хушьёр бошад. Агар ёрӣ лозим шавад, ба назди амаки вай — Билолов равад, ки ў раиси Совети район аст. Одами пурзўр ва бануфуз аст. Тўтиро аз ҳар бало мудофиа карда метавонад...

Дар ҳақиқат пас аз рафтани муаллим, дере нагузашту Одинаев дар кўча Тўтиро дида муҳаббат изҳор кард ва талаб будани худро баён намуд. Тўтӣ ба мулоимат аз вай чудо шуду ба назди Билолов рафт ва аз падарандараш шикоят кард.

Билолов он вақтҳо дар айни болоравӣ, дар айни иззат ва ҷоҳ буд. Чунки ташкилотчии нағз буд, дар байни мардум обрўй дошт, дар боло ҳам ўро мешинохтанд ва ғанашро рад намекарданд. Хусусан, ки қобилияти гурўҳбозии вай дар авҷи камол буд, як қисм мансабдорон бо вай дошта, алҳазар гуфта муомила мекарданд.

То он замоне ки Тўтӣ ба назди Билолов рафта шикоят накард, вай аз ҳусну ҷамол ва овозаи ў бехабар буд. Вақто ки Тўтиро дид ва он ҳусну ҷамол ва нозу адоро тамошо кард, чакаки Билолов шах шуда монд. Ба вай гуфт, ки ба номи ў як ариза навишта, ҳаман дарди дилашро баён кунад. Билолов ўро ба худаш духтархонд мекунад ва аз ҳаман он мардоне, ки дар

ҳаққи ў ситамро раво диданӣ шудаанд, ниқор мегирад...

Тўтӣ як шаби дароз нишаста аризаи муфассале навишта бурда дод. Билолов андохт. Тафтишоти калон сар шуда рафт. Маълум гардид, чанд шахси бонуфузи райони, ки одамони содиқи ў буданд, ба кор ки Одинаев порахўрӣ ҳам кардааст ва бинобар он дар бораи ў қарори махсус бароварда ба марказ маълум карданд ва зуд аз кор гирифта ба фронт ҳай карданд.

Прокурорро ҳам аз кор гирифта ба райони дигар фиристоданд. Падарандари Тўтиро бинобар дуздӣ ва порахўриҳояш суд карда, ҷазо доданд, ҳабс карда фиристоданд...

Тўтӣ бо бародараш танҳо, гўё тамом дар ихтиёри Билолов монд.

Аммо Билолов одами басабру баандеша буд. Агар вай дарҳол ба Тўтӣ мечаспид, дар назди мардум хор мегашт. Баракс вай аз «адолат»-и худ, аз ҳаққонӣ ва баинсоф будани худ ба болоҳо хабар дод. Ҳама аз ин кирдори ў, аз ҳиммати ў, аз ин «адолат»-и ў хурсанд шуданд. Билолов ресмонашро дарозтар партофта монда буд ва кўшиш мекард, ки Тўтиро бештар ба худ наздик кунад.

Дар ин миён ҷанг ба охир расид. Тўтӣ ҳам синфи даҳумро тамом кард. Билолов ўро ба худаш котиба карда гирифт, моҳонаи калон муайян кард. Ҳар вақт ҳолу зиндагии ўро пурсида менистод, гоҳо ба ҳавлии онҳо мерафт. Холаи Тўтӣ, ки пас аз вафоти модараш ба ҳавлии онҳо кўчида омада буд, аз мехрубонихои Билолов дар худ набуд. Хайрият, ки дар дунье ҳамин тавр одамҳои олиҳиммат ҳастанд, мегуфт ба Тўтӣ ва насиҳат медод, ки аз гуфтаю фармони Билолов берун наравад.

Билолов дар идора як ҷавони содда, хоксор ва бекасро мудири хоҷагӣ карда гирифта буд. Вақтҳои охир ба вай ҳам илтифот мекардагӣ ва ҳар рўз ба кабинеташ дароварда чак-чак карда менишастагӣ шуд. Ҳатто як рўз ба хонаи он ҷавон рафта, ночиз будани ҷиҳози хонаро дида таассуф хўрд ва фармуд, ки аз ҳисоби идора гилем гирад, асбобу ускуна тайёр кунад, зеро ки вай мехоҳад ин писари ризоии худро дар қариби хонадор кунад...

Ҷавонро Хоркаш ном буд ва аз ин мехрубониҳои

Билолов хурсанд ва мамнун шуд. Фикр намекард, ки чаро Билолов ба вай ин қадар илтифот карда истодааст. Гумон мекард, ки дар идора содиқона кор карданаш ба раис маъқул шудааст ва ин ҳама барои ҳамон аст.

Як рӯз раис дар кабинети худ ба Хоркаш гуфт:

— Ба ту ҳамин котибаи ман, Тӯтихон маъқул аст?

— Ҳа, бисьёр духтари нағз, боақлу ҳуш, — гуфт Хоркаш ба мақсади Билолов сарфаҳм нарафта.

— Маъқул аст, охир? — боз пурсид Билолов.

Хоркаш боз ҳайронтар шуд. Чиī Тӯтӣ бояд ба вай маъқул бошад? Тӯтӣ куҷою вай куҷо!

Билолов пурсид:

— Ҳаминро ба ту зан карда диҳем, розӣ ҳастӣ?

Хоркаш дар бораи зандор шудан ва хусусан ба Тӯтихон барин танноз хонадор шуданро ба гарди хотираш наоварда буд. Бинобар он аз суоли ногаҳонии Билолов гарангу моту мабҳут гашт ва даме чизе нагуфта монд.

— Ҳа, — гуфт Билолов сахт карда, — овозат намебарояд?!

— Ман... Ман, — гуфт Хоркаш, — ба зан гирифтан чизе надорам. Хусусан ба ин кас, ба котибаи шумо!... Ман кию Тӯтихон кӣ!

— Ин тавр нагӯй! — гуфт Билолов. — Ба ту чӣ шудааст?! Имрӯз рафта аз исклад (анбор) аша ба ин пул як костюми коверкот гир, ба мудири исклад гуфта мемонам. Баъд оҳиста-оҳиста ба Тӯтихон хушомад кардан гир. Шилқин шав, аз паси вай гард! Он тарафашро худам дуруст мекунам...

Аз ин машваратҳо, аз ин нақшаю дасисаҳо Тӯтӣ бехабар буд. Вай орзу мекард, ки ба шаҳр, ба Сталинобод рафта ба ягон мактаби олӣ даромада хонад, ягон касбу корро ба даст гирад, лекин холаю додарашро танҳо монда рафтан намехост. Бо таҳрики Билолов холааш ба ӯ мегуфт, ки беҳтар аз ҳама зудтар ба як ҷавон ба шавҳар барояд, хонаю ҷо кунад, фарзанд ёбад ва шамъи модарашро фурӯзон нигаҳ дорад.

— Аз муаллими ман хати сиёҳ омад, дигар ман мехостагӣ дар ин атроф нест.

— Аз барои чӣ набошад?! — мегуфт кампир. — Дар идораи шумо як ҷавони зеборо дидам. Пурсуков карда

донистам, ки номаш Хоркаш будааст, ҳеҷ касу кӯе надоштааст ва ба ту ошиқи шайдо будааст...

— Наход? — гуфта механдид Тӯтӣ. — Ҳамин Хоркаш-а? Ҳамин ҷавони хаппаку шармгин-а?

— Бале, бале, ҳамин ҷавони шармгин! — мегуфт хола. — Ба ту мардаки беҳаёю дағал чӣ даркор?! Шӯе бошад, ки ғуломи ту шавад!

Вай Хоркашро таъриф мекард.

Ҳамин тавр, як рӯз нохост худи Билолов ва кайвонии гузар ба ҳавлии Тӯтинино хостгор шуда омаданд.

— Ман, ки худам ба хостгорӣ омадам, не намегӯӣ! — гуфт Билолов ва ҳукм баровард.

Ба ҳар ҳол чандкаса шуда сари Тӯтиро гардонданд ва аз вай розигӣ гирифтанд...

Баъд, худи Тӯтӣ ҳам фикр кард, ки Хоркаш ҷавони беайб, фақир, хоксор ва мулоимфеъл аст. Ҳоло ки аз вай муносибатараш нест. Ҳоло ки ҳама ба ҳамин қарор додаанд, майлаш, ба вай мерасад ва аз таҳдиди мардҳои нобоб халосӣ меёбад.

Як тӯйчае карданду ду ҷавонро ҷуфт намуданд ва Хоркаш занашро ба кулбаи худаш овард.

Рӯзҳои аввали хонадорӣ Хоркаш худро хушбахттарини шавҳарон мешуморид. Тӯтӣ ҳам аз Хоркаш розӣ буд. Вале дар як тарафи дилаш хиҷил буд, ки Хоркаш саводи дуруст надошт, одами аз ҳад зиёд хоксор, беҷуръат ва гапдаро буд. Тӯтӣ медид, ки дугонаҳои аз худаш сад бор камҳусунтар, камсаводтар ва беақлтар ба шавҳарҳои хуб, ба йигитҳои чаҳор кас медидагӣ расидаанд, давру давроне доранд. Аммо вай, ки ҳамеша дар миёни дигарон сарварӣ мекард, бо ҳусну ақлу заковати худ менозид, имрӯз ба як ҷавони беҳаст, ба як ҷавони камгап ва содда расида монд...

Ин андешаҳо рӯз то рӯз миёни вай ва шавҳарашро дур мекарданд, дар байни хунукӣ пайдо шудан гирифт ва рафта-рафта Тӯтии мағрур шавҳарашро писанд намекардагӣ шуда монд.

Аз тӯяшон се моҳ гузашт ё не, як рӯз дар вақти дар хона набудани Хоркаш, нопурсида-намонда худи Билолов ба ҳавлӣ даромада омаду дарвозаро аз пасаш занҷир кард.

— Ба идора нарафта мондӣ, — гуфт ба Тӯтӣ, — чӣ ҳодиса рӯй дода бошад гуфта омадам.

— Ҳеҷ гап не, — гуфт Тӯтӣ, — андак дарди сар шудам.

— Балои сарата гирам! — гуфт якбора Билолов ба Тӯтӣ наздик шуда. — Давои дарди сарат дар кисабағали ман-дия!

Инро гуфту аз бағалаш як ғафабанди тиллои марворидкориро бароварда ба гулӯи зебои Тӯтӣ гузаронида овехт...

Ин суханҳо ва ин ҳаракатҳои Билолов чунон ба суръат гуфта шуданд ва ичро гардиданд, ки Тӯтӣ ба фикр кардану эътироз намудан фурсат наёфт. Баъд аз оне ки андак сардии ғафабандро дар гулӯ ҳис намуд ва дид, ки чашмони ҳариси Билолов қариб аст, ки рӯи ӯро сӯрох кунанд, Тӯтӣ ба худ омада гуфт:

— Да-да, шумо чӣ кор карда истодаед? Ба ман ин хела чизи қиматбаҳо чӣ лозим!?

— Чизи қиматбаҳо ба ту мезебад-дия! — гуфт Билолов ва оҳиста аз оринчи Тӯтӣ дошта ӯро ба дарунии хона даровард. — Ту, азизам ҳазор бор аз ин чизҳо қиматтар ҳастӣ! Ту ҷони манӣ, ту имони манӣ!

— Чиҳо мегӯед шумо! — гуфт Тӯтӣ, вақте дид, ки Билолов оғӯш кушода ӯро бағал карданӣ. — Аз ман дур шавед, айб не-мӣ!?

— Айб не, ҷонакам! — гуфт Билолов дағ-дағ ларзида. — Ман туро дӯст медорам, ман бе ту зиндагӣ надорам!

— Аҷаб! — гуфт Тӯтӣ. — Шумо чун падар маро ба шавҳар додед, боз худатон хиёнат карданӣ?! Аз худо наметарсед?!

— Ман хиёнат карданӣ нестам, — гуфт Билолов, худро каме ба даст гирифта. — Чӣ кор кунам, ки дилро аз даст додаам. Майлаш ту бо Хоркаш бош, лекин маро аз худат дур накун! Ба ман ҳам кам-кам илтифот карда истӣ, ман розӣ.

— Зани ду шавҳар шавам?!

— Не, шавҳарат Хоркаш, ман ошуқи ту вассалом! Ман дилдодаи ту! Маро аз даргоҳат наронӣ, шудагеш! Ман сару пои туро аз тилло мекунам, ман ҳар талаби туро баҷо меорам, ман ғуломи ту мешавам!

— Айб аст, айб аст, рафиқ Билолов! — гуфт Тӯтӣ. — Дигарон фаҳманд, чӣ мегӯянд? Маро ҳам, шуморо ҳам сангсор мекунанд.

— Ба мо чӣ зарур, ки ба дигарон фаҳмонем! — гуфт Билолов боумедтар шуда. — Ман ҳам обрӯю иззат дорам. Ман ҳам аз мансабам метарсам, ман ҳам корро дониста мекунам... Ҳама гап ба розигии ту, ба ақлу дониши ту вобаста аст. Агар ту хоҳӣ, аз муносибати мо касе хабардор намешавад. Ман гоҳ-гоҳ туро бинам, бас аст. Фақат донам, ки ту дилбари ман ҳастӣ, ту дилдодаи манӣ!

Тӯтӣ фурсате хомӯш монд. Дар ин ҷо он шайтанате, ки дар ҷибиллати ӯ буд, ба кор даромад. Аз хаёлаш гузаронид, ки ин мардаки доғулӣ ва фиребгар ҳар чӣ кор карда метавонад, чӣ тавре ки бо дигарон кард ва мекунад. Вай, Тӯтӣ, котиба шуда аз баъзе кирдукори бади Билолов хабардор шуда буд.

Маълум мешавад, ки ба Хоркаш, ба ҷавони содда никоҳ карда дода шудани вай бемақсад набудааст. Билолов мехостааст, ки Хоркашро барои айши худ сарпаноҳ кунад... Пас, чӣ бояд кард. Аз дасти Билолов халосӣ нест. Вай метавонад ӯро расвои олам кунад. Барои ин вай ҳам пул дорад, ҳам ҳокимият дорад, ҳам одам дорад... Беҳтар он аст, ки Тӯтӣ муросо кунад, мадоро кунад. Расво ҳам нашавад, Билоловро ба худ душман ҳам накунад. Аз саховат ва ишқу муҳаббати ӯ дониста истифода барад.

— Метарсам, ки расвои ду ҷаҳон мегардем, — гуфт ниҳоят вай. — Ҳам шумо ва ҳам ман!

— Не, азизам, — не! — гуфт боз ҳарисона оғӯш кушода Билолов. — Ман коре кунам, ки ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад!

Инро гуфту Тӯтиро дар оғӯш кард ва аз рухсору пешонаю гардани ӯ бӯсидан гирифт. Сарбанд аз сари Тӯтӣ афтод; Мӯйҳои сараш парешон шуданд... Ниҳоят вай ба зӯр худро наҷот дода гуфт:

— Бас, бас, сабр кунед! Имрӯз ҳаминаш бас! Хоркаш омада мемонад...

— Хайр, майлат, — гуфт Билолов ҳарсосзанон. — Хайр майлат, ман розӣ, ман қаноат кардам. Бори дигар бафурсаттар вомехӯрем, ҷони ман!

— Хуб, хуб! — гӯён Билоловро аз хона берун кард Тӯтӣ ва як оҳи сабуке кашида аз туғёни ҳаяҷон ба замин нишаста монд...

Ҳанӯз Тӯтӣ ба худ наомада, ҳанӯз Билолов аз ҳавлӣ чандон дур нарафта, Хоркаш даромада омад. Ҳолати Тӯтиро дида ҳайрон шуд.

— Худаш чӣ гап? — гуфт вай. — Билолов саросема аз ҳавлии мо баромада рафт, ба ман нигоҳе ҳам накард. Шумо дар ин ҷо нишаста мондед? Мӯҳоятон парешон?

— Ҳеҷ гап не! — гуфт Тӯтӣ. — Камтар тобам гурехт, дилам дард кард...

— Не, одами касалро наметавонанд! — аз чӣ буд, ки қайсарӣ мекард Хоркаш. — Дар ин ҷо ягон гапи дигар ҳаст!

— Гапи дигар чӣ мешуд?

— Шумо медонед, падархондатон медонанд?

Бале, Саъдии бузург рост мегӯяд: Ҳар беша гумон мабар, ки холист, шояд ки паланг хуфта бошад! Хоркаши хоксор, Хоркаши камгап ва мулоимфеъл, Хоркаши бекасу кӯй ва хизматгор ҳам дар дилаш гапҳои бисьёре, шубҳа ва андешаҳо дошт.

Аввал ин ки сабаби нохост ба илтифоти раис — Билолов сазовор шуданашро надонист. Хайр, гуфт, бо садоқат кор карданам ба раис маъқул шудагист. Баъд саховати аз ҳад зиёди вай ӯро тамом гаранг карда монд. Ҷиҳози хона, костюмҳои коверкот, пул, чиз... Барои дар идора нағз кор кардан ягон раис, ягон сардори идора аз кисаи худаш ин қадар инъом намекунад!

Хоркаши содда пас аз ситонидани ин қадар инъом, ин қадар эҳсон дар пазди Билолов худро муттаҳам барин дид ва интизор буд, ки охири кор чӣ мешуда бошад. Лекин ҷуръат карда, пурсида наметавонист ва ягон одами пездик ҳам надошт, ки маслиҳат кунад. Ниҳоят ба Тӯтихони танноз хонадор карда шуданаш ӯро аз по даровард. Хоркаш ин дафъа донист, ки дар таки коса бояд нимкоса бошад. Шояд Тӯтӣ нодухтар аст ва ба ӯ никоҳ карда дода аз исноди бад халос шудан мехоҳанд. Хайр, майлаш гуфт ба худ Хоркаш, яксоата подшоҳӣ подшоҳист. Бо Тӯтихон зану шӯ шуданро кӣ орзу намекунад! Дар байни мардум, дар байни ёру ҷӯраҳо сарбаланд гаштан, шавҳари бехтарин духтари район шудан бад не албатта, хусусан, ки Хоркаш ҷавони тануманд, айни фурсати хонадориаш буд.

Лекин бокира ва покиза баромадани Тӯтихон, хусну ҷамоли бемисоли вай, чаққонӣ, хонадории вай аз дили Хоркаш шубҳаю андешаҳоро як дарача берун

карда бошанд ҳам, боз як суоли сахт шабу рӯз сари ӯро гаранг мекард. Пас, бо чӣ сабаб Тӯтихон ба вай расид? Чӣ лозим буд, ки Билолов харҷи бисьёре карда ин ақди никоҳро сохт? Вай ҳеҷ намефаҳмид...

Рӯзҳои охир, ки камилтифотӣ, хунукназарии Тӯтиро нисбат ба худаш ҳис намуда буд, шубҳа ва андешаҳояш боз ҳам авҷ гирифтанд ва инак ҳоло ҳама чиз ба вай гӯё аён шуд. Вай дид, ки Билолов саросема аз ҳавлӣ баромада рафт ва Тӯтӣ ба ҳолати парешонӣ дар миёни хона, ба рӯи қолин нишаста мондааст. Пас воқеа маълум!

— Ду каса шуда мани соддаро фиреб додед!

— Девона шудед! — гуфт ҷаҳлаш бархоста Тӯтӣ.— Чиҳо гуфта истодаед!

— Ҳар чӣ ки буду шуд, ҳамонро мегӯям! — гуфт Хоркаш. — Ба ман хиёнат кардед, сари маро хам кардед!

Тӯтӣ гирья карда сар дод ва рӯмоли сарашро аз рӯи қолин гирифта ба чашмаш гузошт.

— Ман ҳайрон будам, ки Тӯтихон аз чӣ сабаб ба ман мерасанд, — гуфт андешаашро ба забон оварда Хоркаш... — Ман-ку як одами камбағал, бекасу кӯй ва содда. Маълум шуд, ки нақшаю плон будааст. Шавҳар дорӣ, дорам! Лекин...

— Чӣ лекин!? — гуфт рӯмолро аз чашмаш дур карда Тӯтӣ. — Чӣ лекин?! Кӯрнамаки ифлос!?!

— Ҳа-а?! — гуфт дар ғазаб шуда Хоркаш. — Ман кӯрнамаки ифлос?! Ту... ту...

Вай дигар гап зада натавонист ва як шатронии обдор ба рӯи Тӯтӣ фаровард. Тӯтӣ чир зада худро ба рӯи қолин партофт. Хоркаш аз мех телпаку ҷомаи нимдошти худро гирифту аз сандуқчае, ки дар тоқи хона меистод, якчанд сӯм пул гирифта баромада рафт...

* * *

Нохост ғоиб шуда мондани Хоркаш якта-дутаҳоро безобита карда бошад, милиция ва органҳои тафтишро ба хавотир андохт. Чандин бор Тӯтиро ҷеғ зада пурсиданд. Вай мегуфт, ки намедонам, ба идора рафта буданд, баргашта наомаданд. Аз Билолов пурсита буданд, вай ҳам намедонам гуфт. Лекин дар дилаш во-

ҳима ҷо гашт, шабҳо хобаш намебурдагӣ шуд. Одамҳое пайдо шуданд, ки ба райком навишта доданд, хабар доданд, ки Билолов Хоркашро нохост писархонд карду беҳтарин духтари районро никоҳ карда дод, лекин худаш ба он духтар ошиқи бекарор буд. Шояд ба нест шудани Хоркаш Билолов сабаб бошад ва ғайра ва хоказо...

Ин тавр мактубҳо сабаб гаштанду комис комиссия омадан гирифт. Аз марказ одамҳо порахӯриҳо, корҳои ғайриқонунии Билоловро партофтанд ва дар бюрои райком масъаларо д аз партия хориҷ карданд ва аз кор рондаанд. ба марказ рафт, ба сад ҷо сар халонид, гирьяю бисьёре, тавбаю тазарруъи бисьёре кард ва дар натиҷа ба вай выговори сахт дода, ба лавҳи кор партиявиаш навиштанд. Вале дар Қарамазор ба ва надоданд. Пас ба назди Мирҳайдар омада та кард, ёрӣ пурсид. Раиси мо, ки раҳмдил аст ва мати собиқи Билоловро медонад, восита шуду ӯро ба колхози худаш гирифт ва сардори участка таъин намуд.

Билолов кӯчида ба қишлоқи Санги Сафед омад ва пас аз шаш моҳи беғиллу ғаш кор карданаш аз раис илтимос кард, ки як духтархонди бекас ва ғариб дорам, агар иҷозат шавад, ӯро ҳам кӯчонда биёрам.

Раис рухсат дод. Билолов хурсанд шуда Тӯтиро холаашро кӯчонида ба қишлоқи Санги Сафед оварда ба як ҳавлии майда, ки дар канори қишлоқ буд, ҷойгир намуд...

Тӯтиро дар як бригадаи пахтакорӣ табелчӣ таъ намуданд. Вай хурсанд шуда аз дилу ҷон ба кор ча пид ва фаъолият нишон додан гирифт. Лекин Билол ҳар замон зиндагии хуши ӯро халалдор мекард, ин кӣ мекард, рашк мебурд, бисьёр фаъол нашав, бо ҷа вонҳо камтар нишин, наздик нашав, дониста кадам мон ва ҳоказо мегуфт. Ниҳоят имрӯз ба хонаи вай мехмони нохонда шуда омадани Имом Қенча ва эшо ни Санги Ҳамвор ва таклифи разилонаи онҳо ба ҷо наш расонид. Дигар тоқат карда натавонист, ба «мех монҳо» гуфт, ки фармонашонро иҷро мекунад, вале дар дилаш нияти дигар кард.

Тӯтӣ таърифи раис — Мирҳайдарро бисьёр шуни буд. Одами поквиҷдон хушахлоқ ва ҷиддӣ будани ӯро

медонист. Бинобар он ба назди Азиз чи тавре ки фармуда буданд, нарафта ба правленияи колхоз ба кабинети раис рафта даромад.

— Салом, бобо-раис, — гуфт вай бо ҳаё ва хиҷолат. — Ман аз участкаи Санги Сафед, номам Тӯтӣ...

Раис, ки дар дасташ қадом як коғазе буд, номи Тӯтиро шунида, ба ҷояш гузошту ба рӯи гӯянда нигоҳ кард. Тӯтӣ гӯё аз хиҷолат сар ҳам кард.

— Тӯтӣ? — пурсид раис. — Духтархонди Билолов? ба ном духтархонди сарсахти Билолов, — духтарак.

Раис аз ин ҷавоб ҳайрон шуд:

— Чаро сарсахт будаӣ? — боз пурсид вай.

— Саргузаштам дароз аст! — гуфт Тӯтӣ... — Ман ба назди шумо ба арз омадам. Ба ман пушту паноҳ шавед, маро аз балои одамони беҳаё халос кунед!

Раис то як дараҷа саргузашти Тӯтиро аз Билолов шида буд. Билолов нисбат ба ин духтари соҳибҷамол, вале бадбахт «оличанобона» рафтор карданашро аз дасти мардони нобоб халос карданашро, ба як ҷавони зебо ва хоксор тӯй карда доданашро гуфта дода буд. Лекин саргурез шуда рафтани шавҳари Тӯтиро дигар хел карда гуфт: гӯё вай ба шикор рафта баргашта наомадааст.

— Чӣ хел одамҳо? — пурсид раис. — Чаро ба милиция ва прокурор арз накарда, чаро аз Билолов мадад напурсида ба назди ман омадӣ?

— Як марди шилқин ва беҳаё худи Билолов мебошад, — гуфт Тӯтӣ.

— Охир, вай падархонди ту нест?

— Ҳамин тавр мегӯяд...

— Наход, ки дурӯғ гуфта бошад?

— Дурӯғ! — гуфт Тӯтӣ ва гирья карда сар дод.

Раис каме хомӯш ба гирья карданҳои Тӯтӣ назар карда истоду гуфт:

— Ором шав духтарам, ором шав! Агар пинҳон набошад, ба ман кирдори онҳоро нақл кун.

Тӯтӣ андаке ором шуду саргузашти худро мухтасар баён карда дод ва дар охир илова намуд:

— Ба ин ҷо омада нағз кор карда мегаштам, ҳарчанд, ки Билолов ба зиндагии ман халал дода меистод. Имрӯз кор аз ҳад гузашт, дигар тоқат карда натавонистам, ба назди шумо омадам. Ба ман пушту паноҳ шавед, раисҷон!

— Имрӯз чӣ шуд? — пурсид раис.

Тӯтӣ воқеаи меҳмон шуда омадани Имом ва Эшонро баён карда гуфт: — Акнун мехоҳад, ки маро барои мақсадҳои нопоки худ кор фармояд.

— Маълум! — гуфт раис. — Туро ҳам ба хиёнати худ шарик карданӣ. Лекин ту хуб кардӣ, ки ба онҳо таслим нашуди, офарин! Мо аз пан фош кардани хиёнаткорҳо мешавем. Ту ба мо ёрӣ мерасонӣ.

— Ҷонамкатӣ, лекин аз Билолов метарсам.

— Натарс! Мо чунон кунем, ки худашон нафаҳмида монанд. Мехоҳӣ туро ба дигар кор монем?

— Ба чӣ кор?

— Хату савод дорӣ?

— Дорам, синфи даҳумро аъло тамом кардам.

— Набошад, туро мудири китобхонаи ҷамоаи худамон таъин мекунем. Дар қарибии идора китобхона кушодем. Ҳар рӯз омада, китобдорӣ карда мешинӣ, аз Билолов дуртар мешавӣ.

— Садақаи гуфторат шавам! — гуфт Тӯтӣ хурсанд шуда. — Лекин пушту паноҳам шав!

— Ман Билолов барин пушту паноҳ шуда наметавонам, — гуфт раис. — Лекин касе туро озор диҳад, ба ман гӯй, ё ки ба рафиқ Азиз арз кун!

— Хуб, бобо-раисҷон! — гуфт Тӯтӣ.

— Имрӯз ба корат бирав, ман ба Шакарзода мегӯям, туро аз фармон гузаронида, мудири китобхона таъин мекунад, пагоҳ ба идораи ҷамоа — ба назди Шакарзода биё, ҷои корат, тартиби коратро нишон медиҳад.

Тӯтӣ хурсанду шод баромада рафт.

18

Тӯю тамошо, маъракаи заношӯии ду ҷавон чӣ хуб одатест! Ҳамаи халқҳои олам дар ин рӯз шодмонӣ мекунанд, хурсандӣ мекунанд, месароянд, мераксанд ва меҳмондориҳо мекунанд...

Пештар, дар замони амир бойҳо ва амалдорҳо як ҳафта-даҳ рӯз тӯй медоданд. Бузкашиҳо, гӯштингириҳо, тарфбозиҳо ва базмҳои ҷамшедӣ мекарданд. Сохибони тӯй чӣ қадар харҷ кунанд, ҳамон қадар дармад ҳам мекарданд. Он касоне, ки ба тӯи онҳо хабарӣ шуда меомаданд, дасти хушк намеомаданд. Баъзе бойҳо якто-дуто не, пода-пода бузу гӯсфанд меовардаанд, аспу шутур меовардаанд, сандуқ-сандуқ ҷомаю либос меовардаанд, ҳатто пул медоданд. Мардуми баъзе қабила ва қишлоқҳо (ба мисли ургутиҳо) аз паси тӯй коматашонро рост карда, аз нодорамӣ наҷот меёфтанд. Аммо камбағал ва нодорамҳо тӯй карда наметавонистанд, агар тӯй кунанд ҳам, то ба хекиртак ба қарз меғӯтиданд ва дар натиҷа як умр ғуломи бой ва давлатмандон гашта мемонданд.

Дар замони мо тӯйҳо чанд ранг гирифт. Аввал «тӯи сурх», «тӯи комсомолӣ» ном тӯйҳо ҷорӣ шуданд. Дар ин тӯйҳо бисьёртар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, комсомол, профсоюзҳо ҳаракат мекарданд, дар байни худ пули нона ҷамъ мекарданд ва бо хароҷоти каму хурсандии бисьёр ду ҷавонро ба ҳам пайванд менамуданд. Лекин вақтҳои охир боз ҳамон тӯю одатҳои қадима ҷорӣ шуданд. Дар шаҳру қишлоқ чунон тӯйҳои калон мекунанд, ки дар онҳо аз ду сад то шаш сад нафар одам иштирок мекунад. Се-чаҳор гӯсфанд, як-ду барзагов, садҳо шиша арақу коньяк, садҳо дона нон, ҷувол-ҷувол биринҷ, қанд, қандалот ва ғайра сарф мешавад. Исрофкории бисьёре... Ин ба ғайр аз қалин, ба ғайр аз либосу палосу телевизору мебелу ҳатто автомобиль...

Баъзан оилаҳои на чандон сердаромад ҳам тӯйҳои калон, исрофкориҳои бисьёре мекунанд ва ба қарз ғӯтида мемонанд. Агар пурсед, ки чаро ба кӯрпаи худ нигоҳ накарда по дароз кардед, чаро ин қадар тӯи калон кардед, чаро ин қадар одам, ин қадар исрофкорӣ? Мегӯянд, ки дар байни мардум, дар байни ҷамъият сар бардошта гаштем. Мо аз фалонӣ ва фалониҳо камтар ҳастем-чӣ? Фалонӣ сесад кас хабар кард, мо чаро чаҳорсад кас хабар накунем? Фалонӣ дар рӯзи ЗАГС даҳ автомобили «Волга», мо чаро понздах «Волга» наорем! Фалонӣ рӯзи ЗАГС-ро аз як тӯй камтар накарда, мо чаро накунем ва ғайра ва ҳоказо...

Хайрият, ки дар баъзе шаҳрҳо комитетҳои маҳаллаҳо ва комиссияҳои тӯю маъракаба ин хел исрофкориҳо рох намедиҳанд, тӯйро ба андоза ва шодкомона карда мегузаронанд.

Тӯи Зафар ва Зулфияро ҳам як қисм хешу таборҳо ва баъзе аъзоёни правленияи колхоз ҳамон тавр калон

ва серхарочот карданӣ шуданд. Баъзе даҳонкалонҳо аз миёнашон харч карда тантанаю дабдаба карданӣ шуданд. Лекин Мирҳайдар ва Азиз ба ин корҳо монеъ шуданд ва қарор доданд, ки тӯйро дар ҳавлии домод— яъне дар ҳавлии Зафар (чунки калонтар ва имконияташ бештар буд) гузаронанд. Рӯзона ба аҳли қишлоқ чою ширинию шӯрбо диҳанд, бегохони барои сад кас чавонҳо ва хешу табор як базми чамшедӣ карда, З.ИГС-ро дар хамон чо, дар худи тӯй кайд карда гузаронанд. Ҳам тарафи арӯс ва ҳам тарафи домод ба ин розигӣ доданд. Лекин...

Лекин ҳам аз тарафи домод (хусусан модар) ва ҳам аз тарафи арӯс боз як маъракачаи пинҳонӣ гузарониданӣ шуданд, ки широ ранс ва дигарон намедонистанд. Ин расму русуми кӯҳнаи мусулмонӣ — акди никоҳ буд. Барои ин як рӯз пеш аз тӯй, дар хонаи арӯс як панҷ-шаш нафар хешу табор ҷамъ шуданӣ, эшони Санги Ҳамворро чеғ заданӣ ва як коса обро дар байни монда хутбаи никоҳро хонданӣ шуданд.

Ба ин кор аввал Зулфия ва баъд Зафар мукобилат карданӣ, монеъ гаштанӣ шуданд, вале фонда накард. Ҳар ду модар ҳам гиристанд, доду фарьёд карданд. Неъмат, мулло Эшназар барин одамҳо ба миён даромаданд, ваъда доданд, ки ин корро хапу туп ва беовозаю дарвоза мекунанд ва аз ин кор ба чавонҳо зиёне намерасад, балки бахташон кушода мешавад, қӯшапиру аёлманд мешаванд ва ғайра ва ғайра... Пас чавонҳо маҷбур шуданд, ки розӣ шаванд.

Инак тӯи «махфӣ», тӯи мусулмонӣ дар ҳавлии арӯс, дар ҳавлии Зулфияино барпо шуд. Ҳавлии Зулфияино дар қарибии ҳавлии Неъмат буда, чандон калон набуд. Лекин навсохт, озода буд ва девор надошт. Ба ҷои девор панҷараи оҳанин ва тутчаи ҳамеша сабз шинонда буданд. Лекин агар одами қадбаланде омада дар паси он истад, ҳаман чорабиниҳои рӯи ҳавлиро дида метавонист.

Якто буз кушта буданд. Дар деги калон, ки ба болои кӯраи оҳанин меистод, кабоби хушбӯ мечӯшид. Хешбачаҳо хизмат мекарданд. Аз самовари калон ба чойникҳо чой дам мекарданд, табақу косаҳоро шуста ба наздики дег ҷамъ мекарданд, ба мехмонҳо хуш омадед мегуфтанд.

Рӯз бегоҳ мешуд. Дар хонаи калони чаҳоргӯша, ки

зали иморат буд, ба замин ҷо дуруст карда буданд, қолин густурда, кӯрпаю кӯрпачаҳо андохта буданд.

Дар пешгаҳ Санги Ҳамвор, дар паҳлуяш Неъмат ва як-ду мӯсафед, дар поёнтар додари Зулфия ва дигар хешу таборон менишастанд. Санги Ҳамвор дар сӯҳбат ба дигарон навбат намедод:

— Рӯзе дар шаҳри Бағдод тоҷире, яъне савдогаре бо зани ҳуд таом хӯрда менишастанд. Дар назди онҳо мурғбирьён, нонҳои равғанӣ ва оши палав буд. Дар айни баштаҳо хӯрда истоданашон гадое ҳалқа бар дар зад ва гушнагии худро изҳор кард. Тоҷир — марди сангдил бо вуҷуди таоми бисьёр буданаш ба дасти гадо пораи ноне надода, бо сахтгапӣ ӯро аз дараш ронд. Гадои бечора, ки гушна буд, малулу ғамгин дур шуд. Пас аз рӯзе тоҷир ба шикаст вохӯрд, молҳояшро қарзхоҳон бурданд ва чунон шуд, ки ба таъмини зан дармонд ва нафақа дода натавонист ва маҷбур шуд, ки занро талоқ диҳад. Занак пас аз гузаштани идда ба шавҳари дигар расид. Рӯзе ба шавҳари дигараш дар хона таом хӯрда истода буданд, дар наздашон мурғбирьён, нонҳои гарм ва равғанӣ ва дигар чизҳо буд. Ногоҳ гадое омада бар дари хона садо дод. Мард занро гуфт, ки ба он гадо порае мурғбирьён ва нон бароварда деҳ. Зан чун қариби дарвоза омад, оҳу фиғон кард ва нону мурғбирьёнро дода ба хона баргашт ва аз чаври замона нолида гуфт, ки ин гадо шавҳари аввалини ман аст, ки дар вақташ тоҷир буд, бой буд ва ҳамеша дар дастурхонаш нозу неъмат фаровон буд.

Шавҳари дуюмаш гуфт, ки ин чаври замона нест, балки интиқоми аст. Зеро ки ман ҳамон гадои дилшикаста будам, ки рӯзе маро ин кас аз дари хонаи худ бо сахтгапӣ ронда буд ва имрӯз бар дари ман ба ҳамон ҳоли ман омадааст...

Санги Ҳамвор нафасе гирифту хомӯш монд. Аҳли сӯҳбат сар ҷунбонда ӯро таҳсин карданд.

— Замона як ранг намеистад, — гуфт як мӯсафед. — Имрӯз ту бой бошӣ, фардо гадо мешавӣ!

— Ба бечорагон раҳму шафқат кардан лозим! — гуфт дигаре.

— Қиссаи ибратбахше гуфтед, тақсирам, — гуфт Неъмат.

— Бале, бале, — гуфт Санги Ҳамвор. — Ин қисса

аз мавлоно Саид Абдулфаттоҳ разаюллоҳи анҳу аст. Бузургон бехуда ин қисса ва тамсилҳоро нагуфтаанд. Мебоист мо гунаҳкорона ҳам аз ин гуфтаҳои пурмаъни ибрат гирем. Дар корамон ва рафторамон хушьёр бошем, ки дар қафои ҳар кирдори мо, ҳар ҳаракати мо, ҳар муомилаи мо мукофоте (ё хайр, ё бад), ки тиқоме гузошта шудааст. Ана, ҷаноби раиси мўҳтарам ва бобаракот, Мирҳайдар оличанобона илтифот намуданд ва ба ин камина иҷозат доданд, ки дар қишлоқи Пасичар ҷойгир шуда, ба халқи худо хизмат кунам, дар рўзҳои хурсандӣ ва тўю маъракаи халқ худоро ба шукрона ёд карда, дасти хизмат пеш гирам ва дар рўзи мотаму азодорӣ дуою фотиҳа хонам ва ба арвоҳи гузаштагон бахшам. Илоҳо, худованд аз пешгоҳаш ба он кас нозу неъмати фаровон, обрўю эътибори аз ин ҳам зиёдатар бахшад, омин! Бирахматика ё арҳамарроҳимин!

Эшони шайтон медонист, ки раис ба вай «хизмати халқро кун» гуфта иҷозати иқомат надода буд, балки шарт ҳамин буд, ки вай бояд дар ферман Неъмат қаровулӣ кунад, бо мехнати ҳалол нон хўрад. Вай ниро нагуфт, зеро ки ба кори ферма нарафта буд, имрўзпагоҳ гуфта вақт мегузаронид.

Пас аз он ки ҳама даст бардошта омин гуфтанд.

— Хўш, — гуфт боз Санги Ҳамвор. — Ҷаноби домодшаванда наомаданд?

— Ҳозир омада мемонанд, — гуфт поёнангиҳо. — Аз ин нозу неъмат чашида истанд!

Дар байн дастурхон пахн буд ва ба рўи он нонҳои равғанӣ, кулчаҳои ширмол, нонҳои тунуки чапотӣ, майиз, мағзи чаҳормағз, қанду қандалот, себу ношпотӣ гузошта шуда буд. Чанд нафар чой кашида ба мехмонҳо муроат мекарданд. Вақте ки дар миён андак хомўшӣ афтод, як марди ҷавон аз поён суол дод:

— Тақсир, ба шумо як суол! Ҳамин... дар вақти зангирӣ ақди никоҳ накарда, бо қайди ЗАГС рафта гирад, чӣ мешавад? Охир, дар як ҷо шумо барин мулло ёфт мешавад, дар ҷои дигар нест.

Санги Ҳамвор фикр карда истоду гуфт:

— Дар шароити мусулмонӣ ақду никоҳ мекунанд, яъне ки хутба хонда, шоҳид гузаронида, дасти ду ҷавонро ба ҳамдигар медиҳанд. Аммо дар замони ҳозира ЗАГС мекунанд. Ин ҳеҷ фарқе надорад. Дар хутбаи мусулмонӣ ҳам ҳамон шарту шароитро ба назди арўсу домод мегузоранд, ки дар ЗАГС мегузоранд. Дар хутбаи мусулмонӣ шоҳидҳо гувоҳӣ медиҳанд, дар ЗАГС ҳам шоҳидҳо имзо мемонанд. Ниҳояте дар хутбаи мусулмонӣ як коса обро дар байн мемонанд ва пас аз хонда шудани хутба домод ва дигарон аз он об мечашанд. Аммо дар ЗАГС, мегўянд, ки шампон менўшанд. Ана ҳамин.

— Набошад, хутба нахонда ба ЗАГС рафтан гирад, мешудааст-дия? — боз пурсид ҳамон ҷавон.

— Албатта мешавад! — гуфт худбоварона Санги Ҳамвор.

Ин ҷавоби ўро шунида мўсафедҳо ҳайрон ва бо шубҳа ба рўи эшон нигоҳ карданд. Аммо ҷавонҳо хурсанд шуданд ва ба эшон эътиқод бастанд.

— Бе ақду никоҳи мусулмонӣ занушўӣ ҳаром аст! — гуфт як мўсафеди бадҷаҳл.

— Бе хутба хондан зан зан намешавад! — гуфт дигаре.

— Модом ки эшони Санги Ҳамвор мегўянд, мешавад! — гуфтанд дигарон.

— Сабр кунед, сабр кунед, бародарон! — гуфт Санги Ҳамвор. — Ҳама медонанд, ки ман аъзои фирқа, коммунист нестам ва ба дини муҳаммадӣ, ба дини ислом эътиқоди куллӣ дорам ва мадраса хатм карда ҳастам. Наход ки ман ба ҳамин тавр суоли сахт, ки ин додарам дод, надонистаю намонда ҷавоб дода бошам?! Шумо, қиблагоҳ, лафзи арабиро намедонед ва маънои хутбаро намефаҳмед. Маънои хутба ҳамин, ки шавҳаршавандаро огоҳ мекунад, занро ҳурмат кунед, бенафақа партофта наравед, аз ҳолаш хабардор бошед ва ғайра... Арўсшавандаро мепурсад, ки ба фалонӣ расидан ва бо вай якҷоя зиндагонӣ кардан меҳоҳӣ, ё не. Агар арўс розӣ бошад ва «ҳа» гўяд, онгоҳ шоҳидҳо гувоҳӣ медиҳанд ва мулло хутба хонда мегўяд, ки ин ду ҷавон ба ризои худованд ба ҳам заношў шуданд, вассалом.

Ин ба ҳамон мемонад, ки рўзе шахсе дар сафар бар сари чоҳе расид ва мехе аз чўб дуруст карда бар замин кўфт ва аспи худро ба он мех баста нишаст, таом хўрд, об нўшид ва пас аз фароғат бар асп сувор шуда ба роҳ даромад ва мехро ҳамон ҷо гузошт, то

ки ҳар мусофире, ки ба он ҷо расад, маркаби худро ба он мех бандад ва дам гирад ва ин кор бонси савоби он бошад. Чун фурсате гузашт, як шахси пиёда, ташнамонда ба сӯи чоҳ мерафт ва ногаҳ пояш ба он мех бархӯрда афтод ва дар ғазаб шуда он мехро канда партофт то ки дигаре ба ин бало гирифтор нашавад. Донишманде аз ин ҳодиса бохабар шуд ва гуфт: ҳар дуро ният бахайр буд, агарчи амалашон дигар! Мақсад аз ин масал ҳамин ки гап дар тарзи кор нест, балки дар маънои он аст. ЗАГС ва хутба як маъно доранд. Бинобар он фарқ надоранд. Лекин безагс ва ё бехутба хонадор шудан ва ба шавҳар баромадан норавост.

Ҳарчанд ки ин масали эшони Санги Ҳамвор — яъне мех задану мехро канда партофтан ба ЗАГС кардану ба никохи мусулмонӣ чандон намечаспад, лекин вай барои исботи донишмандии худ, барои изҳори фазли худ ҳикояти ба хотираш омадаро гуфта дар охир «гап дар тарзи кор нест, дар маънои он аст», гӯён вобаста карда монд. Вай хеле закӣ буд ва медонист, ки дар ин сӯҳбат одамони раис ва ҷавонҳо бисьёранд ва бинобар он худро «сурх» нишон додан лозим аст. Дар ҷои дигар мешуд, шояд вай ЗАГСу акду никохро як ва бефарқ карда нишон намедод ва албатта акди мусулмониро ҳатмӣ медонист.

— Тақсир, — гуфт, сухани охирини эшонро шунида шахсе аз поёни хона. — Набошад, чӣ лозим буд, ки имрӯз шуморо ба ташвиш андохта ба ин ҷо барои хутба хондан даъват кардаанд?

Ҳама лаппӣ карда ба рӯи ҳамдигар нигоҳ карданд. Ин суол ҳам ба эшон сахт буд, хам ба соҳибони хона ва ҳам ба дигарон. Гӯяндаи ин суол Имом буд. Имом писари Кенҷабои қарамазорӣ буд, ки бо таълими устодаш — Билолов сухан мекард ва дойрахабар шуда ба ин ҷо омада буд. Аз ин суоли Имом эшони Санги Ҳамвор якдарача оташин шуду ба рӯи гӯянда теғ кашида нигоҳ карда истоду гуфт:

— Ҷавони беандеша будед, додарам! Дар замони мо ҳам ЗАГС мекунанд, хам барои хотири мӯсафедон ва хотири падарону модарони пир хутбаи никоҳ мехонанд. Ин ҳеҷ зарараре надорад. Ба ин касе айбдор намешавад.

Дар ин дам хабар омад, ки домод омада истодааст...

* * *

Пас аз оши мардон, ки рӯзона ба аҳли деха дода буданд, бегохӣ дар хавлии Зафар столу стулҳо оварда, барои ҳафтод-ҳаштод кас ҷо дуруст карданд ва ҷавонони чобукдаст ба рӯи столҳо нозу неъмати фаровон чида баромаданд. Нон, санбӯса, мурғбирьён, гӯшти яхнӣ, мағзи дона, мағзи чормағз, донашӯрак, майиз, қанду қандалот ва ғайра... Ба толеи ҷавонҳо, ҳаво чандон хунук набуд, лекин осмонро абр пӯшида буд. Ба ҳар ҳол болои столҳоро чодир кашиданд, атрофро бо қолину шолҳо печонида гирифтанд, лампаҳои калони электрикиро қатор карда овехтанд, ҳатто ба зери пои меҳмонҳо, дар таки столҳо тахта ва фанерҳо гузоштанд, ки нам накашанд ва коре карданд, ки ҷои тӯй дар ҳақиқат ба қасри айшу нӯш монанд шуд.

Аз соати панҷи бегоҳ сар карда меҳмонҳо омадан гирифтанд. Бригадирҳо, занҳои онҳо, одамони идораи колхоз, сарбухгалтер, муовинҳои раис, инженер ва бинокорон, директорон ва баъзе муаллимҳои мактабҳо омаданд. Дар охир чунин шуд, ки барои машшоқон, раққосон ва ҳофизон кати алоҳида гузоштанд.

Раис ҳамроҳи Шакарзода — раиси совети ҷамоа дертар омаду ба машшоқон фармуд, ки навохта истанд.

Сардори тӯй Абдураҳмон Саидбеков—сарбухгалтери колхоз буд. Вай даст ба даст, пой ба пояш намерасид. Гоҳ дар сари дегҳо, гоҳ ба назди меҳмонҳо давида хуш омадед мегуфт. Раис ӯро ҷеғ зада пурсид:

— Зафар ба овардани арӯс рафт?

— Ха, рафт, ҳозир гирифта меорад.

— Мошини манкатӣ?

— Бале.

— Очаи Зафар чӣ тавр?

— Дуруст-ку, дар хона нишастааст.

— Чаро ба назди меҳмонҳо намебарояд?

— Андак нотобам мега.

— Духтур ҷеғ задед?

— Духтур дар хамин ҷо...

Дар назди модари Зафар духтур набуд, эшони Санги Ҳамвор ва модари Неъмат менишастанд.

— Ман аз Зулфия инро ҳеҷ умед надоштам, — ме-

гуфт модар. — Сари писарамро гардонд, девона карду монд.

— Дуо кардагист,—гуфт модари Неъмат.

— Не, дуо накардааст, — гуфт эшон.—Агар дуо мекард, ман мефаҳмидам. Ҳаман муллохои дуохон мурид ман ҳастанд, ба ман хабар медиҳанд. Худи духтар дилбар аст ва Музаффари чавони пшкия дилбохта мондааст. Зарар надорад, хушбахт мешаванд.

— Не,—гуфт модар.—Хушбахт шуданашон гумон. Чунки Зулфия бисьёр баланд рафтагӣ, писари маро шавҳар барин намедонаду хизматгор карда мегирад.

— Ман ба шумо ду тӯмор медиҳам. Коре карда ба ду китфи писаратон, аз таки либосхояш ба камзӯлаш кӯк кунед. Баъд як чанд дуо, бо заъфарон навишта овардам. Инро об карда нӯшонед. Насиб бошад, келинатон ба шумо каниз, ба писаратон хизматгор мешавад.

Инро гуфту эшон аз бағалаш дуою тӯморхоро бароварда дод. Модари Зафар онхоро гирифта ба кисаи чомааш, ки дар мехи хона овезон буд, андохта монд ва баъд ба эшон ду-се когази дахсӯма дода омин гуфт.

— Ин давоҳо таъсир накунад, — гуфт эшон пулро гирифта,— ман боз аз ин зӯртарҳояшро оварда медиҳам.

— Худатон ҳам, — гуфт модари Неъмат, — мустаҳкам истед. Аз аввал сахт гиред, кор фармоед, писанд накунед, эрка накунед! Чунон шавад, ки ба ман қоил шавед.

— Ҳа, ҳа мегуфт эшон. — эрка накунед! Сахт гиред, ба хар чо рафтан намонед!

— Кошкӣ ман одамхо барин сахтгиру сахтгап бошам! — мегуфт модари Зафар ва ох мекашид...

Дар ин дам аз берун духтарҳо давида омаданд.

— Арӯсу домодро оварданд! — гуфтанд онҳо шодикунон.

— Баромадан лозим! — гуфт эшон ва ҳар се ба рӯи хавлӣ баромаданд.

Дар берун ҳимҳимае барпо гашта буд. Овози дойра ва нағмаи тору танбӯр ба осмон мепечид. Ҳаман дар сари стол нишастагон ба по хеста буданд. Пеш-пеш Абдурахмон роҳ нишон медод ва аз паси он арӯсу домод ва аз паси онҳо духтарони чавон ва писарони барно аз дарвоза даромада омада, дар пешгахи тӯйхона

ба сари столи махсус қарор гирифтанд. Ҳама нишастанд, ба ғайр аз арӯсу домод.

Пас аз осуда ва хомӯш гаштани мардум ва пас аз расмияти коркунони ЗАГС ва табрикхо ва имзо мондаҳо раис аз чо бархост. Аввал аз номи правления, ташкилоти партиявии колхоз ва шахсан аз номи худаш ва оилааш арӯсу домод, модарон ва хешу таборони онҳоро табрик ва муборакбод намуд ва баъд гуфт:

— Ман ҳамита медонум, ки ин тӯй — тӯи духтару писари ман аст! Ин тӯй — тӯи муваффақият ва комьёбихои колхозчиёни колхоз аст. Чунки арӯс имсол ҳам зӯр ғайрат кард. Бо мошина се сад тонна пахта чида ба давлат супурд. Дар мошина қаҳрамонона кор карда, ягон бор онро вайрон накард, бекор наистод. Ба худаш пайравон ва шогирдон расонид. Домод бошад, бухгалтериаи колхозро бекаму кост пеш бурда, ҳаман ҳисоботашро дар сари вакт ба чо овард. Ба ғайр аз ин ба пахтакорон ёрӣ расонида пахта чид, пахтаи мӯл чид, ба участкаҳо баромада корхои ҳисоботро ба роҳ гузошт. Бинобар он мо имшаб хурсандӣ ва шодмонӣ мекунем, ки ин ду чавони боғайрат ҳам кор карданд, ҳам бахти худро ёфтанд. Биёен, ба саломатӣ ва хушбахтии ҳамин ду чавон — Зафарчон ва Зулфиячон қадахи аввалро бардорем!

Пас аз чанд каси дигар Билолов сухан гирифт.

— Ман ин қадахро ба ёд ва ба ҳурмати арвоҳи падарони ин ду чавон ва ба хурсандию шодкомии модаронашон менӯшам. Падаронашон, мехнаткаш, фидокор ва одамони азиз буданд. Модаронашон ҳам мехнатӣ, фидой, ва азизанд. Ман ба чавонҳо таъкидкунон мегӯям, ки кадри модаронро донед! Хурматашон кунед! Аз рох ва гуфтаи модарон берун наравед! Хар чӣ кадре ки кори зарур бошад, фидои як дақика дилхушии модар кунед! Чунки модар шуморо тарбия карда, ба воя расонида, соҳиби бахту тахт кардааст.

Суханони бурро ва баланд гуфташудаи Билолов ба аҳли мачлис таъсири хубе бахшиданд. Бо таклифи Билолов ва аҳли мачлис хар ду модар ба миён баромаданд ва ба мардум таъзим карда, хуш омадед, гуфтанд. Хама ба по рост истода ба саломатии онхо қадах бардоштанд. Модари Зафар чӣ шуда буд, ки боз пакар шуд ва зуд рафта ба хона даромад...

Тӯй ба авҷи камолаш давом дошт, ки эшони Санги Хамвор омада, ба овозе, ки ба атроф шунида мешуд гуфт:

— Бобо-раис, аҳволи модари Зафар бад аст.

Инро Зафар шуниду аз ҷо бархоста ба хонаи модараш тохт. Онҳое, ки наздик буданд ва аз вокеа каме огоҳ гаштанд, парешонхотир шуданд. Раис — Мирҳайдар эшони Санги Хамворро сахт сарзаниш кард.

— Аз шумо айбу шарм не, ки тӯйро вайрон кардан мехоҳед!

— Модари Зафар...

— Ҳеҷ боке не, ба Абдурахмон оҳиста гӯед буд, духтур хаст!

— Надонистем, аз гунохам гузаред, бобо-раис!

Раис чавобе надоду аз паси Зафар ба хонаи модари ӯ рафт.

Модари Зафар ба рӯи кӯрпае дароз мехобид, рангаш кандагӣ буд, вале гап мезад, хушаш бачо буд.

— Ҳеҷ гап не, — мегуфт вай ба Зафар. — Бедарак тӯятро монда омадӣ. Ба ман осебе намерасад, сари ту саломат бошад!

— Чӣ шуд? Монда шудӣ магар? — пурсид раис.

— Надонам, — гуфт занак, — дилам беҳол гашт.

Дар ин дам духтур омад. Набзи занро дида гуфт, ки ҳеҷ вокеа не, ман дору медиҳам, сиҳат мешаванд. Ва аз кисааш шишачаи чакраи валерианро бароварда ба пиёла чакконда, бо оби ҳунук хӯронид.

— Доруят ҳам дар кисаат! — гуфт шӯхӣ карда раис.

— Чӣ кор кунам, — гуфт духтур.—Дили худам ҳам беҳолӣ дорад.

Ахволи модари Зафар хеле беҳ шуд ва бархоста нишасту табассум намуд.

— Илоҳӣ хушбахт шавӣ, писаракам!

— Албатта хушбахт мешавад! — гуфт раис.

Дар ин дам Зулфия ҳам даромада омад.

— Ба шумо чӣ шуд, оча, хайрият аст?

— Ҳеҷ гап не, воҳимаи бечо кардаанд, — гуфт модар ва даст дароз карда арӯсашро ба бар кашид ва аз рӯяш бӯсид. — Илоҳӣ қӯшапиру аёлманд шаветон!

Пас аз он ки аз модар хотирҷамъ шуданд, раис, Зафар ва Зулфия баромада боз ба ҷояшон қарор гирифтанд ва боз тӯй давом кардан гирифт.

Эшони Санги Ҳамвор худро хеле ногувор ва кӯфташуда хис намуда, зуд аз тӯйхона баромад. Неъмат, ки дар дами дар хизмат карда мегашт, эшонро дида гуфт:

— Ҳа, ба кучо? Билоловро дидед, шуморо кофта гашта буд?

— Чӣ кор дошта бошанд? — пурсид эшон. — Ман акнун ба хона равам гуфта истодаам.

— Тӯй акнун сар шуду ба кучо меравед? — гуфт Неъмат, ки каме сархуш буд. — Ҳозир артистҳои худамон хунарнамоӣ мекунанд, рақсу бозии калон мешавад.

— Саломат бошед, писар, ба мо рақс чӣ даркор!— гуфт оҳ кашида эшон. — Ба мо тиловати Қуръон бошад, дуою фотиҳа бошад, намозу ниёз бошад, кифоя!

— Лекин, — гуфт бо табассум Неъмат,— худатон мегуфтед, ки гоҳ худою расул, гоҳ нағмаю усул! Ҳатто як бор ба ман гуфта будед, ки мусалласи шаръӣ, ба кас рӯҳ ва имон мебахшад.

— Бале, бале,—гуфт эшон ба роли худ даромада.— Агар мусалласи шаръӣ бошад, агар онро ҳакимона нӯшед, албатта ғизои рӯҳ аст. Дар ин маънӣ ҳазрати Абӯалӣ ибни Сино нағз гуфтаанд:

Ғизои рӯҳ бувад бодаи раҳиқалхалқ,
Ки рангу бӯш занад рангу бӯи гулро дақ.

— Э, офарин, тақсир! — гуфт хурсанд шуда Неъмат. — Ман хам агар мусалласи шаръӣ бошад, агар халол бошад, кам-кам ҳакимона менӯшам, монанди баъзеҳо!...

— Ин дуруст аст,—худро ба нофаҳмӣ зад мулло.— Баъзеҳо халолу харомро дарк карда наметавонанд. То зоил шудани ақлашон менӯшанд. Набошад шароб дар шариат сахт манъ нашуда буд. Абӯалӣ ибни Сино мегӯяд ки:

Шаробро чӣ гунаҳ, гарки аблаҳе нӯшад,
Ба сӯи корд барад даст, ё ба сӯи садақ!

Ва низ мегӯяд ки:

Ғуломи он маи софам, ки аз рухи хубон
Ба як-ду чуръа барорад ҳазор гуна арақ,

Чу Бӯалӣ ту агар май хӯрӣ ҳакимона,
Ба ҳаққи ҳақ ки ба ҳақ ки мешавӣ мулҳақ!

— Салламно, салламно! — гуфт рӯҳ гирифта Неъмат. — Набошад бисёд, бо ман бисёд!

— Ба кучо?

— Ба он ҷое, ки ғизои рӯҳ бошад!

— Не, писарам, дар ин ҷо ғизои рӯҳ нест.

— Ман қасам мехӯрам, ки хаст! Ба хурмати сари азизи шумо! Биёед!

Эшон дид, ки агар бо Неъмат наравад, вай овозашро баланд мекунад ва диққати мардум ба онҳо ҷалб мешавад. Бинобар он ночор ҳамроҳи ӯ ба тӯйхона даромад. Неъмат эшонро ба сари оташдонҳо ва дегу табақ раҳсипор гашт. Дар он ҷо одамҳо кор карда мегаштанд, баковулҳо дар сари деги кабоб, дар даст кафгир кабоб мекашиданд. Неъмат як табақча кабоби сергӯшт кашида гирифту эшонро ба қафотар, ба кунҷе бурд, ки кати хурде менистод ва ба рӯи он либосҳо ва анҷомҳои баковулҳо гузошта шуда буд.

— Марҳамат, аз болои ин кат шинед! — гуфт Неъмат чизу чораҳои рӯи катро кафотар ронда. — Ман, шогирди бовафои шумо, намехоҳам, ки дар ин тавр шаби хурсандӣ шумо хафа бошед. Ана ин кабоб, нон, хӯш ки бошад, ана ин мусалласи шарӣ!

Инро гуфту Неъмат аз багалаш як шишаи чаҳоррах бароварда ба рӯи кат гузошт.

Эшон, ки ба рӯи кат нишаста буд, шишаро ба даст гирифту бо диққат нигоҳ кард.

— Ин шишаи магазин не-ку! — гуфт вай. — Ин шишаи шарбат, шишаи ҳакимон истеъмол мекардагӣ барин...

— Ба ин шубҳа накунед ҳам, мешавад! — гуфт Неъмат. — Ин як шиша мусалласи шаръиро ба ман Ҳаким Абӯисҳоқи балчувонӣ дода буд. Лекин фурсати нӯшидан набуд. Имшаб, ки ба тӯй хабар карданд, ба худ гирифтам, ки ба ҷои винои магазин, ки дар шаръ харом аст, аз ҳамин мусаллас нӯшам.

— Э, офарин ба шумо, мулло Неъмат! — гуфт эшон хурсанд шуда. — Ман ҳам як сол боз ба даҳонам нагирифта будам. Майлаш, имшаб як пиёла менӯшам. Агар гуноҳ бошад, худо аз гунохамон мегузарад, вай

лакбахш аст! Баъд мо ҳам одамем, мо ҳам дил дорем, мо ҳам хурсандӣ мехоҳем.

— Неъмат даҳони шишаро, ки бо пробка маҳкам буд, кушода ба эшон як пиёла рехта дод.

— Марҳамат, нӯши ҷон кунед!

Эшон пиёларо ба даст гирифту гуфт:

— Як рӯз хазрати шайх Умари Хайём дар сабзазоре нишаста, ҷому қадаҳу газак дар наздашон кайф мекардаанд ва ба қудрати худовандӣ қоил шуда ғазал мегуфтаанд, ки нохост шамоли сахте бархоста, дастурхони эшонро мебардораду ҷому қадаҳ ба замин ҷаппа шуда, шароби таҳуро мерезад. Инро дида, ҳазрат ба худо муроҷиат мекунанд ва мегӯянд:

Ибриқи ман маро шикастӣ, раббӣ,
Бар ман дари айшро бубастӣ, раббӣ.
Ман май хӯраму ту мекунӣ бадмастӣ,
Хокам ба даҳан, магар ту мастӣ, раббӣ?

Пас аз ин ногаҳ чашмашон ба онна афтода мебинанд, ки ҳарду бари рӯяшон сиёҳ шудааст ва дарҳол мефаҳманд, ки густохиашон ба худо нафоридааст. Пас ба даргохи қозиюлҳоҷот нолида мегӯянд:

Нокарда гунаҳ дар ин ҷаҳон кист, бигӯ!
В-он кас, ки гунаҳ накард, чун зист, бигӯ!
Ман бад кунаму ту бад мукофот диҳӣ,
Пас фарқ миёни ману ту чист бигӯ!

Инро ки мегӯянд, оллоҳи таоло аз гуноҳашон мегузарад ва баргашта рӯяшон сафеду нуронӣ мегардад. Ман ҳам менӯшам ва умед аз авфи парвардигор ҳаст.

Эшон пиёларо холӣ карда ба Неъмат дод. Ман дастии пуркувват ба рагу паи ӯ давида рафта, дарҳол таъсир бахшид, чашмонаш равшан гаштанд ва дунъё ба назараш оличаноб намуд.

— Шукр, сад ҳазор бор шукр! — гуфт вай. — Нӯшед, мулло Неъмат, кайф кунед! Ту ҳам тарфи кулаҳ бишкан, ки бишкан-бишкан аст имшаб!

Неъмат ҳам як пиёла пур карда нӯшид, аз гӯшти кабоб газак кард ва баъд ба эшон муроҷиат намуд:

— Мешунавед, тақсир, Санамҷон хонда истодааст. Овозаш булбул барин!

— Худи булбул, — такрор кард сухани Неъматро эшон. — Хусну ҷамолаш ҳам булбул... Не, парӣ барин!

— Рост, рост, — гуфта монд Неъмат ва боз шиша-рӯ ба даст гирифта ба эшон кашида доданӣ буд, ки вай аз дасти ӯ дошт.

— Ҳай, ҳай! — гуфт эшон. — Ҳаминаш кифоя, ҳам ба ман, ҳам ба шумо!

— Боз андак-андак?!

— Ашки булбул барин бошад, майлаш.

Неъмат камтар аз ним пиёла рехта дод, эшон нӯшид ва ҳис кард, ки чашмонаш бичирроС мезананд.

— Андак, зиёд шуд-дия, мулло Неъмат! — гуфт вай. — Хайр, аз расвои худо нигаҳ дорад!

Дар ин дам аз дур ба сӯи онҳо омада истодани Билоловро дида, Неъмат шишаро руст кард ва ба эшон кабобро муроот намуд.

— Аз кабоб гиранд, таксир! Ҷаноби Билолов омада истодаанд.

Эшон ҳам худро гирду ғун карда даст ба сӯи табаки кабоб бурд.

— Шуморо суроғ карда омада истодагиянд...

— Эҳтимол.

Билолов ба назди онҳо омада табаки кабобро диду табассум намуд.

— Ош шавад, ош шавад! — гуфт. — Газак хасту шаробаш канӣ?

— Марҳамат, марҳамат! — гуфт эшон аз ҷо бархостанӣ шуда, аммо «нахезед, нахезед, боҳузур!» гуфтани Билоловро шунида дар ҷояш монду ба гапаш давом дод: — Газак бошад, шароб хам ёфт мешавад, аммо камина аз ин нӯшокиҳо парҳез мекунам.

— Албатта, албатта! — гуфт нобоварона ба рӯи онҳо нигариста Билолов. — Шумо шайх, ин кас муридатон, шароб нӯшидан ба шумо манъ аст... аммо аз ман гурехта гаштанатонро нафаҳмидам. Қариб ним соат шуд, ки шуморо кофтуков дорам, дар ҳеҷ ҷо намеёбам.

— Ҷои мо ана ҳамин ҳел кунҷу бахилаҳо-дия, таксир! Хӯш, чӣ хизмат баромад?

— Тӯтихон дугонааш катӣ ба хона рафтан мехоҳад, — гуфт ба таври ҷиддӣ Билолов, — ба ғайр аз шумо ба дигар кас дилам пур не. Агар малол нарасад, ҳамрохи онҳо ба хавлиашон равед, як ҷояки нағзу мулоим партофта диҳад, дар ҳамон ҷо бахузур хоб кунед чӣ мешавад?

— Нуран ало нур мешавад! — гуфт эшон. — Ман худам ҳам ба хона рафтанӣ будам, тӯй ба дилам зад.

— Бисьёр нағз, набошад, ба дами дарвоза баромада истед, духтарҳо ки баромаданд, ҳамроҳ мешавед.

— Хуб, хуб ҷонам катӣ.

Мулло Эшназар, ё ки эшони Санги Ҳамвор дар дами дарвозаи тӯйхона мунтазир буд, ки аз дарун Тутихон ҳамроҳи дугонааш баромада омад.

— Салом, эшон-амак! — гуфт вай ба эшон. — Гуфтанд, ки шумо посбони мо шуда меравед?

— Бале, бале, — гуфт эшон. — Ман, ки ҳамроҳ шудам, роҳатон бехатар мешавад.

— Рост, — гуфт Тӯтӣ, — аз шумо аҷинаҳо ҳам ҳазар мекунанд.

— Метарсанд метарсанд!—гуфт мулло Эшназар ва хандид.

Аз тӯйхона камтар дур шуда буданд, ки дугонаи Тӯтӣ гуфт:

— Дугона, барои чӣ ин қадар зуд хестӣ? Боз якним соат тамошо мекардем.

— Пирсаг (мақсадаш Билолов) намонд, — гуфт Тӯтӣ. — Аз ҳама рашк мекунад, ба ман ҳеҷ рӯз нишон намедиҳад.

— Аз вай метарсӣ?

— Наметарсам, лекин тӯи бечораҳоро вайрон накунад гуфта, мулоҳиза кардам. Аз дасти вай ҳар кор меояд.

Эшон, ки аз онҳо якчанд қадам қафотар мерафт ва гӯшаш каме вазнин буд, ин сӯҳбати маҳрамона ва оҳиста гуфташудаи онҳоро намешунид. Ҳавои кушод, шамоли сарди тирамоҳ ба рӯи вай зада кайфашро бало бардошт ва бенхтиёр зери лаб замзама кард:

Ало, ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,
Ки ишқ осон намуд аввал, вале уфтод мушкилҳо...

— Ҳа, бале, таксир! — гуфт Тӯтӣ хандида.— Шумо бало будед-ку!

— Ҳусну ҷамоли шуморо дида, — гуфт эшон,—кас хофиз хам мешавад, маст ҳам мешавад, девона ҳам мешавад.

— Набошад, ба хусну ҷамоли ман нигоҳ накунеддия!

— Нигоҳ накардан хам намешавад, чашм худаш меравад! Ҷозиба, ҷозиба доред!

— Рост? Ман худам намедонистам. Агар зан намедоштед, ба шумо мерасидам, тақсир!

— Кошкӣ, кошкӣ, — гуфт эшон ва дарҳол ба хатои худ сарфаҳм рафт. — Кошкӣ ман ба зангирӣ имкон медоштам... Афсӯс, ки фурсат гузашт, пир шуда мондам. Акнун аз ман дуо!

— Не, шумо ҳоло аз сад чавон бакувваттар менамоед!

— Ин нури илоҳист, духтарам, — гуфт бо ғурур эшон.— Нури илоҳӣ! Набошад ,ин чисми нотавон кайҳо ба фано рафтагӣ.

Хамин хел сӯхбаткунон ба кишлоки Санги Сафед расиданд. Тӯтӣ бо супориши Билолов хост, ки ба эшон чой дуруст карда хобонад, вале вай нахост, ба хонаи худам меравам, ба рӯи чойнамозам нишаста дуо мехонам, гуфт.

Дар бозгашт яккаю танхо дар роххои бекаси байни кишлокхо мулло Эшназар аввал далерона кадам гузошта, фикре ва хаёлеро ба сараш рох намедод. Лекин вакто ки гузораш аз рохи поёни қабристон афтод, дилаш нохост шуввӣ карда рафт. Аз хаёлаш гузаронид, ки дар ин қабристон хоб кардагон аксарият пас аз дуою тӯмор ва хонданҳои ӯ халок шудагӣ ва бисьёриашон ӯро мешинохтанд... Наход, ки онхо ба вай таарруза кунанд? Наход ки дар сар кафани сафед, пеши рохи ӯро гиранд?... Не, вай ба онхо душманӣ накардааст, аз дуою тӯмори вай сихат нашуда бошанд, хости худост! Охир, вай ба сари қабри хаман онхо тиловати Қуръон хам кардааст!... Не, вай наметарсад. Хозир «Оятулкурсӣ»-ро хонда ба худаш медамад. «Оятулкурсӣ» хаман бурду балоро аз пеши рохи ӯ дур мекунад...

Лекин чӣ шуда буд, ки калимахои оятулкурсӣ ба хотираш намерасиданд. «Курсӣ, курсӣ, курсӣ» гуфту забонаш гирифт. «Шароби шаръӣ» кори худро карда буд. Вай хатто мекалавид. Худро ба даст гирифтанӣ мешуд, наметавонист. Ниҳоят як сураи хурди Қуръон— «Қулху оллоху аҳад» ба ёдаш расид ва онро се бор хонда ба атрофаш куфу суф карда буд, ки гӯё, хеле далер шуд ва зуд роҳ гашта аз қабристон дур шуду

ба рохи кишлоки худашон ба рохи хонаашон даромад. Ин рох сарнишеб буд, санглох буд. Чандбор калавида кариб афтода буд. Лекин худро нигах дошт. Вакте ки ба кӯчаи кишлок даромад, аз болои як чӯйчаи майда чахиданӣ шуда лағжиду худро дошта натавониста дароз афтод, сараш ба санге расиду аз ҳуш рафт...

19

Китобхонаи участкаи Санги Сафед дар кишлоки Саричӯ, дар маркази чамоаи Санги Сафед чо гирифта буд. Шакарзода бо маслихати бобо-раис Тӯтихонро хам мудири китобхона ва хам аъзои комиссияи назорати халкии участка таъин карда буд. Тӯтихон аз ин боварӣ рӯхбаланд шуда хеле хуб кор мекард. Аз аввали пагох бо фармоиши Шакарзода ҳамроҳи як нафари дигари аъзои комиссияи назорат ба фермахо, анборхо, бригадахо ва хатто ба магазинҳо рафта тафтиш мекард. Аксар вакт норасой ва камбудиҳоро кушода, молии чамъиятро аз талафот ва тороҷ нигах медошт. Раиси комиссияи назорати халкӣ худи Шакарзода буд. Вай ин ғайрати Тӯтиро дида, хурсанд мешуду ба раис— Мирхайдар таъриф мекард...

Онхо се-чахор рӯз пеш аз ин магазини молҳои саноатии кишлоки Саричӯро, ки дар он Имом Кенчаевро ба ихтимоси Билолов мудир таъин карда буданд, нохост тафтиш карданд ва камбудиҳои бисьёреро ёфта акт навиштанд. Маълум гардид, ки Имом Кенчаев сад дона рӯймоли шоли пашминро, ки колхозчиён ба он эхтиёчи калон доштанд, нафурӯхта, дар паси магазин руст карда мондааст. Нархи мӯза ва телпакҳои пашминро аз будаш зиёд карда фурӯхтааст. Пахтаи ба фурӯш омадаро аз мошин нафуроварда ба хавлии худаш бурдааст ва ғайра ва ҳоказо...

Шакарзода як нусхаи актро ба идораи дахлдори район фиристода, як нусхаашро ба раиси колхоз дод. Раис хам ба маркази район ба идораи савдои кишлок телефон кард ва аз он чо одам омада магазинро бастанд ва ба дараш куфлу мӯхр зада рафтанд.

Тӯтӣ мудири магазин—Имом Кенчаевро дуруст намешинохт, фақат хамин қадар медонист, ки вай одами Билолов аст. Одами Билолов мебоист ба Тӯтӣ наздик.

мешуд, мебоист Тӯтӣ асрори ӯро фош намекард, баракс ёри медод... Лекин чӣ шуда буд, ки Тӯтӣ ин тавр накард. Вай мардона ва часурона рафтор карда, дуздро дар сари дуздӣ дошта гирифт. Шубҳа нест, ки ин кори вай ба Билолов маъқул намешавад ва ӯ Тӯтиро сарзаниш мекунад. Бинобар он Тӯтӣ пас аз баста шудани магазин ба қишлоқи Санги Сафед, ба хавлии худ нарафт, ба холааш гуфта фиристод, ки вай якчанд рӯз дар хавлии дугонааш мешавад.

Дугонааш дар қишлоқи Саричӯ буд, хавлиаш дар канори қишлоқ буд ва касе хабар надошт, ки Тӯтӣ дар он чо маскан кардааст.

Як бегохӣ шавхари дугонааш хабар овард, ки дар маркази колхоз, дар клуб (бинои кино) артистхо омадаанд, концерт мешудааст. Таклиф кард, ки хамаашон рафта тамошо кунанд. Лекин Тӯтӣ узр гуфта рафтан нахост.

— Сарам дард карда истодааст, — гуфт вай.—Агар ба ман бовар кунед, ман хавлию хонаатонро пойда бихобам.

— Танхо худатон, чӣ тавр мешавад, охир! — гуфт дугонааш.

— Ҳеч боке не, наравам, хуб аст.

Дугонааш бо хамсараш ба концерт рафтанд, Тӯтихон дар хавлӣ танхо монд. Вай дуруст фикр карда буд: дар концерт Билоловро дида монад, хуб намешавад. Бо хамин дугонааш будани ӯро вай ва дигарон мебинанд ва чои руст шуда гаштагиаш фош мешавад. Бехтар, ки ягон хафта, то яктарафа шудани кори Имом Қенчаев худашро эхтиёт кунад, ба ғайр аз китобхона ба дигар чо наравад.

Дару дарвозаҳоро аз дарун баст. Ба хона даромада китоберо ба даст гирифт ва кайф карда хондан хост. Лекин хаёлҳо ба ӯ имкон намедоданд, ки кайф кунад. Билолов балои чони вай аст. Билолов абрест, ки рӯи офтоби бахти ӯро пӯшидааст. Билолов то мурданаш аз ӯ даст намекашад. Билолов наменонад, ки вай мисли ҳама озод зиндагӣ кунад... Лекин Тӯтӣ ҳоло бар касди вай, бар касди Билолов рафта истодааст. Бобо-раиси мехрубон, Шакарзодаи ғамхор ба ёрии ӯ омаданд. Ба манъ карданҳои Билолов нигоҳ накарда Тӯтӣ ба кори китобхона даромад, ҳатто аъзои комиссияи назорати

халкӣ шуд, ҳатто одами Билоловро расво кард, дуздиҳояшро фош намуд...

Ба ин нотарсихои вай Билолов чӣ мегуфта бошад? Чӣ кор мекарда бошад? Ҳеч коре карда наметавонад! Охир, вай канизи зархариди Билолов-не-ку! Вай духтари озод ва мустакил аст. Билолов ба вай даст расонида наметавонад, Билолов аз худаш метарсад. Чунки Тӯтӣ бисьёр сирру асрори Билоловро медонад ва фош карда метавонад...

Шаби торику пурхавле буд он шаб. Шамоли сард мевазид, барги хазонро ба дару девору тирезаи хона оварда мезад. Ба ғайр аз шов-шуви шамол ва ғаргари дарахтон дигар садое шунида намешуд. Гохо аз шиддати шамол тирезахо меларзиданд, дарҳо тақартукур мекарданд. Тӯтӣ гумон мекард, ки дар рӯи хавлӣ касе роҳ гашта истодааст. Метарсид, рӯяшро ба тиреза чафс карда ба берун нигоҳ мекард...

Чаро вай тарсида истодааст? Охир Тӯтӣ духтари нотарс ва далер аст. Аз хурдӣ сахтӣ ва азобҳо дида, дар бекасӣ, бепадарӣ, дар зери дасти падарандари берахм калон шуда буд. Аз шамолу аз торикию аз танҳоӣ наметарсид. Ё ки ёди Билоловро кард, дар бораи вай фикр кард ва бинобар он воҳима ба дилаш роҳ ёфт? Билолов мурад, нест шавад! Билоловро ба вай чӣ кор?!

Не, Билолов ба вай кор дошт.

Ду рӯз пеш аз ин, Имом Қенчаев бегохрӯзӣ ба хонаи Билолов омада буд. Ҳар ду дар меҳмонхона танҳо буданд. Имом Қенчаев дар ҳаячон ва ғазаб буд.

— Лозим шуд, ки боз сарамро гирифта аз ин чо дур шавам, — мегуфт вай. — Набошад албатта маро гирифта кама (ҳабс) мекунанд. Ин Тӯтӣ набудааст, балои чони мардум будааст.

— Ҳа, Тӯтӣ ҳазл не, Тӯтӣ ҳар кор карда метавонад!—мегуфт Билолов. — Аз вай бохабар будан дар кор буд, ту сустӣ кардӣ!

— Чӣ хел сустӣ кардем!—хайрон шуд Имом. — Нохост омада зер карданд.

— Акт нависондан лозим набуд!— гуфт таъкид карда Билолов.—Акт навишта ки даст мондӣ, ба гардани худат ҳалқадавак андохтӣ гуфтан аст. Як навъе карда, бо хушомад, бо пул, бо чиз омадагонро розӣ мекунондӣ, олам гулистон буд.

— Кардам, ҳам хушомад задам, ҳам пул мондам, нагирифтанд.

— Кам хушомад задӣ, кам пул мондӣ! — гуфт Билолов боақлии худро нишон дода.—Ман Тӯтиро медонам, ба пулу чиз чонаша медихад.

— Не, Тӯтии шумо медонистагӣ дигар шудааст,— гуфт Имом худбоварона. — Устодони наваш, муаллимони тозааш чунон кардаанд, ки коммунисти пешкадам ба кирдукори вай ҳайрон мемонад.

Ин сухани Имом Кенҷаевро шунида Билолов хомӯш ва ба фикру андеша ғӯттавар шуда монд. «Муаллимонаш», «устодонаш»-ро вай медонад. Раис Мирҳайдар ва Шакарзодаҳоянд. Тӯтӣ ба онҳо панох бурдагӣ, Тӯтӣ аз онҳо сабақ мегирад. Бале, ин саги ҳангир метавонад аз пои Билолов ҳам часпида гирад. Хоҷаҳон наваш фармон диханд, кифоя! Баъд чунон фактҳоро катор кунад, ки ҳеҷ адвокат онҳоро рад карда натавонад. Илоҷи вокеъ қабл аз вуқӯъ, гуфтаанд. Хозир ки дар дасти вай яроқи бурро — Имом Кенча истодааст, аз вай фонда бурдан лозим аст.

— Хайр, акнун чӣ кор карданӣ? — пурсид Билолов.

Имом Кенҷаев ба зудӣ ҷавоб надод. Лаб ҷунбониду ба чашмони Билолов бо тавалло нигоҳ кард ва пас бо ним садо гуфт:

— Ҳанӯз ки табар ба кунда нарасидааст, худамро ба канор кашида монам, мегӯям.

— Яъне чӣ?

— Яъне, ки ба ягон ҷои дур рафта, як сол-ду сол гашта биёям.

— Наход, ки табар ба кунда боя̆д расад?

— Мерасад, мерасад! Илоҷ надорад! — гуфт Имом. —Ман ба назди шумо омадам, ки ба ман як ҳазор сӯм пул қарз дода истед, дар мусофират лозим мешавад.

— Наҳод пул надошта бошӣ?

— Пулам кам... ба хона монда рафтан лозим.

— Набошад Тӯтиро нест карда баромада рав!— гуфт Билолов бо оҳанги фармон.

— Ба ман чӣ фоида? — пурсид Имом маъюсона.

— Қасос мегирӣ, як! Ба дигарон ибрат мешавад, тарсида мемонанд, ду! Як шоҳиди зӯрро аз байн мебардорӣ, се! Музди калон — ҳазору панҷсад сӯм мегирӣ, чаҳор! Агар зинда бошад, пас аз сад сол бар гашта биёӣ ҳам, аз поят мекапад!

Имом андеша карда истода розӣ шуд.

— Қанӣ пул?

— Панҷсад нақд, ҳозир мегирӣ, ҳазораш пас аз ичрои вазифа.

Имом панҷсад сӯмро гирифту аз хона баромад.

Вай ду шабу ду рӯз Тӯтиро аз дур таъқиб намуд. Ба кучо меравад, бо кӣ мегардад, дар кучо, аз кай то ба кай меистад... Ҳамаашро дониста гирифт. Дар он ҷоҳое, ки Тӯтӣ мегашту кор мекарду меистод, ягон амал кардан мумкин набуд. Дар ҳавлии дугонааш ҳам ҳамеша одам буд ва шавҳари дугонааш мардаки бақувват ва тавоно буд. Пас чӣ илоҷ? Ягона илоҷ фурсати қулай ёфта, босаброна мунтазир шудан аст. Фурсати қулай ва муносиб зуд пайдо шуда монд. Пас аз ду рӯз, бегоҳӣ соҳибони он ҳавлие, ки Тӯтӣ дар он чо меистод, зану шӯ баромада ба кучое рафтанд. Имом дида меистод, ки Тӯтӣ дарвозаро аз дарун занҷир карда махкам намуд. Пас, дар хавлӣ каси дигар нест...

* * *

Рӯзи дигар тамоми қишлоқ ва аҳли колхоз фаҳмиданд, ки Тӯтихочро дар ҳавлии дугонааш Имом Кенча даромада корд задааст. Хайрият, ки корд ба китоб дармонда ба дил нарасидааст. Имомро Асо Гадоев дошта гирифтааст...

Тафсили вокеа ҳамин тавр аст:

Асо Гадоев он рӯз дар мактаб банд шуда, хеле дер монд. Баъд як мақола навишт, рӯбардор кард ва нимонд. Баъд як мақола навишт, рӯбардор кард ва нимонд. Баъд як мақола навишт, рӯбардор кард ва нимон

рибии хавлии Қурбончон расида буд, ки ходисаи ачиберо дида монд:

Касе аз дарун хавлии Қурбончон ба болои девор баромаду худро ба поён партофт ва зуд роҳ гашта ба қафои девори хавлӣ рафтан хост. Асо Гадоев чароғи пурнури мошинаашро даргиронда фармон дод, ки «ист, набошад, мепарронам!» Шахси номаълум аз тарс истода монд. Асо рафта дастони он шахсро ба пушташ печонида гирифта ба рӯяш диққат карду Имом Кенчаевро шинохт.

— Ҳа дузди шабрав! — гуфт бо овози баланд.— Дар хонаи Қурбончон чӣ мекардӣ?

Дар ин дам худи Қурбончон ва дигарон расида омаданд. Имом Кенчаевро, ки дастонаш хунолуд буд, доштанд. Ба район телефон карда милиция ва мошинаи ёрии тиббии таъчилиро чеғ заданд.

20

Маҷлиси правленияи колхози Хатлон бо сардории бобо-раис —Мирҳайдар давом мекард. Кабинети раис аз одам пур буд. Муовинҳои раис, котибони ташкилотҳои партия ва комсомол, раисҳои харду ҷамоа, бригадирҳои номдор, сардорони участкаҳо, сарбухгалтер, иқтисодчӣ ва ғайра ва ҳоказо саркорҳо ҳозир буданд. Қабинет тангӣ мекард. Дари дахлезро, ки котиба менишаст, кушода монда, як қисм аъзоёни правления дар он ҷо менишастанд. Худи хамин ҳол ба раис ва дигарон талқин менамуд, ки ҳар чӣ зудтар бинои нави правленияро созанд, барои ин колхози номдор ва бой дар ин бинои майда нишаста маҷлис гузаронидан айб аст.

— Масъалаи аввал—тайёрӣ ба киштукори баҳорӣ аст,— гуфт раис ба ҳозирон диққат карда.—Ман пеш аз чеғ задани ин маҷлис кариб ба ҳамаи бригадаҳо ва участкахо рафта хабар гирифтам. Бисьёр бригадаҳо яхоб монданро фаромӯш кардаанд. Ин хунукиҳо ва яхобҳо дер намепоянд, аз паси кӯҳ баҳор тобиш намуда истодааст. Баъд на яхро меёбӣ, на заминро. Лекин баъзе бригадаҳо ва миробҳо дар сари вақт корашонро буд кардаанд. Офарин! Барои баланд бардоштани хосил ҳар корро дар сари вақт кардан лозим..

...Як бегоҳӣ танҳо худам аз байни заминҳои бригадаи ҳаштум, дар Санги Сафед оҳиста гузашта меомадам, ки овози Оқил-ҳаппаки миробро шунидам ва нафас ях карда гӯш мондам, ки канӣ ин ҳаппак бо кӣ чиҳо мегӯяд. Фаҳмидам, ки ба ғайр аз худаш каси дигар нест ва ӯ бо замин гап мезадааст. Мегуфт, ки эй замин, эй рӯзи-расони мо! Ман медонам, ки ҳозир ба ту яхоб зарур аст. Он кирму киччаҳо, он ҳашаротҳое, ки тани туро норохат мекунанд, бо яхоб нест мешаванд. Аммо барои чӣ ин бригадири мо саҳлгирӣ мекунад. Ҳатто ба ман ҳам ёрӣ намерасонад, ки яхобмониро зудтар ба анҷом расонам. Ана, мебинӣ, ки ман дам ногирифта, ба хона нарафта, рӯзи дароз обмонӣ карда гаштаам. Дили ман ба ту месӯзад! Агар ман ёрирасон медоштам, кайҳо дар тамоми участка яхобмониро ба охир мерасонидам. Чӣ кор кунам, ки дасттанҳоям... Мебахшӣ, узр!....

Ба ростӣ, ки ин суханони хаппакро шунида дилам ба ҳоли вай сӯхт, дилам ба холи заминҳои бригадаи хаштум сӯхт. Рафта бригадирро ҷанг кардам. Рост аст, ки бо замин сухан кардани хаппак бечиз нест. Замин ҳам мешунавад, замин ҳам мефаҳмад, замин хам навозишу нигоҳубинро дӯст медорад. Агар ба кадри замин расида, аз ҳоли ӯ ҳама вақт бохабар бошед, хар чӣ хоҳед, медиҳад. Агар бепарво бошед, агар ба замин дар вақташ ғизо надиҳед, дар вақташ нигоҳубин накунед, қахр мекунад, чизи медодагеша намедиҳад.

Аз ҳоли замин бохабар будан пеш аз ҳама вазифаи бригадирҳост. Бригадир бояд аз агроном пурсида истад, участкаи ман, гектарҳои ман дар чӣ ҳоланд, чӣ мехоҳанд, кадом ғизо бештар ва кадом ғизо камтар дода шавад. Бояд хамаи инро бригадирҳо донанд.

Агар бригадирҳо саҳлкорӣ кунанд, агрономҳо бояд хотиррасон карда истанд. Масалан, яхобмониро саҳл донистани бригадаи ҳаштум хуб не. Ин ҳол дар дигар бригадаҳо ҳам дида мешавад.

Рафиқон, ман як қоида дорам, ки ҳамаи шумо медонед: пеш аз ҳама ҷамеи корро худат дон, баъд ба дигарон омӯз! Дар ин хусус ман ҳатто бо роҳбарони район бахс мекунам. Ба онҳо мегӯям, ки ҳар кас кори худашро беҳтар медонад. Мо медонем, ки кай яхоб мондан лозим, кай ба кишт сар кардан лозим, кай ягона кардан лозим... Агар ба чапандоз лаҷоми аспро на-

дихӣ, вай асп ронда наметавонад! Ҳамин гапам рост аст, рафиқо?

— Рост, рост! — гуфтанд хозирон.

— Набошад, кори медонистагиатонро кунед! Ман дигар дар бораи яхоб гап намезанам. Ремонти мошина ва трактороҳо қариб ба охир мерасад. Дар охири моҳи февраль ман бовар дорам, ки мошина-тракторҳоямон муҳайё мешаванд. Дар бораи киштн баҳорӣ ду масъала дорам: якаш ба якчанд бригад ғаллаи кӯтоҳпоя дода будем, ки коранд ва дар моҳи апрель ба ҷояш пахта бикоранд. Ҳамон бригадҳо аз рафти корашон правленияро огоҳ кунанд! Масъалаи дуюм, ба оилаҳои ҷудогона замин тақсим карда додан—дар ин хусус Абдураҳмон гап мезанад.

Раис хомӯш монда ба ҳозирон нигоҳ кард.

Масъалаи гандуми кӯтоҳпояро як бор мухокима карда буданд. Ин гандумест, ки аввали баҳор, дар охири моҳи апрель мепазад ва онро даравида гирифта, ба ҷояш пахта коштан мумкин аст. Се-чаҳор нафар аз саркорҳои хушҳавсала киштн гандуми кӯтоҳпояро ба зимма гирифта буданд. Онҳо бархоста хабар доданд, ки гандум нағз сабзида баромадааст ва бояд дар вақташ пазад. Баъд аз рӯи маърӯзаи сарбухгалтер—Абдураҳмон ба даҳ оила аз панҷ гектар сар карда (ба аъзоёни оила нигоҳ карда) то ба даҳ гектар замин ҷудо карда доданро қарор карданд. Ин оилаҳо аз киштн пахта сар карда то ба ғундошта гирифтани ин ҳамаи корҳоро ба зимаашон мегиранд. Колхоз аз ҷихати мошинаолот ва трактор албатта ба онҳо ёрӣ медиҳад. Пас дар бораи бинокорӣ, дар бораи мусобиқаи иҷтимоӣ ва ба хондан фиристодани як қисм механизаторон сухан рафт. Зулфия нохост сухан хост.

— Ман аз правления хоҳиш мекунам, ки — гуфт вай, — маро ҳам ба хондан фиристонанд.

Ҳама хомӯш ба раис нигарон монданд. Раис табассум карду шӯхиомез пурсид:

— Нав тӯй шудӣ, агар ба хондан равӣ, думод чӣ мегад?

Зулфия аз хиҷолат сурх шуду гап назад. Ба ҷои вай Азиз гуфт:

— Домод гап намезанаду лекин кор мемонад. Зулфия роҳбари кружоки сиёсӣ дар байни механизаторҳо

мебошад. Мавзӯъ ва материалҳояшро тасдиқ кардем. Агар монда равад, хуб намешавад.

— Набошад,—гуфт раис,—дар навбати дуюм мефиристонем, ба шарте ки роҳбариашро нағзу аъло гузаронад.

Маҷлис қарор кард, ки дар моҳи март ҳаман бригадаҳо, ҳаман участкаҳо, ҳаман қисмҳои ёрирасон ба кишту кори пахта, ғалла ва дигар корҳои баҳорӣ тайёр бошанд. Дар маҷлис Билолов ҳам ҳозир буд, вале ба гайр аз даст бардоштан, ба ҳаман таклифҳо розӣ будан, дигар гапе назад ва баромаде накард. Вай имрӯзҳо аз сояи худ метарсид. Имом Қенҷаев, ки бо чиноятн хунин ба даст афтод, мабодо Билоловро ҳам шарик карда нишон диҳад. Албатта Билолов аз ҳаман «тӯҳматн» вай мункир мешавад, лекин бо Билолов хамдаст ва ҳамтабақ будани ӯро ҳатто дар район ҳам медонанд. Қошкӣ вай восита шуда ӯро мудири магазин намекард! Акнун дар ҳама ҷо номи вай даккадор шуд...

Маҷлис бевақт, дар ҳаштн бегоҳ ба охир расид. Хаво торик шуда буд. Чароғҳо кайҳо фурӯзон шуда буданд. Аъзоёни правления яке аз паси дигар баромада мерафтанд. Ҳанӯз Билолов, Азиз ва Абдураҳмон дар кабинет буданд, ки котиба даромада гуфт, ки муаллим Асо Гадоев омадаанд, ба шумо кор доштаанд.

— Гӯй дарояд, — гуфт раис.

Асо даромаду бо ҳама вохӯрдӣ ва пурсупос намуд ва баъд ба раис мурочиат кард:

— Фаҳмидам, ки пагоҳ саҳар ба қишлоқи Обраҳа мерафтед, чӣ мешавад, ки маро ҳам ҳамроҳ баред?

— Дар қишлоқи Обраҳа чӣ корат баромад? — пурсид раис.

— Мактаби он ҷоро мо ба шефӣ гирифтагӣ, — гуфт Асо. — Боз бо бригадири ғаллакори он ҷо камтар корам ҳаст.

— Чӣ, ягон тухмӣ дода будӣ?

— Ҳа, як навъ гандуми тезпазакро ки дар шароити баландӣ нағз мерӯяд ва хосилаш ҳам зиёд мешавад, дода будам, ки коранд. Қанӣ рафта бинам чӣ кор кардаанд.

— Азиз ҳам бо корҳон ташкилоти партиявии он ҷо шинос шуданӣ буд. Агар ту равӣ корҳои ӯро ҳам буд карда меой, Азиз дар ин ҷо монад.

— Хуб, майлаш бобо-раис! — гуфт Асо.

— Лекин бармахалтар бедор шав, шофёр рафта тараиг нашавад.

— Албатта!

— Чанд рӯза мераветон? — пурсид Билолов.

Аз ин суоли вай раис ҳайрон шуду пурсид:

— Чӣ, ягон кор доштед?

— Не,—гуфт Билолов. — Тухмиҳоро сари вақт медоданд, тайёр мекардем.

— Сараграном бо ин кор машғул,—гуфт раис.— Дар сари вақт мерасонад. Мо, агар дер монем, пас аз ду рӯз бармегардем.

Дар ин дам телефон садо дод. Раис дастаки онро бардошт.

— Лаббай, — гуфт вай ба дастаки телефон.—Ҳа, ман, шумо... Э, э, рафиқ Иванов Василий Устинович, салом, салом! Ман худам мехостам ба Шумо телефон кунам. Хайрият занг задед. Мувофиқи ваъда... Ман пагоҳ дар қишлоқи Обраҳа мешавам, меоед? Бисьёр нағз. Пешвоз мегирем. Ҳаво нағз, самолёт мепарад. Хайр, то дидана!

Раис дастаки телефонро гузошту ба Азиз нигоҳ карда гуфт:

— Василий Устиновичро мешиносӣ? Сардори Управлениаи электрофикация.

— Ҳа, ҳа мешиносам! — гуфт Азиз. — Пагоҳ ба Обраҳа меояд? Бисьёр нағз, масъалаи гузаронидани электрик ҳал мешавад. Хайр, ман рафта баъзе коғазҳоро тайёр кунам ва ба Асо-муаллим супоришҳоро гӯям.

Аз паси Азиз Абдурахмон ва Асо ҳам берун баромаданд, лекин Билолов аз ҷояш намеҷунбид, гӯё ба раис чизе гуфтан мехоҳад, вале ҷуръат намекунад. Чӣ хел ҳам гӯяд? Тӯтиро корд задаанд, вай дар бемористон хобидааст, Имом Кенча дар ҳабсхона... Оё раис дар ҳаққи худи вай чӣ андешаҳо дошта бошад? Бале, вай мехоҳад, ки ҳеҷ набошад, андешаи раисро дар бораи ин воқеаи хунин фахмад ва корашро ба ҳамон нигоҳ карда дуруст кунад. Агар аз вай шубҳае дар миён бошад, барои сафед кардани худаш чора ҷӯяд, шоҳидҳо тайёр кунад ва ғайра ва ҳоказо...

— Хӯш, ба ман боз чӣ коратон ҳаст?—гӯён пурсидани раис, хаёли ӯро парешон кард.

— Не, корам нест, — гуфт вай.—Аз воқеаи Тӯтӣ дилам хун шудагӣ, хаёлам парешон... Ин чӣ даҳшат! Дар колхози мо ҳеҷ вақт ин хел воқеа нашудааст.

Раиси рамузфаҳм донист, ки ҳарифаш фикри ӯро фахмидан мехоҳад, бинобар он гуфт:

— Хафа нашавед, аҳволи Тӯтихон бад не, духтурҳо гуфтанд, ки сиҳат мешавад. Магар Шумо рафта надидед?

— Не, нарафтем... — забонхой кард Билолов. — Гуфтанд, ки ҳеҷ касро ба назди бемор даромадан намемонанд.

— Шуморо монданашон мумкин буд, агар худи Тӯтӣ розӣ бошад, — гуфт раис.

Дили Билолов якбора такон хӯрд. Магар розӣ нашудани Тӯтиро раис медонад? Магар вай аз чизе хабар дорад? Модоме, ки ин тавр мегӯяд, вай аз ҷанҷол хабар дорад...

Беҳтар, ки дар ҳамин ҷо гапро кӯтоҳ кардан ва хеста рафтан лозим. Мирҳайдар шайтон аст, аз гап рамуз гирифтанаш мумкин...

— Пагоҳ, албатта рафта хабар мегирам,—гуфт Билолов ва аз ҷо бархост.

21

«Шаби ялдои зимистони бедодгар» буд он шаб. Осмон соф, ҳаво сокит, вале хунук, туфкун-яхкун буд. Дар осмони бемаҳ, ки мисли чодари нилгуни бахмалини заркӯб менамуд, ситораҳо порча-порча, реза-реза хурду калон ба ҳар тарафи он пош хӯрда буданд. «Каҳкашони фалак» аз болои қишлоқ гузашта то ба сари кӯҳҳои баландҷусса кашол ёфта буд. Ҳар замон-ҳар замон ситорае мепарид ва як он барқ пошида роҳи худро мунаввар менамуду ғоиб мегашт. Шумо агар осмонро, ситорагонро ва ҳаракати онҳоро тамошо кардан бошед, дар ҳамин тавр шабҳои беабри зимистон тамошо кунед! Ба назар чунин менамояд, ки чодари бахмалини осмон то дараҷае ба рӯи дуньё наздик шудааст. Ин қадар ситора бисьёр, ин қадар чилвагарӣ мекунанд, ин қадар парида, нобуд мешаванд, вале хеҷ камӣ надоранд, болои сар пур-пури ситора...

Боз ҳаминро мегӯям, ки дар шаҳрҳо, дар маркази

районҳо шабона ин манзараи осмонро дуруст дида наметавонед. Дар он ҷохо бинохои баланд ва лампахои бисьёри электрик халал медиханд. Аммо дар кишлок, хусусан дар чои кушод ва дар сахро аз тамошои осмои сер намешавед. Бале, тамошои коинот шуморо аз харкашахои руи замин боло мебардорад.

Он шабе, ки бобо-раис ва Азиз барои хабар гирифтан аз миробхое, ки яхобмонй мекунанд, ба сахро баромада буданд, ана хамин тавр буд. Бобо-раис мафтуни чунин манзара мешуд. Бо дидани ин тавр осмони пурситора ва осмони наздик ба ёди ў чавонпаш, кухистонаш, кишлоки Сари Арча мерасид ва бо мамнуният ба хаёлоти ширин дода мешуд.

Хайрият, ки вай дар хамин сарзамин, дар хамин сахро таваллуд ёфта ва дар сахро зиндагй мекунад. Хавои ин чо, оби ин чо, хоки ин чо ба вай, ба дарди вай, ба кору бори вай, ба зиндагонии вай дуруст. Рўзи ин чо он тараф истад, хатто шаби ин чо, зимистони ин чо, яху барфу боронхои ин чо ба вай маъкуланд. Гарду чангу ғубор надорад ин чо, ғаму ғуссаю алам бошад хам, иклими ин чо рафъ мекунад. Вай, Мирхайдар бе хеч фикру андеша тамоми кувваи худ, тамоми дониши худ, хатто хастии худ ва чони худро барои гулгул шукуфтани ин диёри зебо фидо мекунад. Ин сарзамин бо кувваи дасти тавонои мардумаш, дехконхои худ мерасад. Он рўз дур нест!

— Ба кучо меравем? — пурсид Азиз, пас аз хеле гаштан.

— Ха? — гуфт аввал раис, баъд чавоб дод:—Як ба идора рафта хабар гирем, телефон-милифон шудагист.

— Дуруст аст, — гуфт Азиз ва боз хомўшона дар катори раис рох гаштан гирифт.

Онхо аз сахрои кушод ба кўчаи кишлок расиданд. Сагхои бовафои дехконон аз хар дар ба онхо хастии худро маълум намуда, аккос мезадаанд. Дар яке аз хавлихои канори кишлок бобо-раис овози гирьяи заиферо шуниду истод.

— Кадом зане мегирьяд, — гуфт ба Азиз.

— Аз он хавлй овоз меояд, — гуфт Азиз дарвозаи ба чандон калонро нишон дода.

— Ин хавлии миров Хоркаш аст, — гуфт раис. —

Аволам[1] зани миров мегирьяд. Дар ин хавлй дигар зан нест. Мо хозир миробро дидем, ба мо чизе нагуфт. Ба занаш чизе шуда бошад?

— Ба ростй, чй ходисае шуда бошад, ки дар ин нимшабй нахобида мегирьяд.

— Биё, рафта хабар гирем! — гуфт раис ва пеш даромад.

Дар хавлии миров, ки ду дар хона дошту як айвон, касе наменамуд, лекин аз даруни хона овози гирья ва нолаи занак баланд буд. Раис ва Азиз ба дари хона расиданд, диданд, ки писарчаи дах-дувоздахсола дар рўи чогах бемор хобида метапад ва модараш чй кор карданашро надониста сару рўи ўро сила мекунад, мегирьяд.

— Ха, очаи Начмй, — гуфт раис ба хона даромада, — чй шуд? Чаро мегирьй?

— Бачам мемурад? — гуфт занак. — Табаш баланд, талвоса дорад. Хоркаш ба яхобмонй рафт, ман девона мешавам!

Раису Азиз ба сари писарчаи бемор расиданд. Раис ба пешонаи писарча даст монда дид, ки дар хакикат табаш баланд аст.

— Зуд рафта Саидахмадро гирифта биёр!—гуфт раис ба Азиз, — куттии дорухояшро бо худаш гирад.

Саидахмад мудири илмии мактаби дахсолаи кишлок аст ва дар хамон наздикй хавлй дорад. Вай харчанд, ки духтур ва табиб не, лекин маълумоти олии педагогй дорад ва аз илми тиб низ каму беш хабардор буда, дар хона хар хел дорухо дорад ва аксар зарурат шавад, мардуми кишлокро табобат хам мекунад. Инак, бобо-раис Азизро ба Саидахмад фиристод, худаш пальтояшро кашида монду ба занак гуфт, ки ду порча латтаи тозаи охарй ва дар як коса оби хунук биёрад. Занак зуд гуфтахои раисро муҳайё сохт. Раис латтахоро ба оби хунук тар карда, баъд обашонро фушурда якеро ба пешонй, дигарашро ба сари дили кўдак ниход. Пас аз ин чорабинй писарча хеле осуда гашту ором хобид. Занак инро дида ба раис садақаю қурбон шуд ва дарду балои ўро гирифтанй шуд, ки

---

[1] Аволам — вайроншудаи калимаи «валлоху аълам» яъне: худро медонад, аст. *Муаллиф.*

вай чун табиби хозик фарзанди ӯро ором кард.

Дар ин байн Саидахмад бо куттии дорухояш хамроҳи Азиз даромада омад. Саидахмад ба бағали писарча термометр монда, набзашро диду гуфт, ки сахт шамол хӯрдааст. Аз сари дилаш латтаи тарро дур карда, бо спирт компресс карду чӣ як дорусро хӯронид. Писарча чашм кушод ва табассум кард. Раис, Азиз, Саидахмад ва модар хурсанд шуданд. Аммо аз Хоркаш ханӯз дарак набуд. Марди фидокор хобро ба худ харом карда яхоб монда мегашт...

Раису Азиз аз хавлии Хоркаш баромада дар кӯча машварат карданд:

— Ба хавли меравем?—пурсид Азиз.

— Аввал як ба идора рафта хабар гирем,—гуфт раис.—Навбатдор хоб аст, ё бедор.

Ба идора рафтанд. Навбатдор бедор буд.

— Бобо-раис,—гуфт вай.—Аз Совети Олӣ телефон карданд. Пас аз ду рӯз ба Москва, ба сессияи Совети Олӣ мерафтаед. Тайёр шавед, боз пагоҳ телефон мекардаанд.

— Сессияро эълон карда буданд,—гуфт раис.— Ба кор овора шуда фаромӯш кардем. Акнун чӣ мекунем, пагоҳ сахаркатӣ ба қишлоқи Обраҳа меравем?

— Хайр, ба сессия пас аз ду рӯз гуфтаанду-ку,—гуфт Азиз.—Материалҳо тайёр, маърӯзаи ҳисобот ва дигар ракамҳоро хамроҳ мебаред. Агар баромад кардан лозим бошад, шербачаҳо зуд маърӯза тайёр карда медиҳанд.

— Не,—гуфт раис.—Агар маърӯза кардани ман лозим мешуд, барвакт хабар медоданд. Аммо материалҳоро гирифта мебарам, даркор мешавад. Мухбирҳо, радио, телевизион наменонанд, часпида мегиранд.

— Ин нағз-дия,—гуфт Азиз.—Баромад кардани шуморо аз Москва тамоми мамлакат мешунавад.

Раис табассуми маънидоронае карда монд.

22

Бобо-раис ва Асо сахари барвакт ба роҳ баромаданд. Ханӯз офтоб дар паси кӯҳҳои Сурхоб панаҳ буд, лекин дар он тараф осмон равшантар гашта, тарҳи

кӯҳҳо намоён гашта буд. Ҳаво соф ва беабр, вале хунук, ба шохи дарахтон ва ба рӯи замин қирав фаромада буд. Ҷӯйборҳо бо пардаи тунуки ях пӯшида ва шилдир-шилдир ҷорӣ гаштани об шунида намешуд.

Мошинаи сабукрави Газ-69 ба роҳи дур тайёрӣ дида, ҳомилони худро — раис, Асо ва шофёрро бемалолак гирифта мебурд. Чароғҳои пурнури он роҳи ҳамвори шағалрехтаро мунаввар мекард. Роҳ оҳиста-оҳиста рӯ ба боло мерафт ва тамом холӣ буд, на мошине, на хару аспе ва на пиёдагарде...

Даруни мошина нишастагон аввал хомӯш буданд. Фақат шофёр, ки аз ҳама пештар аз хоб бедор шуда буд, ҳар замон, ҳар замон ҳамъёзаҳои кашол карда мемонд. Инро шунида истода, ниҳоят раис пурсид:

— Ҳа, аз хоб сер нашудӣ-чӣ?

— Аз хоб сер... — гуфт шофёр бо табассум, —лекин гимнастика накарда мондам. Сабил хамъёзаҳои бедарак...

— Ҳамъёза кашӣ, майлат-ку, лекин ба роҳ диққат кун!

— Роҳ ҳамвор!—гуфт шофёр.—Мисли Санги Ҳамвор!

— Санги нобоб охир ҳамвор шуд! — гуфта монд Асо.

— Агар танбалию эшониаш намебуд,—гуфт раис,— одами хеле ҳушьёр, гапдон, сӯҳбатҷоро ва чақ-чақӣ аст.

— Бо вай чақ-чақ кардед? — пурсид Асо.

— Як-ду бор сӯҳбат карда дидам, ки чӣ мегӯяд. Эшонҳои нодон барин хурофотчӣ не. Динро ба пардаи ҳарир печонида ба гарданатон меовезад, ки нафаҳмида мемондед. Бинобар он ман аз вай ҳазар мекунам ва намехостам, ки дар колхози мо бошад.

— Боз мондед-ку! — хитоб кард шофёр.

— Ба шарт мондам, ки кор кунад, лекин ҷою замин надодем дар ҳавлии чияни Неъмат истоду кор кунад гуфтам.

— Кор накарду мегӯянд, ки бемор шудааст,—гуфт боз шофёр.

— Сиҳат мешавад,—гуфт раис,—парво накун!

Бо ҳамин дар даруни мошина боз хомӯшӣ барқарор шуд.

Раис дар боран одамон фикр мекард. Вай одамҳо-

ро дӯст медорад. Мехоҳад, ки мардум серу пур, бароҳат ва осуда бошанд. Серию пурӣ, роҳату осудагӣ аз меҳнати ҳалол ба даст меояд. Аммо чаро як қисм одамҳо ҳаминро дарк намекунанд. Ҳеҷ кас онҳоро аз кураташон афзунтар кор намефармояд. Ҳар кас ба кадри ҳиммати хеш, гуфтаанд. Аммо баъзеҳо ҳаминро намехоҳанд. Бо фиребу найранг, бо дуздӣ, бо иғвогарӣ ва ҳаққимардумхӯрӣ рӯз гузаронидани мешаванд. Чаро? Чаро? Охир, меҳнати ҳалол ҳам ризқу рӯзӣ медиҳад, ҳам ба муроду мақсад мерасонад, ҳам обрӯю иззат медиҳад. Ин хуб нест магар? Ҳамон ақлу тадбир, ҳамон зеҳну хушеро, ки ба фиреби мардум, ба иғвогарӣ ва корҳои бад сарф мешавад, баракс ба роҳи нек кор фармояд, чӣ мешавад? Санги Ҳамвор одами нодон не, лекин меҳнати ҳалол ба вай гаронӣ мекунад. Ақлу хуши худашро ба фиребу найранг медиҳад, мардумро гӯл мекунад ва пулашонро мегирад. Билолов барин касон тӯдабозӣ, иғвогариро дӯст медоранд, Дуньё сӯзад, корҳо расво шавад, аз замин сабза нарӯяд, майлаш, илло ки вай, илло ки онҳо ба мақсади нопоки худ ноил гарданд, илло ки дар тӯдабозӣ ғолиб бароянд!... Чӣ даркор ин? Хайрият ки ин кабил одамон бисьёр наянд...

Асо фикр мекард, ки коммунистони колхозро, хоҳ дар бригадаҳои алоҳида (ба мисли бригадаи Обраҳа), хоҳ дар маркази колхоз фаъолтар ва пешкадамтар кардан лозим. Коммунистон бояд донанд, ки онҳо ташкилкунанда ва пешкадами ҳаман корҳоянд. Як қисм коммунистони колхоз бо кору бори меҳнати чисмонӣ машғул шуда, дар боғи донишу ва маданияти маънавӣ фикр намекунанд. Аз газетаю журналҳо бехабаранд... Хозир ба Обраҳа рафта аз муаллимҳо фонда бурдан лозим. Ба дасти онҳо программа дода дар байни коммунистон ва бепартияҳо машғулияти ҳаррӯзаи сиёсиро ба роҳ мондан лозим... Агар коммунистон ва комсомолони колхоз донишманд ва маълумоти сиёсашон баланд бошад, корҳои хоҷагӣ ҳам худ аз худ пеш меравад....

Шофёр андеша мекард, ки ин роҳҳо кай асфальтпӯш мешуда бошанд. Бобо-раис ваъда додагӣ, ки ҳамин сол то баҳор роҳҳои асосии даруни колхоз асфальт мешавад. Модом, ки раис гуфт, мешавад, албатта. Лекин ана ин роҳҳо ба колхоз дахл надорад.

Ин қисми роҳ азони райони Қарамазор аст. Даруни район асфальт дорад, лекин ин роҳҳо не...

Мошина нохост каме яктарафа шуду истода монд. Даруни мошин будагон зуд берун баромаданд. Ҳаво хеле равшан гашта дар тарафи шарқ ба осмон байрақи сурх афрохта буданд магар, шӯъла мепошид. Ҷои истода мондани мошин, гӯё баландтарин нуқтаи роҳ буд. Пас аз андак масофа роҳ ба поён нишеб мешуд. Як тарафи роҳ пастӣ бошад, тарафи дигараш теппаҳои баланду паст буд. Дар ҳама ҷо мисли барфи сабук қирав афтода буд.

— Чӣ воқеа шудааст? — пурсид раис аз шофёр.

— Аз як чархи ақиб бодаш баромадааст, — гуфт шофёр. — Ба гумон мехи нобоб халидагӣ...

— Дар ин ҷо мех чӣ мекунад?

— Ана, паи чархи трактор. Дар роҳ агар вайрон шуда бошад, трактрчӣ кор карда истода чандин меҳу оҳанпораҳоро партофта рафтагист.

Шофёр дасту остин барзада ба кор сар кард. Ба вай лозим буд, ки мошинаро бо дамкрат баланд бардошта чархи бодаш холишударо бароварда гирад ва ба ҷояш чархи эҳтиётиро монда сахт кунад. Ба ин кор камаш ним соат вақт сарф мешуд.

Мошина дуруст шуд, боз ба роҳ даромаданд. Офтоб пахш шуда буд, ки аз даруни райони Қарамазор гузашта рафтанд. Раис фикр мекард, ки номи ин районро дигар кардан лозим аст. Ба гумон, дар ин бора дар Совети Олӣ тараддуд ҳаст. Дар вақташ Қарамазор бошад, будагист, ҳоло ҷаннат аст! Ҳоло ин район аз дигар районҳои кӯҳӣ мондани надорад. Дар ғаллакорӣ ва чорвопарварӣ яке аз пешқадамҳост. Дар айёми ғавонӣ ба назари вай ва ба назари ҳамаи камбағалҳо Қарамазор дар ҳақиқат мазори сиёҳ барин менамуд. Барои аҳли меҳнат ин ҷо мазор буд. Хайрият, ки зиндагӣ тағьир ёфт. Қарамазор он тараф истад, дурдасттарин ҷоҳои кӯҳистон обод шуда истодааст. Аммо роҳҳои ин ҷо чандон хуб не. Зимистон омад, дигар бо мошина роҳ гаштан мумкин намешавад. Ба марказ рафта, ба идорахои дахлдор даромадан лозим. Масъалаи роҳ муҳимтарин масъалаест дар хоҷагидорӣ. Роҳ бошад, ҳамаи корҳо сахл мешавад. Ҳозир роҳсозӣ муаммо нест. Ин корро омӯхтаанд. Фақат ташаббус лозим, ба кор сардорӣ лозим.

— Боз роҳи нобоб сар шуд! — гуфт шофёр.

— Дар Балҷувон аз даруни дарьё ҳай кун—гуфт раис.

— Медонам, — гуфт шофёр.

Пас аз Балҷувон роҳ боз ба сӯи адирҳои баланд печид. Дар ду ҷо аз мошина фуромадан лозим омад ва сеюм бор ҳеҷ илоҷ нашуд. Мошина то губчаки чархҳо ба лой ғӯтида монд.

— Бас, бисьёр зӯр назан! — гуфт раис ба шофёр. — Дигар илоҷ нест, пиёда меравем, роҳ андак монд.

— Ман чӣ кор кунам? — пурсид шофёр.

— Ту ҳам бо мо биё! Аз Обраҳа ягон трактор гирифта меой.

— Мошина омада монад чӣ?

— Набошад дар ин ҷо бинст, мошина биёяд, туро бароварда мемонад, наояд трактор мефиристем.

Онҳо ду кас пиёда ба роҳ даромаданд.

Ҳаво мисли аввали баҳор буд — андак сард, вале форам, хушбӯй, сабук ва фараҳбахш; офтоби зарринбол шаъшаапош, кӯҳу дара чунон зебо ба назар менамуданд, ки раис аз тамошои гирду атроф сер намешуд. Дар баъзе ҷоҳои офтобрӯя сабза дамида буд, баъзе гулҳои ҳамешабаҳор баргҳои нафиси худро ба нури офтоб тобиш медоданд. Ҷонваракон — хорпуштакҳо, сангпуштҳо, баъзан калламушҳо ба шикор баромада буданд. Дар баъзе ҷоҳо хониши форами чаковакон гӯшҳоро навозиш медод. Ин мурғаки хуррамсадои беғам ба қадри даҳ-понздаҳ метр баланд парвоз карда мебаромаду дар як ҷо бол афшонда истода нағмасарой мекард. Ин чаҳ-чаҳи форами чаковак дар ин айёми зимистон аз нағмаи булбули баҳорӣ ҳам форамтар ба гӯш мерасид. Вай осудагӣ, хуррамӣ, шодмониро тараннум мекард. Мегуфт, ки чӣ хуш ин дуньёи қадима, ин дуньёи зебо, ин дуньёи офтобӣ! Хуррам зиндагӣ бошад, осуда ҳаёт бошад, рӯзҳои шодмонӣ бепоён бодо! Ман ҳаётро дӯст медорам, ман офтобро мепарастам, ман осудагӣ ва шодмониро тараннум мекунам!

Зиндаю шодмон бош, эй мурғаки сулҳпарвар, амонихоҳ ва дилнишин! Саро, нағма саро, ба васфи дуньёи зебои мо, ба васфи ҳаёти осуда, ба васфи рӯзи офтобӣ ғазал хон! Бошад, ки дигар садои пурдаҳшати милтиқ туро натарсонад! Бошад, ки ин дуньё мисли ҳамин рӯз ором, осуда ва бетаҳлуқа бошад! Наздик аст он

рӯз, ки ин ҳама теппа ва адирҳо сабзу хуррам мегарданд, аз замин ғалладона меруяд, ризқу рӯзии инсонҳо, ризқу рӯзии паррандаҳо ва ҷонварҳо фаровон мегардад! Баҳор меояд, зиндагӣ боз ҳам хуррамтар, бошукӯҳтар ва зеботар мегардад...

Дехан Обраҳа дар оғози даран хурде ба шакли нимдоира—мисли амфитеатр, хонаҳо болои ҳам ҷо гирифта буданд. Боми хонаи яке рӯи ҳавлии дигарӣ буд. Дар поёни дара ним санг об ҷорӣ буд, ки аз чашмаҳо мебаромад. Дар канори ин ҷӯи обаш шаффоф ва шӯх долу дарахт рӯида буд. Аммо боло, дар байни хонаҳо дарахт кам буд. Фақат дар он хоҷагихое, ки боғчае доштанд, дарахту токи ангур буд. Дар болои ин қишлоқ, дар тарафи даромадгоҳи он заминҳои ҳамвор буд, ки дар он ҷоҳо наск, гандум ва ҷав мекоштанд. Дар байни ин хонаҳо се-чаҳор хонаи деворсафед ва шифрпӯш менамуду бас.

Ин деҳа, ки дар оғӯши тепа ва адирҳои байни райониҳои Сурхоб ва Балҷувон афтода монда буд ва дар гирду атроф дар масофаи бист-сӣ километр дигар қишлоқи калоне (ба ғайр аз деҳачаҳои чорводорон ва кашарҳо) наменамуд, қишлоқи навбуньёд набуд. Мардум дар ин ҷо замонҳои бисьёре ин тараф истиқомат карда, ба худ маскан намуда, ба ҳаёти камбағалона ва сахт одат карда буданд. Ҳаман қишлоқ ба назари ҳаман аҳли қишлоқ буд. Шакли нимдоиравӣ ва амфитеатрии он имкон медод, ки бошандаи як хонавода аз рӯи ҳавлии худ тақрибан тамоми хонаҳои қишлоқро бинад.

Чорво асосан бо қадди ҷӯй ба сӯи поён мерафт ва бегоҳӣ бо ҳамон роҳ бармегашт. Дар баландиҳо киштукор мекарданд. Мардум меҳнатӣ ва коркун буданд. Занону мардону кӯдакон барои ҳаёт мубориза мебурданд ва кор мекарданд. Мардҳо асосан ба киштукор, бо деҳқонӣ, молпарварӣ ва бозоргардӣ машғул бошанд, занҳо кори хонаю рӯзғор, бачаҳо подабонӣ, алафғундорӣ ва ҳезумкашонӣ мекарданд. Роҳи қишлоқ асосан аз боло буд.

Раису Асо дар ними рӯз ба қишлоқ қариб шуданд ва ба ҳамвории болои қишлоқ расиданд.

— Ана дар ҳамин ҷо қишлоқи навро ба нақша гирифтем,—гуфт раис. — Пеш аз ҳама ба ин ҷо лӯлаи об (труба) хобонда об овардан лозим. Беоб бинокорӣ

намешавад. Баъд электрик овардан лозим. Ман ганзанон кардагӣ, имрӯз сардори управления биёяд, аз тарафи Сурхоб сим мекашем. Бе электрик ҳам бинокорӣ намешавад. Пас аз ин тайёриҳо ба сохтани меҳмонхона, идора, почта, ҳаммом сар мекунем. Баъд барои колхозчиён хонаҳои истиқоматӣ сохта мешавад.

— Мардуми ин қишлоқ ба ҳар чӣ меарзанд, —ба гапаш давом дод Раис. — Он ғалла, он гӯшт ва шире, ки инҳо медиҳанд, поёнаншиҳо дода наметавонанд.

— Ҳаво, иқлим ва алафи ин ҷо ҳазор бор аз поён беҳтар аст, — гуфта монд Асо.

— Мардумаш ҳам хуб! — гуфт Раис.

Дар қишлоқ тӯй буд. Як ҷавони аз аскарӣ баргашта зан мегирифт. Омадани Раису дӯстони вай хурсандии он оиларо даҳчандон кард. Азбаски ҳавлию ҷои арӯсу домод хурд ва гунҷоиш намедод, меҳмонҳоро дар хавлиҳои ҳамсояҳо ҷойгир карда буданд. Дар рӯи ҳавлӣ садои мусиқӣ, таблак баланд буд, ҷавонҳо ғазалхонӣ ва рақс мекарданд. Дар дегҳои калон шӯрбо ва кабоб мепухтанд. Тамоми аҳли деҳа ба тӯйхона даъват шуда буданд. Раису шариконашро ҳам пешвоз гирифта ба меҳмонхона даровардаид, ки дар он ҷо асосан мӯсафедон ва фаъолони қишлоқ, падару хешу табори арӯсу домод менишастанд. Раису шариконаш аз рӯи одат бо ҳамаи ҳозирон вохӯрдӣ ва пурсупос намуданд, пас аз пешгаҳ нишаста омин карданд, ба арӯсу домод бахту саодат хостанд...

Пас аз хӯроқ сӯҳбат авҷ гирифт. Авҷдиҳандаи сӯҳбат Раис буд. Вай шӯхиҳо мекард, ширинзабонӣ мекард; мӯсафедонро механдонд ва латифаҳо мегуфт. Яке аз қиссаҳои вай ин аст:

— Дӯстон, пештар занҳо ҳеҷ ҳуқуқ надоштанд ва канизи мардон шумурда мешуданд. Ин кам аст, ҳатто ҳамаи бадбахтӣ ва машаққати рӯзгорро, ҳамаи ношуди зиндагиро ба сари зан мепартофтанд, таҳқир мекарданд. Дар як китоби кӯҳна се суратро дидам. Сурати се мард. Яке нишаста фикру хаёл мекунад, дигаре даст бар сар мезанад, сеюмин хурсанду шодмон аст. Дар зери сурати аввал, ки мардак фикру хаёл мекунад, навиштаанд, ки ин фикр мекунад, ки зан гирам, ё нагирам. Дар зери сурати дуюм, ки мардак даст бар сар мезанад, навиштаанд, ки ин зан гирифта пушаймон шудааст. Дар зери сурати сеюм навиштаанд,

ки мардак занашро талоқ дода халос шудааст... Ҳамин тавр, аммо нанавиштаанд, ки бо гуноҳи кӣ зиндагии зану мард вайрон мешавад. Гуноҳро фақат ба сари зан мепартофтанд. Акнун ки зиндагӣ дигар шудааст, ҳуқуқи зану мард баробар аст. Бояд зану мард бо муросо ва мадоро зиндагӣ кунанд, ба ҳамдигар гузашт кунанд, ҳамдигарро ҳурмат кунанд. Он вақт зиндагӣ шакар мегардад.

Баъд Раис як масъалаи муҳимро ба пеши калоншавандагони қишлоқ гузошт.

— Бародарон, то ба ҳамин рӯз ҳеҷ кадоми шумо аз ман напурсидед, ки бобо-Раис, бигӯ, барои чӣ ҳамин қадар роҳи дурро гузашта қишлоқу адирҳои моро ба колхози худ ҳамроҳ кардӣ? Магар дар қарибии қишлоқи худатон ҷои набуд?

— Чаро мо ин суолро медодаем? — гуфт бригадир. — Мо хушбахт ҳастем, ки аъзои колхози Хатлон ҳастем. Пештар худамон колхози алоҳида будем, коламон пеш намерафт, аз қарз халос намешудем. Ба колхози шумо ҳамроҳ шудан инҷоиб шикамамон сер, ҳар рӯз тӯю тамошо дорем, қарзу қавола надорем.

— Ин суханат ҳам ҷои дорад! — гуфт Раис.—Лекин аз правлениям мо ин қишлоқ дур аст ва мо ҳама вақт хабар гирифта наметавонем. Аммо бо вуҷуди он шуморо ба колхози худ ҳамроҳ кардем, барои он ки дар ин ҷо замин бисьёр, дар ин ҷо барои молчаронӣ алаф бисьёр, дар ин ҷо муҳимтар аз ҳама барои боғпарварӣ шароит ҳаст...

Ҳозирон ҳайрон монданд. Чӣ хел боғпарварӣ, магар бо оби чашма боғ, чахорбоғ сохтан мумкин аст?

— Мо боғҳои майда-чуйда дорем,—гуфт як мӯсафед. — Лекин хосили он боғҳо аз бачаҳои худамон зиёдатӣ намекунад.

— Боғатон ба худатон насиб кунад! — гуфт Раис.— Мо дар поёнтар ба тарафи қишлоқи Тутзор, ки заминаш васеъ ва обдаваш хуб аст, боғи калони колхоз месозем. Себ, гелос, зардолу, нок мешинонем. Ангурзор мекунем. Аз меваи фаровони он ҳама шодоб мешавем.

— Қошкӣ, кошкӣ,—гуфтанд мӯсафедон.

— Не, кошкӣ гуфтан катӣ халос намешавед! —гуфт Раис. — Ҳозир хамаамон хеста ба ҳамон ҷои ман гуфтагӣ меравем. Нақшаю плани маро дида мебароем.

Агар ба хамаи шумо маъқул афтад, аз худи пагоҳ ба кор сар мекунем. Бригадир! Ба бачахо бигӯ, агар сардори управленияи электрик, номаш чӣ буд, Иванов буд, омада монад, дароварда меҳмондорӣ кунанд, мо, ки омадем, масъалаи электрики қишлоқро ҳал мекунем...

23

Қишлоқи Таки Ҷар дар ҳақиқат дар поён, дар одоғи дарьёи Сурхоб воқеъ гашта буд. Қишлоқ на чандон калон бошад ҳам, сабзу хуррам, ором ва хушманзар буд. Ҳавлиҳои калон-калон, боғчадор ва обшор дошт. Дар вақташ дар ин атроф кишти пахта набуд, боло тӯқайзор ва қамишзор буд. Мардум аз поён, аз чои нисбатан ҳамвор, заминҳои васеъро гирифта, ҳар кадом мувофиқи хосташ ба худ ҳавлию чо сохта буд. Ҳавлии Ҷияни Неъмат, ки худаш дар маркази район, дар як магазин фурӯшандагӣ мекард, низ аз ҳамин қабил ҳавлиҳои васеъ, сердолу дарахт ва обшор буд.

Эшони Санги Ҳамвор дар яке аз хонаҳои ин ҳавлӣ истиқомат дошт ва мехост дар баҳор аз поёнтари ҳавлӣ ба худ як-ду хона созад ва зану бачаҳояшро кӯчонда биёрад. Ҷияни Неъмат, ки номаш Мустақим Бобоев буд, ба эшон ихлосманд буда, ӯро ба ҳурмат ва тавозӯъ ба хонаи худ чо дода буд. Эшон дар хона хеле кам мешуд. Пуртар дар хонаи муридонаш, ё дар тӯю маъракаҳо ва азодориҳо рӯз мегузаронид. Рӯзҳои охир, ки бемор шуда буд, дар хонаи калон, ба рӯи бистари баланд, сараш латтапеч, кариб беҳуш мехобид. Як рӯз пеш аз мурданаш нохост ба ҳуш омаду чашмашро кушод ва ба атрофаш синча карду пурсид:

— Дар хона кӣ ҳаст?

Дар назди вай духтарчаи дувоздаҳсолаи соҳиби хона нишаста буд.

— Атам, очам, ҳама ҳастанд, — гуфт духтарча.

— Ҳамаро ҷеғ зада биёр! — гуфт эшон ва бо забонаш лабони парсингзадаашро нам карда монд.

— Чой диҳам? — пурсид духтарча.

Эшон бо сараш аломати ризо нишон дод. Духтарча нули чойникро ба лабони эшон бурд. Бемор бо лаззати калон чои нимсардро нӯшиду «худоро шукур!» гуфта

монд. Духтарча пас аз ин беруи баромад ки «ҳама»-ро ҷеғ зада биёрад.

Эшон ҳис намекард, ки ҳавои хона сард аст, ё гарм. Лекин чашмонаш ҳамаро мединданд. Вай нурхои офтобро медид, ки аз тирезаи хона тобиш намуда дар шуои он гарду чанги бисьёре равшан тобиш медоданд. Дар қарибии бистари ӯ хонтахтае буд ва дар рӯи он дар табақе чанд сар ангури тонфӣ, чойник, пиёла ва нони чапотӣ менстоданд. Дили эшон ба ангур монд шуд, вале даст дароз карда хӯрдан малол намуд...

...Зиндагӣ чӣ тавр хуб аст. Офтоб дорад, ангур дорад, нон дорад, чой дорад, хузуру ҳаловат дорад... Мурдан хуб не, мурдан лозим не. Қас ки мурд, хоку туроб шуда меравад, дар қаъри лаҳад мепӯсад, чӣ лозим!

Вай ба гумон мурда буд. Дар хотир дорад, ки пояш лағжид ва худро дошта натавониста афтод, сараш ба чизе расиду ҷонаш баромад ва дигар ҳеҷ чизро нафаҳмид. Албатта мурд, ба нестӣ, ба торикии бадӣ фурӯ рафт... Аммо умраш будааст, бозгашта зинда шуд. Ҳозир дар хонаи калони Мустақим-хоҷа хобидааст. Аҳволаш бад не. Об нӯшид, ба худо шукр кард. Ҳама ки ҷамъ шуданд, вай бояд ба онҳо насиҳат кунад, васият кунад. Занҳо ва бачаҳои худаш нестанд, барон онҳо ҳам гап занад, онҳоро ҳам ёд кунад.

Суолу ҷавобҳои диниро, ки дар кадом китоби кӯхна хонда буд, ба ёдаш овард. Суолу ҷавобҳои аҷоиб буданд. Ҳам тасаввуфӣ хам замонавӣ... Дар сӯҳбат бо авом аз ҳамон суолу ҷавобҳо фоида мебурд. Ҳоло ҳам ба худ қарор дод, ки ба одамҳои меомадагӣ аз ҳамон суолу ҷавобҳо истифода бурда сухан меронад. То ки мардум ба ақлу дониши вай қоил шаванд, то ки мардум ба вай ихлос банданд, ихлос! Аз хар район дах кас ихлосманд дошта бошад, бас аст, нимн мардуми ин гирду атроф муриди вай мешаванд. То ба имрӯз кӯшиши вай беҳуда нарафт. Бисьёре ба вай эътиқод доранд. Ба ҳаминаш шукр, сад ҳазор бор шукр!

Дар кушода шуду Мустақим-хоҷа, занаш, модараш, ва хоҳараш даромада омаданд. Онҳо ҳанӯз дар гирди чогаҳи ӯ қарор нагирифта, Неъмат бо модараш даромада омаданд. Ба эшон салом доданд, ӯро табрик карданд, ба саломат шудани вай шукр карданд.

— Хайрият, хайрият, — гуфтанд, — чашм кушодед.

Ду рӯз боз моро тарсонда будед. Акнун, насиб бошад, сиҳат-саломат мешавед.

Эшон ган назад. Ба рӯи ҳар кадом омадагон чудо чудо синча кард, тахти дилашонро фахмиданӣ шуд. Қаиӣ ба вай, ба эшон ихлос доранд, ё не. Ба гумони эшон чунин намуд, ки омадагон, қариб ҳама ба вай ихлос доранд. Пас лаб кушоду гуфт:

— Ба худо сад бор шукр! Ҳазор бор шукр! Хайрият, ки ба дардам шифо бахшид.

— Ҳа, ба худо шукр, — гуфтанд Мустақим-хоҷа ва Неъмат.

— Шахсе аз бузургворе пурсидааст, — гуфт Санги Ҳамвор диққати ҳамаро ба худ ҷалб намуда, — эй бузургвор, бигӯед, аз худованд чӣ бояд хост? Бузургвор ба ҷавоб гуфтаанд: хайрияту офияту саломатӣ!

— Ҳақ асту рост! — гуфта монд модари Неъмат.

— Ба ҳаман шумо ҳам насиҳат ва ҳам васияти ман ҳамин аст, ки аз худованд ҳамеша саломатӣ хоҳед! Саломат бошед, дарнамемонед. Ба хар бадбахтӣ бо мадади парвардигор чора меёбед!

— Бале, бале, — гуфт Мустақим-хоҷа. — Тани сиҳату хотири ҷамъ гуфтаанд.

— Акнун ки ҳама ҷамъ ҳастед ва ман бистарӣ шудаам, мехоҳам ба шумо камтар панду насиҳат дода васияти худамро кунам...

— Васият нагӯед, тақсирам! — гуфт модари Мустақим. — Ба шумо чӣ шудааст, ки васият мекардаед?! Насиҳату панди шумо ба мо сад тилло! Насиҳат гӯед!

— Не, васият ҳам шарт! — гуфт эшон. — Дуньё ҳодис гуфтаанд. Қас намедонад, ки пас аз соате, ҳатто пас аз нафасе чӣ ҳодиса мешавад. Бинобар он васият ҳам зарур. Аҳлу аёли ман дар ин ҷо нестанд. Лекин шумо наздикони ман ҳастед. Ба шумо мегӯям. Агар худо накарда қазо омада монаду ман аз ҷаҳон гузарам, хафа ва ғамгин нашавед, аҳлу аёлам ҳам бисьёр гирьяю нола накунанд. Ба ҷои сӯзу гудоз ба халқи худо, ба онҳое, ки ба дафни ман меоянд, худой диҳанд. Дегҳои калон гузоред, гову гӯсфанд сар занед, шӯрбо, ош ва кабоб пухта ба мардум хӯронед, ки дуою фотиҳаи ҳар кадоми онҳо маро ба ҷаннат қаribтар мегардонад. Шахсе аз ҳамон бузургвор пурсидааст, зиндагонӣ чӣ гуна ба сар бояд кард? Ҷавоб додаанд,

ки ба хушнудӣ, камозорӣ ва хайру сахо. Ман хушнудона зиндагӣ кардам, ба ёд надорам, ки касеро озор дода бошам ва то аз дастам омад, хайру саховат кардам. Бигзор пас аз чашм пӯшиданам ҳам мардум хайру саховати маро донанд ва бинанд. Барои ин дар дасти аҳлу аёли ман пулу чиз ёфт мешавад.

— Моли ҳар кадоми мо моли шумост! — гуфта монд модари Неъмат.

— Ҳа, ҷаноби ҳазрат! — гуфт Мустақим-хоҷа. — Молу давлати мо молу давлати шумост. Аз шумо чизеро дареғ намедорем... Лекин дар бораи қазо ва мурдан фикр накунед. Насиб бошад, сиҳат саломат шуда ба тӯю тамошохои мо рақсида мегардед!

Ҳамин калиман «рақсида мегардед» ба эшон хуш наомад ва каме хомӯш истода гуфт:

— Ҳамон шахс аз бузургвор пурсидааст: Иззат ба чӣ афзун мешавад? Ҷавоб додаанд, ки ба кам гуфтан. Шумо ҳам, Мустақимхоҷа, кам гуфтанро омӯзед, аз мо барин рӯздидигон бисьёр шунавед!

— Рост, рост, — гуфт Мустақим-хоҷа, — Ман гунаҳгор, узр мехоҳам.

Пас аз ин дар хона хомӯшӣ хукмрон шуд. Бемор чашмашро калон кушод ва лабонашро бо забонаш нам карду бо дасташ ба сӯи чойник ишора намуд. Лекин ҳозирон нафаҳмиданд. Фақат духтарчаи дувоздаҳсола, ки пештар аз ин ба эшон чой нӯшонда буд, аз ҷо бархосту чойникро гирифта ба лабони эшон наздик намуд. Эшон чанд қулт чой нӯшиду баъд:

— Худоро шукр! — гуфт ва каме истода илова намуд: — пурсидаанд, ки кадом мараз аст, ки табиб аз илоҷи он фурӯ монад. Ҷавоб додаанд, ки ҳамоқат ва аблаҳӣ! Агар ин духтарчаи доно ишораи маро намефаҳмид, ягонтан аз шумо об хостани маро намефаҳмидед.

Ҳозирон хиҷил гаштанд ва хомӯш монданд.

— Акнун ба ҳама ҷавоб! — гуфт эшон. — Ман... Ман... Қамтар... Ин дафъа хона будагон мақсади эшонро фаҳмиданду оҳиста ва бесадо баромада рафтанд ва дар назди эшон боз ҳамон духтарча нигарон монд.

Пас аз як рӯз эшони Санги Ҳамвор мурд. Наздиконаш гуфтанд, ки ҳамон рӯз бехуш буду қаribи офдани ин воқеа буд. Вале на рансро ёфт ва на Азизро. Вақте ки худаш танҳо, мотоцикл савор баргашт, дар

тобшинам ҷонаш баромад. Неъмат давида ба назди раис рафт. Мақсадаш ба вай ва ба дигарон хабар додан буд. Ба ҳавлӣ даромада одами бисьёреро дид, ки аз Қарамазор омадаанд. Аллакай рӯи ҳавлӣ чароғон, калон гилему кӯрпаю кӯрпачаҳо партофта шудагӣ буд. Неъмат ба хона даромад, ки дар он ҷо Билолов, Мустаким-хоҷа ва боз чанд нафари дигар нишаста буданд. Билолов фармон медод ва тархи корро мекашид:

— Эшони Санги Ҳамвор, худо раҳмат кунад, одами андак-мундак набуданд, — мегуфт Билолов. — Ин кассро коф то коф медонанд. Мардумони районҳои ин гирду атроф мешиносанд ва ихлосманд ҳастанд. Бинобар он пагоҳ дафни ин касро муносиби курбу манзилаташон кардан лозим. Ҳозир ҳаман ин ҷавонҳо ба районҳои гирду атроф раванд, мардумро хабар кунанд. Пагоҳ дар дашти болои роҳ, дар ҳамвории васеъ ҷо дуруст мекунем. Аз рӯи васияти худи эшон дегҳон калон мешинонем, обу ош мекунем. Ин корро ман худам бӯҳда мегирам. Мустаким-хоҷа одамони аз Қарамазор омадагиро ба худ гирифта дар дашт ҷои нишаст, ҷои хатми Қуръон ва ҷои ҷаноза дуруст мекунанд. Ман боварӣ дорам, ки аз районҳо молу чизи бисьёр мерасад.

Фармони Билолов худи ҳамон дақиқа ҷоман амал пӯшид. Ҷавонҳо ба мошинаҳо, мотоциклҳо, велосипедҳо ва аспу харҳо савор шуда ба ҳаман районҳои гирду атроф ба хабар рафтанд. Ду-се нафар ба сари телефон нишастанд ва районҳои дурро хабар карданд. Кор чӯшида рафт...

24

Рӯзи дигар дар майдони болои роҳ аз аввали пагоҳ сар карда автомобилҳои боркаш ва сабукрав қатор шудан гирифтанд. Майдони болои роҳ замини колхоз набуд. Дар он ҷо кадом як ташкилоти район чӣ як корхонае сохтанӣ буд. Бинобар он ҷанозаи эшонро на дар хоки колхоз, балки берун аз он, дар майдони болои роҳ гузарониданӣ шуданду бо ҳамин дар назди бобо-раис масъулиятро аз гардан соқит карданӣ шуданд.

Меҳмонхои омадагиро Билолов, Неъматҷон, Мустаким-хоҷа, Ғулом ва хешу таборони эшони Санги Ҳамвор пешвоз мегирифтанд, ва ба рӯи гилему намаду молу палосҳое, ки дар майдон густурда шуда буд, даъват менамуданд. Дар як сӯи майдон оташдонҳои калон канда, дегҳои лангарӣ шинонда буданд ва дар онҳо шӯрбою кабобу ош мепухтанд. Ҷавонҳои бисьёре, ки аз Қарамазор омада буданд, хизмат карда мегаштанд. Ба назди меҳмонҳо дастурхон мегустурданд, нону ширинӣ мегузоштанд ва чойники чою пиёлаҳоро қатор мекарданд. Мӯсафедони хушгуфтор ба меҳмонҳо фахмонида медоданд, ки ҳаман ин сару кор аз рӯи васияти «ҷаноби ҳазрати мавлоност».

Он молу хӯрокворию газвору чизҳои дигар, ки аз автомобилҳои боркаш фароварда мешуданд, қисме ба хавлии Мустаким-хоҷа мерафт, қисме дар худи майдон гузошта мешуданд. Оҳиста-оҳиста дар гирди майдон автомобилу аробаю аспу улавҳои бисьёре ҷамъ гардида, издиҳоми мардум ҳам афзун шуд. Майдон қариб ба сайлгоҳ мубаддал гашт. Дар байни омадагон мӯсафедони диндор, колхозчиёни оддӣ, бригадирҳо, мудирони фермаҳо ва ҳатто баъзе раисони колхозҳои районҳои гирду атроф буданд...

Шумо дар ҳайратед, ки ин ҳамаро кӣ ташкил дод ва барои чӣ ин қадар одам кору бори худро монда ба ин ҷо, барои хондани ҷанозаи эшони Санги Ҳамвор омадаанд? Магар вай дар ҳақиқат соҳибкаромат ё қаҳрамони фидокори халқ, ҷонсупори роҳи саодати мардум ва одами машҳуру маъруфи ин сарзамин буд? Худаш чӣ гап? Дар замони мо, ки халқ аз мавҳумот, аз хурофоту ҷаҳолату нодонӣ кайҳост ҷудо шуда, ҳаёти масъудона, беқайду банду асорат, ҳаёти озодонаи худро месозад, ба мурдаи як эшони муқаррарӣ ин ҳама барои чист?

Бале, шумо хақ доред, чунин суолҳоро қатор кунед. Пеш аз навиштани ин боб худам ҳам ҳамфикри шумо будам ва қариб буд, ба ахбори худ бовар накунам. Не, мутаассифона, ин хабар ҳама рост аст ва ба ҷанозаи эшони Санги Ҳамвор дар ҳақиқат одами бисьёре ҷамъ шуда буд. Ба фикри ман, ин чандин сабабҳо дорад.

Аввалаш ҳамин ки дар байни мардум ҳанӯз одамони содда, одамони сустирода, одамони кӯҳнапараст

ва дандор хастанд: ханӯз зоғони бадмур дар шуури як қисми мардум лона доранд. Ханӯз одамоне ёфт мешаванд, ки агар гӯед дар кӯча касе рафта истода якбора ба санги хоро мубаддал гашт, бовар мекунанд. Одамоне хастанд, ки ба табибони фиребгар ва қаллоб бовар карда, аз ҷойҳои дур, бо азобу машаққат ба қабули вай меоянд.

Мегӯянд, ки дар Самарқанд табибе пайдо шудааст, ки гӯё дар ду ангушти дасти росташ қувваи шифобахш доштааст ва хатто кӯронро бо ангушташ молида бино мекардааст. Шумо агар дарди миён, дарди по, дарди сар доштa бошед, бо як молидан шифо меёфтаед ва ғайра ва ҳоказо... Мегӯянд, ки ин «табиб», аслан як бекорхӯҷаи араққхӯр буда, зиндагии худро бо савдогарӣ ва бозоргардӣ мегузаронидааст. Гӯё, боре аз наздики қабристон гузашта истода мебинад, ки устухони каллаи одамӣ афтода хобидааст. Бекорхӯҷа калларо гирифта ба боло менартояду ба хонааш бармегардад ва худи хамон шаб ҳар ду дасташ шал мешаванд. Рӯзи дигар бо доду фарьёди вай мӯсафеде омада мепурсад, ки чӣ воқеа рӯй дод. Мардак воқеаи калларо гуфта медиҳад. Инро шунида мӯсафед мегӯяд, ки:

— Хуб накардаед, калларо дурусттар ва бо эҳтиром гӯр кардан лозим буд.

Пас ҳарду як метр суфи сафед ва як кӯза оби гарм гирифта ба қабристон мераванд, калларо гирифта ғусл медиҳанд (яъне мешӯянд) ва ба суф печонда, аз сураҳои Қуръон хонда, бо ҳурмату иззат ба хок месупоранд. Хамон шаб бекорхӯҷа, гӯё, дар хобаш панҷ авлиёро мебинад, ки ҳамаашон дар даст асо, дар тан ҷомаҳои сафед, бо ришу дастори сафед ба сари вай омада мегӯянд, ки дастонаш сиҳат шуданд ва мо ба ту чунин хосияте медиҳем, ки ду ангушти ту ба панҷ дард шифо мебахшад. Пас аз ин ба беморон, ба халқи худо ёрӣ расон ва одамонро сиҳат кун! Мардак аз хоб бедор шуда мебинад, ки ҳар ду дасташ сиҳат шудаанд ва дар ду ангушташ қувваи зӯри электрикӣ пайдо шудааст. Пас, таҳорат мекунад, намоз мехонад ва ин «асрорро», ба хамон мӯсафед мегӯяд. Он мӯсафед дарди по доштааст. Аз расидани ангушти «табиби навпайдо» ба дардаш шифо меёбад ва овоза паҳн шуда меравад... Аммо чи тавр аҷоиб карда мебофтанд ин фиребгарон!

Ҳоло барои ба назди ин «табиб» даромадан чандин рӯз навбат пондан лозим аст.

Ин тавр «табибҳо» дар Тошканд, дар Бухоро ва дигар шаҳрҳо низ пайдо шуда менистанд. На ин ки дар Осиёи Миёна, балки дар Россия, дар Украина низ ҳамин хел шарлатанҳо пайдо шуда чандин вақт мардумро фиреб дода гаштанд ва аҷоибот дар он аст, ки бовар мекардагони ин фиребгарҳо кам нестанд.

Одамоне пайдо мешаванд, ки ё ба пул, ё «охлисан лиллоҳ» ба ин фиребгарҳо ёрӣ мерасонанд, мардумро ба сӯи онҳо ташвиқу тарғиб мекунанд, муболиғаҳо карда таъриф мекунанд, коре мекунанд, ки халқи содда бовар мекунанд ва гурӯҳ-гурӯҳ ба сӯи он «табибҳо» мераванд. Гоҳо мешавад, ки як қисми ин беморон сиҳат ҳам мешаванд, аммо на аз ангушт, ё «оби шифои табиб», балки аз дигар воситаҳо, ё аз бовар ва ихлос ва ё аз гузаштани фурсат... Агар як кас, ё ду кас иттифокан шифо ёбад, тамом! Ташкилотчиён ва ташвиқгарони «табибҳо» ба олам карнай мезананд...

Вокеаи Санги Ҳамвор низ аз он «табибҳои» сохта фарқ намекунад.

Сабаби дигаре, ки Санги Ҳамворро ин қадар машҳур кардааст, баакл, рӯҳшинос ва заковат доштани вай буд. Мулло Эшназар, чунон ки гуфтем, дар Бухоро мадрасаи динияро ба итмом расонида, омада буд. Қитоби бисьёре хонда, «Қимиёи саодат»-и Имом Ғаззолӣ, китоби Санд Абдулфаттохи Ашрафалӣ ва дигар китобҳои фалсафӣ, адабиро хонда, мулло ва пурдон шуда буд. Вай транзистори японӣ дошт, ки дар шаб ахбороти оламро аз Москва, аз Лондон, аз Деҳлӣ ва дигар ҷойҳо шунида менистод, газета ва журналҳои тоҷикиро, ки ба дасташ афтад, ҳичча карда мехонд. Айби вай хамин буд, ки ба корхои ҷисмонӣ, ба меҳнати ҳалол танбалӣ мекард. Ба осон ёфтани пул, ба ҳаёти беғамона ва беташвиш, ба муфтхӯрӣ одат карда буд. Иззат ва ҷох, ному шӯҳрат мехост ва бинобар он дуохонӣ, табибӣ мекард, мардумфиребӣ мекард ва харакат менамуд, ки бошӯҳрат, бонуфуз ва баобрӯтар бошад. Барои ба ин мақсад расидан аз ҳар имконият истифода мебурд. Ихлосмандони худро, наздикони худро мефармуд, ки ба ҳар ҷо рафта мадҳу санои ӯро кунанд, мардумро ба сӯи ӯ ташвиқу тарғиб кунанд. Гохо худаш хам бо ду-се нафар наздиконаш ба муридшико-

рӣ мебаромад, районҳои гирду атрофро давр зада ба худ ихлосманд ҷамъ мекард.

Сабаби охирин ва камтарини дигар, ки ӯро машҳур кардааст, Билолов барои касон буданд, ки ба мақсади пеш бурдани тадбирҳои худ аз вай истифода бурданӣ мешуданд ва ӯро пеш меронданд. Имрӯз ҳам Билолов дар дил плану нақшаю тадбирҳои бисьёре дошт ва бинобар он мурдаи эшонро баҳона карда ҳимҳима бардошт ва ҷанозаи мулло Эшназарро ин қадар бо дабдаба гардонид.

Онҳо ба пешвози тобути мулло Эшназар, ки аз тарафи қишлоқ дар китфи одамони бисьёре лапон-лапон меомад ва пеш-пеш фарзандони вай ва наздиконаш миён баста, дар даст асо гирифта, нолакунон меомаданд, бархоста буданд. Дар он ҷое, ки мебоист тобутро мегузоштанд, як бист метр суфи сафед паҳн карда монда буданд. Пас аз хонда шудани ҷаноза ва бардоштани тобут аз рӯи анъана мардум талош карда он суфро порапора мекарданд ва ҳар кас ба қадри тавонаш порчае мегирифт.

25

Ҳавои офтобӣ якбора тағьир ёфт. Аз тарафи Ғарб шамоли сард, шамоли тезу тунд ва нофорам вазида, абрҳои ғафс ва тираро сур карда овард ва осмони сафро нобуд карда, дар як дам рӯзро ба охир расонид. Баргҳои охирин, ки дар шохи дарахтон ба умеди дидани баҳори оянда часпида монда буданд, канда шуданд ва бо хоку чанги кӯчаи қишлоқ оғушта ба ҳар тараф ба иродаи шамол медавиданд. Подаи қишлоқ кайҳо баргашта буд. Кӯчаҳо бекас ва холӣ шуда мондаанд. Дар нури электрики болои дари идораи колхоз сояҳои дарахтони бебарг бозӣ мекарданд...

Дар беруни ҳаво хунук ва нофорам бошад ҳам, дар кабинет печкаи девориро нағз гарм карда буданд, ки дар ин тавр фурсати бад шудани ҳаво ва хунукӣ ба кас хеле мефорид. Раис дар сари столи кор менишаст ва мешунид, ки дар хонаи ҳамсоя бухгалтерҳо чӣ тавр чӯт мезананд ва дар печка ҳезуми хушк чӣ тавр чарсос зада месӯзад.

Имрӯз пас аз баргаштани вай аз қишлоқи Обраҳа

сарбухгалтер, сарагроном ва котиби ташкилоти комсомолӣ дар бораи тантанаи ҷаноза эшони Санги Ҳамвор нақл карданд.

— Билолов, Неъмат-акам ва Мустақим-хоҷа сардор буданд, — гуфт котиби комсомолӣ Истад.—Ман аз маркази район омада истода дидам.

— Неъмат «йиртиш» тақсим карда медод? — пурсид раис.

— Ҳова, — гуфт сарбухгалтер. — Дасту остин барзада кор мекард.

— Ту аз кучо медонӣ? — пурсид раис. — Наход кори идораро монда ба ҷаноза хондан рафтӣ?

— Аз қишлоқи Гулистон омада истода дидам,— гуфт Абдураҳмон.

— Дар Гулистон чӣ кор мекардӣ?

— Кор баромада монд, — гуфт Абдураҳмон.

Аммо раис ба гапи ӯ бовар накард. Рӯсияҳ, ту ҳам ба ҷанозахонӣ рафтагистӣ, гуфт ба дилаш.

— Кори нағз нашудааст! — гуфт раис. — Ҳамин қадари шумо ҳамин ҷо истода мондед, ки Билолов боз фиреб дод. Хайр, Азиз кучо шуд?

— Аз сари гӯсфандон омадан замон ба район рафт, — гуфт сарагроном. — Гӯё аз райком ҷеғ заданд.

Раис ба телефони котиби якуми райком Муҳаммадамин Сангинов занг зад, лекин ҳеҷ кас ҷавоб надод.

— Аҷиб, — гуфт хаёлашро ба забон оварда раис.— Азизро ба чӣ ҷеғ заданд? Хайр, ба ҳама ҷавоб, ба ратон машғул шавен! Ҳа, сарагроном шуда истода, ту, рафиқ Сафиюллин, ба қишлоқи Обраҳа кам меравӣ! Мо нақшаю плани боғи калони колхозро дуруст карда омадем. Ҳаво андак соз шавад, мардум ба кор сар мекунанд. Ту ҳам пас аз ду-се рӯз технику танобчиҳоро (землемерҳоро) гирифта рав! Пеш аз ҳама роҳ сохтан лозим, аз қишлоқ то ба худи боғ роҳи ҳамвори соз бисозен!

Пас аз рафтани рафиқонаш раис боз ду бор ба райком занг зад. Ниҳоят котиби техникӣ телефонро бардошта гуфт, ки Сангинов маҷлиси муҳим доранд, дертар занг занед. Ин хабар боз ӯро ба ташвиш андохт. Хост, ки бевосита ба кабинети Сангинов занг занад, боз мулоҳиза кард. Хуб не, агар иштироки вай лозим

мешуд, чеғ мезаданд. Модом, ки Азизро бурдаанд, албатта ягон масъалаи муҳим оид ба колхози онҳост. Дар ин фасли сол чӣ масъалаи муҳим мешуд? Албатта ҷанҷоли ҷанозаи эшони Санги Ҳамвор будагист...

Ин лаънатиҳо ҷанозаро дидаю дониста, калон кардаанд! Ин қадар одам бехабар аз роҳи дур намеояд, албатта. Шубҳа нест, ки билоловҳо бо телефон ба агентҳои гирду атроф хабар додаанд ва онҳо ҳимҳимаро бардоштаанд. Акнун ба ин моҷаро кӣ ҷавобгар аст? Албатта ӯро — Мирҳайдарро ҳам ба масъулият мекашанд, албатта ӯро ҳам ҷавобгар мекунанд. Чаро ба ин тантана одамони колхоз ҳамроҳӣ кардаанд? Ташкил кардаанд? ва ғайра ва ҳоказо...

Чӣ мешуд, агар вай ба қишлоқи Обраҳа намерафт? Сардори управления омада сарсон мешуд. Таиёрӣ ба киштукори баҳорӣ намешуд, мардум, ки чандин рӯзҳо ин тараф ба роҳи ӯ чашми интизор доштанд, маъюс мешуданд, нақшаю плани боғи колхоз ба қафо мерафт ва имсол боғсозӣ намешуд, ба давлат ва ба ҷамъият чӣ қадар зиён мерасид. Баъд вай аз куҷо медонист, ки эшон мемураду ҷанозаро калон мекунанд. Баъд, охир ба мурда ва ҷанозаи як эшони лаънатӣ ӯро, раиси колхозро чӣ кор?!

Хайр, виҷдони вай дар назди ҷамъият ва давлат пок аст. Вай ба ғайр аз хайрхоҳии мардум ба ғайр аз пешрафти кори колхоз дигар мақсад надошт ва надорад. Агар дар ин роҳ аз вай баъзан саҳву хатоҳо содир мешуда бошад, ҳам қасдан не. Касе, ки кор мекунад, саҳв карданаш мумкин. Хусусан дар кори колхоз!

Бале, вай саҳву хато кард, ки ба эшони Санги Ҳамвор роҳ дод. Пою қадами ӯро аз колхоз дур кардан лозим буд. Дар ин ҷо раҳмдилӣ, сустӣ кард. Одамҳо ҳам аҷаб! Аз чанд тараф ба эшон ҳомӣ шуда омаданд, эшон дигар эшонӣ намекунад, кор мекунад гуфтанд. Вай ҳам бо мақсади одам кардани як гумроҳ ба ин кор розӣ шуд...

Мирҳайдарро аз ин фикру хаёлҳо занги телефон раҳо кард. Аз Душанбе, аз Совети Олӣ занг мезаданд. Ба вай гуфтанд, ки худи пагоҳ то бегоҳӣ ба Душанбе расида равад, ба Москва сафар карданаш лозим. Дастаки телефонро гузошта буд, ки дарро тақ-тақ зада ба кабинет ду нафар корманди идораи милицияи район даромада омаданд.

— Салом, бобо-раис, — гуфт яке аз онҳо, ки дараҷаи капитанӣ дошт. — Мебахшед, ки дар бевақтӣ ба шумо ташвиш дода омадем.

— Салом, — гуфт раис. — Марҳамат, ҳеҷ ташвиш не.

— Моро шинохтед, албатта, — гуфт они дигар, ки дар тан либоси граждани дошт. — Мо аз идораи милицияи район... Дар бевақтӣ маҷбур шудем, ки ба коратон халал расонем.

— Марҳамат, гӯшам ба шумо! — гуфт боз раис.

Омадагон аз рӯ ба рӯи раис нишастанд.

— Қори ҷиноятии Имом Қенҷаевро қариб тамом кардем, — гуфт муфаттиши дуюм. — Дар ин кор ба мо худи Тӯтихон ба ҳуш омада хеле ёрӣ расонид. Маълум шуд, ки Билолов сабабгори асосии ин ҷиноят будааст. Дар ин хусус Имом Қенҷаев ҳам иқрор шуда истодааст. Мо омадем, ки дар хусуси Билолов фикри шуморо донем.

— Аҷаб! — гуфт раис ҳайрон шуда. — Ҳоло Билолов ба одамкушӣ ҳам сар кардааст, гӯед?

— Сар кардааст не, бобо-раис, — гуфт капитан. — Билолов хеле корҳо карда будааст, ки дар натиҷаи тафтиш ошкор шуда истодааст. Шояд шумо ҳам баъзе чизҳоро донед?

— Ба шумо чӣ гӯям, — гуфт раис. — Ин хам як саҳву хатои ман аст, ки ба вай кафил шуда ба колхозамон ба кор гирифтам. Охир, ман пештар ӯро мешинохтам, одами бағайрат ва хуб буд, ташкилотчии нағз буд. Бинобар он бо маслиҳати рафиқ Сангинов ӯро ба кор гирифтам, гумон кардам, ки акнун аз тӯдабозӣ даст кашидагист, акнун одам мешудагист. Вай гирья карда истода ба ман қавл дода буд, ки бо дилу ҷон кор мекунад ва донишу таҷрибаи худро дареғ намедорад. Аммо надонистам, ки пас аз гузаштани ду-се сол вай боз ба роҳи тӯдабозӣ ва бадкорӣ қадам мегузорад.

— Ҳамин тавр, — гуфт капитан. — Рафти кор нишон медиҳад, ки Билолов ба роҳи ҷиноят қадам мондааст.

— Ман агар аз рафтори ҷиноятии вай каме хабардор мешудам, — гуфт раис, — худам ба шумо маълум мекардам. Афсӯс, ки Билоловро дуруст нашинохта будаам.

— Тӯтихон ба шумо шикоят кард? — пурсид капитан.

— Ҳа, дар ҳамин қарибӣ шикоят карда буд, —гуфт раис ва ҳикояти гирья карда омадани Ғӯтиро ба тафсил гуфта доду илова намуд: — Боз ин хатои ман шуд, ки аз гуфтаҳои Тӯтӣ хулосаи дуруст набаровардам, боз раҳмдилӣ кардам...

— Шумо ҳам то ба ин дараҷа паст рафтани ӯро аз куҷо медонистед! — гуфт капитан. — Гумон кардагиед, ки худаш ислоҳ мешавад...

— Ҳамин тавр.

— Лозим мешавад: ки ӯро ба ҳабс гирем. Шумо чӣ мегӯед?

— Марҳамат! Ҳар чӣ қонун фармояд, аз рӯи ҳамон амал кунед.

— Хуб, раҳмат ба шумо!

Омадагон хайрухуш карда рафтанд.

Пас аз рафтани коркунони милиция, табъи бе он ҳам хираи раис боз ҳам хиратар шуд. Вай тӯдабозӣ, мансабталошӣ карда ғаштани Билоловро медонист, фаҳмида буд, вале то ба ин дараҷа паст фаромадани ӯро, хатто ба чиноят рафтани ӯро ба хаёлаш ҳам оварда наметавонист. Охир, Билолов ҳар чӣ ҳам бошад, фарзанди одами меҳнаткаш, падараш деҳқони камбағал, худаш ҳам дар даври Ҳокимияти Советӣ ба воя расида, бо машаққат хонда, савод бароварда, бо босмачиҳо мубориза бурда, барои Ҳокимияти Советӣ ҷонашро дареғ надошта буд. Пас, дар солҳои пеш аз ҷанг ва дар солҳои ҷанг хизматҳои шоён ва ташкилотчигии хубе аз худ нишон дода сазовори мукофотҳо гашта буд... Наход, ки ҳамин тавр одам барои мансаб, барои кайфу сафои худаш, барои ҷоҳу ҷалол то ба ҳамин дараҷа пастӣ меравад, ки ба куштани бегуноҳе амр медиҳад?

Бале. Раҳмдилии вай ҷиҳатҳои неку ҷиҳатҳои бад ҳам дорад. Одамдӯстиро ба дараҷаи аъло расонидаанаш хуб аст, вале пеши бадкирдориро дар сари вақташ надоштан, бадкирдорҳоро сахт ҷазо надоданаш ҳам хуб нест. Аз ин рӯ гоҳо вай ба банду баст гирифтор мешавад, пеши роҳи кораш андак бошад ҳам, гоҳо баста мешавад. Аммо чӣ кор кунад, ки одамизод шири хом хӯрдааст, бе саҳву хато корашро пеш бурда наметавонад, дар саҳву хатои зиндагӣ кор меомӯзад....

Бобо-раис ба ҳавлии худаш омад. Гулсумой нахо-

бида буд. Шавҳарашро бо рӯи кушод пешвоз гирифту ба сари столи хӯрок шинонид ва чой кашида дод.

— Шӯрбо гармакак истодааст, — гуфт вай, — кашида биёрам?

— Не, аз ҳамин гӯшташ камтар хӯрам, кифоя, — гуфт раис ба табақи гӯшти яхнӣ ишора карда. — Дилам онҷа хӯрок намехоҳад.

— Чӣ шуд боз? — гуфт зани рамузфаҳм, — хафа менамоед?

— Дар набудани ман бисьёр корхо шудааст, — гуфт Мирҳайдар. — Одамони колхози мо ба ҷанозаи эшон фаъол иштирок кардаанд. Ин гап, албатта ба болоҳо рафта расидааст, ки Азизро ба райком ҷеғ зада бурданд. Ҳанӯз ҳам аз вай дарак нест.

— Ҷанозаи калон шуданашро фаҳмидам, — гуфт Гулсумой, лекин надонистам, ки аз одамони мо киҳо будаанд.

— Асосан Билолов, баъд Ғулом, Неъмат баринҳо...

— Билолов одами фалокат аст, ҳаман фитнаю фасодҳо аз вай сар мезанад.

— Ин гапат рост! — гуфта монд раис.

— Ҷазоша худаш мекашад! Барои вай ғусса нахӯред. Гиред, нони равғанин кардам, нони шумо дӯст медоштагӣ, гӯшт хӯред!

Раис андак нону гӯшт тановул кард.

— Бачаҳо хобанд? — пурсид вай.

— Ҳа, хоб рафтанд — гуфт занаш. — Фарҳод, писари эркаатон аз Душанбе омад. Ҳаман имтиҳонҳояшро аъло супурдааст. Се рӯз ҷавоб гирифта омадаааст.

— Нағз. Хайр, мо ҳам мехобем, Азиз имшаб наомадагист.

Лекин Азиз омад. Дарро тақ-тақ зада ба хонаи калон даромаду хастаҳолона ба рӯи стул нишаста монд.

— Хӯш, монда нашав? — пурсид Мирҳайдар. — Корҳо бахайранд?

— Корхо бахайр, — гуфт зӯран табассум карда Азиз. — Лекин ҷанҷол калон. Як пиёла чой ҳаст, янгаҷон?

Гулсумой ба Азиз чой рехта доду пурсид.

— Шӯрбо биёрум?

— Қошкӣ, — гуфт Азиз ва чойро ҳарисона нӯшиду як нафаси роҳат кашид.

Гулсумой бо баҳонаи шӯрбо овардан раису котиби ташкилоти партияро танҳо гузошта берун баромад.

— Кошкӣ ин фалокати Санги Ҳамвор наметмурд!— гуфт Азиз. — Мурдааш ҳам ба сари мо бало оварда истодааст.

— Дар райком будӣ?

— Дар райком масъаларо калон бардошта истодаанд. Нишондодҳои сахт омадааст. Чандин касон аз Қарамазор, чандин касон аз Ғалла Арал, аз райони Сурхоб, аз Пахтакор ва дигар ҷоҳо ба масъулият бояд кашида шаванд.

— Аз мо киҳо?

— Аз мо Билолов, Ғулом, Неъматҳо хастанд.

— Боз чӣ?

— Боз албатта ману шумо ҳам бе гап наметмонем. Баъдтар моро ҳам муҳокима мекардагиянд.

— Равшантар нафаҳмидӣ?

— Не, гумони худам ҳамин ва аз муомилаҳо ҳам равшан шуда истодааст.

— Ба ин шубҳа нест, — гуфт Мирҳайдар. — Лекин пагоҳ ман бояд ба Душанбе равам, аз он ҷо ба Москва, ба сессияи Совети Олӣ рафтанам лозим.

— Инро бо рафиқ Сангинов маслиҳат мекунед,— гуфт Азиз. — Воқеан, худашон ҳам шуморо диданӣ будаанд.

— Хайр, пагоҳ шавад канӣ.... Вақт ҳам аз ними шаб гузашт.

— Ҳа, кори шаб — хандаи рӯз! гуфтаанд, — гуфт Азиз. — Осуда хобед, пагоҳ масъала худ аз худ ҳал мешавад, албатта.

Азиз, ки аз раис хеле ҷавон буд, бо вуҷуди он бурдбортар буд ва чунон вонамуд мекард, ки ин ҷанҷолҳо чандон аҳамият надоранд ва бояд бехафагию ҳаяҷон ҳал шуда раванд. Лекин раис, ки хеле рӯздида буд ва ҳодисаҳои ояндаро пешакӣ тахмин карда метонист, хеле ба андеша фурӯ рафт. Барои одамони колхоз, барои Неъмат ва Ғулом ғам мехӯрд... ва он то ба хеле фурсат хобаш набурд.

Ҳарчанд, ки он шаб бедорхобӣ буд, бобо-раис боз аз рӯи одат дар соати шаш бедор шуд. Занаш ҳам чаҳида хест ва ба тайёр намудани ношто сар кард. Бархостан ва ҳаракати онҳоро шунида Азиз ҳам бедор шуд. Вай агар дар колхоз шабонгаҳ дермонда кор кунад, ба ҳавлии худаш намерафт, раис ба вай аз хонааш кунҷеро муайян карда монда буд, ки омада мехобид. Имшаб ҳам дер кард, дар хонаи раис хобиду баробари ӯ бедор шуд.

Ҳамроҳи раис ношто карданд ва баъд ба гаражи колхоз, ба ҷамъомади роҳбарони колхоз рафтанд.

Имрӯз дар ҷамъомад пеш аз ҳама инженери сохтмон сухан гирифта гуфт, ки:

— Бобо-раис! Бисьёр нағз шуд, ки аз рӯи нақшаю плани худамон бинои хонаи маданият ва идора сохта шуда истодааст. Имсол не, соли дигар...

— Чаро соли дигар?! — гуфт сухани ӯро бурида раис. — Албатта ҳамин сол бояд буд шавад. Як сол ба ту кам аст?! Мо соли нави ояндаро дар бинои нав пешвоз гирифтанӣ ҳастем.

Инженер бо табассум ба рӯи раис ва дигарон каме нигоҳ карда истоду — албатта кӯшиш мекунем, ки — гуфт, — ҳамин сол бинои хонаи маданият ва идораро тайёр кунем. Бовар дорам, ки бо ёрии шумо аз ӯҳдаи ин кори калон мебароем... Лекин, бобо-раис, мо як хато кардем. Ин бинои калонро бо печакҳои ангиштӣ гарм кардан осон нест. Бояд мо дегхона — яъне ки ба руси котельный мегӯянд, созем. Аммо дар нақшаи асосии лоиҳа дегхона нест. Мо ҳама диққати худро ба бинои идора, ҳаммом ва дигар ҷоҳо равона карда гармхонаро фаромӯш кардем.

— Наход, ки ҳамита чизи муҳимро фаромӯш карда бошен?! — дар қаҳр шуд раис.

— Фаромӯш накардему печкаҳои голландиро дар назар доштем.

— Ба ман голландӣ-молландӣ даркор не, — гуфт раис. — Голландӣ гуфта ангишт кашон, алавмон ёб... Баъд ин қадар хонаи бисьёре, зали калон, саҳнаро чӣ тавр гарм мекунӣ? Илова ба ҳамаи ин ҳаммомро чӣ мекунӣ?

— Ҳаммом ба худаш! — гуфт инженер... — Мо ҳаммоми қадимаи сохти нав карданӣ ҳастем, як оташдон ҳам санги ҳаммомро гарм мекунад, ҳам обашро. Аммо барои дигар биноҳои марказӣ дегхона сохтан лозим, мешавад. Барои ин агар рухсат шавад, худи ҳамин рӯз ба марказ рафта, дар идораи лоиҳакашӣ супориш дихам.

— Майлат, супориш додан гир! — гуфт раис ба таври қатъӣ.—Лекин бинои идора ва клубро барои ҳай ба кафо напарто! Баъд ман фармуда будам, ки барои колхозчиён дар навбати аввал 100 хонаю ҳавлии навсохтро ба лоиҳа гиред. Чӣ шуд?

Лоиҳа тайёр шудагист, рафта гирифта меорам.

Бо ҳамин инженери сохтмон гапашро тамом кард. Баъд раис ба муовини корҳои таъминот мурочиат намуд:

— Ба соли нав ҳам фурсат кам монд. Албатта мактабҳо ва боғчаҳои кӯдакон ва колхозчиёни алоҳида соли навро бо тантана пешвоз гирифтан мехоҳанд, ҳамин тавр не?

— Бале, бале, рост! — гуфтанд чанд кас.

— Набошад ғами арчаро хӯрдан лозим. Соли гузашта барин ҳар кас ба сари худ аз кӯҳистон, аз боғистон арча бурида овардан гирад, дар андак вақт на дар кӯҳ арча мемонад, на дар боғ! Бинобар он фаҳмидан лозим, агар матлуботи район меоварда бошад, договор карда, гапзанон карда барои мактабҳо ва боғчаҳо мерасидагӣ харида биёред. Агар матлубот намеоварда бошад, як агроном ва ду-се нафарро фармоед, аз кӯҳ безарар карда даҳ-понздаҳ бех канда биёранд.

— Хуб, бобо-раис, — гуфт муовин ба дафтарчааш қайд намуда.

Баъд ба мошину ба трактору ба дигар мошина — олот талаб боридан гирифт. Раис то соати нӯҳ ба талаботи ҳама ҷавоб гардониду ба идора рафт.

Дар идора ба вай Сангинов — котиби якуми комитети райони партия мунтазир менишаст.. Вай шахси вазнин, баандеша ва рӯздида буд. Карру фарри зиёдро дӯст намедошт. Агар каси дигар ба ҷои ӯ мебуд, ҳоло, дар ҳамин вазъияти раис ва ин ки худаш аввали пагоҳ бархоста ба колхоз намеомад, балки бо дағдаға Мирҳайдарро чеғ зада, ба кабинеташ дароварда, намедонам чиҳо ки намегуфт. Ана тамошо кунед, ки худаш ба колхоз омадааст, хабаргирӣ омадааст, донистанӣ шуда омадааст...

Салому алейк карданд, ҳолу аҳволпурсӣ карданд, баъд ҳарду дари кабинетро пӯшонида ба сӯҳбат нишастанд:

— Кори нағз нашудааст, — гуфта ба гап сар кард

Сангинов. — Шобозҳо ба қасди ту маъракаро калон кардаанд. Мебоистӣ худат пеши ин корҳоро мегирифтӣ!

— Қошкӣ ман ба қишлоқи Обраҳа намерафтам!— гуфт раис. — Лекин ман чӣ донам, ки эшон мемурад. Фалокатҳо ҷанозаро калон кардаанд. — Ҳаман ин асосан кори Билолов ва шариконаш аст.

— Майлаш,— гуфт раис. — Лекин як кори дигар баромада монд. Дирӯз ба ман аз Совети Олӣ телефон карданд, ки бояд имрӯз то бегоҳ ба Душанбе равам, фардо саҳар ба Москва, ба сессияи Совети Олӣ рафтанам лозим будааст.

— Хайр, рафтан гир! — гуфт Сангинов. — Ҳеҷ гап не. Чорабиниҳоро мо бо Азиз худамон мегузаронем. Масъалан туро пас аз омаданат ҳал мекунем.

— Саломат бош, дӯстам! — гуфт раис нафаси осудае гирифта. — Ман ҳайрон будам, ки чӣ кор кунам, ба сессия наравам, чӣ мешуда бошад, равам, ин корҳои ҷанҷолӣ чӣ мешавад! Майлаш, ҳар чӣ, ки ту гӯй, ҳамон мешавад. Акнун аз ту як илтимос!

— Албатта аз ман ягон чиз рӯёниданӣ ҳастӣ?

— Ба вазири роҳ як телефон карда мон, ки роҳҳои моро зудтар асфальт карда диҳад. Ҳамаи коғазу санадҳоро дуруст карда мондаем, лекин чӣ ки ба кор сар накарда истодаанд.

— Лоиҳаю нақшаҳо тайёранд! — пурсид котиб.

— Ҳамааш тайёр! Агар одам лозим бошад, одам медиҳем. Оне ки зудтар роҳҳоро асфальт кунем, мегӯям.

— Хуб, ман гап мезанам. Боз чӣ илтимос дорӣ?

— Илтимос нею як маслиҳат, — гуфт раис бо табассум. — Ту баландии Санги Сафедро дидагӣ, ҷои хеле ачиб, шамолгаҳ, ҳавояш соф. Ана дар ҳамон ҷо як санаторияи оличаноб барои колхозамон созем, мегӯям. Иморати дуқабата, бо таҳхонаҳо, ошхонаҳо ва анборрахтҳои гуногун шинонида боғ созем ва аз боло зина сохта фарорем... Як биҳишт мешавад, ки баъд худат ҳам ба Кисловодский нарафта дар ҳамин ҷои худамон истироҳат мекунӣ.

— Пулат мерасад?

— Аз пул парво накун!

— Лоиҳаро сохтӣ?

— Не, акнун мефармоям.

— Агар пул дошта бошӣ, қарори маҷлисро бароварда ба мо фиристон, дида мебароем,— гуфт котиб ва аз ҷо бархост. — Акнун ба ман ҷавоб! Гуфтаҳон маро ба Азиз мефаҳмонӣ.

— Ҳозир худашро ҷеғ мезанам.

— Ман пурсидам, ба мактаб рафт гуфтанд.

— Ҳозир, ҳозир,— гуфту раис дари кабинетро кушода берун баромад ва дарҳол ҳамроҳи Азиз баргашт. — Дар ҳамин ҷо мунтазир истода будааст.

Азиз омада бо Сангинов вохӯрдӣ кард.

— Ман ҳаман супоришҳоро ба раис гуфтам, — гуфт Сангинов. — Худат ҳам медонӣ, дирӯз сӯҳбат карда будем. Раис ба сессия мераванд.

— Хуб, хуб, рафиқ Сангинов! — гуфт Азиз. — Ба маҷлис аз райком ягон кас меомадагист?

— Ман худам меоям! — гуфт Сангинов. — Лекин пештар вақту соаташро хабар дода мон! Ҳайр, саломат бошетон!

Раис ва Азиз Сангиновро то ба дами мошинаи сабукрави газик гусел карданд ва ба идора баргаштанд. Дар назди кабинети раис Билолов рост истода онҳоро мунтазир буд.

— Салом! — гуфт вай ба раис. — Бо шумо сӯҳбат кардан мумкин?

— Мумкин! — гуфт раис ва аз дасти Азиз дошта ба кабинет даромад.

Билолов ба рӯ ба рӯи раис аз курсӣ нишасту гуфт:

— Чӣ мешавад, агар ҳардуямон танҳо бошем!

— Рафиқ Азиз котиби ташкилоти партиявии колхоз аст! — гуфт таъкид карда раис. — Аз вай гапи пинҳонӣ надорем.

— Хайр, истодан гирад! — гуфт сахт карда Билолов ва бо паузаи махсус, ки барои ҷалб кардани диққати шунаванда мекунанд, ба гапаш давом дод: — Назар ба шунидам, ба ҷанҷоли ҷанозаи эшон танҳо маро гунаҳгор карда нишон додед?! Ба ман чӣ? Гунаҳгор мекарда бошед, ҳамаро кунед, худатонро ҳам ҷудо карда намонед!

Раис медонист, ки Билолов албатта гунаҳро ба гардани вай мепартояд ва таҳдидҳо мекунад. Бинобар он аз ин суханони ноҷоизонаи ӯ чандон хафа ва асабӣ нашуд, осудаҳолона гуфт:

— Сардори маъракаро будани шуморо ҳама медонанд. Шумо ва одамони шумо ҳимҳимаро калон кардед.

— Барои чӣ ман? — овоз баланд намуд Билолов.

— Дар дасти ман телефон ҳаст?! Дар ихтиёри ман мошинҳо ҳаст?! Садто-дусадто югурдак дорам, чӣ дорам, ки ин қадар одамро ҷеғ мезанам?! Ҳа, пас аз он ки аз ҳама ҷо одам рехта омад, маҷбур шудем, ки ҷанозаро ба майдон барорем. Лекин ман шоҳидҳо дорам, ки ба ҳамаи гирду атроф хабар расонидагӣ шумо, одамҳои шумо! Аз нимаи шаб бо баҳонаи яхобмонӣ саркорҳоро бедор карда майдон дуруст кардагӣ ҳам худи шумоед! Акнун дар пеши котиби райком хушомад зада ҳаман гуноҳро ба гардани ман мепартоед! Инро донед, ки Ҷобир Билолов он қадар гӯлу тарсончак нест ва ман чунон кунам, ки худатон ҳайрон шавед!

Инро гуфту аз ҷо бархоста рафтанӣ шуд, лекин Азиз ба вай хитоб намуд:

— Тарсончак аввал мушт мебардорад, мегӯянд, мардум.

— Хуб! — гуфт бо тамасхур Билолов. — Ҳар чӣ ки аз дастат меояд, кардан гир, ман тайёр ҳастам!

Ва дарро шараққос зада пӯшонида рафт.

Азиз коғазу қалам гирифту суханони Билоловро қайд карда монд, ки фаромӯш накунад ва ба раис муроҷиат намуд:

— Хафа нашавед, бобо-раис! Одати ин хел одамҳо ҳамин.

— Медонам,— гуфт раис. — Ман хафа нашудаам. Ин қадар ҳангомаро барпо кардагӣ одам, албатта, оқибаташро фикр карда мекунад, дар ҳар кишт додани раҳиб кишти ҷавобӣ тайёр мекунад. Ин мардак шоҳмотбози гузарост.

— Намедонад, ки идораҳои тафтиш лухи патаки ӯро бароварда мондаанд.

* * *

Раис газетаҳои онрӯзаро ба даст гирифту ба «Тоҷикистони Советӣ» чашм давонид, лекин хонда натавонист. Маълум мешавад, ки вай дар зоҳир худро осуда ва ором нигаҳ дорад ҳам, дар ботин ҷӯшу хурӯши ва ҳаяҷон дошт. Ин тавр ҷӯшу хурӯши ботинӣ дар вай хеле кам воқеъ мешуд. Бисьёр вақт бо андеша, бо тааммул ва аз рӯи заковат фикр ронда мушкилиҳо ва монеаҳои ҳаётро аз пеш мебардошт. Вай медонист, ки зиндагӣ

ва кор беташвиш намешавад. Дар зиндагӣ хурсандию хафагӣ, ташвишу барори кор паси ҳамдигар меоянд. Мард он аст, ки ба ҳамаи он эътидолро нигоҳ дорад ва бисьёр дода нашавад. Аммо ҳоло, аз дирӯз инчониб навбати хурсандию барори кор наомад, хафагӣ ва ташвиш паси ҳамдигар қатор шуданд. Ҳангоми ҷаноза, набудани худаш, тӯҳмат задани душманҳо, Билолов, ва корномахои вай, ахбороти милиция дар бораи Билолов, таҳдил карданҳои вай ва ғайра ва ҳоказо раисро аз ҳадди эътидол берун карданд ва ӯ дар ботни ҷӯшида рафту газета хонда натавонист.

Аз ҳама бештар хаёли ӯро Билолов пароканда кард. Дар дуньё чӣ одамхои бадтинат, вайронкор ва сияхдил ҳастанд! Билолов ба ҷои он ки ба раис миннатдорӣ кунад, ба ҷои он ки ба раис чун халоскораш ташаккур кунад, баракс душмании карда гаштааст. Аммо бо вучуди он ҳам раис ба вай қасд накард, ӯро аз кораш ҳай накард, одам мешавад, дуруст мешавад, мегуфт. Маълум мешавад, ки Билолов чиноятқор будааст. Ин тавр зотҳоро аз байни ҷамъият дур кардан шарт ва лозим аст.

Вай ханӯз дар хотир дорад, вақто ки колхозҳои майдаро як карда ӯро раис интихоб карданд, колхоз хеҷ чиз надошт. Мудири анбор надоштанд, зеро ки дар анбор як дона ғалла набуд. Ҳам бухгалтер ва ҳам котиби колхоз як одам буд. Дар заминкан ва каппаҳо зиндагӣ доштанд. Ҳар рӯз муҳоҷир карда одам меоварданд, рӯзи дигараш бисьёриҳо гурехта мерафтанд ва дар он шароити мушкил кор ва зиндагӣ кардан намехостанд. Аксар вақт онҳоро ҳамин Билолов барин баъзе шахсони бадтинат ва сияҳдил аз роҳ мезаданд ва ташвиқ карда аз паси худ гирифта мерафтанд.

Чупончи як рӯз аз райони Сурхоб даҳ хонавода муҳоҷиронро кӯчонида оварданд. Дар байни онҳо Қудрат Турсунов ном касе буд, ки аз дақиқаи омаданаш ба позу нуз сар кард:

— Ҳамин ҳам ҷо шуду ҳамин ҳам колхоз! — мегуфт вай. — Хона нест, сарой нест, асбу ароба нест, рама-рама гӯсфанд нест!...Ба ин пулу чизи додагии шумо кас чанд вақт зиндагӣ карда метавонад?! Не, агар шароити дуруст надиҳанд, ман наметавонам.

Як саҳари барвақт раис аз хоб бедор шуд; ки дар каппаи ҳамсоя овози гап. Овози гӯянда ба овози ҳамон Турсунов монанд буд. Вай мегуфт:

— Ҷӯрабой, якраҳагӣ накун! Чизу чораҳоятро ғундор,

пеш аз бедор шудани ин ҳамсояат — раис ҳар дуямон кӯчу каманро бардошта ба Сурхоб меравем. Ҳарчӣ бошад ҳам, ватани худамон, гушна бошем ҳам, ҷою макони худамон, худо ризқу рӯзӣ мерасонад...

Аммо Ҷӯрабой, ки зану се фарзанд дошт, рафтан намехост.

— Чӣ тавр мешавад, охир,— мегуфт вай. — Ҳукумат ба овардани мо чӣ қадар харочот кард, ба мо пули бисьёр, ғаллаю хӯрокворӣ дод, нағз-мӣ, бад-мӣ хонаю ҷой сохта дод...

— Каппаи хунуку пурнам!

— Хайр, дар Сурхоб ҳам хонаамон аз ин беҳтар набуд. Ман зану фарзанд дорам. Акнун ки кӯчида омадам, дигар ба ҳеҷ ҷо намеравам.

— Майлат! — мегуфт Турсунов. — Пушаймон шавӣ аз худат дон!

— Пушаймон намешавам!

Сӯҳбат қатъ шуд.

Ҳамон рӯз маълум шуд, ки Қудрат Турсунов ба ҳар ҳол як хонаводаро ки фақат падару писар буданд, аз роҳ зада гирифта бурдааст. Ин ҳол такрор мешуд. Колхоз аз қарз намебаромад...

Аммо вай ба ҳамаи ин мушкилиҳо тоқат кард, кор кард, шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфт. Ана, охир ба мақсад ҳам расид. Хоҷагии калон, бадавлат ва машҳур сохт. Номи колхози Хатлон ҳоло ба ҳама ҷо машҳур гаштаааст. Колхозчиёни мо серу пур, аз чизе камбудӣ надоранд. Пас, ба Билолов баринҳо лозим буд, ки дасту остин барзада кор кунанд, зиндагиро аз ин ҳам беҳтар ва фарахноктар гардонанд, ба раис, ба кори хайри вай ёрӣ расонанд. Аммо онҳо бо чӣ корҳои бад машғуланд.Чиноятҳо содир мекунанд, тӯдабозӣ мекунанд, тӯҳматҳо мезананд... Гумонашон ҳамин, ки раис ҳеҷ намехоҳад, ки аз раисӣ фурояд. Марҳамат, агар ҷамоаи колхозчиён хоҳанд, вай ҳамон дам ба каландзанӣ, ба кори оддии колхоз меравад. Дасту бозуяш бақувват, аз зарбаи каландаш нон ёфта, оилаашро таъмин карда метавонад. Балки аз ин рӯзаш беҳтар зиндагӣ мекунад. Меҳнати ҳалолашро карда омада, дар хона дами гарм хӯрда, боҳузур радио шунавида мехобад... На ғами об, на ғами ҳезум! Чӣ кор кунад, ки ҷамъият ба худ сардор, раис инзум! Чӣ кор кунад, ки ҷамъият ба худ сардор, раис интихоб кардааст. Партия ва Ҳукумат ӯро маъқул донистаанд.

Имрӯз рӯзи ҳалли масъалаҳои муҳим аст. Ба ҳисси-

ёт дода нашуда, корҳоро нағз анҷом дода, ба Душанбе сафар кардан лозим!

Инро ба худаш гуфту аз ҷо бархост ва дари кабинетро кушода дид, ки дар қабулгоҳаш се-чаҳор нафар колхозчӣ, бригадирон ва кормандон нишастаанд ва интизори қабули ӯро доранд.

Вай ба кор ғарқ шуда рафт...

26

Дар арафаи Соли нав, боз ҳаво тағьир ёфту аз тарафи ғарб шамоли тунду тез бархост ва осмонро абрҳои сиёҳ фаро гирифт. Ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар деҳоти Тоҷикистон ду чашми мардум дар ҳаво буд. Ҳама мехостанд, ки барф ояд, кӯрпаи пари қу барин рӯи заминро пӯшонад ва зимистон зимистонии худро кунад.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Ҳанӯз бегоҳ нашуда аз осмон заррачаҳои сафед фаромадан гирифтанд ва то ба торик шудани рӯз рӯи замин, дару бом, долу дарахт сафедпӯш гаштанд. Барф меборид, барфи калони лаклакӣ... Ҳар зарраи ин барф барои деҳқон аз зару бриллиянт қиматтар аст. Пештар дар вақти боридани барфи аввал мардуми мо «барфӣ» менавиштанд (бо шеър) ва ба ҳамдигар мефиристоданд.

Лекин ин барфе, ки ҳоло мо дар садади тасвири он ҳастем, барфи аввал набуд. Имсол дар аввали моҳи октябрь ва ноябрь чандин бор барфҳои калон борид. Лекин баъд аз даҳуми моҳи декабрь ҳаво соф гашт ва офтоби хуррам мисли баҳорон чилвагар шуд. Ҳарчанд чунин ҳаво барои як қисм мардум аз табъи дил буд, лекин деҳқон ҳавои хунук ва барф мехост. «Ҳар фасл дар замони худаш кори худашро кунад, беҳ!» мегуфтанд деҳқонони асил ва чашмашон дар осмон буд, ки кай барф меборад. Ана, дар арафаи Соли нав ба муродашон расиданд. Боз барфе, ки беборон борид. Агар аввал борон мешуду баъд ба барф табдил меёфт, чандон хуб набуд. Зеро ки донаҳои барф ба шохи дарахтон ва симҳои электрик ва телефон часпида монда онҳоро механомонд ва ҳатто мешиканонд ва меканонд. Ин нағз шуд, ки барфи хушк омаду ҳаво ҳам хунук шуда монд.

Он бегоҳ дар қишлоқи Нозимтой рамаҳои гӯсфанду молҳоро зуд аз адирҳо фуроварда ба кӯтанҳо ҷогир намуданд ва пас аз фурӯ рафтани офтоб кӯчаҳои қишлоқ

тамом беодам шуда монд. Чорводорҳо хона ба хона шуда буданд.

Лекин дар хонаи бригадири собиқи ин ҷо — Ғулом, ки чандин рӯз ин тараф тамом хомӯшӣ ва ғусса ҳукмеронд, имшаб баракс чароғон ва меҳмондорӣ буд. Чунон, ки боре мо тасвири чунин як меҳмондориро карда будем, имшаб ҳам дар пешгоҳ, мӯзаҳои худро аз но бароварда Ҷобир Билолов менишаст. Дар як сӯ пушти худро ба тиреза карда Неъмат, ба рӯ ба рӯи ӯ Мустақим-хоҷа ва дар поёнтар худи Ғулом нишаста чой мекашид. Аз «дӯстҳо» фақат як нафар — Имом Кенҷа набуд, ки ҳоло ҷои вай ҳабсхона буд.

Ғаму ғуссахона шудани хонаи Ғулом барои ин буд, ки дар маҷлиси умумии колхозчиён ӯро аз бригадирӣ гирифта партофтанд, ва дар маҷлиси коммунистон ӯро аз сафи партия хориҷ карданд ва ниҳоят ҳаққу ҳақиқат ба ҷояш омаду бадтинат ҷазои худро ёфт. Акнун вай бояд донад, ки ба воситаи душманӣ ба одамҳо, ба воситаи бадтинатӣ ба мақсад расидан амри маҳол аст. Агар муваққат ба мақсад расанд ҳам, зуд ифшо мегарданд.

Вале афсӯс, сад афсӯс, ки Ғулом инро намефаҳмид ва аз партия хориҷ шуданаш, аз вазифа гирифта шуданаш, ба вай таъсире накардаанд вай ҳамаи инро аз «қасди душманҳо» медонист, баракс қаҳру ғазаби ӯро афзуда, ба тартиб додани маҷлиси имшаба водор карда буданд.

Чаро Неъмати тарсончак ва буздил, Неъмати сустирода боз натарсида ба хонаи Ғулом омадааст? Ин чандин сабаб дошт: аввалаш ин, ки ӯро аз сафи партия бароварда буданд. Гуноҳонашро исбот карда, ба гардаш монда гуфтанд, ки чунин шахс коркуни нағз бошад ҳам, сазовори гирифтани номи коммунист нест. Вай думрави бадтинатон буда, ба хурофот ва кӯҳнагӣ ва ба эшонҳо бовар кардааст... Пас, ба худ мегуфт Неъмат, модом, ки аз сафи партия берун карданд, акнун ба ман фарқ надорад. Беҳтар ки ба хонаи Ғулом рафта дарди дил кунам, андак бошад ҳам, аз ғусса халос шавам. Ин як сабаби омадани вай буд. Сабаби дигараш — ӯро Билолов таклиф карда, тарсонда буд, ки як масъалаи мухимро агар дар сӯҳбати имшаба ҳал накунанд, ҳабс шуда монданашон аҷаб нест. Сабаби сеюм сустиродагӣ ва калавиданҳои вай аст.

Билолов саркарда, соҳибиродаи ин маҷлис буд. Вай гумон дошт, ки дар масъалаи ҷанҷоли ҷанозаи эшон

бисьёр кунанд, ӯро огоҳонида мемонанд ва ё ягон выговор дода мефиристонанд. Лекин аз партия хориҷ карда шуданашро умедвор набуд. Вай ҳанӯз ҳам намедонист, ки дар натиҷаи иқрор шудани Имом ва гувоҳии Тӯтихон дар идораҳои тафтиш барои ӯ «дела»-ҳои калон тартиб дода шудааст ва имрӯз не, пагоҳ бояд дасти қудрати адолат ба кори амалӣ сар кунад. Дар ин бора дар ниҳонхонаи дилаш андешае бошад ҳам ба худ мегуфт, ки ҳеҷ гап не, чоран онро ҳам меёбем.

Мустақим-хоҷа, ки бепартия буд, ӯро фақат аз кораш гирифта, фармуданд, ки дар колхоз каландзанӣ кунад. Аммо вай каландзан шудан намехост. Дили одат карда бало, гуфтаанд, вай, ки дар магазин, дар корҳои савдо кор карда, бо роҳи дуздӣ ва фиребгарӣ давлат ғун карданро омӯхта буд, акнун ба меҳнати ҷисмонӣ тан намедод. Билолов ба вай гуфт, ки имшаб ба сӯҳбат биёяд, масъалаи ӯро ҳам ҳал мекунанд.

Инак, ёрон ҳама ҷамъ шуданд ва аввал чой нӯшида истода аз хунукии ҳаво, аз барф, аз молу ҳол, аз саломатӣ ва аҳволи онла сӯҳбат карданд. Баъд Билолов гуфт:

— Дар вақташ бобоҳои мо шаробро бесабаб пайдо накардаанд. Сабил, як-ду пиёла, ки нӯшидӣ, тугуни забонат ҳам кушода мешавад, ғаму ғусса ҳам бартараф мешавад, ақлат ҳам дуруст кор мекунад, далеру тавоно ҳам мешавӣ! Ғуломҷон, чой кашиданат бас! Сер шудем. Агар дошта бошӣ, як камтар май ва камтар газак биёр!

Ғулом, гӯё, ҳамин фармонро мунтазир буд, ки давида аз ҷо бархост ва ба даҳлези хона баромада дастурхон оварда, нон пора карда монд; баъд табақи кабобро оварду ду шиша аракро аз токи хона гирифта кушод ва ба пиёлаҳо кашида ба дасти аҳбоб дод.

— Хайр, — гуфт вай, диққати ҳамаро ба худ ҷалб карда,— ба саломатии шумо, барои дастболо шуданамон менӯшем.

Ҳама нӯшиданд ва аз гӯшти кабоб тановул намуда, ҳис карданд, ки дар ин тавр маҷлис ин тавр шаби барфин ва хунук бе нӯшидани ин «даво» кайфият ба ҷо намешуд.

— Мустақим-хоҷа! — гуфт хитоб карда Билолов.— Акнун ҳамаамон баробар шудем, ҳамамон берун аз партия шуда мондем. Ин аз як ҷиҳат нағз. Ҳаққи аъзоӣ

намедиҳем, ҳар чӣ кор кунем, ихтиёрамон, диғар аз партия намебароранд.

Дӯстҳо табассуми сохта карданд. Мустақим-хоҷа гуфт:

Намедонам касофати кӣ ба ман расиду аз кори равғанӣ дур карданд.

— Мо ба ту кор ёфта медиҳем, мо! — гуфт Билолов ва ба Ғулом ишора кард, ки ба пиёлааш арақ резад. Ғулом дарҳол фармонро иҷро намуд.Билолов пиёларо ба даст гирифта ба суханаш давом дод.

— Дӯстони азизам! Нагӯед, ки ман мастам. Як пиёла зиёд нанӯшидем. Ана ин пиёлаи дуюмро барои ғалабаамон менӯшем. Ҳозир фурсати амал кардан расид. Маро дар ин ҷо дар колхоз ва дар район аз партия хориҷ карда бошанд ҳам, аҳамият надорад. Марказ ҳақро ба ҳақдор мекунад. Лекин гунаҳгори асосӣ бояд аз партия берун шавад, аз кор ронда шавад ва ба ҷояш одами сазоворро гузоранд.

— Аз шумо сазовортар кӣ мешуд? — гуфт Ғулом ва пиёларо бардошт.

— Агар ман сазовор бошам, ман, агар ту сазовор бошӣ, ту,— гуфт пиёлаи холиро ба Ғулом баргашта дода Билолов. — Ба ҳар ҳол яке аз мо бояд ба дӯстонамон мурувват кунем. Ана ин Мустақимхоҷаро ба ягон кори дилхоҳаш гузорем, Неъматҷонро боло бардорем ва бигашта ба партия мононем. Ҳаман ин корҳо аз дасти мо меояд. Фақат мо бояд як кор кунем. Худи ҳамин шаб, худи ҳозир як варақ, ё ду варақ қоғаз гирифта ба ҷои дахлдор як ариза нависем. Ва «гуноҳ»-ҳои Мирҳайдарро қайд карда гӯем, ки ҳамаи ин моҷароро вай барпо кард ва гунаҳро ба гардани дигарон партофт.

— Фарз кардем, ки ариза ба шахси таъиншуда расид, — боз шубҳаи худро баён кард Неъмат. — Вай хонд, лекин бовар мекарда бошад? Сухани мо, ки аз партия ронда шудагӣ ҳастем, ба вай чӣ хел таъсир мебахшида бошад?

— Аввалаш ин ки мо ҳанӯз аз партия ронда нашудем,— гуфт осудаҳолона Билолов. — Ин тапар-тупурҳои ин ҷо аҳамият надорад. Сад задани сӯзангар, як задани оҳангар, гуфтаанд. Мо ҳам дар боло одам дорем, маро ҳам дастгирӣ мекунанд. Баъд, ариза аз номи чаҳор нафар навишта мешавад, ки ин ҳазл не. Чаҳор нафар одами бануфузи колхоз менависад. Бояд ба овози мо гӯш диҳанд.

— Қошкӣ,— гуфта монд Неъмат.

— Қанӣ, коғазу қалам биёр! — гуфт Билолов ба Ғулом. — Ман худам менависам, албатта ба ёрии шумо, баъд ҳамаамон даст мемонем.

Ғулом як дафтари мактабӣ ва авторучка овард. Билолов дафтарро кушода симчаҳои пайвандаки саҳифаҳоро гирифта партофту онро ба саҳифаҳои калон табдил дод ва ба навиштан сар кард...

Ғулом аризаро гирифта ба кисабағалии костюмаш андохт.

— Худам ҳам душамберав будам,— гуфт вай.— Модари як дӯстам қазо кардааст, як фотиҳа хонда биёям гуфта истода будам.

Дар ҳамин вақт зани Ғулом ба хона даромада бо воҳима:

— Мардак! — гуфт.— Милицияҳо омаданд, шумо ва ана ин амакро суроғ доранд.

Ранг аз рӯи ҳама парид. Ғулом давида аз ҷо барҳосту берун баромаданӣ шуд, вале вай ҳанӯз ба таи дар нарафта аз берун се нафар аз сардорони милицияи район даромада омаданд.

— Мебахшетон — гуфт яке аз онҳо.— Мо ба сӯҳбати гарматон халал мерасонем рафиқ Ғулом, ба мо меҳмони шумо гражданин Ҷобир Билолов лозиманд. Мувофиқи қонун ин кас ба ҳабс гирифта мешаванд.

Билолов аввал шах шуда монду чизе гуфта натавонист. То ба он дам ҳар се милиция ба сари ӯ расида рафтанд. Вай дар ҷои нишасти худ сар боло карда ба онҳо нигарист.

— Ба ҳабс кардани ман ҳақ надоред! — гуфт худро ба даст гирифта.— Ман гуноҳе надорам.

— Инро дар идораи мо мефаҳмед! — гуфт капитан.

— Ордер ҳаст? — гуфт Билолов ҳаракати аз ҷо хестанро карда.

Капитан аз сумкааш ордерро бароварда ба дасти Билолов, ки аз ҷо хеста буд, дод. Билолов бо диққат ордерро хонду баргашта дод.

— Ин ордер ғайри қонунӣ аст! — гуфт вай.— Ман ба марказ арз мекунам; ман ба Москва менависам.

— Ихтиёр дар дасти шумост! — гуфт капитан.— Лекин ҳозир бо мо меравед.

— Ба куҷо?

— Аввал ба ҳавлиатон меравем. Дар он ҷо одамҳои мо ба мо маътал ҳастанд, баъд ба район меравем.

Билолов дигар гап назаду пеш даромад. Яке аз омадагон, ки лейтенант буд, аз вай пештар гузашт, он дуи дигар аз қафояш хонаро тарк карданд.

Дар кӯча автомобили газик истода буд. Билолов ба автомобиль баромада истода рӯяшро ба рафиқонаш баргардонид:

— Ҳафа нашаветон! Дар ин ҷо як саҳве, як хатое ҳаст! Ман дар як рӯз-ду рӯз бармегардам. Лекин Ғуломҷон, ту супоришро ба ҷо биёр?

Ғулом ва дигарон ҷавобе надоданд. Мошини сабукрав Билолов ва сардорони милицияро бор карда бурд...

* * *

Неъмат надониста монд, ки чӣ тавр мотоцикли худро ба роҳ андохт, бо кадом роҳҳо ва чӣ тавр омад, дар хонаи модарашро чӣ тавр ёфт... Аз ҳамон даме ки мошинаи сабукрав Билоловро гирифта бурд, майнаи ӯ майна набуд, орухонае буд, ки сад хаёлу сад андеша дар он ҷавлон мезаданд. Дилашро гургон дарида пора мекарданд. Ачаб номаъқулие кард, ки ба гурӯҳи Билолов ҳамроҳ шуд! Хайр, аз партия бароварда бошанд, бесабаб набудагист. Ба тақдир тан додан, хомӯш гаштан лозим буд. Не, вай ё аз тарс, ё аз сустии худ боз ба гапи Билолов даромад, ба ариза даст монд. Чаро? Чаро? Чаро? Аҳмақӣ кард, нодонӣ кард! Билоловро ҳабс карданд. Шариконат киҳо гуфта пурсанд, албатта Неъматро ном мебарад. Балки ном бурдани Билолов лозим ҳам нест. Сардорони милиция бо чашми худ диданд ва навишта ҳам гирифтанд. Акнун чӣ бояд кард? Агар ӯро ҳабс кунанд, бачаҳои вай, модари сарсахти вай чӣ мекунанд?

Неъмат матори мотоциклро хомӯш намуду дарвозаи ҳавлиро тақ тақ зад. Модараш ба зудӣ набаромад. Неъмат дилтанг шуда торафт дарро сахттар мекӯфт. Ниҳоят аз ларун овози по шунида шуду модараш пурсид!

— Кист?

— Ман, писаратон! — гуфт Неъмат ва пас аз кушода шудани дарвоза мотоциклро ба ҳавлӣ даровард дарвозаро аз дарун пӯшида, баст.

Модараш, ки аз ин омадани ногаҳонии писараш ҳайрон шуда буд, пурсид.

— Ҳа, Неъматҷон, чӣ гап шуд? Тинҷӣ-мӣ?

— Тинҷӣ! — гуфт сахт карда Неъмат ва илова намуд: — Тинҷӣ бошад, ҳамин вақти шаб меомадам?

Дили модар сахт ба тапидан сар кард.

— Бачаҳоят, занат саломатанд? Чӣ ҳодиса шуд?

— Ба хона дароед! — гуфт Неъмат ва аввал худаш даромаду нанишаста рост истода монд ва маҳзунона ба рӯи модараш нигарист. Кампир, ки сустии писарашро медонист, аз ин ҳаракати ӯ чандон наваҳмид.

— Чӣ шуд охир?

— Билоловро ҳабс карданд,— гуфт бо садои гирьяолуд Неъмат.— Акнун навбати ман!

— Ту чӣ кор кардӣ, ки ҳабс кунанд?

— Билолов чӣ кор карда буд?

— Билолов бисьёр корҳо кардагӣ. Ман шунида мӯйсарам рост хест. Маълум шудааст, ки вай Тӯтихонро куштанӣ будааст. Ин хел одамро албатта ҳабс мекунанд. Аммо ту чӣ кардӣ? Киро кӯштӣ? Писарҷони соддаи ман!

Неъмат, ки аз ин кирдори Билолов хабар надошт, бо чашмони ҳайратолуд ба рӯи ӯ нигарист:

— Наход ки ин гап рост бошад?

— Рост набошад, ӯро ҳабс мекарданд?

Пас, гуноҳи вай... Гуноҳи вай... Ҷиноятқор! — гуфту хомӯш монд Неъмат.

— Вай ҷиноятқор аст, аммо ту чӣ гуноҳ кардӣ? Барои эшонпараст буданат аз партия баровардаанд, дигар ҳеҷ! Ту ҳам писарам ё эшонпараст бош, ё аъзои партия шав!

Кампири доно, аз як ҷиҳат, воҳимаю тарсро аз дили Неъмат дур кард, ӯро ба ҳол овард, аз тарафи дигар, «эшонпараст» гуфта боз ба дилаш захм зад. Неъмат ба рӯи чогаҳи модараш нишаста ба хаёл фурӯ рафт:

Ман дар ҳақиқат эшонпараст будам, ҷазои ман аз партия берун кардан буд, карданд, нағз карданд... Акнун бо кору бо садоқат ин иснодро аз худ дур кардан лозим. Лекин ба ариза даст монданам хуб нашуд. Ғуломи нагбат пагоҳ албатта аризаро бурда ба чояш месупорад. Аз дасти вай аризаро гирифтан амри маҳол аст. Хусусан ҳозир, пас аз хабс шудани Билолов вай дучандон мекӯшад, ки рансро айбдор кунанду Билоловро пок! Э, ҳайр чӣ шавад, аз толеам!

Бо ҳамин қарор вай аз ҷо бархост, аз модараш узр хост, ки девонагӣ, тарсончакӣ карда ними шаб ба ҳавлии вай омадааст ва бо ӯ хайру маъзур карда баромада

рафт. Дақиқае ғур-ғури мотоцикли ӯро модар шуниду баъд ба чогаҳи худ даромада ба ҳаққи писараш аз худо омурзиш хост.

27

Самолёт аз Москва бегоҳрӯзӣ ба Душанбе расид. Мирҳайдар ҳанӯз дар Москва ба колхоз телефон карда фармуда буд, ки ба пешвози вай шофёр ва экспедитор[1] бароянд, кифоя аст. Ҳоло вай, ки чояш дар назди тиреза самолёт буд, аз боло шаҳри босафои Душанберо тамошо мекард. Чароғҳо даргирифта буданд, чароғҳо не, ситораҳои фурӯзони заминӣ! Он қадар чароғ бисьёр, ки гумон мекунӣ як гулшани пур аз чавоҳиру лаълу алмос аст ин шаҳр! Самолёти ИЛ-18 оҳиста-оҳиста поён мерафт ва чароғхо торафт равшантар ва калонтар мешуданд. Манзараи аҷоиб, мӯъҷизаи дасти инсон!

Дар аэропорт ӯро шофёр ва экспедитор, ки ҷавони қадпаст, ғалча ва серҳаракат буд, пешвоз гирифтанд. Мирҳайдар пурсид, ки аз кадом меҳмонхона ҷо гирифтаанд. Экспедитор гуфт:

— Аз меҳмонхонаи «Душанбе», ҳамон хонаи ҳар вақт меистодагиатон. Хонаи нағз.

Шофёри худи раис, ки сирдон ва мехрубони ӯ буд, барои чӣ буд, ки дуруст гап намезад. Фақат салом доду пурсупос карда монд. Монда шудагист, гумон кард раис.

Экспедитори кордон ва чаққон дар худи номир хӯроки шомро муҳайё кунонид. Дар аснои хӯрок дуруст сӯҳбат нашуд. Раис гушна буд, дигарон ҳам хомӯшона хӯрок хӯрданду баъд чой нӯшида истода раис пурсид:

— Дар колхоз чӣ навигариҳо ҳаст?

— Корҳо нағз! — гуфт экспедитор.— Тухмиҳои дарориро кашонда шудем. Ғаллакорхо ба кишти баҳорӣ нагз тайёр шудагӣ, бояд дар хамин қарибӣ ба кишт сар кунанд. Чӯйхоро тоза карданд, пору кашонда шуданд...

— Хӯш, боз чӣ гапҳо? — пурсид раис ба шофёр нигоҳ карда.

— Билолову Неъмату Ғуломро аз сафи партия ҳай карданд,— гуфт шофёр.— Ду рӯз пеш омада Билоловро ҳабс ҳам карданд.

---

[1] Экспедитори колхоз бештар дар шаҳр мешавад.

— Ҳабс карданд,— мегӯй! — гуфт ҳайрон шудагӣ барин раис.

— Прокурор охир розигӣ додааст-дия. Маълум, ки милиция ба муқобили Билолов фактҳои зӯр дорад.

— Вайро кайҳо ҳабс кардан лозим буд,— гуфт шофёри ҳамадон. — Одами сияҳдил ва нопок буд вай.

— Ту аз куҷо медонӣ?

— Ман медонам, рӯзҳои дар Қарамазор раис будан наш бисьёр ҳаромкориҳо кардааст. Вақто ки ӯро аз он ҷо ронданд, як ошнои ман гуфт, ки хайрият аз як наҳс халос шудем. Акнун мардум осудатар зиндагӣ мекунанд. Шумо бошед, раҳмдилӣ карда ӯро ба кор гирифтед!

— Ин ҳама ба болои дигар гуноҳонам як гуноҳ! — гуфт раис ва хомӯш монд.

Шаб то дергоҳ Мирҳайдар хобида натавонист. Фикру андешаю хаёлҳо ба вай ҳуҷум оварда буданд. Ба худ мегуфт, ки Билолов ҷазоша дид, лекин Неъмату Ғуломро аз роҳ бурда нобуд кард. Онҳо одамони коркун, ӯҳдабаро ва тачрибанок буданд. Чӣ бало зад, ки ба гирдоби фалокат гирифтор шуда монданд. Охир, чаро инҳо қобилияти худро ба тарафи хубӣ, ба тарафи некӣ ба мардум равона намекунанд?! Аз ин гурӯҳбозиҳо, сияҳкориҳо чӣ фонда!

Афсӯс, афсӯс, ки ин мардум ҳам ба худашон ҷабр карданд, ҳам ба колхоз! Номи неки колхозчиёни моро олуда карданд. То ба имрӯз дар колхоз чунин ҳодисаҳо нашуда буд.

Қариби саҳар хобида монданашро худаш надонист. Дар хонаи дуюм бедор шуда, роҳ гаштани экспедитор ӯро бедор кард.

— Соат чанд? — пурсид вай.

— Ба хоб мондем, соат ҳашт шуда мондааст! — гуфт экспедитор.

Вай ҳам зуд аз ҷо бархосту дасту рӯ шуст ва андаке ношто карда поён фуромад. Дар дами дар шофёраш ба вай интизор буд.

Вақте ки вай ба мошина даромад, шофёр пурсид, ки ба куҷо ронад.

— Ба колхоз! — гуфт раис.— Ба колхози ҷоноҷонамон меравем, чону ҷигарҳоро мебинем, дасту остин барзада ба кор сар мекунем!

Дар беруни шаҳр автомобил гашти худро басуръат-

тар кард. Онҳо ба пешвози баҳор, баҳори дилафрӯз мешитофтанд. Дар ҳастии онҳо, дар дохилу хориҷи автомобил, дар дашту кӯҳсор хуррамӣ, бардамӣ ва шавқу сурур ҳукм меронд...

ОХИРСУХАН

Навбаҳори соли 1983.

Ба назди бинои боҳашамати хонаи маданияти колхози ба номи Хатлон дар автомобили сабукрав нисанда омада пиёда шуд. Вай болобаланд, гарданфароз, чашмсиёҳ буда, абрувони ғафси сафедӣ афтода, мӯҳои мошу биринҷ ва лабу даҳони базеб дошт. Дар сар кулоҳи (шляпаи) хокистарранг, дар танаш аз болои костюми сиёҳ ҷомаи боронӣ (плащ), дар по туфлии нимдошт, дар даст сумкаи на чандон калонеро медошт.

Ӯро Абдураҳмон — сарбухгалтери колхоз, ки иттифоқан ба беруни дар баромада буд, пешвоз гирифт ва аз бағалаш бардошта аз зинаҳои васеъ ба саҳни назди дар баровард, ҳолпурсӣ намуд ва чун дӯстони қадима ва қадрдон иззату ҳурматашро ба ҷо овард...

— Раис дар идора бошанд? — пурсид нисанда.

— Дар идора,— гуфт Абдураҳмон.— Гӯё, ки ба шумо мунтазиранд. Баъдтар ба район рафтанӣ буданд.

— Ин тавр бошад, зудтар ба наздашон дароем, ки вақт нагузарад.

— Марҳамат.

Онҳо ба даруни бино даромаданд.

Ин бино ду вазифаро адо мекард. Ҳам хонаи маданият буд, яъне толор (зал)-и калони ҳафтсад кас меғунҷидагӣ, саҳнаи ба монанди саҳнаҳои театрҳои марказӣ, дар қафои он хонаҳои кори артистон ва кружокҳои гуногун дошт; ҳам идораи марказии колхоз, кабинети раис, кабинетҳои муовинҳои вай, кабинетҳои агрономҳо, бухгалтерҳо, ҳисобчиҳо ва ғайра ва ғайра буд. Дар пешдарамади он дар деворҳо расмҳои зебои манзараҳои колхоз ва суратҳои қаҳрамонону номдорони колхоз ба чашм вомехӯрд. Бино дуқабата буда, дар қабати дуюм кабинети раис ва муовинҳои вай буд.

Ба қабулгоҳи кабинети раис рафта даромаданд. Дар қабулгоҳ котиб ва мошинисткаҳо буданд. Онҳо низ нисандаро бо ҳурмат пешвоз гирифта дари кабинетро ба рӯи ӯ кушоданд.

Қабинет иборат буд аз хонаи калоне, ки чаҳор тиреза аз кӯча дошт. Дар миён столи дароз буд, ки дар гирдаш стулҳои чармпӯш ва мулоим гузошта шуда буданд. Дар пешгаҳ столи кории калони худи раис, ки дар ду тарафаш барои телефонҳо, газетаю журналҳо ва китобҳо столчаҳои алоҳида дошт, меистод.

Раис аз ҷо бархоста меҳмонро пешвоз гирифт ва хуш қабул қард.

Намуди зоҳирии раис, аз он даме, ки мо аз вай ҷудо шуда будем, чандон фарқи калоне надошт. Вай фақат андак қавичуссатар ва сергӯштар шуда буд, ба мӯйҳои сиёҳаш сафедӣ афтода буд.

Лекин қомати чавононаи вай, ҳаракати паҳлавононаи вай, дасту бозуи пурзӯри вай ҳамон буд, ки ҳамон! Мегуянд, ки агар дар чавонӣ одам баҳуш бошад, дар пирӣ ҳам осораш мемонад. Ҳарчанд, ки раис ҳанӯз чандон пир набуд (соли оянда ба ҳафтод медарояд), кӯҳансол буду бас, лекин ҳанӯз ҳам баҳуш буд, ситораи гарм дошт, озода ва мураттаб буд. Овозаш мисли пештара мулоим ва на чандон баланд буд. Нависанда, ки ба гуфтугӯи ӯ одат карда монда буд, овози пасти ӯро низ мешунавид, фақат гоҳо баъзе терминҳои кӯҳистонии ӯро дуруст намефаҳмид, вале аз маоли сухан ба маънои гап пайхас мерафт. Раис бештар бо зарбулмасалҳо, бо мақолҳои ҳалқӣ ва баъзе бо киноя сухан мегуфт. Ҳазлҳо, шӯхиҳо ва назокатҳои ачиб дошт. Ҳамаи ин хусусиятҳои раис ба нависанда маъқул буданд.

Нависанда корномаҳои раисро, қаҳрамониҳои ӯро, фидокориҳои ӯро, ғалаба ва муваффақиятҳои ӯро медонист. Нависанда одамони дар гирди атрофи раис бударо низ нағз мешинохт. Чандгоҳ ба колхоз омадурафт дошт, вале солҳои охир бо баъзе сабабҳо — машғулият, асарнависӣ — наомада монд. Бинобар он аз муваффақият ва комьёбиҳои солҳои охирини колхоз чандон хабар надошт. Аммо дар марказ аз вай хоҳиш намуданд, ки махз дар бораи ҳамин колхоз ва ҳамин раис як очерки муфассал ва калон нависад. Барои ҳамин нависанда аз рӯзҳои хуби офтобӣ, аз рӯзҳои фараҳфазои навбаҳорон истифода бурда, рахти сафар баст ва ба колхоз омад.

— Хуш омадӣ,— гуфт раис Мирҳайдар.— Хайрият, ки кор баромадааст моро ёд кардӣ, набошад тамом фаромӯш карда будӣ.

— Ман шуморо ҳеҷ фаромӯш намекунам! — гуфт нависанда. — Хоҳ дар шаҳр бошам, хоҳ дар баҳр бошам, хоҳ дар кӯҳу дашт бошам, шуморо ёд мекунам, чунки дар ҳар ҷо намунаи кори шуморо мебинам.

— Саломат бош! — гуфт раис бо ним табассум. — Дар шаҳр ёд кардӣ, маълум, аммо дар баҳру дар кӯҳ чӣ тавр ёд карданатро намедонам.

Ҳарду хандиданд.

— Ҳар кори нағзро бинам, кӯри шумо ба ёдам мерасад! — гуфт дар охир нависанда.

— Ҳа,— гуфт оҳ кашида раис.— Кор накунем, нон намехӯрем. Ба кор кардан маҷбурем, то ки зинда ҳастем.

— Кори шуморо ҳар кас карда наметавонад. Кори шумо кори хеле мураккаб аст.

— Мураккабатро намедонаму,— гуфт раис боз бо нимтабассум, — кори деҳконӣ осон нест, албатта.

Ду куҳансол бо ҳазлу шӯхӣ сӯҳбат мекарданд.

— Ман омадам, ки бо шумо, бо колхози шумо аз нав шиносо шуда чизе нависам.

— Ту бо мо шинос нестӣ магар? — ҳазломез пурсид раис,— гӯё нав ҳамдигарро мебинем?

— Суръати зиндагӣ дар замони мо чунон шудааст, ки саҳл ғафлат кунӣ, аз ҳаёт қафо мемонӣ. Ман саҳлу кам не, қариб се сол — сею ним сол дар ин ҷо набудам. Бинобар он мехоҳам, ки бо шумо каме сӯҳбат карда, баъзе рақамҳоро навишта гирифта, баъд агар иҷозат диҳед, баъзе ҷоҳои надидагиамро ҳамроҳи касе рафта бинам.

— Қорат саҳл будааст-ку! — гуфт боз ҳазломез раис.— Майлаш, ба ту гуфта медиҳам. Ин ҷо Абдураҳмон ҳаст, ба ман ёрӣ медиҳад, баъд ҳамроҳат рафта тамошо медиҳад... Лекин аввал рафта камтар нону чой хӯрем?

— Нону чой баъд аз тамошо,— гуфт нависанда ва қаламу коғазро пеш кашид.

— Хайр, ба худат маълум, ки — гуфт раис,— асоси хоҷагии моро пахтакорӣ ташкил медиҳад. Ҳоло мо ба чаҳор ҳазор гектар замин пахта мекорем. Соли гузашта 15 ҳазору 200 тонна пахта гирифтем, ки ин 700 тонна аз план зиёд буд. Бо вучуди он ки соли гузашта барои пахтакорӣ соли хеле ва хеле мушкил буд.

Нависандаро ин рақамҳо ба вачд овард. Зеро вай медонист, ки як вақтҳо, дар аввали ба пахтакорӣ сар кар-

Кабинет иборат буд аз хонаи калоне, ки чаҳор тиреза аз кӯча дошт. Дар миён столи дароз буд, ки дар гирдаш стулҳои чармпӯш ва мулоим гузошта шуда буданд. Дар пешгаҳ столи кории калони худи раис, ки дар ду тарафаш барои телефонҳо, газетаю журналҳо ва китобҳо столчаҳои алоҳида дошт, меистод.

Раис аз ҷо бархоста меҳмонро пешвоз гирифт ва хуш қабул кард.

Намуди зоҳирии раис, аз он даме, ки мо аз вай ҷудо шуда будем, чандон фарқи калоне надошт. Вай фақат андак қавиҷуссатар ва сергӯштар шуда буд, ба мӯйҳои сиёҳаш сафедӣ афтода буд.

Лекин қомати ҷавононаи вай, ҳаракати паҳлавононаи вай, дасту бозуи пурзӯри вай ҳамон буд, ки ҳамон! Мегуянд, ки агар дар ҷавонии одам баҳуси бошад, дар пири ҳам осораш мемонад. Ҳарчанд, ки раис ҳанӯз чандон пир набуд (соли оянда ба ҳафтод медарояд), кӯҳансол буду бас, лекин ҳанӯз ҳам баҳусн буд, ситораи гарм дошт, озода ва мураттаб буд. Овозаш мисли пештара мулоим ва на чандон баланд буд. Нависанда, ки ба гуфтугӯи ӯ одат карда монда буд, овози пасти уро низ мешунавид, фақат гоҳо баъзе терминҳои кӯҳистонии ӯро дуруст намефаҳмид, вале аз маоли сухан ба маънои гап пайхас мерафт. Раис бештар бо зарбулмасалҳо, бо мақолҳои ҳалқӣ ва баъзе бо киноя сухан мегуфт. Ҳазлҳо, шӯхиҳо ва назокатҳои аҷиб дошт. Ҳамаи ин хусусиятҳои раис ба нависанда маъқул буданд.

Нависанда корномаҳои раисро, қаҳрамониҳои ӯро, фидокориҳои ӯро, ғалаба ва муваффақиятҳои ӯро медонист. Нависанда одамони дар гирди атрофи раис бударо низ нағз мешинохт. Чандгоҳ ба колхоз омадурафт дошт, вале солҳои охир бо баъзе сабабҳо — машғулият, асарнависӣ — наомада монд. Бинобар он аз муваффақият ва комьёбиҳои солҳои охирини колхоз чандон хабар надошт. Аммо дар марказ аз вай хоҳиш намуданд, ки махз дар бораи ҳамин колхоз ва ҳамин раис як очерки муфассал ва калон нависад. Барои ҳамин нависанда аз рӯзҳои хуби офтобӣ, аз рӯзҳои фараҳфазои навбаҳорон истифода бурда, рахти сафар баст ва ба колхоз омад.

— Хуш омадӣ,— гуфт раис Мирҳайдар.— Хайрият, ки кор баромадааст моро ёд кардӣ, набошад тамом фаромӯш карда будӣ.

— Ман шуморо ҳеҷ фаромӯш намекунам! — гуфт нависанда. — Хоҳ дар шаҳр бошам, хоҳ дар баҳр бошам, хоҳ дар кӯҳу дашт бошам, шуморо ёд мекунам, чунки дар ҳар ҷо намунаи кори шуморо мебинам.

— Саломат бош! — гуфт раис бо ним табассум. — Дар шаҳр ёд кардӣ, маълум, аммо дар баҳру дар кӯҳ чӣ тавр ёд карданатро намедонам. Ҳарду хандиданд.

— Ҳар кори нағзро бинам, кӯри шумо ба ёдам мерасад! — гуфт дар охир нависанда.

— Ҳа,— гуфт оҳ кашида раис.— Кор накунем, нон намехӯрем. Ба кор кардан маҷбурем, то ки зинда ҳастем.

— Кори шуморо ҳар кас карда наметавонад. Кори шумо кори хеле мураккаб аст.

— Мураккабатро намедонаму,— гуфт раис боз бо нимтабассум, — кори деҳқонӣ осон нест, албатта.

Ду куҳансол бо ҳазлу шӯхӣ сӯҳбат мекарданд.

— Ман омадам, ки бо шумо, бо колхози шумо аз нав шиносо шуда чизе нависам.

— Ту бо мо шинос нестӣ магар? — ҳазломез пурсид раис,— гӯё нав ҳамдигарро мебинем?

— Суръати зиндагӣ дар замони мо чунон шудааст, ки саҳл ғафлат кунӣ, аз ҳаёт қафо мемонӣ. Ман саҳлу кам не, қариб се сол — сею ним сол дар ин ҷо набудам. Бинобар он мехоҳам, ки бо шумо каме сӯҳбат карда, баъзе рақамҳоро навишта гирифта, баъд агар иҷозат диҳед, баъзе ҷоҳои надидагиамро ҳамроҳи касе рафта бинам.

— Қорат саҳл будааст-ку! — гуфт боз ҳазломез раис.— Майлаш, ба ту гуфта медиҳам. Ин ҷо Абдураҳмон ҳаст, ба ман ёрӣ медиҳад, баъд ҳамроҳат рафта тамошо медиҳад... Лекин аввал рафта камтар нону чой хӯрем?

— Нону чой баъд аз тамошо,— гуфт нависанда ва қаламу коғазро пеш кашид.

— Хайр, ба худат маълум, ки — гуфт раис,— асоси хоҷагии моро пахтакорӣ ташкил медиҳад. Ҳоло мо ба чаҳор ҳазор гектар замин пахта мекорем. Соли гузашта 15 ҳазору 200 тонна пахта гирифтем, ки ин 700 тонна аз план зиёд буд. Бо вуҷуди он ки соли гузашта барои пахтакорӣ соли хеле ва хеле мушкил буд.

Нависандаро ин рақамҳо ба вачд оварданд. Зеро вай медонист, ки як вақтҳо, дар аввали ба пахтакорӣ сар кар-

данаш, бобо-раис ба гирифтани чунин ҳосил хаёле ҳам намекард ва заминаш ҳам набуд.

— Аҷоиб рақамҳоро мегӯед, раис! — гуфт вай.— Дар хотир доред, дар аввали ба пахтакорӣ сар карданатон чӣ қадар замин доштеду чӣ қадар ҳосил мегирифтед?

— Магар онро фаромӯш мекунем?! Мо бо каланду белу зоғнул кор карда аз дасти туғайзор ба зӯр бисту панҷ гектар заминро кашида гирифта паҳта кошта будем ва аз ҳар гектар панҷ центнерӣ ҳосил ба даст оварда будем. Ҳоло дар баъзе бригадаҳо 45-50 центнерӣ пахта мерӯёнем. Бале, аҷоиб замон, аҷоиб давр шуда монд! Мо ғалла ҳам мекорем, аз майдони 3200 г. бистудуцентнерӣ хосил гирифтем. 540 тонна гӯшт супоридем, 3900 тонна шир, чӣ қадар мева (ангур, себ, лему ва ғайра) супоридем. Полиз дорем, сабзавот медиҳем, чорво дорем, гӯшт, пашм, пӯсти қароқӯл медиҳем, пилла медиҳем... Хуллас чизе нест, ки колхози мо надиҳад!

Соли гузашта даромади пулӣ 15 миллиону 230 ҳазор сӯм буд. Ба як рӯзи меҳнати колхозчӣ ҳафтсӯмӣ пул расид. Ҳафт мактаби миёна, се мактаби 8-сола, як интернат дорем. 420 нафар муаллим кор мекунанд. 11 клуб ва се китобхона дорем. Як санатория, як бемористон, шаш пункти тиббӣ хаст. Барои колхозчиён 1800 хонаи нав сохтем. 127 км. роҳ асфальт шуд, 67 километр хатти об (водопровод), як ҳаммом бино кардем. Ту як гаражи мо-ро медонистӣ, ҳоло даҳ гаражи трактор ҳам дорем, ки дар онҳо 370 трактор, 80 мошинаи пахтачинӣ мавҷуданд. Ана ҳамин қадар рақам бас аст?

— Бас аст,— гуфт нависанда.— Беҳтар ки баъзе чоҳои надидагиамонро рафта бинем. Шунидан кай бувад монанди дидан, гуфтаанд.

— Ихтиёрат! — гуфт раис. — Абдураҳмон бо мошинааш ба ту хизмат мекунад.

— Саломат бошед, раис! — гуфт нависанда ва ҳамроҳи сарбухгалтер аз кабинети раис берун шуд.

Вақто ки дар автомобили жигулӣ дукаса мерафтанд, Абдураҳмон гуфт:

— Бобо-раиси мо пахтакори гузаро бошад ҳам, боғу токпарвариро хеле дӯст медорад. Дида истодаед, дар бисьёрии теппаҳои гирду атроф зина-зина дарахт шинондем. Дар он ҷое, ки ҳамвор карда пахта кошта нашавад, бобо-раис боғ месозад. Шумо санаторияи колхози моро дидед-а?

— На ин ки дидам, балки қариб даҳ рӯз истиқомат карда хӯрокашро ҳам хӯрдам, роҳаташро ҳам дидам. Дар баландии Санги Сафед, дар ҷое, ки манзара ва намоиши хеле хуб дорад ва ҳавои софу беғубораш ба кас ҳаловат мебахшад, санаторияи дуқабатаи хубе сохтаед.

— Дар ин санатория зиёда аз сад нафар колхозчиён дам мегирад, қувват ва тавон ҳосил мекунанд ва бардам шуда ба кор мераванд. Бобо-раис хост, ки гирду атрофи он ҳама бо дарахтони мева пӯшида гардад.

— Гирду атрофи санатория ва поёни он дарахтзор буд-ку?

— Вай кам аст. Бобо-раис дар болотари санатория, дар Гулдара ҷои аҷоиб сохтанд. Мо ҳозир ба ҳамон ҷо меравем. Ин Гулдараро пештар Гӯрдара мегуфтанд, ки номаш ба худаш муносиб буд. Талҳои хароб, санглох, хушку холӣ буд. Шояд одамони қадим дар ин ҷо гӯристон сохта бошанд, ё ки аз харобӣ ва ноободии ин ҷо ҳамин тавр гуфтаанд, ба ҳар ҳол ҷои ноободе буд. Аз як паҳлуи он ҳамин роҳи асфальт мегузарад. Бобо-раис хост, ки ин ҷои ноободро обод кунад. Аввал дар якчанд гектар боғи олу, зардолу, гелос, шафтолу ва бодом бино намуданд. Гирдогирд теппаю зинапоя карда дарахт шинонданд, ки обод шавад ва барои таъмини санатория манбаъи мева гардад. Сипас оҳиста-оҳиста ин боғро чунон васеъ ва обод карданд, ки ана рафта мебинед. Шиори бобо-раиси мо ҳамин аст: «Аз некон боғ, аз бадон доғ!».

Мошинаи жигулӣ аз роҳи калон ба тарафи рост багашт ва аз дарвозаи васеи боғ ба дарун даромад, ки рӯба боло мерафт. Дар ду тарафи ин роҳи мумпӯш дарахтони сӯзанбарг қомат афрошта буданд. Дар паси сӯзанбаргҳо дар ду тараф ҳам ниҳолҳои дарахтони мевадор буданд, ки ҳаман нишебиро фаро гирифта буданд. Дар баландӣ, дар ҷои ҳамвор ҳавзи калоне буд, ки дар мобайни он нишемангоҳи хуштарҳе барпо карда буданд.

— Ба ин ҳавз аз поён бо насосҳо об кашида пур мекунанд,— мегуфт Абдураҳмон.— Баъд ана бо ин лӯлаҳо об ба зери дарахтон ва зиёдатиаш ба заминҳои пахта фуромада меравад.

Дар миёни боғ ҷаҳор лемузори болопӯшида буд, ки аллакай бор овардаанд ва соҳиби боғ нависандаро бо

данаш, бобо-раис ба гирифтани чунин ҳосил хаёле ҳам намекард ва заминаш ҳам набуд.

— Аҷоиб рақамҳоро мегӯед, раис! — гуфт вай.— Дар хотир доред, дар аввали ба пахтакорӣ сар карданатон чӣ қадар замин доштеду чӣ қадар ҳосил мегирифтед?

— Магар онро фаромӯш мекунем?! Мо бо каланду белу зоғнул кор карда аз дасти туғайзор ба зӯр бисту панҷ гектар заминро кашида гирифта паҳта кошта будем ва аз ҳар гектар панҷ центнерӣ ҳосил ба даст оварда будем. Ҳоло дар баъзе бригадаҳо 45-50 центнерӣ пахта мерӯёнем. Бале, аҷоиб замон, аҷоиб давр шуда монд! Мо ғалла ҳам мекорем, аз майдони 3200 г. бистудуцентнерӣ хосил гирифтем. 540 тонна гӯшт супоридем, 3900 тонна шир, чӣ қадар мева (ангур, себ, лему ва ғайра) супоридем. Полиз дорем, сабзавот медиҳем, чорво дорем, гӯшт, пашм, пӯсти қароқӯл медиҳем, пилла медиҳем... Хуллас чизе нест, ки колхози мо надиҳад!

Соли гузашта даромади пулӣ 15 миллиону 230 ҳазор сӯм буд. Ба як рӯзи меҳнати колхозчӣ ҳафтсӯмӣ пул расид. Ҳафт мактаби миёна, се мактаби 8-сола, як интернат дорем. 420 нафар муаллим кор мекунанд. 11 клуб ва се китобхона дорем. Як санатория, як бемористон, шаш пункти тиббӣ хаст. Барои колхозчиён 1800 хонаи нав сохтем. 127 км. роҳ асфальт шуд, 67 километр хатти об (водопровод), як ҳаммом бино кардем. Ту як гаражи моро медонистӣ, ҳоло даҳ гаражи трактор ҳам дорем, ки дар онҳо 370 трактор, 80 мошинаи пахтачинӣ мавҷуданд. Ана ҳамин қадар рақам бас аст?

— Бас аст,— гуфт нависанда.— Беҳтар ки баъзе ҷоҳои надидагиамонро рафта бинем. Шунидан кай бувад монанди дидан, гуфтаанд.

— Ихтиёрат! — гуфт раис. — Абдураҳмон бо мошинааш ба ту хизмат мекунад.

— Саломат бошед, раис! — гуфт нависанда ва ҳамроҳи сарбухгалтер аз кабинети раис берун шуд.

Вақто ки дар автомобили жигулӣ дукаса мерафтанд, Абдураҳмон гуфт:

— Бобо-раиси мо пахтакори гузаро бошад ҳам, боғу токпарвариро хеле дӯст медорад. Дида истодаед, дар бисьёрии теппаҳои гирду атроф зина-зина дарахт шинондем. Дар он ҷое, ки ҳамвор карда пахта кошта нашавад, бобо-раис боғ месозад. Шумо санаторияи колхози моро дидед-а?

— На ин ки дидам, балки қариб даҳ рӯз истиқомат карда хӯрокашро ҳам хӯрдам, роҳаташро ҳам дидам. Дар баландии Санги Сафед, дар ҷое, ки манзара ва намоиши хеле хуб дорад ва ҳавои софу беғубораш ба кас ҳаловат мебахшад, санаторияи дуқабатаи хубе сохтаед.

— Дар ин санатория зиёда аз сад нафар колхозчиён дам мегирад, қувват ва тавон ҳосил мекунанд ва бардам шуда ба кор мераванд. Бобо-раис хост, ки гирду атрофи он ҳама бо дарахтони мева пӯшида гардад.

— Гирду атрофи санатория ва поёни он дарахтзор буд-ку?

— Вай кам аст. Бобо-раис дар болотари санатория, дар Гулдара ҷои аҷоиб сохтанд. Мо ҳозир ба ҳамон ҷо меравем. Ин Гулдараро пештар Гӯрдара мегуфтанд, ки номаш ба худаш муносиб буд. Талҳои хароб, санглох, хушку холӣ буд. Шояд одамони қадим дар ин ҷо гӯристон сохта бошанд, ё ки аз харобӣ ва ноободии ин ҷо ҳамин тавр гуфтаанд, ба ҳар ҳол ҷои ноободе буд. Аз як паҳлуи он ҳамин роҳи асфальт мегузарад. Бобо-раис хост, ки ин ҷои ноободро обод кунад. Аввал дар якчанд гектар боғи олу, зардолу, гелос, шафтолу ва бодом бино намуданд. Гирдогирд теппаю зинапоя карда дарахт шинонданд, ки обод шавад ва барои таъмини санатория манбаъи мева гардад. Сипас оҳиста-оҳиста ин боғро чунон васеъ ва обод карданд, ки ана рафта мебинед. Шиори бобо-раиси мо ҳамин аст: «Аз некон боғ, аз бадон доғ!».

Мошинаи жигулӣ аз роҳи калон ба тарафи рост бардошт ва аз дарвозаи васеи боғ ба дарун даромад, ки рӯ ба боло мерафт. Дар ду тарафи ин роҳи мумпӯш дарахтони сӯзанбарг қомат афрошта буданд. Дар паси сӯзанбаргҳо дар ду тараф ҳам ниҳолҳои дарахтони мевадор буданд, ки ҳамаи нишебиро фаро гирифта буданд. Дар баландӣ, дар ҷои ҳамвор ҳавзи калоне буд, ки дар мобайни он нишемангоҳи хуштарҳе барпо карда буданд.

— Ба ин ҳавз аз поён бо насосҳо об кашида пур мекунанд,— мегуфт Абдураҳмон.— Баъд ана бо ин лӯлаҳо об ба зери дарахтон ва зиёдатиаш ба заминҳои пахта фуромада меравад.

Дар миёни боғ чаҳор лемузори болопӯшида буд, ки аллакай бор овардаанд ва соҳиби боғ нависандаро бо

лему ва афлесунҳои ширин зиёфат кард. Дар он ҷо як майдони васеъро нишон доданд, ки дар як канори он масолеҳи бинокорӣ — хишт, тахта, чӯб ва ғайра ғун карда монда буданд. Абдураҳмон шарҳ дод;

— Дар ин ҷо филиали санатория ва табобатхонаи мукаммале месозем. Қолхозчиён бо зану бачаҳояшон дар ин ҷо истиқомат карда метавонанд. Ду-се сол ин тараф таҳкурсии онро об рехта мустаҳкам кардем, акнун ба сохтмон сар мекунанд. Дар тобистони гарм ҳам ин ҷо салқин ва шамолрав мешавад. Шумо ҳам ба санаторияҳои дур нарафта, бо оилаатон омада ба ҳамин ҷо истироҳат кунед!

— Албатта меоям,— гуфт нависанда.— Ин ҷо аз ҳазор курорт хубтар мешавад.

Боз ба мошина сувор шуданд.

— Акнун ба Тоқатут меравем,— гуфт Абдураҳмон.— Сари роҳ обанборро ҳам мебинем.

— Ман обанборро дида будам, яке аз шоҳкориҳои бобо-раис аст.

— Бешубҳа. Бобо-раис боз сӣ миллион куб мебурдагӣ як обанбори дигар сохтанӣ аст, ки ҷояшро ман нишон медиҳам.

— Обанбори ҳозира чӣ қадар об дорад?

— Агар пур шавад, ба 26 миллион куб мерасад ва зиёда аз ҳазор гектар обьёрӣ мекунад.

Ба Тоқатут аз деҳаи баланди чорводорон гузашта рафтанд, ки дар он қарибӣ фермаҳои калони модаговон ҷо гирифта буданд ва дар он ҷо шир медӯшиданд, ки ҳама электриконида шуда буд.

— Ин аз шаш ферма якеаш — гуфт Абдураҳмон.— Ду ферман гӯсфанд ва 18 отар дорем.

Тоқатут иборат буд аз теппаҳои баланду калон, ки дар он ҷо, дар 24 гектар замин зинабоғ карда, об бароварда (бо насос) писта шинонда буданд. Дар баландии ин пистазор айвони пурнақшу нигор сохта буданд, ки тобистон, алҳақ, ҷои нишаст буд.

Нависанда ба Нозимтой рафт, ки дар он ҷо ҳам ферма ва лалмикориҳои колхоз буд. Абдураҳмон ӯро бо яке аз подабонҳои машҳури ферма шинос карда гуфт;

— Ин кас Неъматҷон, яке аз чорвопарварони бағайрат ва номии мо мебошанд.

Неъмат, марди солхӯрда, тануманд, вале сархам ва

малулнамое буд, ки бо нависанда даст дода пурсупос намуд ва узре гуфта зуд аз паси кораш рафт.

Дар бозгашт Абдураҳмон мошинаашро дар сари як замине нигаҳ дошт, ки дар он ҷо механизаторе бо мотори трактораш овора буд.

— Монда нашав, Ғулом! — гуфт Абдураҳмон.— Корҳо чӣ тавр?

— Қорҳо нағз, планҳо дусад процент! — гуфт Ғулом аз мотор сар бардошта ва бо табассум ба рӯи нависанда ва Абдураҳмон нигоҳ карду илова намуд.— Ремонти трактор нағз нашуда будааст, хайрият, ки худам ба дардаш даво карда метавонам.

— Нағз, нағз! — гуфт Абдураҳмон.— Ба як ҷавон чил ҳунар кам аст, гуфтаанд.

— Рост,— гуфт Ғулом.— Биёен, ба хона барам, чой хӯрем.

— Саломат бош! — гуфт Абдураҳмон. — Ту ҳам аз кор намон, мо ҳам аз роҳамон!

Дар боғи калони колхоз, ки аз идора чандон дур набуд ва ҷои асосии меҳмон қабулкунии раис буд, нависандаро ба хӯроки шом гирифта бурданд. Дар ин боғ ангур, себ, анҷир, лему ва ғайра меваҳои ширин мерӯид. Дар ин боғ иморате буд, ки ду хонаи калон ва як даҳлези васеъ ва гирдогирд айвони оинакорӣ дошт. Меҳмонҳои мӯҳтарам дар ин ҷо меҳобиданд. Дар толори дигаре, ки ба болои ҳавз сохта буданд, столи хуби бильярд, телевизор, радио, столу стулҳо, тахтаҳои шоҳмот меистод. Раиси мо дар шоҳмотбозӣ ва бильярдзанӣ той надошт. Бисьёрии меҳмонони меомадагиро раиси мо дар ин бозиҳо мебурд ва пас аз ғалаба хурсанд шуда ба сӯҳбат менишаст...

Дар сари мизи хӯрок раис ба нависанда муроҷиат намуд.

— Ин тарафҳоро дидӣ, ба ту форид?

— Бисьёр аҷиб! — гуфт нависанда ва миннатдорӣ намуд, ки ба вай, барои кори ояндааш материали фаровон гирд омадааст.

— Ту ҳоло Обдараро надидӣ! — гуфт раис. — Пагоҳ ба Обадара рафта тамошо кун, хурсанд мешавӣ.

Раис дар Обдара ном мавзее, ки дар қарибии Хаволинг дар баландӣ, дар байни теппаҳо вокеъ гаштааст,

боғоти аҷоибе сабзонидааст, ки ҳар сол аз он ҷо меваи фаровоне ба даст меоранд,

Бале, ҳамин тавр ба назди раиси машҳури мо ҳамеша нависандагон, рассомон, журналистон, санъаткорон, арбобони илму маданият, киночиён ва роҳбарон омада меистанд. Аз вай илҳом мегиранд, аз вай ба кори оянда ашон ғизо, материал, меруёнанд, аз вай дарс меомӯзанд, ӯро тасвир мекунанд, ба навор мегиранд.

Раиси мо бошад, дар назди ҳама якранг аст. Ҳеҷгоҳ худситоӣ, ман-манӣ намекунад. Кам гап мезанад ва хоксор аст. Ҳарчанд ки соли оянда ба ҳафтод медарояд, ҳанӯз ҳам ғайрат, ҳиммат ва оташи дилаш кам нашудааст. Нақшаҳо ва планҳои калон кашидааст, ки барои ба амал овардани онҳо ҷонбозӣ карда мегардад. Бошад, ки чунин раисон бисьёр бошанд.

Джалол Икрами

ПУТЬ ПРЕДСЕДАТЕЛЯ

(на таджикском языке)

Муҳаррир *Т. Расулова*
Ороиши *Д. Винокуров*
Муҳаррири ороиш *В. Нелюбов*
Муҳаррири техникӣ *Е. Гуськова*
Мусаҳҳеҳон *И. Алиева, М. Ҳайдарова*

БП № 668

Ба матбаа 12.11.84 супурда шуд. Ба чопаш 16.10.85 имзо шуд. КЛ 02302. Формати 84×108¹/₃₂. Коғази типографии № 1. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш барчаста. Ҷузъи чопии шартӣ 14,28. Ҷузъи рангаи шартӣ 15,33. Ҷузъи нашрию хисобӣ 15,23. Адади нашр 14000. Супориши № 4798. Нархаш 1 с. 20 тин.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Айнӣ, 126.

Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корхои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. Душанбе, хиёбони Ленин, 37.

1с. 20 тин.

НАШРИЁТИ «ИРФОН»